М.Т. ИДИЕВ, И. М. МИРЗОМИДИНОВ,
Д.М. БОБОЕВ

# СТАНДАРТИЗАТСИЯ МЕТРОЛОГИЯ ВА СЕРТИФИКАТСИЯ



**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ**
**НАВИНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН**
**ба номи академик М.С. ОСИМИ**
**ДОНИШКАДАИ КУҲӢ-МЕТАЛЛУРГИИ**
**ТОҶИКИ стон**

**М.Т. Идиев, И. М. Мирзомидинов, Д.М. Бобоев**

# СТАНДАРТИЗАТСИЯ МЕТРОЛОГИЯ ВА СЕРТИФИКАТСИЯ

*Но қарори мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистоп аз24 05 2016 таҳти рақами 7/22 ва қарори Шӯрои методии Донишгоҳи техниюш Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ (суратмаҷлиси №5 аз 15.03.2016 с.) ҳамчун китоби дарсӣ ба чоп тавсия карда шудааст.*

Душанбе-2016

ББК 30.10Я73
И-17
УДК 631.3.004.67+658

**Сгандартизатсия метрология ва сертификатсия.** Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / [М.Т. Идиев, И.М. Мирзомидинов, Д.М.Бобоев]. - Душанбе: 2016. -272 саҳ.

Китоби дарсӣ мутобики Стандарта давлатаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия шуда, дар он асосҳои стандартонӣ, метрология ва сертификатонӣ баррасӣ шудаанд. Ҳангоми таҳияи дастур муқаррароти қонунқои соҳавӣ ва карорҳои Ҳукумаги Ҷумқурии Тоҷикистон ба сифати мавод истифода гардидаанд. Бо назардошти рушди соҳаҳо ва ворид шудани кишвар ба Созмони умумиҷахонии савдо маводҳои ташкилотҳои байналхалқии сохахо низ истифода шудаанд.

Китоби дарсӣ барои омӯзгорону донишҷӯёни муассисаҳои тахсилоти олии касбӣ ва мутахассисону кормандони соҳаи стандартизатсия метрология ва сертификатсия пешбинӣ шудааст.

**Зери тахрири:**
Мирзомидинов И.М.-номзади илмхои техники, дотсенти, кафедраи «Таҷҳизот ва технологияи мошинсозӣ» Донишкадаи кухӣ-металлургии Тоҷикистон

Муқарризон:
**Азизов Р.О. -** *доктори илмҳои техникӣ, профессор, ноиби президенти АИҶТ,*
**Сафаров А.М. -** *доктори илмҳои техникӣ, профессор, мудири кафедраи «Технологияи мошинсозӣ, дастгоҳҳо ва асбобҳои металлбурӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба нами академик М. С. Осимӣ.*
**Амиров О.Ҳ. -** *номзади илмҳои техника, ноиби ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба нами академик М. С. Осимӣ.*
**Ашурзода С.-** *Сардори раёсати таъминоти Агентии Тоҷикстандарт.*

$$M\frac{2001000000-111}{M501(12)-2015}2015$$

**ISBN 978 - 99947 - 65 - 52 - 2**

© Идиев М.Т., Мирзомидинов И. М.. Бобоев Д.М. 2016

МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| Пешгуфтор | 6 |
| Сарсухан | 11 |
| I. С Т А Н Д А Р Т И З А Т С И Я | |
| 1.1. Истилоҳот ва мафҳумҳои асосии стандартизатсия | 13 |
| 1.2. Маълумоти таърихӣ | 14 |
| 1.3. Нақши стандартизатсия дар хоҷагии халқ | 17 |
| 1.4. Мақомот ва хадамоти стандартизатсия | 19 |
| 1.5. Кумитаҳои техникӣ оид ба стандартизатсия | 22 |
| 1.6. Низоми давлатии стандартизатсия | 25 |
| 1.7. Мақсад ва вазифаҳои стандартизатсия | 27 |
| 1.8. Принсипҳои стандартизатсия | 29 |
| 1.9. Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсия | 33 |
| 1.10. Намудҳои стандарт | 35 |
| 1.11. Дараҷаҳои стандарт | 37 |
| 1.12. Тартиби таҳия ва истифодаи стандартҳо | 42 |
| 1.13. Талабот ба сохти стандарт | 50 |
| 1.14. Талабот ба ишорати стандарт | 54 |
| 1.15. Усулҳои стандартизасия | 56 |
| 1.16. Назорати давлатии риояи талаботи стандартҳо | 59 |
| 1.17. Системаи байнидавлатии стандартизатсия | 61 |
| 1.18. Ташкилотҳои байналхалқӣ оид ба стандартизатсия | 65 |
| 1.19. Ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи стандартизасия | 70 |
| 1.20. Стандарт ва регламента техникӣ | 73 |
| 1.21. Мафҳумҳои асосии бамеъёрдарории техникӣ | 75 |
| 1.22. Мақсад ва принсипҳои асосии ба меъёрдарории техникӣ | 77 |
| 1.23. Мундариҷаи регламентҳои техникӣ | 82 |
| 1.24. Тартиби таҳия ва истифодаи регламентҳои техникӣ | 84 |
| 1.25. Сохтори регламентҳои техникӣ | 87 |
| 1.26. Асосҳои ҳуқуқии регламентҳои техникӣ | 89 |
| Саволҳои назоратӣ | 91 |
| II. М Е Т Р О Л О Г И Я | |
| 2.1. Маълумоти мухтасар аз таърихи рушди метрология | 96 |
| 2.2. Истилоҳот ва мафҳумҳои соҳ... | 99 |



КИТОБХОНАИ
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Библиотека
Технологического университета Таджикистана
ИНВ. № 7099

| | |
|---|---|
| 2.3. Метрология - асоси илмии техникам андозагирӣ | 101 |
| 2.4. Вазифаҳои метрологиям назариявӣ | 104 |
| 2.5. Бузургиҳои физикӣ ва андозагирии онҳо | 106 |
| 2.6. Низоми воҳидҳои бузургиҳои физикӣ | 108 |
| 2.7. Тавсифҳои асосии андозагирӣ | 115 |
| 2.8. Намудҳои андозагирӣ | 119 |
| 2.9. Қоидаҳои иҷро кардани андозагирӣ | 123 |
| 2.10. Услуби амалигардонии андозагирӣ | 132 |
| 2.11. Интихоби воситаи андозагирӣ | 137 |
| 2.12. Эталон ва воситаҳои намунавии андозагирӣ | 138 |
| 2.13. Таснифи воситаҳои андозагирӣ | 140 |
| 2.14. Тавсифи асосии метрологии воситаҳои андозагирӣ | 144 |
| 2.15. Иштибоҳи андозагирӣ | 148 |
| 2.16. Омилҳои ба амал омадани иштибоҳи андозагирӣ | 151 |
| 2.17. Сифати андозагирӣ дақиқии андозагирӣ | 154 |
| 2.18. Назорат ва муроқибати давлатии метрологӣ | 155 |
| 2.19. Мадраҷкунии воситаҳои андозагирӣ | 163 |
| 2.20. Таъминоти метрологӣ ва асосхои он | 168 |
| 2.21. Низоми давлатии таъмини ягонагии андозагирӣ | 172 |
| Саволҳои назоратӣ | 175 |
| III. СЕРТИФИКАЦИЯ | |
| 3.1 .Истилоҳот ва мафҳумҳои асосӣ | 178 |
| 3.2. Баҳодиҳии мутобикат | 182 |
| 3.3. Аккредитонӣ | 185 |
| 3.4. Хуқуқ ва уҳдадориҳои дархосткунандагони аккредитонӣ | 188 |
| 3.5. Низоми давлатии аккредитонӣ | 191 |
| 3.6. Таърихи рушди сертификатсия | 196 |
| 3.7. Мақсад ва принсипҳои сертификатсия | 198 |
| 3.8. Сертификатсияи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ | 199 |
| 3.9. Эълом кардани мутобиқат | 205 |
| 3.10. Тархҳои сертификатсия | 204 |
| 3.11. Тартиби амалигардонии сертификатсия | 209 |
| 3.12. Иштирокчиёни сертификатсия | 213 |
| 3.13. Сертификатсияи низоми сифат | 217 |
| 3.14. Мафхуми сифат | 221 |
| 3.15. Усулҳои муайян намудани сифати махсулот | 225 |

| | |
|---|---|
| ТГб7 Нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот | 227 |
| 3.17. Ҷиҳатҳои инсонии сифат | 230 |
| 3.18. Идоракунии сифати маҳсулот | 233 |
| 3.19. Стандартҳои низоми менеҷменти сифат | 236 |
| 3.20. Хифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон | 244 |
| Саволҳои назоратӣ | 249 |
| Адабиёт | 254 |
| Замима | 257 |

*Ба муносибати 25 солагии истикуюлияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60 солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ бахшида мешавад.*

## ПЕШГУФТОР

Дар бунёди ҷомеаи навин, пойдории вахдат ва ягонагии миллӣ, шинохти дастовардҳои замони истикдол забои чун ҳастии миллат ва пояи устувори давлатдорӣ нақши назаррас дорад. 22 июли соли 1989 Шӯрои Олии Тоҷикистон бо қонуни махсус ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дод, ки қабули ин қонуни сарнавиштсоз барои соҳибзабонон дарҳои бастаро боз намуда, майдони истифодаи онро хеле васеъ намуд. Имрӯз забони тоҷикӣ чун забони илму адабиёт ва сиёсату фарҳанги бунёдгару оламгир маъруфият пайдо кардааст. Ба ақидаи устувори мо ҳар як мутахассиси соҳа дар самти иншои маводҳо бо забони тоҷикӣ бояд саҳмгузор бошад. Маҳз ҳамин гуна кӯшишҳо боиси иҷрои саросари қонуни забони тоҷикӣ ва ғанӣ гардонидани он дар соҳаҳои гуногуни илму техника мегарданд. Дастури таълимӣ аз фанни «Стандартизатсия метрология ва сертификатсия» низ бо ҳамин нияти неку руҳияи пок таҳия карда шудааст.

Дар иқтисодиёти бозоргшши муосир тараққиёти самаранокӣ иқтисодиёти кишвар аз рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ вобаста аст. Дар чунин шароит таваҷҷӯҳ танҳо ба рақобати арзишӣ комёбиро кафолат намедиҳад. Барои истеъмолкунадагон сифат муайянкунандаи асосӣ гардид. Сифат мафҳуми маҷмӯе мебошад, ки самаранокии тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ташкилотро (таҳияи мақсад, ташкили истеҳсолот, маркетинг ва дигарон) тавсиф менамояд. Сифати маҳсулот омили асосии баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, бехатарии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии кишвар ҳисоб меёбад.

Барои баланд бардоштани сифат ва самаранок истеҳсолкунандагон талаботро нисбати маҳсулоти пешниҳодшаванда бояд донанд ва аз худ намоянд. Чунин талабот одатан, вобаста аз қобилияти харидории аҳолӣ, сатҳи рақобатнокӣ, шароити иқлимӣ ва омилҳои дигар фарқ мекунад.

Аз ин бармеояд, ки сифати маҳсулот бояд идора карда шавад: нишондиҳандаҳои он таҳти санҷиш қарор гиранд ва баҳои микдорӣ дода шавад, равандҳои ба сифат таъсири бевосита дошта такмил дода шаванд. Маҳз чунин масъалаҳо ҳангоми омузиши стандартизатсия метрология ва сертификатсия баррасӣ карда мешаванд.

Мавриди амал қарор додани қонунҳои нави кишвар дар соҳаи таълими стандартизатсия метрология ва сертификатсия низ вазифаҳои нав мегузоранд. Тасдиқоти ин гуфтаҳо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бора и бамеъёрдарории техникӣ», «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат», таҳрири нави Қонунҳои Ҷумуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартизатсия», тағйиру иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона», «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ҳисоб меёбанд, ки ҷиҳати дохил кардани навовариҳо ба ташкили фаъолият барои иқтисодиёти соҳаҳои кишвар зарурӣ, пояи ҳуқуқӣ бунёд менамоянд.

Стандартизатсия назорат ва баҳодиҳии мутобиқат ҷиҳати таъмини сифати маҳсулот ҷанбаи муҳими фаъолияти корхонаҳо ҳисоб меёбанд. Омузиши усулҳои дар сегонаи мазкур асосёфтаи таъмини сифат яке аз шартҳои асосии бо маҳсулоти рақобатпазир ба бозори ҷаҳонӣ ворид шудани истеҳсолкунанда мебошад. Дар иқтисодиёти бозоргонӣ мафҳумҳои сифат, стандартизатсия назорат ва баҳодиҳии мутобиқат мақом ва манзалати баландро соҳиб гардиданд.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ тариқи ҷорӣ намудани усул ва шаклҳои муосири идоракунии сифат бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 512 аз 2 октябри соли 2012 «Барномаи давлатии сифат барои солҳои 2013-2015» қабул карда шуд. Яке аз вазифаҳои асосии барномаи мазкур «такмили низоми таълим ва тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи сифат» мебошад. Дар ин самт «баланд бардоштани омодагии мутахассисони ҳамаи сатҳҳо оид ба масъалаҳои бамеъёрдарории техникӣ ва стандартизатсия баҳодиҳии мутобиқат, метрология ва идоракунии сифат» пешбинӣ шудааст.

Марҳалаи муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ бо суръати баланда тағйироти истеҳсолот, истифодаи маҷмӯи байни ҳам

алоқаманди мошин ва асбобҳо, номгӯйи зиёди мавод ва масолеҳҳо тавсиф дода мешавад. Дар чунин шароит нақши стандартизатсия ҳамчун узви муҳими низоми идоракунии сатҳи техникӣ ва сифати маҳсулот дар марҳалаҳои таҳия, лоиҳакашӣ, истеҳсол, исткфодабарӣ ва истифодаи такрорӣ моҳияти асосӣ дорад. Стандартизатсия фаъолиятест, оид ба муқаррар намудани қоида, меъёр ва талаботи ҳатмӣ, ки онҳо таъсири қонунҳои техникию иқтисодии объективиро ифода мекунанд, дар рушди истеҳсолоти саноатӣ нақши калон доранд, ҷиҳати афзуншавии боигарии ҷамъиятӣ саҳми арзанда мегузоранд, беҳсозии истифодаи сармояи асосӣ ва боигариҳои габиипро мусоидат менамоянд. Стандартизатсия нисбати такмили идоракунии истеҳсолот ва баланд бардоштани сифати маҳсулот муносибати бевосита дорад.

Соли 2011 таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартизатсия» мавриди амал қарор дода шуд. Тағйиру иловаҳо дар қонун ташкили стандартизасияро бо қоидаҳои байналхалқӣ ҳамоҳанг месозанд ва ҳақиқаги иқтисоди бозоргониро ба назар мегиранд- Ҳамоҳангии қоидаҳои стандартизасияи кишвар бо қоидаҳои байналхалқӣ дар муқаррароти мақсад ва принсипҳои стандартизатсия ифода ёфтаанд.

Таъмини назария ва амалияи андозагирӣ вазифаи асосии метрология ҳисоб меёбад. Вусъат бахшидани пешрафти илму техника, рушди афзоиши маҳсулнокии меҳнат, баланд бардоштани сифати маҳсулот бо афзуншавии ҳаҷми корҳои таҷрибавӣ ва мутобиқан бо ҳаҷми маълумоти дар натиҷаи андозагирӣ дастрасшаванда ва аз нав коркардашаванда алоқаи зич доранд. Талаботҳо ба тадқиқотҳои таҷрибавӣ вусъат меёбанд: зарур аст, ки муҳлати амалигардонии тадқиқотҳои таҷрибавӣ ихтисор карда шуда, дақиқии баланди андозагирӣ ва самаранокии натиҷаи корҳои илмию тадқиқотӣ дастрас карда шаванд.

Андозагириҳо ҳангоми мавҷуд будани воситаҳои гехникии мутобиқ ва маҳорати истифодаи онҳо амалӣ гардонида мешаванд. Барой он ки натиҷаи андозагирии бузургиҳои якхелаи дар маҳалҳои гуногун ва бо истифодаи воситаҳои андозагирии гуногун дастрасшуда дар сатҳи дақиқии талаботӣ тачдидшаванда бошанд, андозагириҳо бояд ҳамоҳанг карда

шаванд. Чунин талаботро стандартизатсия дар сатҳи байналхалқӣ, минтақавӣ ва давлатӣ таъмин карда метавонад.

Аҳамияти таъминоти метрологӣ барон хоҷагии халқ аён аст, чунки он қисми ҷудонопазири раванди истеҳсолот ҳисоб меёбад. Дар асоси андозагирӣ нисбати хосиятҳои ашёи хом, маводҳо, воситаҳои истеҳеолот, ҳолати равандҳок истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷтимой маълумоти зарурӣ дастрас карда мешавад. Баҳодиҳии сифати маҳсулот, мутобиқати маҳсулоти истеҳсолшуда ба талаботи асноди техникӣ, механиконӣ ва автоматонии раванди технологӣ, раванди танзим ва идоракунӣ бо андозагирӣ ва воситаҳои андозагирӣ алоқаманд мебошанд. Амалан ягон соҳаи фаъолияти инсонӣ вуҷуд надорад, ки дар он натиҷаҳои андозагирӣ, санҷиш ва назорат истифода нагарданд. Барда вомии технологияи истеҳсолот дар навбати аввал бо омодагӣ ва таъмини метрологии истеҳсол ва санҷиши маҳсулоти он таъмин карда мешавад. Риояи қоидаҳои метрология имкон медиҳад масрафи маводҳое, ки дар натиҷаи андозагириҳои носаҳеҳ ба амал меоянд, ба ҳадци ақал расонида шавад.

Бо қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» марҳалаи нави рушди метрология огоз ёфт, ки он бо гузариш аз принсипи идоракунии фаъолияти метрологии маъмурӣ ба қонунгузорӣ тавсиф меёбад. Қонуни мазкур имкон медиҳад, ки ҳангоми ҳамоҳангсозии низоми андозагирӣ бо амалияи байналхалқӣ принсипи хусусияти давлатии кори метрологӣ нигоҳ дошта шавад. Ин пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки «ташкилоту корхонаҳо, муассисаҳо, ки ашхоси ҳуқуқӣ мебошанд, дар ҳолатҳои зарурӣ тибқи тартиби муқарраргардида барои таъмини ченаки ягона, дақиқ ва назорати метрологӣ метавонанд хадамоти метрологӣ таъсис диҳанд».

Сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ тасдиқи мутобиқати маҳсулогро ба талаботи муқарраргардида ифода менамояд ва бо сифат алоқаи бевосита дорад. Ба маҳсулоти бесифат сертификат дода намешава д.

Сертификатсия барои амалигардонии чунин мақсадҳо равона карда шудааст: ёрмандӣ ба истеъмолкунандагон дар интихоби кафолатноки маҳсулот (хизматрасонӣ); ҳифзи истеъмолкунандагон аз саҳлангории истеҳсолкунанда

(фурӯшанда, иҷрокунанда); назорати бехатарии маҳсулот (хизматрасонӣ) барои муҳити атроф, ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда; тасдиқи мутобиқати маҳсулот (хизматрасонӣ) ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ; фароҳам овардани шароит ҷиҳати фаъолияти корхона, ташкилот ва соҳибкорон дар бозори моли ягонаи кишвар, инчунин барои иштирок дар ҳамкориҳои байналхалқии иқтисодӣ, илмиву техникӣ ва савдои байналхалқӣ.

Масъалаҳои стандартизатсия бо сертификатсияи махрулот алоқаи бевосита дорад. Талаботи стандартҳои мутараққиро қатъиян риоя кардани истеҳсолкунанда қаноатмандии истеъмолкунандаро таъмин карда наметавонад, маҳсулот бояд сертификат дошта бошад. Дар замони муосир эътимоди комили фармоишгар ва истеъмолкунандаро сертификата низоми сифат ба вуҷуд меорад. Чунин сертификат нисбати бардавомии сифат, саҳеҳӣ ва дақиқии нишондиҳандаҳои андозагиришудаи сифат итминон ба вуҷуд меорад, маданияти баланди раванди истеҳсоли маҳсулотро кафолат медиҳад.

Солҳои охир тасдиқи мутобиқати маҳсулот натанҳо тариқи сертификатсия балки аз ҷониби худи исгеҳсолкунандагон амалӣ гардонида мешавад. Дар чунин шароит нақш ва масъулияти роҳбарони ташкилот ҷиҳати истифодаи моҳиронаи қоидаҳои стандартизатсия метрология ва сертификатсия афзун мегардад.

# САРСУХАН

Мақсади асосии тартиб додани дастури мазкур ба шакли муайян даровардани дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён дар соҳаҳои мазкури фаъолият ва таъмини самаранокии омодагии касбӣ ҳисоб меёбад. Фанни таълимӣ ҷиҳати азхуд кардани асосҳои таҳия ва истифодаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, тавсифи усул ва воситаҳои андозагирӣ, таъмини метрологии корхонаҳо, баҳодиҳии мутобиқати маҳсулот ба талаботи ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсияро мусоидат менамояд, ки барои таъмини сифати маҳсулот 'зарур мебошанд.

Дастур мувофиқи барномаи таълимии фанни «Метрология, стандартизатсия ва сертификате™» тартиб дода шудааст. Барои ба барномаи таълимии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ворид намудани фанни мазкур афзудани нақши метрология ҳамчун илми андозагирӣ, ҷанбаҳои гуногуни танзими техникӣ дар рушди илму техника, истеҳсолот, соҳаҳои дигари фаъолияти инсонӣ инчунин талабот нисбати сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ омили асосӣ гардиданд.

Стандартизатсия метрология ва сертификате™ алоқаи байниҳамдигарии зич доранд, бинобар ин таълими онҳо дар ҳамҷоягӣ барои пойдории иқтисоди бозоргонӣ дар кишвар, рушди фаъолияти иқтисодии корхонаҳо дар асоси таъмини шароити ворид шудани кишвар ба низомҳои байналхалқии сертификате™ тасаввуроти комил бунёд менамояд.

Дар дастур асосҳои илм1но техникӣ, меъёрию методӣ ва ташкилии стандартизатсия метрология ва сертификатами маҳсулот баррасӣ шудаанд. Маводҳо бо ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда алоқаманд карда шудаанд. Тавсифи воситаҳои андозагирӣ, асосҳои техникаи андозагирӣ, усулҳои дастоварди ягонагии андозагирӣ ва таъминоти метрологӣ бо назардошти талаботи муосири стандартизатсия маънидод карда шудаанд.

Бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаҳои стандартизатс™ метрология ва сертификате™ услуб ва амалияи байналхалқии ин соҳахо барраей шудаанд.

Бояд қайд кард, ки масъалахои дар дастури таълимии мазкур баррасишаванда метавонанд тагйир ёбанд ва бояд рузмарра гардонида шаванд, чунки ин фан бо ҳаёти ҷомеа алоқаманд мебошад, қонунҳои нав, ҳуҷҷатҳои нави меъёрӣ таҳия ва ҷорӣ

карда мешаванд, ба онҳо тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд ва монанди ин.

Ҳангоми таҳияи дастури таълимӣ Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ», «Дар бораи стандартизатсия», «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат», «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ», «Дар бораи таъмини ченаки ягона», «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», инчунин дастурҳои соҳавӣ, адабиётҳои муосири соҳа истифода шудаанд.

Китоби дарсӣ барои устодон ва донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳои кишвар, инчунин мутахассисони соҳа пешбинӣ шудааст.

Аз сабаби он ки дастури мазкур икдоми аввалин аст, аз камбудиҳо холӣ нест. Умед ба он дорем, ки хонандагони арҷманд ҷиҳати ислоҳи онҳо кӯмак хоҳанд расонд. Эҳтиромона хоҳиш менамудем, ки фикру дархостҳои худро ҷиҳати беҳтар намудани мазмун ва мундариҷаи дастури мазкур ба суроғаи зерин ирсол намоед: 1) шаҳри Душанбе хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10А, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, кафедраи «Технологияи мошинсозӣ, дастгоҳҳо ва асбобҳои металлбурӣ», 2) шаҳри Чкалов, кӯчаи Московская, 6. Донишкадаи кӯҳӣ - металлургии Тоҷикистон, кафедраи «Таҷҳизот ва технологияҳои мошинсозӣ».

# I. СТАНДАРТИЗАТСИЯ
## 1.1 .ИСТИЛОҲОТ ВА МАФҲУМҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ

Барой пешрафти фаъолият дар соҳаи стандартонӣ, чун соҳаҳои дигари фаъолияти илмӣ ва амалӣ истилоҳоти мураттаби аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда зарур мебошанд. Бе стандартизатсияи истилоҳоти илмӣ ва техникӣ омода кардани асноди меъёрию техникӣ, тарроҳӣ ва технологӣ гайриимкон мебошад. Танҳо дар асоси истилоҳот, мафҳум, ишоратҳои шартии стандартизатсияшуда ҳамдигарфаҳмии мутахассисон, истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон имконпазир мебошад.

Дар қонунҳои соҳаи стандартизатсия истилоҳот ва мафҳумҳои зерин истифода шудаанд:

**стандартизатсия** - фаъолият ҷиҳати таҳия ва қабули стандарт, ҳуҷҷатҳои стандартизатсия, инчунин муқаррар намудани талаботи техникӣ (меъёр, қоида, тавсиф ва талаботи дигар нисбат ба объектҳои стандартизатсия) бо мақсади татбиқи умумӣ ва истифодаи бисёркаратаи онҳо нисбат ба масъалаҳои такроршаванда, ки барои ба даст овардани дараҷаи муносиби тартибот дар соҳаи коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва коркарди партови маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ амалӣ гардонида мешавад;

**стандарт** - ҳуҷҷати меъёрие, ки бо мақсади татбиқи умумӣ ва истифодаи бисёркарата аз тарафи мақомоти ваколатдор оид ба стандартизатсия тасдиқ гардида, қоида, дастур ва ё тавсифҳои ба маҳсулот дахлдошта, аз ҷумла раванду усулҳои истеҳсолро дар бар мегирад, ки интихоби онҳо бо мақсади истифода ихтиёрӣ мебошад. Инчунин стандарт метавонад танҳо талабот ба истилохот, ишора, борҷома, тамгагузорӣ ва бастабандиро то дараҷае, ки онҳо ба маҳсулот, раванд ва ё усулҳои истеҳсол истифода мешаванд, фаро гирад;

**объектҳои стандартизатсия** - маҳсулот, раванди коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигаҳдорӣ, ҳамлу нақл ва коркарди партов, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;

**стандарти давлагии Ҷумҳурии Тоҷикистон** - стандарте, ки мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба стандартизатсия тасдиқ (қабул) намудааст;

**стандарти миллим дигар мамлакат** - стандарта давлатие, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартазатсия дигар давлати мушаххас тасдиқ (қабул) кардааст;

**стандарти минтақавӣ (байнидавлатӣ)** - стандарте, ки ташкилоти минтақавии (байнидавлатии) стандартазатсия тасдиқ (қабул)кардааст;

**стандарти байналхалкӣ** - стандарте, ки ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартазатсия тасдиқ (кабул) кардааст;

**ба қайд гирифтани стандарт ва хуҷҷатхои стандартизатсия** — аз тарафи мақомоти ваколатдор оид ба стандартазатсия додани ракамӣ бақайдгирӣ ба стандарт ва ҳуҷҷатҳои стандартизатсия бо мақсади баҳисобгирӣ ва ҳаммонандкунии онҳо;

**ҳуҷҷатҳои стандартизатсия** - ҳуҷҷатҳои (қоида ва тавсияҳои стандартизатсия, маҷмӯи меъёр ва қоидаҳо, стандарти соҳа ва корхонаҳо, шартҳои техники) аз тарафи ташкилотҳои стандартизаситяи байналхалқӣ ё минтақавӣ, макомоти ваколатдор оид ба стандартазатсия, дигар мақомоти идораи давлатӣ ва ташкилоту корхонаҳо қабулшуда;

**тарафи манфиатдор** - мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, шахсони воқей ва ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти стандартизатсия манфиатдор мебошанд;

**консенсус** - розигии умум дойр ба масъалаи муайян, ки бо дастгирии тарафҳои манфиатдор, аз чумла бо назардошти ақидаҳои мухолиф ба даст омадааст, гарчанде консенсус ҳамфикрии куллро ифодар намекунад;

**кумитаи техникӣ оид ба стандартизатсия** - гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи стандарт, ки аз тарафи макомоти ваколатдор дойр ба стандартизатсия таъсис дода шудааст.

## 1.2. МАЪЛУМОТИ ТАЪРИХӢ

Мафхуми стандартзатсия ҳанӯз дар замонҳои қадим пайдо шуда, баробари рушди истеҳсолот такомул меёбад. Замоне, ки мафҳуми стандарт *(анг. standard меъёр, мщёс, намуна, намунаи муқарраргиуда)* қабул нашуда буд, дар Миср тахтасангҳои калони сунъӣ барои бунёди аҳромҳо, дар Рим бошад, лӯлаи хатҳои обгузар ба сифати стандарт истифода мешуданд.

Соҳаи стандартизатсия ё худ меъёрбандӣ дар байни мардуми мо падидаи нав нест, балки он таърихи беш аз ҳазорсола дорад.

Меъёрбандӣ чун соҳаи муҳими зиндагӣ дар кишвари мо охири асри ТХ, дар давраи давлатдории Сомониён пайдо шуда, он замон ин мақомот «Девони муҳтасиб» номида мешуд. Дар ин бора аллома Бобоҷон Ғафуров дар асари худ «Тоҷикон» нигоштааст: «Яке аз девонҳои (вазоратҳои) дастгоҳи давлати Сомониён «Девони муҳтасиб» ном дошт. Девони муҳтасиб ба бозор, тарозу, молҳои фурӯш назорат мекард. Вай метавонист фурӯши молҳои қалб ва номатлубро боздорад ва бо нархи гарон фурӯхтани маҳсулотро манъ кунад... Шаҳре набуд, ки муҳтасиби худро надошта бошад».

Бо назардошти ин нукта, агар аз ҷихати забонӣ ва фарохии забони тоҷикӣ ба ин соҳа назар афканем, дармеёбем, ки шархи мафҳуми «стандарт» дар забони тоҷикӣ муродифҳои зиёдро аз қабили меъёр, ҳад, андоза, қолиб, шакли мураттаб, низом фарогир мебошад.

Дар ин хусус академик, шодравон Аҳрор Мухторов, доктори илмҳои таърих дар асари худ «Таърихи Уро-теппа» овардаанд:

Дар давраи ҳукмронии Темуридҳо, дар Осиёи Миёна тахмин моҳи сафар соли 900 ҳиҷрӣ (1 -29 ноябри соли 1494) аз асри IX то XVIII, дар шаҳрҳои калонтарини ин минтақа ба монанди Панҷакент, Уро-теппа, Хӯҷанд, Тошкент, Қӯқанд, Фалғар, инчунин шаҳрҳои дар роҳи абрешим ҷойгардида, Ҳокими минтақа «Ҳокимияти маъмурии идоракунӣ»-ро доштааст. Аз даври хукмронии Султон Маҳмуд сулолаи Темуридҳо дар идораи қозиёт барои таъмини назорат оиди сохтмон ва таъмири Мадраса, масҷид, мақбара ва назорат оиди риоя ва дуруст истифодабарии воситаҳои ченак дар сохтмон ва бозор шахсони мутасаддӣ-арбобон ва муҳтасибон таъин мешуданд, ки назорат аз болои онон ва фаъолияти онҳоро идораи қозиёт ё қозикалон ба ӯҳда доштааст.

Дар Аврупо ин мафҳум асри XVI пайдо шуда, дар истеҳсоли таҷҳизоти техникии ҳарбӣ, махсусан, соҳаҳои киштисозӣ, яроқсозӣ, саноати нассоҷӣ ва монанди ин мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар даврони шӯравӣ хадамоти метрологӣ баъди ба тасвиб расидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи дар шаҳри Душанбе ташкил намудани шуъбаи муваққатии санҷишгузаронии

метрологии палатаи чену вазни шаҳри Тошканд» соли 1926 Палатаи чену вазн таъсис дода шуд.

Моҳи октябри соли 1929 бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аввалин маротиба хадамоти мустақили давлатии метрологӣ - Палатаи андоза ва ченакҳо ташкил карда шуд, ки ин санаро метавон таърихи ташкили «Тоҷикетандарт» ҳисобид.

Аз соли 1965 сар карда, мақомоти Стандарта давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан ҷиҳати тараққиёта стандартизатсия ва метрология рушду нумӯъ ёфт. Он аз хадамоти санҷишӣ ба Маркази стандартизатсия метрология ва сифат табдил ёфт.

Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввалини истиқлолияти давлатӣ бобати риояи қоида ва меъёрҳои стандарт диққати зарурӣ медиҳад. Ҳанӯз 29 декабри соли 1991, тибқи Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон Умури ҷумҳуриявии стандартизатсия ташкил гардида, ба зиммаи он вазифаҳо дойр ба стандартизатсия, ягонагии андозагирӣ, сертификатсия, назорати давлатии риояи талабота стандартҳо ва воситаҳои андозагирӣ гузошта шуда буд. Дар радифи карор инчунин Низомнома низ тасдик карда шуд, ки он самтҳои асосии фаъолияти умурро муайян намуд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи стандаргизасия» (Қарори № 333 аз 14 декабри оли 1996) корҳои стандартизаеияи кишварро тақвият бахшида, самтҳои асосии онро муайян намуд.

12 феврали соли 2010 Қарори Хукумати Ҷумҳурии Точикистон таҳти № 54 «Дар бораи тасдиқи стратегияи рушди инфрасохтори миллии сифат дар Ҷумҳурии Точикистон барои солҳои 2010-2012 ва Накшаи чорабиниҳо дойр ба ислоҳоти системаи танзими техникии Ҷумҳурии Точикистон» кдбул карда шуд. Ҷиҳати амалигардонии ин қарор якчанд қонунҳои ба сатҳи байналхалқӣ ҳамоҳангшуда кабул карда шуданд: Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ (№ 522 аз 19 майи соли 2009, мавриди амал аз 1 январи соли 2010); Дар бораи стандартизатсия (№ 668 аз 29 декабри соли 2010, мавриди амал аз 1 январи соли 2011); Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат (№759 аз 2 августа соли 2011, мавриди амал аз 1 январи соли 2014).

Ҷумхурии Тоҷикистон санаи 2 марта соли 2013 159-умин давлати узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардид (Замимаи 7) ва узвият дар ин созмони бонуфуз дар назди Тоҷикстандарт вазифаҳои муҳим мегузорад. Дар ин' хусус П резидента мамлакат дар паёми хеш ба Маҷлиси Олй чунин таъкид кардаанд: «Узвияти Тоҷикистон дар ин созмони бонуфуз ба истехсоли махсулоги дорой сифати баланди мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва қобили рақобат такони ҷидцӣ бахшида, ба зиёд шудани гардиши савдои хориҷй, фоидаовар гардидани истехсоли молҳои ватании содиротй, болоравии маърифатнокии соҳибкорон ва афзоиши сармоягузории хориҷй мусоидат менамояд».

Имрӯз дар Фонди давлатии стандартҳои Ҷумҳурии Гоҷикистон зиёда аз 21 ҳазор адад стандарта соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ (ба монанди истеҳсоли маҳсулот, кору хизматрасонй, ҳифзи муҳити зист, маводи сохтмон, маснуоти техникии тиббй ва дигарон) мавчуданд. Фонди давлатй стандартной миллй, байнидавлатй ва байналхалкиро дар бар мегирад.

Мувофиқи қонунҳои амалкунанда Тоҷикстандарт намояндаи Ҷумхурии Тоҷикистон дар Шӯрои байнидавлатй оид ба стандартизасия метрология ва сертификатсия ва Иттаҳоди байниминтақавй оид ба стандартизатсия буда, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи стандартҳои минтақавии таҳияшударо баррасй менамояд.

Инчунин Тоҷикстандарт ҳамчун мақоми миллй оид ба стандартизатсия метрология, аккредитонй ва баҳодиҳии мутобиқат дар ташкилотҳои байналхалқӣ (ИСО, СУС, Комиссияи кодекси алиментариус), минтақавй (EASC, RSO, COOMET, IAF ва дигарон) Ҷумҳурии Тоҷикистонро муаррифӣ намуда, аъзои 7 кумитаи ташкилотҳои байналхалкй оид ба стандартизатсия мебошад.

## 1.3.НАҚШИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ ДАР ХОҶАГИИ ХАЛҚ

Дар ҷомеаи мутараққй стандартизатсия яке аз воситаҳои идоракунии хоҷагии халқ ҳисоб меёбад. Стандартизатсия усули илмии батартибандозии фехраст . ва сифати ^мадоудота — истсҳолшавандаро дар микёси давлдт. ифода. цаусуда, чих&щ,,"стон

БИБЛИОТЕКА
Технологического университета
Таджикистана
ИНВ. № 27099

баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсири бевосита мерасонад. Стандарт ва сифат бо ҳам алоқаманд мебошанд.

Стандарта давлатӣ барон муттамарказонии тадрибаи пешқадами саноатӣ ва дастовардҳои муосири илму техника равона карда шуда, онҳоро бо дурнамои рушди хоҷагии халқ алоқаманд менамояд. Бинобар ин стандарт ба меъёру талаботи зарурии дамъиятӣ нисбати сифати махсулот табдил меёбад.

Стандартизатсиро хамчун фаъолияти амалӣ, низоми идоракунӣ ва илм баррасӣ бояд намуд.

Стандартизатсия ҳамчун фаъолияти амалӣ муқаррар намудани ҳуддатҳои меъёрӣ оид ба стандартонӣ ва истифодаи қоида, меъёр ва талаботеро дар бар мегирад, ки дар соҳаҳои истеҳсолоти дамъиятӣ ва ҳаёти идтамой ҳалли муносиби вазифаҳои такроршавандаро таъмин менамоянд. Фаъолияти мазкур барои идрои амалҳои зерин равона карда шудааст:

- таъмини мадмӯии меъёриву техникии такмили ҳамадонибаи идоракунии ходатаи халк;
- сермаҳсул гардонидани истеҳсолоти дамъиятӣ ва баланд бардоштани самаранокии он;
- вусъат бахшидани пешрафти илмию техникӣ ва беҳсозии сифати махсулот;
- истифодаи оқилона ва сарфадӯёнаи захираҳо.

Стандартизатсия хамчун низоми идоракунии фаъолияти амалӣ дар асоси Низоми давлатии стандартонӣ (НДС), ки низоми идоракунии нақшавии фаъолият оид ба стандартизатсия ҳисоб меёбад, амалӣ гардонида мешавад. Он ба мадмӯи ҳуддатхои меъёриву техникӣ, ки диҳати ташкил ва тарзи ичрои коркой амалӣ оид ба стандартизатсия талаботи байни хам алоқаманд кардашударо муқаррар менамоянд, такя мекунад.

Стандартизатсия хамчун илм дар бораи усул ва воситаҳои стандартизасия қонуниятҳои фаъолият оид ба стандартизатсияро ба таври умумӣ ва ҷиҳати самтҳои алоҳидаи он ошкор мекунад, умумӣ мегардонад ва мураттаб месозад. Тараққиёти стандартизатсия хамчун илм ҷиҳати беҳсозии низоми ташкили ин фаъолият кӯмак мерасонад ва ба такмили корҳои амалӣ дар ин соҳа мусоидат менамояд.

Объекти стандартизатсия махсулот, кор (раванд), хизматрасоние, хисоб меёбад, ки таҳти стандартизатсия бояд

карор гирад ё карор гирифта, дар сатҳи баробар ба мавод, унсур, дасттоҳ, маҷмӯъ, мутобиқати онҳо, қоида, тартибот, вазифа, усул ё фаъолият мансуб мебошанд. Маҳсулоти таъиноти истеҳсолию техникӣ ва молҳои ниёзи мардум, ки ба онхо микдори зиёди стандартҳо таҳия шудаанд, объектҳои нисбатан анъанавии стандартизасия ҳисоб меёбанд. Инчунин равандҳои технологии намунавӣ, шакл ва усулҳои ташкили меҳнат ва истеҳсолот, қоидаҳои иҷро кардани амалиётҳои истеҳсолотӣ ва назоратӣ, ҳамлу накл ва нигоҳдории маҳсулот ва дигарон низ объектҳои стандартизасия ба шумор мераванд.

Дар ҳаёти иҷтимоӣ ҳифзи меҳнат ва саломатии аҳолӣ, хифз ва беҳсозии табиати муҳити зисти инсон, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, воситаҳои иттилоотӣ ва ҳамдигарфаҳмии инсонҳо ва дигарон объектҳои стандартизасия ҳисоб меёбанд.

## 1.4.МАҚОМОТ ВА ХАДАМОТИ СТАНДАРТИЗАСИЯ

Сохтори мақомот ва хадамоти стандартизасияи кишвар бояд иштироки доираи васеи мутахассисони соҳаҳои илм, техника, иқтисодиёт ва идоракуниро дар корҳо оид ба стандартизасия мусоидат намояд (таъмин намояд).

Ба сохтори мақомот ва хадамоти стандартизасияи Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут мебошанд:

1. Маркази стандартизасия ва метрологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикстандарт), ки вазифа ва салохияти зерин дорад:

- амалигардонии сиёсати техникӣ дар соҳаи стандартизасия;
- таъмини мавҷудият ва тараққиёти Низоми давлатии стандартизасия, аз ҷумла ба манфиати мудофиа;
- дар стандартҳо муқаррар намудани талаботи ҳатмӣ нисбати махсулот (кор, хизматрасонӣ);
- ташкили кор ҷиҳати ҳамоҳангсозии меъёрҳои техникӣ ва талаботи стандартҳои миллӣ бо стандартҳои байналхалқӣ ва байнидавлатӣ;
- ташкили таҳия, экспертиза, тасдиқ ва бақайдгирии давлатии асноди меъёрӣ оид ба стандартонӣ, нашр ва ба ҷонибҳои манфиатдор дастрас гардонидани онҳо;

- ташкили таъминоти иттилоотӣ оид ба масъалаҳои стандартизасия;

- амалигардонии назорати давлатии стандартҳо дар иттиҳодия, корхона, ташкилот, новобаста аз шакли моликият ва тобеияг, инчунин шаҳрвандоне, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ (бе маълумоти шахси ҳуқуқӣ) машгуланд;

- тасдиқи ташкилотҳои асосй ва бунёдй оид ба стандартизасия, кумитахои техникй (мувофиқи феҳрасти Т оҷикстандарт);

- намояндагй намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналхалқӣ оид ба стандартизатсия .

2. Кумитаи давлатй оид ба меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳбарии фаъолиятро оид ба стандартизатсия дар соҳаи сохтмон амалй мегардонад. Вазифаҳои кумита аз инҳо иборатанд:

- амалигардонии сиёсати техникй дар сохаи сохтмон;

- муайян намудани таркиби ҳуҷҷатҳои меъёрй оид ба стандартизатсия дар сохтмон;

- ташкили таҳия, азнав дида баромадан, экспертиза, ба амал дорй намудани онҳо, нашр ва ба ҷонибҳои манфиатдор дастрас кардани онҳо;

- ҳамоҳангсозй ва бақайдгирии шартҳои техникй ба микдори муайяни тачрибавй;

- амалигардонии экспертизаи меъёрҳои байналхалқй ва миллй ва стандарта дигар кишварҳо дар соҳаи сохтмон;

- амалигардонии корхо оид ба ҳамоҳангсозии талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрй оид ба стандартизатсияи миллй бо меъёр ва стандартной байналхалқӣ ва байнидавлатй;

- иштирок дар ҳамкориҳои байналхалқии соҳаи стандартизатсия дар сохтмон;

- таъмини назорати давлатии стандартно нангоми ҷустуҷӯ, лоинакашй, истенсол ва кабули корно дар сохтмон;

3. Мақомота минтакавии Точикстандарт - марказнои стандартизатсия ва метрология, шуъбанои назорати давлатии стандарт ва воситанои андозагирй, ки дар нудуди муайяннамудаи оиннома оид ба онно вазифа ва ҳуқуқнои Тоҷикстандартро амалй мегардонанд. Чунин мақомот Маркази стандартизатсия, метрология сертификатсия ва нозироти

савдои вилоятҳои Огд, Хатлон ва вилояти Мухтори кӯҳистони Бадахшон ҳисоб меёбанд.

4. Зерсохторҳои (хадамоти) стандартизатсия дар ва.зоратҳо (идораҳо), ки барои ташкил ва ҳамоҳангсозии корҳо оид ба стандартизатсия дар соҳаҳои мутобиқ ё соҳаҳои дигари фаъолият ҳангоми зарурат созмон дода мешаванд.

5. Ташкилотҳои асосӣ ва бунёдӣ оид ба стандартизатсия. Ташкилотҳои асосӣ оид ба стандартизатсия барои амалигардонии роҳбарии ташкилию методӣ ва илмию техникии корҳо оид ба стандартизатсия, инчунин дар худуди доираи муқарраршуда барои иҷрои корҳои муҳим оид ба стандартизатсия созмон дода мешаванд.

Ташкил отҳои бунёдӣ оид ба стандартизатсия барои роҳбарии илмию техникии корҳо оид ба стандартизатсия ва таъмини ягонагии техникии гурӯҳи маҳсулоти ба онҳо вобасташуда созмон дода мешаванд.

Ташкилотҳои асосӣ ва бунёдӣ оид ба стандартизатсия дар асосӣ пешниҳоди вазоратҳо (идораҳо), иттиҳодияҳои кишвар аз ҳисоби ташкилотҳои (корхонаҳои) дар соҳаҳои мутобиқи илм ва техника ё дигар соҳаҳои фаъолият иқтидори баланда илмию техникӣ дошта, созмон дода мешаванд. Фаъолияти онҳо ба самтҳои зерин равона карда шудааст:

- ташкил кардани таҳия ва азнав дида баромадани стандартҳо, шартҳои техникӣ аз рӯи намуди (гурӯҳи) маҳсулот ё соҳаи фаъолияти вобасташуда;
- амалигардонии экспертизам лоиҳаи асноди меъёрӣ оид ба стандартизатсия нисбати мутобиқати онҳо ба талаботи замонавӣ;
- ташкили ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии корҳо оид ба масъалаҳои стандартизасия бо ташкилотҳои мутобиқи дигар кишварҳо;
- таъмини ягонагии техникӣ ва ҳамоҳангсозии кори корхонаҳои соҳа оид ба масъалаҳои стандартизатсия, сертификатсия ва сифати маҳсулот.

6. Кумитаҳои техники оид ба стандартизатсия (КТ), ки дар пояи корхонаҳои (ташкилотҳои) ба намуди муайяни маҳсулот ё намуди фаъолият махсус гардонидашуда созмон дода мешаванд. Барои амалигардонии фаъолият кумитаҳои техникӣ намояндагони ваколатдори корхона ва ташкилот, мақомот оид

ба стандартизатсия метрология ва сертификатом ташкилотҳои ҷамиятии истеъмолкунандагон ва экспергҳои мустақили манфиатдорро ба таври ихтиёрӣ ҷалб менамоянд. Вазифаи асосии КТ - таҳия, ҳамоҳангсозии касбӣ ва саривақтӣ ва барои тасдиқ пешниҳод намудани стандартҳои давлатӣ, асноди дигари меъёрӣ оид ба стандартизатсия, инчунин амалигардонии корҳо оид ба стандартизатсияи байналхалқӣ ва байнидавлатӣ дар самти фаъолияти КТ-и мутобиқ.

7. Хадамоти стандартизатсияи корхонаҳо, ки дар корхона иҷрои корҳо оид ба стандартизатсия ва назорати иҷрои талаботи стандартро таъмин менамоянд.

## 1.5. КУМИТАҲОИ ТЕХНИКӢ ОИД БА СТАНДАРТИЗАТСИЯ

Бо мақсади ташкил ва амалигардонии корҳо оид ба стандартизатсия давлатӣ, минтақавӣ (байнидавлатӣ) ва байналхалқӣ вобаста ба соҳа, Кумитаҳои техникӣ (КТ) оид ба стандартизатсия таъсис до да мешаванд. КТ корхона ва ташкилотҳоеро муттаҳид менамояд, ки иштирокчиёни бевоситаи бозори маҳсулот ва хизматрасонӣ дар соҳаи фаъолияти КТ ҳисоб меёбанд ё дар соҳаи мазкур манфиати ғайримустақим доранд, инчунин шахсони воқеие, ки мутахассиси соҳаи фаъолияти КТ ҳисоб меёбанд. Тартиби ташкил ва фаъолияти кумитаҳои техникӣ оид ба стандартизатсияро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия муайян менамояд.

КТ бо ҳадаф ва мақсадҳои зерин ташкил карда мешаванд:

- баланд бардоштани самаранокии корҳо оид ба стандартизатсия дар соҳаи дахлдор;
- таҳия, баррасӣ ва ҳамоҳангсозии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ барои объектхои муқарраршуда;
- такмил додани пояи меъёрии соҳаи муқарраршудаи стандартизатсия;
- иштирок дар кори стандартизатсияи байналхалқӣ ва минтақавии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия ;

Ба ҳайати кумитаҳои техникӣ оид ба стандартизатсия намояндагони мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия,

ташкилот ва муассисаҳои илмӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорон ва истеъмолкунандагон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин шахсони воқеӣ метавонанд дар асоси баробарҳуқуқӣ ба таври ихтиёрӣ дохил шаванд.

Вазифаҳои асосии КТ аз инҳо иборатанд:

- ташкили таҳия ва экпертизаи лоиҳаи стандартҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ;
- иштирок дар кори КТ-и ташкилотҳои байналхалқӣ (минтақавӣ) оид ба стандартизатсия, аз он ҷумла бо мақсади қабули стандартҳои миллӣ ба сифати стандартҳои байналхалқӣ (минтақавӣ), инчунин роҳбарии котиботи ин кумитаҳо мутобиқи созишнома байни мақомоти миллӣ оид ба стандартизатсия ва ташкилотҳои байналхалқӣ (минтақавӣ) оид ба стандартизатсия;
- таҳлили стандартҳои соҳавӣ дар таркиби фонди ҳуҷҷатҳои низоми миллии стандартизатсия бо мақсади навсозӣ ва истифодаи минбаъдаи онҳо;
- омодасозии пешниҳодот доир ба таҳияи стандартҳои байналхалқӣ ва байнидавлатӣ ва оид ба мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати овоздиҳӣ нисбати лоиҳаи стандарти ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавии мансуб ба соҳаи стандартизатсия;
- омодасозии тарҷумаи расмии стандартҳои байналхалқӣ бо мақсади ворид намудани онҳо ба фонда иттилоотии регламентҳои техникӣ ва стандартҳо.

КТ инчунин метавонад дар соҳаи фаъолияти худ масъалаҳои иловагиро ҳал намояд: амалигардонии экпертизаи регламентҳои техники дар ҳайати комиссияҳои экспертӣ, экпертизаи стандарти ташкилотҳо; ҳамкорӣ бо корхонаҳо (ташкилотҳо) - истифодабарандагони стандартҳо, аз он ҷумла бо ҷамьияти истеъмолкунандагон, ташхисгоҳҳои (марказҳои) озмоишӣ ва мақомот оид ба сертификатсия, ташкилотҳои дигари манфиатдор; амалигардонии мушовараҳо.

КТ оид ба стандартизатсия ваколатдор аст:

- таҳияи стандартҳои давлатиро бо назардошти стандартнои байналхалқӣ ва минтақавӣ, инчунин хусусиятҳои давлат, омилҳои муҳими ҷуғрофӣ ва иқлимии кишвар, сатҳи рушда иқтисодии он ба роҳ монад;

- дойр ба бекор кардани стандартҳои давлатӣ пешниҳодот омода намояд;
- экпертизаи лоиҳаи ҳуҷҷатҳои стандартизатсияи ба соҳаи фаъолияташ дахлдорро амалй гардонад;
- дойр ба таҳияи стандартҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ (байнидавлатӣ) пешниҳод омода намояд.

Одатан КТ-и миллӣ мушобеҳи КТ-и ташкилогҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ оид ба стандартизатсия (ИСО, КБЭ ва дигарон) мебошанд. Дар ҳолате, ки зарурати иҷрои вазифа ё барномаи давлатӣ, манфиати сохторҳои тиҷоратӣ, дастоварди тадқиқотҳои илмй, ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва дигарон мусоидат менамоянд, мақомоти миллӣ оид ба стандартизатсия пешниҳодро оид ба ташкил намудани КТ-и мушобеҳнабуда баррасӣ менамояд. Роҳбарии методии кори КТ ва ҳамохангсозии фаъолияти онҳоро мақомоти миллй оид ба стандартизатсия амалй мегардонад.

Бо мақсади амалигардонии супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 411229 (14-8) аз 3 январи соли 2012 барои вусъати нав бахшидан ба соҳаи стандартизатсия аз тарафи Агентии Тоҷикстандарт ду Кумитаи техникй - «Оид ба стандартизатсияи маҳсулоти хӯрокворй» ва «Оид ба сарфаҷӯии энергия, самаранокии энергетикй ва энергоменеҷмент» ташкил гардид. Кумитаҳои мазкур масъалаи стандартизатсияро дар доираи салоҳияти худ ба роҳ монда, ҷиҳати вусъат додани стандартҳо кӯмак мерасонанд.

Ҷиҳати мутобиқ гардонидани қонунгузории миллиӣ ба низом ва меъёрҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Қонунҳои Хукумати Ҷумҳурии Точдкисгон «Дар бораи Барномаи таҳияи регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷихистон барои солҳои 2013-2014» ва «Дар бораи Барномаи таҳияи регламентной техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2016» қабул гардида, тартиби умумии таҳия ва қабули регламентҳои техникиеро, ки нисбати маҳсулот, раванди коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, дар қисми бехатарӣ талабот муқаррар менамоянд, ба танзим медарорад.

Барномаҳои мазкур бо мақсади мураттабсозии регламентҳои техникӣ мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» таҳия карда шудаанд.

Таҳия ва қабули регламентҳои техникии нав барои бартараф намудани мояеаҳои техникӣ дар савдои байналхалқӣ ва рушди истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ равона карда шудаанд. Барномаи мазкур ҷиҳати таҳияи регламентҳои техникие, ки бехатарии бозори истеъмолии мамалакатро таъмин намуда, барои ҳавасманд гардонидани истеҳсолоти ватанӣ ҷиҳати истифодаи технологияи муосир замина мегузоранд, шароит фароҳам меорад.

КТ-ро раиси он роҳбарӣ менамояд, ки масъули ҳама намуди фаъолияти кумита мебошад. Ба ҳайати КТ инчунин котибот бо сарварии котиби масъул ва аъзоён дохил мешаванд. Барои ҳалли масъалаҳое, ки нисбат ба соҳаи фаъолияти кумита маҳдуданд, зеркумита ва гурӯҳлои корӣ ташкил карда мешаванд, ки роҳбарони онҳоро раиси КТ таъин менамояд.

Сохтори КТ-и мушаххас, вазифаҳои он, тартиби фаъолият ва масъалаҳои маблағгузорӣ мутобиқи Низомнома оид ба КТ муайян карда мешавад.

## 1.6. НИЗОМИ ДАВЛАТИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ

Барои пурзӯр намудани нақши стандартизатсия дар рушди технккӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва самаранокии истеҳсоли он дар хоҷагии халқи кишвар Низоми давлатии стандартонӣ (НДС) таъсис дода мешавад. Огози ташкили НДС Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соли 1996 мансуб мебошад. Низоми мазкур маҷмӯи иштирокчиёни корҳо оид ба стандартизатсия, стандарт ва ҳуҷҷатҳои стандартизатсия, инчунин дар маҷмӯъ қоидаю расмиёти фаъолияти низомро дар бар мегирад.

Муқаррароти стандартҳои НДС дар корхонаҳои (иттиҳодияҳои) манотиқи кишвар, аз он ҷумла бо маблаггузории хориҷӣ, муассиса, ташкилот, новобаста аз шакли моликият ва тобеият, шаҳрвандони бе маълумоти ҳуқуқии бо фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда, вазорат ва дигар мақомоти давлатии идоракунӣ барои истифода ҳатмӣ мебошанд.

НДС-ро маҷмӯи зерини стандартҳои бунёдии вобасгагии мутакобиладошта ташкил медиҳанд:

1. СТ ҶТ 1.0-96 Низоми давлатии стандартизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муқаррароти асосӣ.

2. СТ ҶТ 1.2-97 Низоми давлатии стандартизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби таҳия ва тасдиқи стандартҳо.

3. СТ ҶТ 1.3-96 Низоми давлатии стандартизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби таҳия, ҳамоҳангсозӣ, тасдиқ ва бақайдгирии давлатии шартҳои техники.

4. СТ ҶТ 1.4-96 Низоми давлатии стандартизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби таҳия, ҳамоҳангсозӣ ва тасдиқи тавсифҳои техники ва дастурҳо.

5. СТ ҶТ 1.5-96 Низоми давлатии стандартизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Талабот ба сохтор, тарзи баён, расмият додан ва мундариҷаи стандартҳо.

Қоидаҳои умумии ташкилию техникии амалигардонии корҳо оид ба стандартизатсия, шакл ва усулҳои амали мутақобилаи корхона ва соҳибкорон байни ҳам ва бо мақомоти идоракунии давлатиро стандарти СТ ҶТ 1.0 ба тартиб меандозад. Стандарта мазкур муқаррароти умумии амалигардонии корҳои стандартониро муқаррар менамояд ва дар маҷмӯи стандартҳои «Низоми давлатии стандартизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бунёдӣ ҳисоб меёбад.

Стандарти СТ ҶТ 1.0 мақсадҳои стандартизатсия ва объектҳои он, дараҷаҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсия, намудҳои стандарт, принсипҳои ташкили кор дойр ба стандартизатсия ва муқаррароти асосии назорати давлатии стандартҳоро муайян менамояд.

Стандарти мазкур объектҳои зерини стандартизатсияро муқаррар намудааст:

- объектҳои хусусияти ташкилию методӣ ва умумитехникӣ дошта;
- маҳсулоти таъиноти байнисоҳавӣ ва сермасраф;
- қисматҳои таркибии объектҳои сатҳи давлатии хоҷагии халқ, аз он ҷумла: низоми бонкиву молиявӣ, нақлиёт, алоқа, ҳифзи муҳити зист, талабот нисбати захираҳои табиии мавриди истифода қарордошта ва дигарон;
- объектҳои барномаҳои давлатии иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникӣ.

Иштирокчиёни корҳо оид ба стандартизасия инҳо мебошанд:

- мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия;

- мақомоти дигари давлатӣ дар доираи ваколати худ дар соҳаи стандартизатсия;
- ташкилот ва муассисаҳои илмӣ;
- кумитаҳои техникӣ оид ба стандартизатсия;
- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- шаҳрванди хориҷӣ, шахси ҳуқуқи шаҳрвандӣ надошта ва шахси ҳуқуқии хориҷӣ;
- субъектҳои дигаре, ки фаъолияташон бо корҳои соҳаи стандартизатсия алоқаманд мебошанд.

## 1.7. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ

**Мақсади стандартизатсия** - дастоварди дараҷаи муносиби тартибот дар соҳаи муайян бо воситаи истифодаи низомнома, талабот, меъёрҳо барои ҳалли вазифаҳои воқеан мавҷудаи ба нақша гирифташуда ё имконпазир. Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва давлат оид ба масъалаҳои сифати маҳсулот, равандҳо ва хизматрасонӣ мақсади умумии стандартонӣ ба шумор меравад.

Тибқи Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) мақсадҳои зерини стандартизатсия муқаррар карда шудаанд: сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ, сифати ҳаёт, истифодаи самараноки захираҳо, имконият барои тиҷорат.

**Сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ (яъне мутобиқати онхо ба таъинот).** Стандартизатсия бояд ба афзун гардонидани қаноатмандии истеъмолкунанда нисбати маҳсулот ва хизматрасонӣ равона карда шавад. Стандаргҳо бояд тавре таҳия карда шаванд, ки талаботи истеъмолкунандаро қонеъ гардонанд. Талаботи истеъмолкунанда нисбати маҳсулот одатан мутобиқат, эътимоднокӣ, таъвизпазирӣ ва муносиб буданро дарбар мегирад.

**Сифати ҳаёт.** Стандартизатсия барои баланд бардоштани сифати ҳаёт бо роҳи беҳдошти ҳифзи саломатӣ, бехатарӣ, бароҳатӣ, қобили истифода будани маҳсулот ва ҳифз намудани муҳити зист бояд мусоидат намояд. Агар масъалаҳои саломатӣ, бехатарӣ ва эътимоднокӣ баррасӣ шаванд, стандартизатсия ба ошкор ва барҳам додани тахдидҳо бояд равона карда шавад. Ҳифзи муҳити зист истифодаи сарфаҷуёнаи захираҳои табиӣ, ба

ҳадди ақал расонидани таъсири зиёновари истеҳсолот ва намудҳои дигари фаъолиятро дарбар мегирад.

**Истифодаи самараноки захираҳо.** Стандартизатсия бояд барои афзун гардонидани самаранокӣ ва истифодаи сарфакоронаи захираҳо равона карда шавад. Ба ин мақсад тариқи назорат, сарфакорӣ, инкишофи миқёси истеҳсолот, кам кардани хароҷот барои нигоҳдории техникии дастгоҳҳо ноил гардидан мумкин аст. Сарфи назар, аз он ки омилҳои гуногун интихоби истеъмолкунадагонро маҳдуд месозанд, стандартизатсия тариқи паст намудани арзиш ва беҳсозии сифат имконияти интихоби маҳсулот ва хизматрасониро бо манфиати бештарин барои истеъмолкунанда мусоидат менамояд. Инчунин стандартизатсия метавонад дар асоси интиқол намудани дастовардҳои илмию техникӣ аз кишварҳои рушдёфта ба кишварҳои тараққикардаистода манфиати зиёд оварад.

**Имконинт барои савдо.** Стандартизатсия бояд барои дастгирии рушди савдо, махсусан савдои байналхалқӣ равона карда шавад. Стандартизатсия метавонад ҷиҳагҳои зерини савдоро мусоидат намояд:

- таъмини адолат ҳангоми харидани маҳсулот ва истифода аз хизматрасонӣ бо назардошти манфиати истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон;
- бартараф намудани монеаҳо дар савдо бо мақсади ҳифз аз манфиатҳои беасос.

Стандартизатсия бояд байни тарафҳо ҳамкории шаффоф ва муайянро ба шакли қобили татбиқи истифода расман мусоидат намояд.

Дар ин асос Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартизатсия» мақсадҳои зерини стандартизатсияи кишварро муайян намудааст:

- таъмини ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва бехатарии инсон, ҳайвонот, растанӣ ва муҳити зист;
- таъмини сифату бехатарии маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;
- таъмини мувофиқат ва таъвизпазирии маҳсулот, иҷрои кор;
- рушди истеҳсол ва фурӯши маҳсулот бо роҳи таҳияи стандарт ва ҳуҷҷатҳои стандартизатсияи бо стандартҳои байналхалқӣ ҳамоҳангшуда;

- мусоидат намудан ба рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ;
- мусоидат намудан ба пешрафти илмӣ-техникӣ;
- бартараф намудани монеаҳои техники дар савдо; •
- ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон.

Тибқи стандарта давлатии СТ ҶТ 1.0-96 вазифаҳои зерини стандартизатсия муқаррар карда шудаанд:

- муқаррар намудани талаботи муносиб (аз он чумла ҳатмӣ) нисбати сифат ва номгӯйи маҳсулот, инчунин манфиати истеъмолкунанда ва давлат;

- ҳамгунасозӣ дар асоси муқаррар ва истафода намудани каторҳои параметрӣ ва андозавӣ, сохторҳои бунёдӣ, қисматҳои пайвандии таркибии маснуот;

- таъмини меъёрии барномаҳои байнидавлатӣ ва давлатии ичтамоию иктисодӣ, илмию техника ва мачмӯҳои инфрасохторӣ (наклиёт, алока, мудофиа, хифзи мухита зист, бехатарии аҳолӣ ва дигарон);

– ҳамоҳангсоза ва алоқаманд кардани нишондиҳанда ва тавсифҳои маҳсулот, ҷузъиёти он, воҳидҳои васлӣ, ашёи хом ва маводҳо;

- истафодаи сарфакоронаи мавод ва нерӯ, истифодаи технологияҳои каммасраф;

- муқаррар намудани меъёр, қоида, оиннома ва талабот;

- мукаррар намудани талабот нисбати ташхис, сертификатсия, назорат ва баҳодиҳии сифата махсулот;

- идора кардан ва инкишоф додани низоми тасниф ва рамзбандии иттилооти техникиву иқтисодӣ.

## 1.8. ПРИНСИПҲОИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ

Стандартизатсия ҳамчун соҳаи фаъолият ба мачмӯи қоидаҳои муайян - принсипхо асос меёбад. Принсипҳои стандартизатсия қонунияти асосии раванди таҳияи стандартҳоро ифода мекунанд, зарурата онхоро дар идоракунии хочагии халқ асоснок карда, шароити татбиқи моҳиятнок ва ғояҳои тараққиётро муайян менамоянд.

Тибқи Замимаи 4 Созишнома оид ба монеахои техники дар савдо (МТС) «Таҳияи стандарт, дастур ва тавсияҳои байналхалкӣ» принсинҳои зерини стандартизатсия мукаррар

карда шудаанд (расми 1.1): шаффофият, ошкорбаёнӣ, беғаразӣ, самаранокӣ ва асоснокӣ, ҳамоҳангӣ, миқёси таҳия.




Расми 1.1. Принсипҳои стандартизатсияи байналхалқи

**Шаффофият.** Тамоми иттилооти зарурӣ доир ба барномаҳои кории ҷорӣ, ҳамчунин пешниҳодот оид ба стандарт, дастур, тавсия ва натиҷаҳои хотимавӣ бояд барои ҷонибҳои манфиатдори узви СУС ба осонӣ дастрас бошанд. Тартибот бояд тавре омода карда шаванд, ки барои пешниҳоди хаттии тафсирҳо вақт ва имконияти кофӣ муҳайё бошанд. Иттилоот доир ба ин тартибот бояд самаранок паҳн карда шавад.

**Ошкорбаёнӣ.** Узвият дар ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартонӣ бояд ошкор ва маҳдуднакунандаи ҳуқуқ бошад. Ин амал ошкорбаёниро бе маҳдуд кардани ҳуқуқ ва иштирокро дар ҳар як марҳалаи таҳияи стандартҳо дар бар мегирад. Узви

манфиатдори ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартизатсия бояд ба фаъолияти муайян дар соҳаи стандартизатсия ратбат нишон дода, ҷиҳати иштирок дар марҳалаҳои таҳияи стандарт имконият дошта бошад.

**Бегаразӣ ва консенсус.** Барой гузоштани саҳм дар таҳияи стандартҳои байналхалқӣ ба кишварҳо-аъзоёни СУС чунин имконият фароҳам оварда мешавад, ки раванди мазкур ба ҷонибҳои манфиатдор имтиёз ё манфиат наорад. Қоидҳои консенсус барои он муқаррар карда мешаванд, ки нуқтаи назари ҷонибҳои манфиатдор ба эътибор гирифта шуда, масъалаҳои мубоҳисавӣ танзим карда шаванд.

**Самаранокӣ ва асоснокӣ.** Узвият дар СУС ҷиҳати пешбурди савдои байналхалқӣ ва бартараф намудани монеаҳои зиёдатии савдо бартарияти муайянро имкон медиҳад. Барои истифодаи бартарият стандартҳои байналхалқӣ бояд асоснок, ба талаботи қонунгузорӣ ва бозор, рушди илму техникаи кишварҳои тараққикарда ҷавобгӯ бошанд. Онҳо набояд бозори ҷаҳониро нодуруст маънидод намоянд, ба рақобати бозорӣ таъсири манфӣ расонанд ё рушди навоварӣ ва технологияҳоро боздоранд. Инчунин, онхо набояд ба тавсифнома ё талаботи кишвар ё минтақаҳои муайян бартарият диҳанд. Стандартҳои байналхалқӣ қадри имкон назар ба талаботи тасвирӣ ё тавсифҳои навиштаҷотӣ бояд бештар тавсифҳои истифодавии маҳсулотро ба инобат гиранд.

Ҳамин тавр, муҳим аст, ки мақомоти байналхалқӣ оид ба стандартонӣ ҳангоми таҳияи стандарт талаботи мутобиқи қонунгузорӣ ва бозоргонӣ, дастовардҳои амалишаванда ва муносиб, инчунин илмӣ ва технологиро ба инобат гиранд.

**Ҳамохангсозӣ.** Барои содир нагардидани таҳияи стандарти байналхалқии мубоҳисавӣ муҳим аст, ки ташкилотҳои байналхалқӣ оид ба стандартизасия бо кори ташкилоти дигари мутобиқ такрорёбӣ ё мувофиқ омаданро пешгирӣ намоянд. Дар ин бобат ҳамоҳангӣ ва хамкории ташкилотҳои мутобиқи байналхалқӣ оид ба стандартизатсия зарур аст.

**Микёси тахия.** Водор намудани кишварҳои тараққипарвар, аз ҷумла, ҷиҳати иштирок дар таҳияи стандарт, бояд дар раванди таҳия ба эътибор гирифта шавад. Барои иштироки чунин кишвархо дар таҳияи стандартҳои байналхалқӣ имконияти бунёд намудани шароит пайдо карда шаванд. Нисбати такмил додани иштироки кишварҳои тараққипарвар, мутобиқи Созишнома оид ба МТС (банди 11), истифодаи ёрии

техникӣ муносиб аст. Дар ин ҷода муҳайё намудани шароит барои бунёди имконият ва ёрии техникӣ дар дохили мақомоти байналхалқии стандартичатсия муҳим аст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартичатсия» принсипҳоеро, ки ба он стандартичатсия асос меёбад, чунин мукаррар намудааст:

- ошкоро будани раванди таҳияи стандарт ва ҳуччатҳои стандартичатсия;
- таъмини хуқуқи иштироки тарафҳои манфиатдор дар тахияи стандарт;
- консенсуси тарафҳои манфиатдор ҳангоми таҳия ва тасдиқи стандарт;
- ҳамохангсочии стандартҳои давлатӣ бо стандартхои байналхалқӣ ва минтақавӣ (байнидавлатӣ);
- мувофиқати ҳуччатҳои стандартичатсия ба стандартҳои давлатӣ;
- дастрас будани маълумот дар бораи стандарг ба тарафҳои манфиатдор;
- роҳ надодан ба монеаҳои чиёдатӣ дар савдои байналхалқӣ, ки ба таври минималӣ барои иҷрои мақсадхои стандартичатсия чаруранд;
- интихоби ихтиёрии сгандартҳо;
- ичрои ҳатмии талаботи стандартҳои интихобшуда;
- барои таҳияи стандартҳои давлатӣ ҳамчун асос истифода кардани стандартҳои байналхалқӣ ва ё фаслҳои дахлдори онҳо, дар мавриде, ки онҳо амал мекунанд, ё ин ки таҳияи онҳо ба анчом мерасад (ба истисноии мавридҳое, ки ин гуна стакдартҳои байналхалқӣ ва фаслҳои дахлдори онҳо ба ноил гардидани мақсадҳои конуни мачкур номувофиқ ва бесамар бошанд, масалан, бинобар сабаби омилҳои муҳими иқлимӣ ё чугрофӣ ва ё норасоиҳои муҳими техникӣ);
- ҳангоми таҳияи стандартҳо ба начар гирифтани марҳалаҳои рушди технологӣ ва қоидаҳои ташкилоти байналхалқӣ ва минтақавӣ доир ба стандартичасия ва дигар сочишномаҳои дахлдори байналхалқӣ;
- дар таҳияи стандартҳо, вобаста ба имконият, начар ба талаботи таркибӣ ва тасвирӣ бештар ба инобат гирифтани талаботи истифодавии маҳсулот;
- мукаррар намудани тартиби якхела барои маҳсулоти ҳаммонанди воридотӣ ва ватанӣ дар асоси сочишномаҳои байналхалқие, ки онҳоро Ҷумҳурии Точикистон эътироф намудааст.

## 1.9. ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРӢ ОИД БА СТАНДАРТИЗАТСИЯ

Дар Ҷумҳурик Тоҷикистон дарачаҳои зерини ҳуччатҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсия амал мекунанд:

- стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - СТ ҶТ;
- стандарта байнидавлатӣ (стандарти минтақавӣ ҳисоб меёбад) - ГОСТ;
- стандарти байналхалқӣ - ИСО, МЭК, ИСО/МЭК;
- стандарти соҳа - СТС;
- ҳуччати дасгурии Ҷумҳурии Точикистон - ХД ҶТ;
- шартҳои техникии Ҷумҳурии Точикистон - ШТ ҶТ;
- тавсифи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ТТ ҶТ;
- стандарти корхона (иттиҳодия, ширкат, ҷамъияти саҳҳомӣ) - СТ К.

Таснифгарони иттилооти техникию иқтисодӣ низ ба хуччатҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсия мансубанд.

Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсияро максмоти идоракунии давлатӣ, субьектҳои фаъолияти хочагидорӣ дар марҳалаҳои тахия, омода намудани маҳсулот барои истеҳсол, исгеҳсол ва фурӯши он, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва коркарди партовҳои он, ҳангоми ичрои кор ва хизматрасонӣ, таҳияи асноди техникӣ (тарроҳӣ, технологӣ, лоиҳавӣ), аз он чумла шартҳои техникӣ, варақаҳои феҳрастӣ барои маҳсулоти (хизматрасонии) пешниҳодшаванда истифода менамоянд.

Номгӯйи стандартҳои давлатӣ, байналхалқӣ, минтакавӣ, стандартҳои миллии дигар кишварҳо, ки дар Ҷумҳурии Точикистон амал мекунанд, дар нашриёти расмии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия интишор карда мешаванд.

Стандартҳои давлатӣ талаботи иҷрояшон ҳатмӣ ва тавсиявиро нисбати объекти стандартизатсия дар бар мегиранд. Ба талаботи ҳатмӣ мансубанд: талабот нисбати таъмини бехатарии маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ барои муҳити атроф, ҳаёт, саломатӣ ва амволи инсон, таъмини мувофиқати техникӣ ва игтилоотӣ, ягонагии усулҳои назорат ва тамғагузории онҳо, инчунин талаботи дигаре, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст.

Стандартҳои мингақавӣ (байнидавлатӣ) ва давлатӣ бевосита, бо роҳи ишора ба онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикисгон, шартнома, аҳднома ва созишномаҳои бо таргиби муайян қабулгардида, истифода мешаванд. Чунин стандартҳо дар мавриди ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат

накардан, пас аз шаш моҳи дастрас шудани нашри расмии онҳо (стандартҳои бе санаи мавриди амал қабулшуда) бевосита мавриди амал қарор мегиранд.

Стандартҳои байналхалқӣ ва стандартҳои миллим дигар мамлакатҳо дар асоси созишномаҳои (шартномаҳои) байналхалқӣ дар бораи ҳамкорӣ ва ё шартномаҳои (созишномаҳои) мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизасия бо ташкилотҳои стандартизатсияи байналхалқӣ, минтақавии дахлдор ва мақомоти миллим стандартизатсияи дигар мамлакатҳо қабул мешаванд.

Тартиби истифодаи стандартҳои байналхалкӣ, минтақавӣ ва стандартҳои миллим дигар давлатхоро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия муқаррар менамояд.

Стандарти соҳаро мақомоти идоракунии давлатӣ дар доираи салоҳияташон барои маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, ки аҳамияти соҳавӣ доранд, бо тартиби муқарраршуда таҳия ва қабул менамоянд. Чунин стандартҳо набояд ба талаботи стандартнои давлатӣ, қоида ва меъёрҳои мақомоти назорати давлатӣ муқаррарнамуда (дар доираи салоҳияташон) мухолифат намоянд. Талаботи стандарти соҳахо бояд ба дастовардҳои илм, техника ва технология, инчунин талаботи стандартнои давлатӣ саривақт мувофиқа карда шаванд.

Стандарти соҳаро корхонаҳои зертобеи мақомоти идоракунии давлатӣ, ки стандарти мазкурро қабул намудааст, истифода мебаранд. Дигар субъектҳои фаъолияти хоҷагӣ стандарти соҳаро ба таври ихтиёрӣ истифода мебаранд.

Хуҷҷатҳои дастурии соҳаҳоро корхона ва ташкилотҳое, ки ба низоми мақомоти ҳуҷҷати мазкурро тасдиқнамуда дохил мешаванд, истифода мебаранд. Хуҷҷатҳои дастурии Тоҷикстандартро корхонаҳо (иттиҳодияҳо ва дигарон) мувофиқи соҳаи фаъолият истифода менамоянд.

Шартҳои техникиро корхонаҳо, новобаста аз шакли хусусият ва тобеият ва шаҳрвандоне, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд (бе маълумоти шахси ҳуқуқӣ) дар мутобиқат бо шартнома ваё иҷозатнома ба хуқуки истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ё хизматрасонӣ истифода мебаранд. Шартҳои техникӣ ҳангоми истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасонӣ дар ҳолати мавҷуд набудани стандарт ба махсулоти мазкур истифода карда мешаванд.

Навиштаҷоти техникӣ ва стандарти корхонаҳо дар корхонае (корхонаҳои ба таркиби иттиҳодияи корхона дохилшаванда), ки ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсияи мазкурро тасдиқ намудааст, истифода карда мешаванд.

## 1.10.НАМУДҲОИ СТАНДАРТ

Вобаста аз хусусияти объекта стандартизатсия ва мундаричаи талаботи нисбати он муқарраршаванда дар кишвар намудҳои зерини стандарт таҳия мешаванд:

- стандарта бунёдӣ (ташкилию методӣ ва умумитехникӣ);
- стандарт барон маҳсулот (хизматрасонӣ);
- стандарт барон раванд;
- стандарт барон усулҳои назорат (санҷиш, андозагирӣ, таҳлил).

Стандартҳои бунёдӣ муқарраротӣ умумии ташкилию методӣ барон соҳаи муайяни фаъолият, инчунин талаботи умумитехникӣ, меъёр ва қоидаҳо муқаррар менамоянд. Талаботи мазкур барон таъмини масъалаҳои зерин равона карда шудаанд:

- талаботи умумӣ нисбати раванди истеҳсол ва истафодабарии маҳсулот, ҳифзи муҳити зист, бехатарии маҳсулот, раванд ва хизматрасонӣ барон ҳаёт, саломатӣ ва амволи инсон;
- алоқаи мутақобилаи раванди идоракунӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият (илм, техника, истеҳсолот);
- мувофиқати иттилоотӣ ва ҳаммаъногии дарки объекта стандартонӣ;
- муқаррар намудани усулҳои умумии лоиҳакашӣ, омода намудани истехсолот, нигохдорӣ, ҳамлу накл, истифодабарӣ ва таъмири маҳсулот.

Одатан стандартҳои бунёдӣ низоми (маҷмӯи) муайяни иборат аз стандартной давлатӣ (байнидавлатӣ, байналхалкӣ) ва соҳавиеро ташкил медиҳанд, ки бо назардошти хусусияти соҳа стандартной давлатиро мукаммал менамоянд. Ба чукин стандартно мансубанд: муқаррароти асосӣ (умумӣ), тартибот (қоидано), исталоҳот ва таърифно, талабот ё меъёрнои умумӣ, усулно, чоизино. Намунаи чунин стандарт, мисол, СТ ҶТ 1.0-96 «Низоми давлатии стандартизатсияи Ҷумнурии Точикистон муқаррароти асосӣ» нисоб меёбад.

Стандартхо барои мансулот (хизматрасонӣ) ба гурӯхи якҷинсаи мансулот (хизматрасонӣ) ё махсулоти (хизматрасонии) муайян талабот муқаррар менамоянд, аз чумла:

- талаботи хамаҷониба нисбати тания ва истенсоли мансулот;
- қаторнои якандозавӣ ва параметрӣ, ки намгунасозӣ ва таъвизпазирии мансулотро таъмин менамоянд;

- талабот нисбати шароит ҷиҳати бе осеб нигоҳ доштани хусусиятҳои маҳсулот ҳангоми ҳамлу нақл ва истифоди он.

Барой кор ва хизматрасонӣ ду намуди чунин стандартҳо таҳия карда мешаванд:

- стандарти шартҳои техникии умумӣ, ки талаботи умумиро нисбати гурӯҳи маҳсулот ё хизматрасонии якҷинса дар бар мегирад;

- стандарти шартҳои техникӣ, ки талаботро нисбати махсулот ё хизматрасонии мушаххас (гурӯҳи мушаххаси маҳсулот ё хизматрасонӣ) дар бар мегиранд.

Стандарт ва шартҳои техникӣ барои маҳсулот маҷмӯи стандарт ва шартҳои техникии байниҳам алоқамандро ташкил медиҳанд, ки мувофиқати иттилоотӣ, сохторӣ, метрологӣ, эргономӣ, технологӣ, истифодавӣ ва эътимоднокиро мураттаб месозанд ва сатҳи баланди илмию техникии маҳсулотро дар марҳалаҳои давраи хаётии он таъмин менамоянд.

Шартҳои техникӣ ба маҳсулоти мушаххас бояд дар асос ва мутобиқати қатъӣ бо стандарти ба гурӯҳи маҳсулоти мушаххас таҳияшуда, ки ба он маҳсулоти мазкур дохил мешавад, таҳия карда шаванд. Ба чунин стандартҳо мансубанд: параметр ва ё андозаҳои асосӣ, навъ, тамга, анво, сохт ва андозаҳо, талаботи техникии умумӣ, тамғагузорӣ, ҳамлу накл, нигохдорӣ, истифодабарӣ, таъмир, шартҳои техникии умумӣ, шартҳои техникӣ.

Стандарт барои раванд (кор) нисбати усули (тарзи, реҷаи, меъёри) иҷрои намудҳои гуногуни кор дар раванди технологии таҳия, истеҳсол, нигохдорӣ, ҳамлу нақл, истифодабарӣ, таъмир ва истифодаи такрории маҳсулот талаботи асосӣ муқаррар менамояд. Дар ин стандарт чунин равандҳо муқаррар карда мешаванд:

- усули автоматонидашудаи лоиҳакашии маҳсулот ва хизматрасонии иттилоотӣ;
- усули тарроҳии дастагӣ-модулӣ;
- усулҳои технологии тайёр кардани маҳсулот;
- тарҳҳои асосии технологии тайёр кардани маҳсулот ва реҷаҳои технологии дар ин ҳолат истифодашаванда ва дигарон.

Стандартҳо барои раванд (кор) инчунин талаботи бехатариро нисбати ҳаёт ва саломатии аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист аз таъсироти зараровар ҳангоми гузаронидани амалиётҳои технологӣ фаро мегиранд. Таъсироти мазкур метавонанд хусусияти кимиёвӣ (партови химикатҳои зарарнок), физикӣ

(нурафкании радиоактивӣ), биологӣ (заҳролудшавӣ аз микроорганизмҳо) ва механикӣ (шикасту осеб) дошта бошанд.

Стандартҳо барои усулҳои назорат (санҷиш, андозагирӣ, таҳлил) нисбати усулҳои (тарзҳои, равишҳои, реҷаҳои, меъёрҳои) амалигардонии санҷиш, андозагирӣ, таҳлили маҳсулот ҳангоми бунёд, истеҳсол, сертификатсия ва истифодабарӣ талабот муқаррар менамоянд. Чунин стандартҳо бояд дар сатҳи баланд беғаразӣ, дақиқӣ ва айнан такрор кардани натиҷаи баҳодиҳии талаботи ҳатмиро нисбати сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) таъмин намоянд. Иҷрои шартҳои мазкур аз мавҷуд будани маълумот доир ба иштибоҳи андозагирӣ дар стандарт вобастагии калон дорад.

Новобаста аз гуногуншаклии усул ва тарзҳои назорат муқаррароти умумиеро қайд кардан мумкин аст, ки бояд таҳти стандартизатсия қарор гиранд. Ба онҳо мансубанд:

- воситаҳои назорат ва таҷҳизоти ёридиҳанда;
- тартиби омода кардан ва амалигардонии назорат;
- қоидаҳои коркард ва ба расмият даровардани натиҷаҳо;
- иштибоҳи ҷоизи санҷиш.

Барои дастрас намудани натиҷаҳои саҳеҳ ва муқоисавӣ дар стандарт нисбати тарз ва макони дастчини намунаҳо аз миқдори муайяни маҳсулот, тавсифҳои миқдории он, тарҳҳои таҷҳизоти санҷишӣ, қоидаҳои амалиёти гузаронидашаванда ва коркарди натиҷаҳои дастрасшуда тавсияҳо дода мешаванд.

## 1.11. ДАРАҶАҲОИ СТАНДАРТ

Барои дуруст дарк намудани дурнамои мақсад ва вазифаҳои стандартизатсия, стандартҳо бояд ҳамчун ҳалли мушкилоти стандартизатсия баррасӣ шавднд, ки он дар «соҳаи стандартизатсия»-и (расми 1.2) иборат аз се соҳа (матлаб, ҷанба, сатҳ) ҳаҷми муайянро ишғол намояд.




Расми 1.2 Соҳаи стандартонӣ

Вобаста аз объекта стандартизатсия ва сатҳя қабул, дараҷахои зерини стандарт муқаррар шудаанд:

**Стандарта давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон** (СТ ҶТ) - стандарте, ки мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба стандартизатсия тасдиқ (қабул) намудааст. Стандартҳои давлатӣ, инчунин қоидаҳои таҳия ва истифодаи онҳо Низоми давлатии стандартизатсияро ифода менамоянд. Онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартизатсия» таҳия шуда, мутобиқи қоидаҳои стандартизатсия, меъёр ва тавсияҳои ин соҳа аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия тасдиқ карда мешаванд.

Стандартҳои давлатӣ (СТҶТ) ба маҳсулот, кор ва хизматрасонии аҳамияти байнисоҳавӣ дошта таҳия карда мешаванд ва онҳо набояд ба қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон мухолифат намоянд. Стандартҳои мазкур дар бар мегиранд:

- талабот нисбати бехатарии маҳсулот, кор ва хизматарсонӣ, муҳити зист, ҳаёт, саломатӣ ва амволи шаҳрвандон, талаботи техникаи бехатарӣ ва беҳдоштч истеҳсолотӣ;

- талабот нисбати мувофиқати техникӣ ва иттилоотӣ, инчунин таъвизпазирии маҳсулот;
- тавсифҳои асосии истеъмолии (истифодавии) маҳсулот, усулҳои назорати онҳо, талабот нисбати борҷома, тамғагузорӣ, ҳамлу нақл, нигохдорӣ, истифодабарӣ ва коркарди партовҳои маҳсулот;
- қоида ва меъёрҳое, ки ягонагии техникӣ ва иттилоотиро ҳангоми таҳия, истеҳсол, истифодабарии маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, аз он ҷумла қоидаҳои ба расмият даровардани асноди техникӣ, қоидаҳои умумии таъмини сифати маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, муҳофизат ва истифодаи оқилонаи захираҳо, истилоҳот ва таърифи онҳо, ишоратҳои шартӣ, қоида ва меъёрҳои метрологӣ, умумитехникӣ ва ташкилию техникӣ таъмин менамоянд.

Новобаста аз ҷои истеҳсоли маҳсулот, амалигардонии раванди истеҳсол, истифодабарӣ, нигохдорӣ, ҳамлу нақл ва коркарди партовҳои маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, намуд ва хусусиятҳои хариду фурӯш ва шахсони истеҳсолкунанда, иҷрокунанда, фурӯшанда, харидор интихоби стандартҳои давлатӣ ихтиёрӣ буда, иҷрои талаботи онҳо ҳатмӣ мебошад.

Объекта ба талаботи стандарта давлатӣ мутобиқатдошта бо нишони мутобиқат тамғагузорӣ шуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба сертификат тасдиқ карда мешавад.

**Стандарти** соҳа (СТС) - стандарте, ки мақомоти давлатӣ дар ҳудуди салоҳияташон мувофиқ ба маҳсулот, кор, хизматрасонии аҳамияти соҳавӣ дошта таҳия мекунанд ва истифода мебаранд.

Таҳти соҳа маҷмӯи субъектҳои хоҷагидорӣ новобаста аз мансубияти идоравӣ ва шакли моликият дар назар дошта мешавад, ки намудҳои муайяни маҳсулоти таъиноти истеъмолӣ ё вазифавии якҷинсадоштаро таҳия ва ё истеҳсол мекунанд (кор иҷро мекунанд, хизмат мерасонанд). Стандарти соҳаҳо набояд ба талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ, инчунин қоида ва меъёрҳои мақомоти назорати давлатӣ, ки гибқи салоҳияташон муқаррар намудаанд, мухолифат намоянд.

Нисбати мутобиқати талаботи стандартҳои соҳа ба талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ мақомоти идоракунии давлатии онҳоро қабулкарда масъулият доранд.

**Стандарти корхона** (СТК) - стандарте, ки корхона тасдиқ намудааст. Ин стандартҳоро худи корхона таҳия ва тасдиқ мекунад. Объекта стандартонии СТК қисматҳои таркибии ташкил ва идоракунии истеҳсолот маҳсуб ёфта, ба баланд бардоштани самаранокии он, ташаккули истеҳсолот ва таъмини сифати маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонй, усулҳои ҳисобкунӣ, меъёр ва талаботи технологā, равандҳои технологии якхела, таҷҳизот, абзор ва дигарон равона карда шудаанд. Риояи талаботи стандартхои корхона барои дигар субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ҳагмӣ мебошад, агар дар шартнома барои таҳия, истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрсонӣ ба ин стандартҳо истинод оварда шуда бошад.

**Стандарти ҷамъиятхои илмию техникӣ, муҳандисӣ** (СТҶ) - стандарте, ки ҷамъияти илмию техникӣ, муҳандисӣ ё иттиҳодияи ҷамъиятии дигар қабул кардаанд. Объектҳои СТҶ одатан намудҳои нави маҳсулот ва хизматрасонй, технология, принсипҳои нави идоракунии истеҳсолот, усулҳои санҷиш ва дигарон ҳисоб меёбанд.

Зарурати истифодаи ин стандартҳоро субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мустақилона муайян менамоянд. Тартиби таҳия, тасдиқ, баҳисобгирӣ, тагйирдиҳй ва аз эътибор соқит кардани стандартхоро субъектҳои фаъолияти хоҷагидорй мустақилона муқаррар мекунанд.

СТҶ инчунин ба талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ, қоида ва меъёрҳои мақомоти назорати давлатӣ, ки тибқи салоҳияташон мукаррар кардаанд, набояд мухолифат намоянд.

**Стандарти байналхалқӣ** - стандарте, ки ташкилоти байналхалқии стандартонӣ (ИСО, МЭК ва дигарон) гасдиқ (қабул) намудааст. Чунин стандартҳо хусусияти тавсиявӣ, ихтиёрӣ доранд.

**Стандарти минтақавй** - стандарте, ки ташкилоти минтақавии стандартизагсия тасдиқ (қабул) намудааст.

**Стандарти байнидавлагӣ** (ГОСТ) - стандарте, ки кишварҳо-аъзоёни созишнома дойр ба амалигардонии сиёсати ҳамохангшуда дар соҳаи стандартизатсия, метрология ва сертификатсия қабул кардаанд.

Ба номгӯйи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ регламенти техникӣ дохил карда шудааст. Таҳти регламент ҳуҷҷате дар назар дошта мешавад, ки он меъёрҳои ҳуқуқии ҳатмиро дар бар мегирад.

Чунин ҳуҷҷатро мақомоти хукуматӣ қабул мекунад ва иҷрои талаботи он хагмӣ мебошад.

**Регламенти техникӣ** галаботи техникиро нисбати об-ъектҳои сгандартонӣ муайян мекунанд. Ин талаботро метавонад худи ҳуҷҷат дар бар гирад ё дар он истинод ба ҳуҷҷати меъёрии дигар (стандарг, шартҳои техникй, маҷмӯи қоидаҳо) мавҷуд бошад. Дар ҳолатҳои алоҳида ҳуҷҷати меъёрй пурра ба регламенти техникй дохил карда мешавад.

Ба регламентҳои техникӣ чунин санадҳои қонунгузорй ва карорҳои Ҳукумати Чумхурии Тоҷикистон тааллуқ доранд, ки:

- талабот, меъёр ва қоидаҳои хусусияти техникӣ доштаро дар бар мегиранд;
- стандартҳои давлатие, ки талаботи ҳатмӣ муқаррар менамоянд:
- меъёр ва қоидаҳои мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроияро дар бар мегиранд.

Ба ҳуҷҷатҳои меъёрй инчунин таснифгарони иттилооти техникию иқтисодӣ мансуб мебошанд.

**Таснифгари иттилооти техникию иқтисодй(ТИТИ)** - ҳуҷҷати расмие. ки дар он маҷмӯи ба низом даровардашудаи номгӯй ва рамзҳои гуруҳбандии таснифӣ ва ё объектҳои тасниф дар соҳаи иттилооти техникию иҳтисодӣ ва иҷтимой пешниҳод шудаанд. Таснифгарон ба маҳсулот, хизматрасонӣ, равандҳои истеҳсолии истифодаи умумидавлатй дошта таҳия карда мешаванд.

Дар Чумҳурии 'Гоҷикистон таснифгарони зерин мавриди истифода қарор доранд:

- Таснифгари умумимиллии мақомоти ҳокимияти давлатии Чумҳурии Тоҷикистон.
- Таснифгари умумимиллии объектҳои тақсимоти маъмурию арзии Чумҳурии Тоҷикистон.
- Таснифгари намудҳои корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Таснифгари шаклҳои ташкилию ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Таснифгари тагйиротҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Таснифгари умумии намудҳои фаъолияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Таснифгари шаклҳои моликияги Чумҳурии Тоҷикистон.

**Қоидаҳои стандартизация** - ҳуҷҷати меъёрӣ оид ба стандарт, ки Тоҷикстандарт ё Кумитаи меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст.

Қоидаҳо нисбати раванди истеҳсолии мушаххас ва қисматҳои он, ки бо ҳалли масъалаи ташкил ва идоракунии корҳо оид ба стандартизация метрология сертификатсия, аккредитонӣ, иҷозатномадиҳӣ, назорати давлатии риояи талаботи ҳатмии регламентҳои техникӣ, стандартҳои давлатӣ ва байнидавлатӣ алоқаманданд, таҳия карда мешавад. Мисол, ХДҶТ 50-006-97 «Тартиби гузаронидани назорати давлатии риояи талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ, қоидаҳои сертификатсия ва назорати маҳсулотн (кори, хизматрасонии) сертификатсияшуда».

Агар қоидаҳо дар Вазорати адлия ба қайд гирифта шуда бошанд, иҷрои талаботи онҳо ҳатмӣ мебошад.

**Меъёр** - ҳуҷҷати меъёрие, ки маҷмӯи қоидаҳои ченаки микдорӣ ва меъёрҳои сифатӣ муқарраркунандаи дар раванди истеҳсол ё истифодабарӣ қонеь кардашавандаро дар бар мегирад.

**Тавсияхо** - ҳуҷҷати меъёрие, ки муқаррароти ташкилию техникӣ ва ё умумитехникӣ, қоида, усулҳои иҷрои кори ҷиҳати истифода ихтиёриро дар бар мегирад.

Меъёр ва тавсияҳоро одатан ташкилотҳои зертобеи Тоҷикстандарт ё Кумитаи меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия месозанд. Баъди муҳокима бо ҷонибҳои манфиатдор мақомоти мазкур қоида ва меъёрҳоро тасдиқ ва нашр менамоянд.

## 1.12. ТАРТИБИ ТАҲИЯ В А ИСТИФОДАИ СТАНДАРТҲО

Бо мақсади канорагирӣ аз монеаҳои зиёдатӣ дар савдои байналхалқӣ моддаи 2 Созишнома оид ба МТС аъзоёнро водор месозад, ки стандартҳои байналхалқии мутобиқро ҳамчун асоеи регламентҳои техникии худ истифода баранд. Бинобар ин, дарк намудани тартиби таҳия ва тасдиқи стандартҳои байналхалқӣ муҳим аст. Кори техникии ИСО аз ҷониби кумита ва зеркумитаҳои техники тибқи раванди иборат аз шаш марҳила (расми 1.3) амалӣ гардонида мешавад.




Расми 1.3 Ра ван д и тзхижт стандартной байнадхалкй (ПС О)

Марҳалаҳо се давраи асосиро дар бар мегиранд.

Зарурати стандартро одатан бахши саноатй ифода менамояд, ки он кумитаи ифодакунандаи манфиатҳои миллиро дар борам зарурат хабардор месозад. Кумитаи мазкур мавзӯи кори нави ИСО-ро ҳамчун масъалаи ҳалталаб пешниҳод менамояд. Агар зарурат дар стандарта байналхалқӣ эътироф гардад ва расман ҳамоҳанг карда шавад, давраи якум муайян намудани соҳаи техникии стандарти ояндаро фаро мегирад. Ин давра аз ҷониби гурӯҳи кории экспертной техникӣ - намояндагони кишварҳои нисбати матлаби масьала манфиатдор амалй гардонида мешавад.

Агар созишнома дойр ба соҳаи тёхникии дар стандарт тафсиршаванда ноил гардад, давраи дуюм гуфтушуниди кишварҳоро дойр ба талаботи техникии стандарт дар бар мегирад. Ин давраи ноил шудан ба консенсус - розигии умум хисоб меёбад.

Давраи хотимавӣ тасдиқи расмии лоиҳаи ниҳоии стандарти байналхалқиро (меъёрҳои қабулро пешакӣ муайян менамоянд: ризоияти аз се ду ҳиссаи аъзоёни ИСО, ки дар раванди таҳияи стандарт фаъолона ишгирок доштанд ва ризоияти 75 фоизи кишварҳои ҳуқуқи овоздиҳӣ дошта) дар бар мегирад ва матни

ҳамоҳангшудаи он ҳамчун стандарта байналхалқии ИСО нашр мегардад.

Ифодаи тасвирии раванд муайян менамояд, ки дар кадом марҳала бизнес-иттиҳодҳо имкон доранд бовоситаи кумитаи манфиатҳои миллиро ифодакунанда ба таҳияи стандарт таъсир расонанд.

Зарурати таҳияи стандарт метавонад аз якчанд манбаъҳо ба амал ояд:

- корхона - мехоҳад дар маҳсулоти худ нишони сертификатсияро истифода намояд;
- давлат - дар қонунгузорӣ истинод ба стандарт талаб менамояд;
- мақомоти ҷамъиятӣ ва хусусӣ - мехоҳанд ҳангоми харидорӣ бар ивази регламентҳои техникӣ стандартҳоро истифода намоянд.

Дар ин асос Созишномаи СУС/МТС таҳияи стандартҳоро дар сатҳи давлатӣ чунин муқаррар намудааст (Расми 1.4).

*Омодагӣ барои таҳияи стандарт.* Қабл аз таҳияи стандарт ба Кумитаи техникӣ (КТ) доир ба объектҳои ба он вобасташуда дархост барои таҳияи стандарт омода ва пешниҳод карда мешавад. Дархост далелҳоро ҷиҳати зарурати таҳияи стандарт дар бар мегирад. Дархостро метавонанд КТ, ҷамъиятҳои илмиву техникӣ, муҳандисӣ ва иттиҳодияҳои дигари ҷамъиятй, мақомоти идоракунии давлатӣ, корхона ва соҳибкорон пешниҳод намоянд.

КТ таҳияи лоиҳаи стандартро ба таври зерин ташкил мекунад:

- муайян кардани зеркумитае, ки таҳияи стандартро амалӣ мегардонад;
- муайян кардани гурӯҳи корӣ ё корхона барои таҳия намудани лоиҳаи стандарт;
- муқаррар кардани муҳлати амалигардонии корхо дар марҳалаҳои таҳияи стандарт мутобиқи шартнома.



Расми 1.4 Тартиби таҳияи стандартҳо дар сатҳи давлатӣ

Стандарта СТ ҶТ 1.2-97 марҳалаҳои таҳияи стандарт ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои асосие, ки ба ҳар як марҳала мувофиқат мекунанд, чунин муқаррар намудааст (ҷадвали 1):

Ҷадвали 1

| Марҳалаҳои асосии тахияи стандарт | Ҳучдатҳои ба марҳилаи таҳия мутобик |
|---|---|
| 1. Омодагӣ ба таҳия | Шартнома дойр ба тахияи стандарт (гайр аз таҳияи ташаббускорона), вазифаи техникӣ нисбата таҳияи стандарт |
| 2. Тахияи лоиҳаи стандарт | Лоиҳаи стандарт. Навиштаҷоти тавзеҳӣ. |
| 3. Тахрири хотимавии лоиҳаи стандарт | Тахрири хотимавии лоиҳаи стандарт |
| 4. Тасдиқ ва бақайдгирии стандарт | Фармон оид ба тасдиқ ва мавриди амал қарор додани стандарт |
| 5. Нашри стандарт | Стандарт |

КТ нисбати барои тафсир равона намудани лоиҳаи стандарт бояд аз корхонаҳои манфиатдор дархост қабул намояд. Бинобар ин, ба нашриёти махсуси мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия маълумотро дойр ба отози таҳияи стандарт (бо шарҳи мухтасар) барои нашр равона менамояд.

*Тахияи лоихаи стандарт (таҳрири якум).* Гурӯҳи корӣ (корхона) лоиҳаи стандартро бо навиштачоти тавзеҳӣ омода менамояд.

Котиботи КТ баъди санчиши лоиҳаи стандарт нисбати мутобиқати он ба муқаррароти шарткома дойр ба таҳияи стандарт, талаботи қонунгузорӣ ва стандартҳои НДС, онро бо навиштачоти тавзеҳӣ ба аъзоёни КТ равона менамояд.

КТ лоиҳаи стандартро баррасӣ намуда, нисбати он пешниҳодоти худро омода месозад. Бо назардошти пешниҳодоти қабулшуда КТ лоиҳаи стандартро ба сифати таҳрири якум омода менамояд. Таҳрири мазкур бо навиштачоти тавзеҳӣ ба фармоишгари лоиҳаи стандарт, корхонахо ва мутахассисоки манфиатдор ва ташкилоту муассисаҳои илмӣ (агар онҳо аъзои КТ набошанд) равона карда мешавад.

*Тахпири хотимавии лоихаи стандарт ва пешпиходи он барои баррасӣ.* Бо назардошти тафсирҳои дастрасшуда КТ' тахрири хотимавии лоихаи стандартро омода менамояд.

КТ лоиҳаи таҳрири хотимавии стандарт ва навиштачоти тавзеҳии онро бо тартиб ва дар муҳлати муқаррарнамудаи кумита барои баррасӣ ба:

- аъзоёни КТ;
- мақомоти назорати давлатӣ, агар зарурат бошад (онхо узви КТ набошанд);
- ташкилоти илмию тадқиқотӣ равона мекунад.

Аъзоёни КТ бо тартиб ва дар муҳлати муқаррар намудаи КТ лоиҳаи стандартро баррасӣ менамоянд.

Мақомоти назорати давлатӣ, ки узви КТ ҳисоб намеёбанд, лоихаи мазкурро мувофиқа мекӯнанд ё оид ба талаботи ба салоҳияти онҳо мансуб будаи стандарт бо пешниҳоди асоснок кардашуда хулосагузорӣ менамоянд.

Ташкилоти илмию тадқиқотӣ ба лоихаи стандарт хулосагузорӣ омода карда, таҳрири нашри онро таъмин менамояд.

КТ бо назардошти пешниходоти аъзоёни КТ, мувофидасозй бо мақомоти назорати давлатй, хулосагузории ташкилоти илмию тадқиқотй ва натичаҳои таҳрири нашрӣ • лоиҳаи стандартро такмил медиҳад.

Ҳангоми мавчуд будани мухолифат нисбати лоиҳаи стандарт КТ баррасӣ ва барҳам додани онҳоро ташкил мекунад.

КТ дар чаласаи худ лоиҳаи стандартро баррасӣ менамояд ва нисбат ба он овоздиҳй мегузаронад. Дар холати ризоияти аз се ду ҳиссаи аъзоён КТ лоиҳаи стандартро маъқул ҳисобида, онро барон кабул ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия тавсия медихад ва ба ин мақомот равона мекунад.

*Кабул ва бакайдгирии давлатии стандарт.* Мақомоти ваколатдори давлатй оид ба стандартизатсия лоиҳаи стандартро баррасӣ намуда, онро қабул мекунад ва мавриди амал карор медиҳад. Пеш аз қабули стандарт санчиши мутобиқати он ба қонунгузории кишвар, талаботи стандартҳои давлатй, қоида ва меъёрҳои метрологй, истилоҳоти истифодашаванда, қоидаҳои сохтор, баён ва барасмиятдарории стандартҳо амалй гардонида мешавад.

Ҳангоми қабули стандарт, бо назардошти чорабиниҳо чиҳати чорӣ намудани он, санаи мавриди амал карор додани стандарт муқаррар карда мешавад. Муҳлати амали стандарт одатан муқаррар карда намешавад.

Бо мақсади ноил шудан ба низоми ягонаи методии банақшагирй ва ташкили таҳияи стандартҳо, ба таври максималй тезонидани корҳо оид ба эчоди онҳо, инчунин осонтар намудани назорати муҳлати ичрои онҳо тартиби таҳияи стандартҳо қонунан муқаррар карда шудаанд.

Таҳияи стандартро ташкилотҳои асосй ва бунёдӣ, кумитаҳои техникй оид ба стандартизатсия, корхона ва ташкилотҳо мувофиқи вазифаҳои барномаи стандартизатсияи давлатй, барномаҳои давлатй ва соҳавии илмию техникӣ ва ичтимоиву иқтисодӣ амалй мегардонанд. Ҳангоми таҳияи стандарт бояд ба қонунгузории Чумҳурии Точикистон, стандартҳои байни-давлатӣ ва давлатии дар манотиқи кишвар амалкунанда пайравй карда шавад. Дар раванди таҳияи стандарт натичаи корҳои илмию тадқиқотӣ, тачрибавй-тарроҳӣ, тачрибавй-технологй, лоиҳавӣ, натичаи тадқиқотҳои патентӣ, стандартҳои

байналхалқӣ ва миллим кишварҳои пешқадами хориҷӣ ва дигарон истифода карда мешаванд.

То тасдиқ намудани стандарта давлатӣ дар давоми 60 рӯз мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия тафсири ҷонибҳои манфиатдорро кабул ва баррасӣ менамояд. Дар мавриди ба вуҷуд омадани хавфи фавкулодда ба амнияти кишвар, саломатии шаҳрвандон ё муҳита зист, муҳлати мазкур сокит карда мешавад.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия бояд лоиҳаи стандарта давлатии баррасишавандаро табқи дархосташон ба тарафҳои манфиатдор пешниҳод намояд. Дар таҳияи минбаъдаи стандарта давлатӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия тафсири пешниҳодкардаи тарафхои манфиатдорро ба эътабор мегарад. Дар холати мавҷуд будани мухолифати тафсирҳо ба стандартҳои байналхалқӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия хулосаҳои худро дар муҳлати муайяншуда ба тарафҳои манфиатдор ирсол менамояд.

Ворид намудани тағйирот ба стандарта давлатӣ бо тартиби барои таҳия ва тасдиқи стандарта давлатӣ муайяншуда амалӣ гардонида мешавад.

Стандартҳои давлатӣ тибқи Қонун «Дар бораи стандартизатсия» ва қоидаҳои низоми давлатии стандартизатсия таҳия ва тасдиқ карда мешаванд. Стандартҳои давлатӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсия набояд ба қонунгузорӣ, регламентҳои техникӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ мухолифат намоянд. Онҳо метавонанд дар асоси стандарт ва ҳуҷҷатҳои стандартазатсияи байналхалкӣ ва минтақавӣ ва ё стандартҳои миллим дигар кишварҳо кабул карда шаванд.

Дойр ба рафти таҳияи стандарта давлатӣ, инчунин дар бораи тасдиқ ва ё бекор кардани стандарти давлатӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия дар нашриёти расмии худ огоҳинома нашр менамояд. Санадҳо оид ба тасдиқ ва бекор кардани стандартҳои давлатӣ бояд дар яке аз нашрияҳои расмӣ инташор гарданд.

Хуқуқи истисноии чопи расмӣ ва аз рӯи тартиби мукарраршуда паҳн намудани стандартҳои давлатӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия тааллук

дорад. Стандартҳои давлатӣ бояд бо забони давлатӣ ва яке аз забонҳои расмии байналхалқӣ нашр карда шаванд. Нашр ва лаҳн намудани хуччатҳои стандартизатсия аз ҷониби ташкилотҳое, ки онхоро тасдиқ намудаанд, амалӣ гардонида мешавад.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия тибқи шартнома ва созишнома бо мақомоти миллии стандартизатсияи мамлакатҳои дигар нашр ва паҳн намудани стандарта миллии онҳоро ташкил ва амалӣ менамояд. Нашр ва паҳн намудани ҳуччата ташкилотхои байналхалқӣ ва минтақавии стандартизатсияро, кк Ҷумҳурии Точикистон узви оттҳо мебошад, мувофиқи тартиб ва шартҳое, ки ташкилотхои мазкури дахлдор муайян намудаанд, мақомоги ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия амалӣ мегардонад.

Стандартхои давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия, баъди пардохти арзиш дастрас мегарданд.

Истифодабарии стандартҳо ихтиёрӣ мебошад. Дар ҳолате, ки регламента техникӣ ба стандарт ишора намояд ва ягона роҳи таъмини мутобиқат ба регламента техникӣ риояи стандарт бошад, ин гуна стандарт хамчун регламента техникӣ истифода мешавад. Агар рег ламента техникӣ ба стандарт ишора накунад ва дар ин стандарт талаботи бехатарӣ мавчуд набошад, истифодабарии стандарт ихтиёрӣ буда, ичрои талаботи он ҳатмӣ намебошад.

Стандартхои минтақавӣ (байнидавлатӣ) ва давлатӣ бевосита, инчунин бо роҳи ишора ба онҳо дар қонунгузорӣ, шартнома, ахднома ва созишномаҳои бо тартиби муайян қабулгардида, истифода мешаванд. Дар мавриди ба қонунгузорӣ мухолифа.т накардан стандартхои минтақавӣ (байнидавлатӣ) пас аз шаш мохи дастрас шудани нашри расмии онҳо (стакдартҳои бе санаи мавриди амал қабулшуда) мавриди амал қарор мегиранд.

Стандартхои байналхалқӣ ва стандартхои миллии дигар мамлакатҳо дар асоси созишномаи (шартномаи) байналхалқӣ дар бораи хамкорӣ ва ё шартномаи (созишномаи) мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ бо ташкилотхои стандартизатсияи байналхалқӣ, минтақавии дахлдор ва мақомоти миллии стандартизатсияи дигар мамлакатхо кабул карда мешаванд.

Тартиби истифодаи стандартҳои байналхалқӣ, минтақавӣ ва стандартҳои миллим дигар давлатҳоро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ мукаррар менамояд.

Санҷиши мутобиқати стандартҳои давлатии амалкунанда ба қонунгузорӣ, талаботи истеъмолкунандагон, сатҳи рушди илм ва техника, талаботи стандартҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ (байнидавлатӣ) аз тарафи кумитаҳои техникӣ оид ба стандартизхатсияи дахлдор амалӣ гардонида мешавад. Стандартҳои давлатӣ на камтар аз як маротиба дар панҷ сол санҷида мешаванд.

Тартиби амалигардонии кор оид ба санҷиши стандартной давлатиро макомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия муқаррар менамояд.

## 1.13. ТАЛАБОТ БА СОХТИ СТАНДАРТ

Талабот ба сохт, тарзи баён, барасмиятдарорӣ ва тартибу мундариҷаи стандартҳоро СТ ҶТ 1.6-96 муқаррар менамояд.

Стандарт ҷузъиёти сохтории зеринро дар бар мегирад: сарсаҳифа; маълумоти китобшиносӣ; пешгуфтор; мундариҷа; муқаддима; номгӯй; соҳаи истифода; истиноди меъёрӣ; таърифот; ишорат ва ихтисорот; талабот; замима.

Сарсаҳифаи стандарт мувофиқи замимаҳои А, Б, В, **Г** СТ ҶТ 1.5-96 ба расмият даровaрда мешавад.

Ҷузъи сохтории «Маълумоти китобшиносӣ» дар саҳифаи дуюми сарсаҳифаи стандарт ҷой дода мешавад. Маълумоти китобшиносӣ дар бар мегирад:

- ишорати **УДК,** ки онро Тоҷикстандарт муайян мекунад;
- ишорати гурӯҳ мувофиқи таснифгари стандартҳо;
- калимаҳои асосӣ;
- рамз аз рӯи Таснифгари байналхаякии стандартҳои (ТБС) ИСО;
- рамз аз рӯи Таснифгари умумии маҳсулот (ТУМ, ба стандартҳо барои маҳсулот).

Калимаҳои асосӣ стандартро тавсиф менамоянд ва бояд маънии асосии мундариҷаи стандартро ифода намуда, ба сифати аломатҳои мустақили ҷустуҷуй истифода карда шаванд.

Унсури сохтории «Пешгуфтор» дар саҳифаи дуюми вараќи унвонӣ ҷойгир карда мешавад. Калимаи «ПЕШГУФТОР» дар мобайни саҳифа бо ҳарфҳои калон навишта мешавад.

Маълумоти дар пешгуфтор овардашаванда бо рақамҳои арабӣ ракамгузорӣ карда шуда, бо тартиби зерин чойгир карда мешаванд:

1) маълумот дойр ба корхона-таҳиягар ва тасдиқи СТҶТ (ХДЧТ)

_______________________________________ ТАҲИЯ НАМУДААСТ

номгӯйи корхона-тахиягар

__________________________________________ ВОРИД КАРД А АСТ

комгӯйи ташкилоте, ки лоихди СТЧТ (ХЛЧТ)-ро барои тасдик пешни ход намудааст

___________________________________________________________

Бо карори____________________________________________________

номгуйи таппсилот, синаи тасдик ва раками қарордод

ТАСДИҚ ВА МАВРИДИ АМАЛ ҚАРОР ДОДА ШУДААСТ

Тахти №____аз____________ соли 20.___________________________

______________________________________________________________

номгуйи макомоти бакайдгирии давлатӣ

БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУДААСТ

2) маълумот дойр ба корхона-тахиягар ва тасдикиСТК

ТАҲИЯ НАМУДААСТ

номгуйи корхона-тахиягар

Бо фармоки____________________________________________________

сана и тасдик ва ракали тартиби

ТАСДИҚ ВА МАВРИДИ АМАЛ ҚАРОР ДОДА ШУДААСТ

Агар стандарт бори аввал ҷорӣ шуда бошад, навиштаҷоти «БОРИ АВВАЛ ҶОРИ ШУДААСТ» чойгир мекунанд.

3) маълумот дойр ба истифодаи стандартҳои байналхалқӣ. минтақавӣ ё стандартҳои миллии кишварҳои хоричӣ.

Ҳангоми ба сифати СТЧТ истифода шудани стандартҳои байналхалқӣ, минтақавӣ ё миллӣ яке аз тасвияхои зерин бояд оварда шаванд:

«Стандарти мазкур матни пурраи мутобиқ ба асли_______________

_____________________________________________________________-ро

ишорат ва номгуйи пурраи стандарти мутобик

ифода мекунад», агар дар СТҶТ талаботи дигари гайри дар стандартхои байналхалқӣ, минтақавӣ ё стандартҳои миллӣ

муқарраршуда мавҷуд набошад; «Бандҳои (зербандхои, замимаҳои)__________________ стандарта мазкур матни

рақамҳои тартибй

пурраи мутобиқи______________________________________-ро

ишорат ва номгӯйи пурраи стандарти мутобик

ифода мекунад», агар дар СТҶТ талаботи бандҳои дар стандартҳои байналхалқӣ, минтақавй ё стандартҳои миллй муқарраршуда мавҷуд бошанд;

агар ба СТҶТ талаботи дигари ғайри стандартҳои байналхалқй, минтақавй ё миллӣ муқаррарнамуда дохил карда шуда бошад:

«Стандарти мазкур дар кисми______________________________

номгӯйи мухтасари қисми стандарт

ба________________________________________________________

мувофиқат мекунад». Дар ҳолати мавҷуд будани имконият номгӯйи қисми мутобиқи стандарти байналхалқй, минтақавӣ ё миллй мухтасар ва ҳаммаъно тасвият карда шавад.

4) маълумот доир ба ҳуҷҷатҳое, ки бар ивази онҳо стандарти мазкур таҳия шудааст:

«БАР ИВАЗИ____________________________________________ ё

ишорати стандарт

«БАР ИВАЗИ___________________дар кисми________________ .

ишорати стандарт

Агар стандарт бори нахуст ҷорӣ карда шуда бошад, «БОРИ НАХУСТ ҶОРИ ШУДААСТ» менависанд.

5) маълумот доир ба нашри такрорй:

«НАШРИ ТАКРОРЙ _____________________________________

сол, моҳ,

«НАШРИ ТАКРОРЙ_____________ бо ТАҒЙИРОТИ №________

сол, моҳ

___________________________________________________________

раками тартибии тағйирот ва ҳуҷҷаги иттилоотй, сол

Ҳангоми зарурат ба сарсухан маълумоти иловагии дигар дохил карда шуданаш мумкин аст.

Мундариҷаи стандарт рақами тартибй ва номгӯйи бандҳо (ҳангоми зарурат - зербандҳо), замимаҳо бо нишон додани ишорат ва сарлавҳаи онҳо, ҳангоми зарурат инчунин маводҳои

нақшакаширо бо нишон додани рақами тартибии саҳифа дар бар мегирад.

Муқаддима ҳангоми зарурати асоснок кардани зарурати таҳияи стандарт оварда мешавад. Ҷузъи мазкур набояд талаботро нисбати объекты стандартизатсия дар бар гирад. Муқаддима шуморагузорӣ карда нашуда, баъди мундаричаи стандарт ҷой дода мешавад.

Номгӯй объекти стандартизатсияро мухтасар ва дақиқ тавсиф намуда, барои ба нишондиҳандаи стандартҳо ворид кардани стандарт таснифи дурусти онро таъмин менамояд. Истифодаи мухтасарот (ғайр аз ишорати шартии маҳсулот), рақамҳои римӣ, аломатҳои математикӣ, ҳарфҳои юнонӣ дар стандарт роҳ дода намешавад. Номгӯйи стандарт бояд на зиёда аз се ҷузъ - сарлавҳаи гурӯҳӣ, сарлавҳа ва зерсарлавҳаро дар бар гирад.

Ҷузъи сохтории «Соҳаи истифода» барои муайян намудани соҳаи истифодаи стандарт ва ҳангоми зарурат бо мақсади мушаххас намудани объекти стандартизатсия оварда мешавад. Соҳаи истифода дар саҳифи якуми стандарт ҷойгир карда шуда, рақами тартибии 1 гузошта мешавад.

Ҷузъи сохтории «Истиноди меъёрӣ» феҳрасти ҳуҷҷатҳои меъёриеро дар бар мегирад, ки дар матни стандарт ба онҳо истинод оварда шудааст. Ба феҳраст ишорат ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ бо тартиби афзоиши рақами бақайдгирии ишоратҳо дар пайдарҳамии зерин ворид карда мешаванд:

- стандартҳои байнидавлатй;
- стандартҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳуҷҷатҳои дастурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шартҳои техникй;
- стандарты миллии дигар кишварҳо.

Истилоҳот ва таърифҳое, ки ҷузъи сохтории «Таърифот» мебошанд, барои дарки дурусти матн танҳо дар стандарты мазкур истифода карда мешаванд.

Ҷузъи сохтории «Ишорат ва мухтасарот» феҳрасти ишорат ва мухтасароти дар стандарты мазкур истифодашавандаро дар бар мегирад. Навишти ишорат ва мухтасарот бо тартиби дар матни стандарт истифода шудани онҳо тариқи рамзкушоӣ ва тавзеҳоти зарурй оварда мешавад.

Дар як ҷузъи сохтории «Таърифҳо, ишорат ва мухтасарот» овардани таърифҳо, ишорат ва мухтасарот роҳ дода мешавад.

Талабот нисбати объектной стандартонӣ, вобаста аз хусусият, дар стандартной асосии зерин, ки ҳамдигарро исгиснокунанда ҳисоб намеёбанд, муқаррар карда мешаванд:

- бунёдӣ (ташкилию метода ва умумитехникӣ);
- барои маҳсулот (хизматрасонӣ);
- ба усулҳои назорат (санҷиш, андозагирӣ, таҳлил);
- барои раванд (кор).

Маводҳое, ки муқаррароти стандартро мукаммал менамоянд, дар замимаҳо ҷой дод мешаванд. Маводҳои ганосубхагӣ, ҷадвалҳои калонҳаҷм, ҳисобу китоб, навиштаҷоти тавзеҳии асбобу таҷҳизот, навиштаҷоти тавзеҳии алгоритм ва барномаи вазифаҳои бо истифодаи МЭҲ ҳалшаванда ва дигарон замима шуда метавонанд.

Замимаҳо бо сарҳарфҳои алифбои тоҷикӣ, гайр аз ҳарфҳои Ғ, Ё, 3, Ӣ, Й, Қ, О, Ӯ, Ҳ, Ҷ, Ъ ишорат карда мешаванд. Баъди калимаи «Замима» ҳарфи пайдарҳамии дар матн зикр гардидани онро ифодакунанда ишорат карда мешавад.

## 1.14. ТАЛАБОТ БА ИШОРАТИ СТАНДАРТ

Ишорати стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андис (СТҶТ), шумораи бақайдгирӣ ва ду рақами охирини соли тасдиқ иборат мебошад.

Мисол - СТҶТ 55-93

55 - шумораи бақайдгирӣ;

93 - соли тасдақи стандарт (1993).

Дар ишорати стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба низоми (гурӯҳи) стандартно мансуб аст, рақамнои аввала бо нуқта низоми (гурӯни) стандартро ифода мекунанд, рақамнои баъди нуқта ҷойгиршуда бошад, шумораи стандартро дар низоми (гурӯни) мазкур ифода мекунанд.

Мисол - СТҶТ 1.2-96

1. - низоми (гурӯни) стандарт (Низоми давлатии стандартонӣ);

2 - шумораи стандарт дар НДС.

96 - соли тасдақи стандарт (1996).

Баъд аз ракам бо нуқта, пеш аз шумораи стандарт дар низом (гурӯҳ) нишон додани дигар рақамҳои ишоратӣ, ки стандарти бунёдии низоми (гурӯҳи) мазкури стандартҳо муқаррар намудааст, иҷозат дода мешавад.

Ишоратӣ СТҶТ, ки дар асоси истифодаи матни мутобиқи стандарти байналхалқӣ ё минтақавӣ ба расмият дароварда шудааст ва талаботи иловагиро фаро намегирад, аз андис (СТҶТ), ишорати стандарти байналхалқӣ ё минтақавии мувофиқ бе нишондоди соли қабули он ва ду рақами охирини соли тасдиқи стандарти давлатӣ (СТҶТ) иборат мебошад.

Мисол, стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси истифодаи матни мутобиқи стандарти байналхалқии ИСО 87:1992 ба расмият дароварда шудааст, чунин ишорат карда мешавад - СТҶТ ИСО 87-92.

Агар СТҶТ дар асоси истифодаи матни мутобиқи якчанд стандартҳои байналхалқӣ тахия шуда бошад, дар ишорати СТҶТ ишорати асосии онҳо дохил гардида, дойр ба стандартҳои дигар дар пешгуфтор маълумот дода мешавад.

Ҳангоми таҳия ва қабули стандартҳои давлатӣ нисбати тараққиёти низоми (маҷмӯи) стандартҳои умумитехникӣ, ташкилию техникӣ байнидавлатӣ сохтори ишорат бояд ба маълумоти дар стандартҳои бунёдии низомҳои мазкур қабулшуда мугобиқат намояд. Дар баробари ин шумораи тартибии стандарти давлатии низом (маҷмӯъ) бояд аз сифр огоз ёбад.

Мисол - ишорати стандартҳои давлатии ба гурӯҳи панҷуми таснифӣ мансуб буда: СТҶТ 2.50-96 - аз рӯи тартиб якум таҳия шудааст;

СТҶТ 2.51-96 - аз рӯи тартиб дуйум таҳия шудааст.

Агар дар сохтори ишорати низом гурӯҳҳои таснифӣ мавҷуд набошанд, шумораи тартибии стандарт бевосита пас аз рамзи низом гузошта мешавад.

Мисол - СТ ҶТ 8.0-96; СТҶТ 8.1-96 ва дигарон.

Ишорати ҳуҷҷатҳои дастурии Ҷумхурии Тоҷикистон аз андис (ҲДҶТ), рамзи ташкилоте, ки ҳуҷҷати мазкурро тасдиқ намудааст (рамзи ташкилот аз ҷониби Тоҷикстандарт муайян карда мешавад), шумораи бақайдгирӣ ва ду рақами охирини соли тасдиқи ҳуҷҷат иборат мебошад.

Мисол -ҲДҶТ 1.18-93

1. - рамзи ташкилот;

18 - шумораи бақайдгирии ҳуҷҷати дастурӣ;

93 - соли тасдиқи ҳуҷҷати дастурӣ (1993).

Дар ҳуҷҷати дастурӣ баъд аз рамзи ташкилот ишорат кардани дигар рақамҳои андисӣ, ки ташкилоти ҳуҷҷати мазкурро тасдиқнамуда муқаррар кардааст, иҷозат дода мешавад.

Мисол-ХДҶТЗ. 1.01-93

Ишорати стандарта корхона аз андис (СТК), шумораи бақайдгирӣ ва ду рақами охирини соли тасдиқи стандарта мазкур иборат мебошад.

Мисол-СТК 15-93

15 - шумораи бақайдгирӣ;

93 - соли тасдиқи стандарт (1993).

Дар ишорати стандарта корхона бар ивази шумораи бақайдгирӣ нишон додани андисҳои дигари (иловагии) корхона қабулнамуда иҷозат дода мешавад.

## 1,15. УСУЛҲОИ СТАНДАРТИЗЛТСИЯ

Стандартизатсия намуди фаъолияте ҳисоб меёбад, ки ба дастоварди мақсадҳои муайян равона карда шудааст. Аз тарафи дигар стандартизатсия маҷмӯи усулҳое маҳсуб меёбад, ки барои муайян намудани ҳалли муносиби масъалаҳои такрорёбанда бо истифодаи минбаъдаи он ба сифати меъёр ё қоида зарурат доранд.

**Усули стандартизатсия** тариқа ё маҷмӯи тариқаҳоеро ифода менамояд, ки ноил гардидани мақсадҳоро таъмин менамоянд. Дар стандартизатсия усулҳои танзими объекгҳо, стандартизатсияи параметрӣ, якхелакунӣ, агрегатонӣ, стандартизатсияи маҷмӯӣ ва афзалиятнок истифода мешаванд.

Мундариҷаи танзими объекгҳоро мураттабсозӣ, дастчин, соддакунӣ, шаклбандӣ ва мувофиқсозии объектҳои стандартизатсия ташкил медиҳанд.

**Мураттабсозии объектҳои стандартизатсия** тасниф ва батартиб андозии пайвастаи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи объекгҳои амиқи сгандартизатсияро дар бар мегирад. Таҳияи таснифгарон (таснифгарони маҳсулот, ташкилот ва корхонаҳо,

стандаргҳо, асъорҳо ва дигарон) мисоли мураттабсозии объектҳои стандартизатсия ҳисоб меёбад.

**Дастчини объектҳои стандартизатсия** фаъолиятесг чиҳати дастчини чунин объектҳои амиқ, ки барои истифодаи минбаъда дар истеҳсолот мақсаднок ҳисобида шудаанд.

**Соддакунии объектҳои стандартизатсия** махдуд намудани номгӯйи маснуоти дар истеҳсолот истифодашаванда, маводҳои асосӣ ва ёридиҳандаро то ба микдоре, ки барои қонеъ гардонидаии талабот кифоя мебошад, дар бар мегирад.

Мақсадҳои асосии ин усул таъмини шароити техникӣ ва ташкилию иқтисодӣ чиҳати риояи ҳамаҷонибаи реҷаи масраф, афзун гардонидани истеҳсолот ва бардавомии талаботе, ки нисбати маҳсулоти истеҳсолшаванда пешниҳод мешаванд, ҳисоб меёбад.

**Шаклбандии объсктхои стандартизатсия** фаъолиятест, ки ба таҳия ва муқаррар намудани объектҳои яхшакла, қарорҳои сохтӣ, технологӣ ва иқгисодӣ равона карда шудаасг.

Моҳияти шаклбандӣ дар вусъат бахшидани аломати ягона ба тамоми маҷмӯи таъиноти ба ҳам монанд ифода меёбад. Қарорҳои сохтӣ, тартиби амалҳо, шароити истеҳсолӣ ва дигарон аломатҳои шаклбандӣ шуда метавонанд. Масалан, шаклбандии равандҳои технологӣ дар ду самти байниҳам алоқаманд ва ҳамдигарро мукаммалкунанда амалӣ гардонида мешавад: шаклбандии раванди технологии маҷмӯии тайёр кардани маснуоти якшакла ва шаклбандии амалиётҳои алоҳидаи коркарди ҷузъиёти гуногун. Самтҳои мазкур ба таснифи чузъиёт, усулҳои коркард ва воситаҳои таҷҳизонидани равандҳои технологӣ асос меёбанд.

**Мувофиқсозии объектҳои стандартизатсия** фаъолиятест ҷиҳати муайян намудани параметрҳои мувофиқ (асосӣ) ва қимати нишондиҳандаҳои дигаре, ки сатҳи додашудаи сифатро таъмин менамоянд.

Ноил гардидан ба дараҷаи мувофиқи танзим ва самаранокии имконпазири максималӣ аз рӯи сатҳи интихобкарда мақсади мувофиқсозӣ ҳисоб меёбад.

**Стандартизатсияи параметрӣ** фаъолиятест ҷиҳати интихоб ва муқаррар намудани қиматҳои ададии мақсадноки параметрҳое, ки ба қонунияти қатъиян муайяни математикӣ мувофикат мекунанд.

Таҳти параметри маҳсулот тавсифи миқдории хусусияти маҳсулот зимнан дар назар дошта шудааст. Барои истеҳсолоти муосир номгӯйии васеи маснуоти истеҳсолшаванда хос аст. Дар як қатор ҳолатх,о истеҳсоли маснуоти номгӯяш аз ҳад зиёд, аз рӯи таъинот бо ҳам монанд ва аз ҷиҳати сохтор фарқи ночиз дошта ҳамгунасозиро душвор месозанд, муҳлати омодасозии истеҳсолотро тӯлонӣ мегардонанд ва дигарон.

**Ҳамгунасозии маҳсулот** фаъолиятест, ки ба ихтисори самараноки микдори шакли объектҳои таъиноти вазифавии ҳамгуна дошта то сатҳи муносиб равона карда шудааст.

Ҳамгунасозӣ дар самтҳои зерин амалӣ гардонида мешавад:

- муайян кардани қаторҳои параметрӣ ва андозавӣ барои маҳсулот, мошин, ҷузъиёт ва асбобҳо;
- бунёди шаклҳои (намунаҳои) маснуот барои ҳамгунасозии минбаъдаи маҷмӯи маҳсулоти якҷинса;
- ҳамгунасозии равандҳои технологи;
- ба ҳадди ақали муносиб расонидани номгӯйии мавод ва маснуоти истифодашаванда.

Нишондиҳандаи сатҳи ҳамгунасозӣ дар маҳсулот мавҷуд будани ҷузъиёти ҳамгунашударо ифода менамояд. Яке аз нишондиҳандаҳои ҳамгунасозӣ зариби истифодашавӣ мебошад:

$K = f(N-N_0)\ /NJ100,\ \%$

дар ин ҷо $N$ - миқдори ҷузъиёти аслӣ;

$N_0$ - миқдори умумии ҷузъиёт.

**Агрегатонӣ** - усули тарҳрезии мошин ва таҷҳизот бо роҳи истифодаи миқдори маҳдуди ҷузъиёти ҳамгуна кардашуда ва стандартӣ, инчунин воҳидҳои васлии дорои таъвизпазирии вазифавӣ ва геометрӣ.

Ҳангоми истифодаи усули мазкур тамоми сохтори мошин ё асбоб ҳамчун маҷмӯи новобастаи васлшаванда (агрегатҳо), ки ҳар яки онҳо дар механизми умумӣ барои иҷрои вазифаҳои муайян таъинот доранд, баррасӣ мешаванд. Мақсади агрегатонӣ афзун гардонидани қудрати корхона бидуни хароҷоти зиёдатӣ барои таҳияи ҳар як мошин ё асбоб дар алоҳидагӣ ҳисоб меёбад.

Яке аз бартариятҳои агрегатонӣ дар он аст, ки ҳангоми истеҳсолоти махсусгардонидашудаи воҳидҳои васлии стандартӣ, истеъмолкунанда имконияти қисматбандии дастгоҳҳо, таҷҳизот ва хатҳои автоматиро пайдо мекунад.

Дастрас намудани қисматҳои тайёри дар корхонаҳои махсусгардонидашуда истеҳсолшуда имкон медиҳанд, ки таъмири мошин ё асбобҳо арзон ва содда гарданд.

**Стандартизатсияи** маҷмӯй - усули стандартизатсияе, ки ҳангоми он мақсаднок ва мураттаб муқаррар ва истифода намудани маҷмӯи талаботи баҳам алоқаманд нисбати объекти стандартизатсия ва қисматҳои алоҳидаи он, инчунин нисбати омилҳои моддӣ ва гайримоддии ба объект таъсиркунанда бо мақсади таъмини ҳалли муносиби масъалаи аниқ амалӣ гардонида мешавад. Агар объекти стандартизатсияи маҷмӯӣ маҳсулот ҳисоб ёбад, талабот нисбати сифати он, сифати ашёи хом ва маводи исгифодашаванда, истифодабарӣ ва нигоҳдорӣ тасдиқ ва истифода карда мешавад. Моҳияти стандартизатсияи мачмӯӣ - мураттабсозӣ, муносибсозӣ ва алоқманд кардани тамоми омилҳои якҷояамалкунанда, ки сатҳи сифати аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофикро таъмин менамояд.

Мақсадҳои асосии стандартизатсияи маҷмӯй чунинанд:

- сатҳи баланди талаботи илмию техникии стандарт;
- баҳисобгирии талаботи истеҳсолот ва бозор нисбати стандарт;
- таъмини алоқаи байниҳамдигарии талабот, меъёр ва қоидаҳое, ки стандарт дар бар мегирад;
- тасдиқи тартиби чорабиниҳо дойр ба иҷрои барномаи усули мазкури стандартизатсия.

**Стандартизатсияи афзалиятнок** фаъолиятест ҷиҳати муқаррар намудани талабот нисбати дар амалия дастрасгардидаи сатҳи меъёрҳои мутараққӣ, талабот нисбати объекгҳои стандартизатсия, ки тибқи пешгӯиҳо ба давраи минбаъдаи банақшагирии истеҳсолот мувофиқ мегарданд.

Стандартизатсияи афзалиятнок имкон медиҳад, ки монеаҳои дар инкишофи техники бо сабаби беҳаракатӣ ва кӯҳнашавии стандартҳо баамаломада бартараф карда шаванд.

## 1 Л6.НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ РИОИЯИ ТАЛАБОТИ СТАНДАРТҲО

Назорати давлатии риояи талаботи стандартҳои давлатӣ бо мақсади аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ таъмин намудани иҷрои талаботи ҳатмӣ, баланд бардоштани сифат ва

рақобатпазирии маҳсулот амалӣ гардонида мешавад. Назорати мазкур дар марҳалахои таҳия, омодасозӣ барои истеҳсол, фурӯш, пешниҳод, истифодабарӣ, нигохдорӣ, ҳамлу нақл ва коркарди партовҳои маҳсулот, инчунин иҷрои кор ва хизматрасонӣ амалӣ гардонида мешавад.

Қоидаҳои амалигардонии назорати давлатии риояи талаботи ҳатмии стандартҳои давлатиро Хуҷҷати дастурии ХДҶТ 50-006-97 «Тартиби аз ҷониби Тоҷикстандарт гузаронидани назорати давлатии риояи талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ, қоқцаҳои сертификатсия ва назорати маҳсулоти (кори, хизматрасонии) сертификатсияшуда» муқаррар намудааст.

Мақсади назорати давлатии риояи талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ ҳифзи давлатии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва манфиатҳои давлат ҳисоб меёбад.

Вазифаи асосии назорати давлатӣ пиёдасозии чунин амалҳо мебошад:

- пешгирии аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ риоя накардани талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ;
- назорати риояи қоидаҳои сертификатсияи маҳсулот (кор, хизматрасонӣ);
- ба мақомоти иҷроияи ҳукумат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ пешниҳод намудани маълумоти боэътимод доир ба ҳолати воқеии аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ риоя кардани талаботе, ки бехатарии маҳсулотро ба ҳаёт ва саломатии инсон, ҳифзи муҳити зист ва қоидаҳои сертификатсия таъмин менамоянд.

Объекти назорати давлатӣ инҳо ҳисоб меёбанд:

- ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсия ва асноди техникии маҳсулот;
- маҳсулот, аз он ҷумла таҳти сертификатсия қароргиранда, маҳсулоти воридотӣ;
- хизматрасонӣ ба аҳолӣ, иҷрои корҳо, аз он ҷумла таҳти сертификатсияи ҳатмӣ қароргиранда;
- корҳо оид ба сертификатсияи истеҳсолкунандагон (фурӯшандагон, иҷрокунандагон), ташхисгоҳҳои (марказҳои) санҷишӣ, мақомот оид ба сертификатсия.

Назорати давлатии риояи талаботи стандартҳоро шахсони вазифадори Тоҷикстандарт ва зерсохторҳои он - нозирони давлатӣ амалӣ мегардонанд. Сарнозири давлатӣ оид ба

назорати стандарт ва воситаҳои андозагирӣ директори Тоҷикстандарт ҳисб меёбад.

Назорати давлатии риояи талаботи стандартҳо дар корхона (иттиҳодия), аз он чумла бо маблаггузории хоричӣ, муассиса, ташкилот (новобаста аз шакли моликият ва тобеият), инчунин шаҳрвандоне, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд (бе маълумоти шахси ҳуқуқӣ), гузаронида мешавад.

Назорати давлатии риояи талаботи стандартно бо ташаббуси мақомоти назорати давлатӣ, инчунин дархости мақомоти давлатӣ, корхона, ташкилотхои чамъиятӣ ва мурочиати шаҳрвандон амалӣ гардонида мешавад.

Назорати давлатии риояи талаботи стандартно дар шаклҳои асосии зерин гузаронида мешавад:

- назорати риояи талаботи стандартно хангоми таҳия, омодасозии маҳсулот барои истеҳсол, истеҳсол кардани он, фурӯш (аз он чумла барои содирот), истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, хамлу накди махсулот, инчунин ичрои кор ва хизматрасонӣ;
- санҷиши махсулот (аз он чумла бо мақсади сертификатсия).

Ҳангоми амалигардонии назорати давлатӣ санчиш, назорати андозагирӣ ва органолептикӣ, ҳаммонандкунии махсулот ва усулҳои дигаре истифода мешаванд, ки эътимоднокӣ ва беғаразии натичаҳои санчишро таъмин менамоянд.

Дар асоси натиҷаи санҷиш, назорати андозагирӣ ва органолептикӣ, ҳаммонандкунии маҳсулот протокол тартиб дода мешавад, ки дар он танҳо натачаҳои манфии санчиш қайд карда мешаванд. Ҳангоми мусбӣ будани натиҷаҳои санҷиш санад тартиб дода мешавад, ки маъдумотҳоро дар бораи натиҷаи санчиш, сатҳи асноди меъёрӣ оид ба стандартизаия, ҳолати воситаҳои андозагирӣ, иҷозатномаи ташхисгоҳ, ҳолати кор оид ба сертификатсия дар бар мегирад.

## 1.17. СИСТЕМАИ БАЙНИДАВЛАТИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ

Стандартизатсияи байнидавлатӣ (мувофиқи ГОСТ 1.0-92) - стандартизатсияи объектҳое, ки манфиати байнидавлатӣ доранд.

Намояндагони кишварҳои ИДМ (Иттиҳоди давлатҳои мустақил) 13 марти соли 1992 «Созишнома дар бораи

амалигардонии сиёсати ҳамоҳангшуда дар соҳаи стандартизатсия» ба имзо расониданд ва Шӯрой байнидавлатӣ оид ба стандартизатсия метрология ва сертификация (ШБД) ва Комиссияи илмию техникии байнидавлатӣ оид ба стандартизатсия, бамеъёрдарории техникӣ ва сертификация дар сохтмон (КИТБС) ташкил карда шуданд.

Соли 1995 Шӯрои ИСО ШБД-ро ҳамчун ташкилоти минтақавӣ оид ба стандартизатсия дар кишварҳои ИДМ эътироф кард.

Роҳбарони макомоти миллӣ оид ба стандартизатсия метрология ва сертификатсияи 12 кишвар - иштирокчиёни Созишнома аъзоёни ШБД (Ҷадвали 1.2) хисоб меёбанд. ШБД барои дигар кишварҳое, ки принсипҳои онро эътироф менамоянд ва ба Созишнома ҳамроҳ мешаванд, кушода мебошад.

Да два ли 1.2

| Номгӯйи кишвар | Номгӯйи мақомоги миллӣ оид ба стандартизатсия метрология ва сертификатсия |
|---|---|
| Ҷумҳурии Арманистон | Армгосстандарт |
| Ҷумҳурии Белорус | Госстандарти Белорусия |
| Ҷумҳурии Гурҷистон | Грузстандарт |
| Ҷумҳурии Қазоқистон | Госстандарта Ҷумҳурии Қазокистон |
| Ҷумҳурии Қиргизистон | Қирғизстандарт |
| Ҷумҳурии Молдова | Молдовастандарт |
| Ҷумҳурии Озарбойҷон | Азгосстандарт |
| Федератсияи Россия | Г осстандарти Россия |
| Ҷумҳурии Тоҷикисгон | Т оҷикстандарт |
| Ҷумҳурии Туркманистон | Сарнозироти давлатии Туркманистон |
| Ҷумҳурии Узбекистон | Узгосстандарт |
| Ҷумҳурии Украина | Г осстандарти Украина |

Муқаррароти асосии ШБД дар ҳуҷҷатҳои меъёрии зерин (ГОСТ - стандарта байнидавлатӣ, ҚБД - қоидаҳои байнидавлатӣ, ДБД - дастурҳои байнидавлатӣ) баён шудаанд:

ГОСТ 1.0-92. Қоидаҳои гузаронидани корҳо оид ба стандартонии байнидавлатӣ. Муқаррароти умумӣ;

ГОСТ 1.2-97. Қоидаҳои гузаронидани корҳо оид ба стандартонии байнидавлатӣ. Тартиби таҳия, қабул, истафодабарӣ, тағйирдиҳӣ ва бекор кардани ҳуҷҷатҳо оид ба стандартазатсияи байналхалқӣ;

ГОСТ 1.5-93. Қоидаҳои гузаронидани корҳо оид ба стандартизатсияи байнидавлатӣ. Талабота умумӣ ба сохтор, тарзи баён, ба расмият даровардан ва мундаричаи стандартҳо;

ҚБД 02-93. Муқаррароти намунавӣ дар бораи кумитаи техникии байнидавлатӣ оид ба стандартизатсия;

ҚБД 04-94. Тартиби паҳн намудани стандартҳои байнидавлатӣ ва ҳуччатхои меъёрии Шӯрои байнидавлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология ва сертификатсия;

ҚБД 05-94. Тартиби ҳамкории мақомоти миллӣ оид ба стандартизатсия ҷиҳата амалигардонии тарҷумаи стандартҳои байнидавлатӣ, байналхалқӣ ва хориҷӣ;

ҚБД 13-95. Тартиби таҳия ва бурдани таснифгарони байнидавлатӣ;

ҚБД 14-96. Оиннома дар бораи ҳамоҳангсозии таснифгарони иттилоота техникию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;

ҚБД 22-97. Қоидаҳо оид ба банақшагирии барномавии таҳияи стандартҳои байнидавлатӣ;

ДБД 19-96. Дастурҳо оид ба принсип ва усулҳои асосии стандартизатсияи истилоҳот;

ДБД 24. Дастурҳо оид ба таҳияи стандартҳо аз ҷониби кумитаҳои техникии байнидавлатӣ.

ГОСТ 1.0-92 мақсадҳои зерини стандартизатсияи байнидавлатаро мукаррар намудааст:

- ҳифзи манфиати истеъмолкунандагон ва ҳар як кишвар-аъзои Созишнома доир ба масъалаҳои сифати маҳсулот, хизматрасонӣ ва равандҳое, ки бехатариро барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунандагон, муҳита зист таъмин менамоянд;
- таъмини мутобиқат ва таъвизпазирии маҳсулот ва талаботи дигаре, ки манфиати байнидавлатиро ифода менамоянд;

- мусоидат намудан ба сарфаи захираҳо ва беҳтар кардани нишондиҳандаҳои иқтисодии истеҳсолоти кишвар-аъзоёни Созишнома;

- бартараф кардани монеаҳо дар истеҳсолот ва тиҷорат, мусоидат намудан ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишвар-аъзоёни Созишнома дар бозорҳои тичоратии ҷаҳонӣ ва иштироки самараноки кишвархо дар тақсимоти меҳнати байнидавлатӣ ва байналхалқӣ;

- мусоидат намудан ҷиҳати баланд бардоштани бехатарии объектҳои хоҷагидории кишвар-аъзоёни Созишнома хангоми ба вучуд омадани фалокатҳои табий ва технологи, инчунин ҳолатхои дигари фавкулодда.

Объектҳои стандартизатсияи байнидавлатӣ инҳо ҳисоб меёбанд:

- меъёр ва талаботи умумитехникй, аз он ҷумла забони техникии ягона;

- қаторҳои андозавии якхела ва гарҳҳои якхелаи маснуоти истифодаи умумии мошинсозй (подшипникҳо, ҷузъиёти васлй в а дигарон);

- барнома ва воситаҳои техникии мувофиқи технологияҳои иттилоотй;

- маълумот дар бораи хусусияти мавод ва моддахо;

- объектхои азими маҷмӯҳои саноатӣ ва хоҷагидорӣ (нақлиёт, энергетика, алоқа ва дигарон);

- объектхои азими барномаҳои иҷтимоиву иқтисодй ва илмию техникии байнидавлатй;

- маҳсулоти пешниҳоди мутақобила, ки дар якчанд кишвархо истеҳсол мешаванд.

Дар доираи ИДМ «Созишнома дар бораи эътирофи мутақобилаи натичаҳои сертификатсия» амал мекунад.

Дар соҳаи метрология барномаи корҳои муштарак дар якчанд самтҳо амалй гардонида мешаванд: интиқоли андозаи воҳиди бузургиҳои физикӣ; таҳия ва аз нав дида бароmадани ҳуччатҳои меъёрии байнидавлатии бунёдй оид ба метрология; бунёд ва истифодаи намунаҳои стандартии мавод ва моддахо; усулҳои назорат бе вайронкунй.

Мақомоти кории ШБД котиботи техникии доимо-амалкунанда ва мақомот оид ба таҳияи стандартҳо кумитаҳои

техникии байнидавлатӣ хисоб меёбанд, кк дар шахри Минск ҷойгир шудааст. ШБД барои вусъат додани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалкӣ оид ба стандартизатсия метрология ва сертификатсия (ИСО, МЭК, СЕН) кӯшиш менамояд. Дар ин ҷода бо Кумитаи европой оид ба стандартизатсия (СЕН) созишнома дар бораи бевосита (ройгон) истифода намудани стандартхои европой ба сифати байнидавлатӣ барои кишварҳои ИДМ амал мекунад. Ҳангоми истифодаи чунин стандартҳо тамоми стандартҳои миллии соҳаи мазкур, ки ба меъёрҳои европой мухолифат менамоянд, бояд аз муомилот хориҷ карда шаванд. Дар баробари ин нусхаи стандартҳое, ки истифодаи бевоситаи меъёрхои европой ҳисоб меёбанд, ҳатман ба СЕН равона карда мешаванд.

## 1.18. ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ОИД БА СТАНДАРТИЗАТСИЯ

Мақомоти асосии ғайриҳукуматӣ оид ба стандартизатсия Ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартизатсия (ИСО) ва Комиссияи байналхалқии электротехники (КБЭ) ҳисоб меёбанд.

ИСО - иттиҳоди маъмули умумиҷаҳонии макомот оид ба стандартизатсия мебошад. Ин ташкилот ба соҳаҳои зиёди маҳсулот ва низомҳое, ки ба соҳаи КБЭ ё телемавосилот (аз ҷониби ИБАБ хизматгузорӣ карда мешаванд) дохил намешаванд, стандартҳо нашр месозад.

Мақсади ИСО мусоидат намудан ба рушди стандартизтсия дар миқёси ҷаҳонӣ барои осон гардонидани мубодилаи байналхалқии мол, инчунин вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти зеҳнӣ, илмӣ, техники ва иқтисодӣ ҳисоб меёбад.

Ба мақомоти роҳбарикунандаи ИСО Ассамблеяи генералӣ, Шӯро, кумитаи иҷроия, шуъбаи техникӣ, кумитаҳои техникии Шӯро, котиботи марказӣ мансуб мебошанд (расми 1.5).

Ассамблеяи генералӣ - мақоми олии роҳбарикунандаи ИСО, намояндагони ташкилотҳои миллии кумитаҳо-аъзоёнро дар бар мегирад ва масъалахои асосии фаъолияти ИСО-ро хал менамояд.




Расми 1.5 Сохтори ассамблеяи генералӣ

Дар давраи байни сессияҳои Ассамблеяи генералӣ роҳбарии ИСО-ро Шӯро амалӣ мегардонад. Шӯро аз 18 кумитаҳо-аъзоён иборат мебошад. Ба Шӯрои ИСО ҳафт кумитаҳо тобеъ мебошанд:

СТАКО (*Кумита оид ба азхудкупии принсипҳои илмии стандартизатсия)* - оид ба принсип ва услуби таҳияи стандартной байналхалқӣ ба Шӯрои ИСО ёрии методӣ ва иттилоотӣ мерасонад. Кумита азхудкунии принсипҳои бунёдии стандартизатсия ва омода намудани тавсияҳоро нисбати ноил гардидан ба натиҷаҳои мувофиқ дар соҳаи мазкур амалӣ мегардонад.

СТАКО инчунин бо истилоҳот ва ташкили семинарҳо оид ба истифодаи стандартхои байналхалқӣ барои рушди савдо машгул мебошад.

Г1ЛАКО (*Кумитаи банақшагирӣ)* нисбати банақшагирии корҳои ИСО, ташкил ва ҳамоҳанг намудани ҷанбаҳои техникии кор пешкиҳод омода менамояд.

КАСКО *(Кумита оид ба баҳодиҳии мутобиқат*) бо масъалаҳои тасдиқи мутобиқати маҳсулот, хизматрасонӣ, равандҳо ва низоми сифат ба талаботи стандартҳо, салоҳиятнокии ташхисгоҳ ва мақомот оид ба сертификатсия машғул мебошад. Соҳаи муҳими кори КАСКО - мусоидат ба эътирофи мутақобила ва қабули низомҳои ссртификатсияи миллӣ ва минтақавӣ, инчунин истифодаи стандаргҳои байналхалқӣ дар соҳаи санҷиш ва тасдики мутобиқат хисоб меёбад.

ДЕВКО (*Кумита оид ба расонидани ёрӣ ба кишварҳои пигращипарвар)* дархости кишварҳои тараққикардаистодаро дар соҳаи стандартизатсия азхуд мекунад ва чиҳати мусоидат ба ин кишварҳо дар соҳаи мазкур тавсияҳо таҳия менамояд.

КОПОЛКО (*Кумита оид ба ҳимояи маифиати истеъмопкунандагон)* масъалахои таъмини манфиати истеьмолкунандагон ва имконияти мусоидат ба ин масъала гарики стандартизатсия, инчунин ба онҳо дастрас намудани иттилооти зарурӣ доир ба стандартҳои байналхалкиро азхуд менамояд.

РЕМКО *(Кумита оид ба намунаҳои стандарта)* бо таҳияи дастурхо оид ба масъалаи намунаҳои стандарта (эталонҳо) машгул мебошад. Иловатан, РЕМКО ҳамоҳангсози фаъолияти

ИСО бо ташкилотҳои байналхалқии метрологӣ, аз ҷумла бо ТБМҚ (ташкилоти байналхалқии метрологияи қонунгузор) мебошад.

**КБЭ** - мақомот дойр ба стандартҳои байналхалқӣ ва тасдиқи мутобиқат, ки стандартҳоро дар соҳаи электротехника, ҳамчунин электроника, магнетизм ва электромагнетизм, электроакустика, телемавосилот, истеҳсол ва паҳнкунии нерӯи барк омода ва нашр месозад.

Баъзе аз ташкилоти асосии байниҳукуматӣ, ки ҳуҷҷатҳои ба сифати стандарта байналхалқӣ ва ё ҳамчун асос барои регламента техникӣ истифодашавандаро нашр месозанд, инҳо ҳисоб меёбанд:

**Ташкилоти байналхалқии чену вазн (ТБЧВ)**

ТБЧВ - ташкилоти байниҳукуматии илмию техникӣ, ки 20 майи соли 1875 бо мақсади хамгунасозии низоми воҳидхои дар кишварҳои гуногун истифодашаванда, муқаррар намудани якшаклии эталонҳои дарозӣ ва масса ташкил шудааст.

Мақсади асосии ташкилот - мусоидат намудан ба баррасии амалии низоми метрии ченакҳо дар миқёси байналхалқӣ, нигоҳ доштани тимсоли байналхалкии эталонҳои килограмм, метр ва воҳидҳои дигари андозагирӣ, гузаронидани тадқиқотҳо ва бо онҳо муқоиса кардани эталонҳои миллӣ, инчунин бурдани корҳои илмӣ оид ба такмил додани системаи метрӣ.

Мақомоти олии байналхалқӣ оид ба масъалаҳои муқаррар намудани воҳидҳо, таъриф ва усулҳои тачдиди онҳо Конфронси генералӣ оид ба чену вазн ҳисоб меёбад. Конфронс Кумитаи байналхалқӣ оид ба чену вазнро интихоб менамояд, ки он дар фосилаи байни Конфронсҳои генералӣ тамоми фаъолияти ташкилотро роҳбарӣ менамояд. Мувофиқи Созишномаи метрӣ лабораторияи илмӣ - Шӯбаи байналхалқии чену вазн бунёд карда шудааст ва он фаъолият дорад.

Дар шӯъба тамоми тимсол ва эталонҳои байналхалқӣ нигоҳ дошта мешаванд.

**Ташкилоти байналхалқӣ оид ба метрологияи қонунгузор (ТБМҚ) (назорати мугобиқат) ва санҷнши воситахои андозагирӣ.**

ТБМҚ ҷиҳати пешбурди ҳамоҳангсозии глобалии метрологияи қонунгузор тавсия ва ҳуҷчатҳои байналхалқӣ интишор мекунад. Мақсадҳои асосии ин ташкилот муайян намудани ақидаҳои умумии метрологияи қонунгузор, пешбурди

принсипҳои глобалии тартиботи метрологиям қонунгузор, инчунин пешбурди ҳуҷҷатнок кардан ва паҳнкунии. иттилоот оид ба назораг ҳисоб меёбад.

**Иттиҳоди байналхалқии алоқаи барқи (ИБАБ)**

ИБАБ ташкилоти байналхалқие мебошад, ки дар дохили он ҳам ҳукумат ва ҳам бахши хусусӣ бо мақсади муттаҳидкунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти шабакаи телеалоқа ва хизматрасонӣ, инчунин барои рушди технологиям алоқавӣ якҷоя фаъолият бурда метавонанд. Мақсади асосии ИБАБ зимнан рушди ҳамкории байналхалқӣ байни давлатҳо - аъзоён оид ба татбиқ ва истифодаи самараноки ҳама намуди телеалоқа, барои афзун гардонидани таваҷҷуҳ ва ҳамкории объект ва ташкилотҳо ба фаъолияти ИБАБ ва рушди ҳама намуди фаъолият роҷеъ ба стандартизатсия ҳисоб меёбад.

Дар соҳаи маҳсулоти хӯрокворӣ ва тандурустӣ кори ташкилотҳои зерин барои гиҷорат фавқулодда муҳим аст, чунки онҳо аз ҷониби Созишномаи СУС оид ба истифодаи чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ эътироф карда шудаанд:

**Комиссиям Кодекс Алименгариус (ККА)**

ККА аз ҷониби Ташкилоти СММ оид ба озуқаворӣ ва кишоварзӣ (ФАО) ва Ташкилоти умумиҷаҳонии нигаҳдории тандурустӣ бо мақсади ҳифзи саломатии харидорон ва кафолати муносибатҳои бозорӣ дар савдои маҳсулоти хӯрокворӣ ташкил карда шудааст. ККА оид ба сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ стандартҳо муқаррар менамояд. Комиссиям мазкур ҷиҳати муқаррар намудани стандартҳо ба маҳсулоти хӯрокворӣ барои бозор, дастурҳо ва ё кодексҳои амали беҳдоштӣ ва технологӣ масъул мебошад. Инчунин комиссия сатҳи максималиро барои иловаҳои хӯрока ва доруҳои бойторӣ, ҳудудҳои максималии миқдори пеститсидҳоро дар хӯроки (ғизои) ҳайвонот муқаррар менамояд.

**Созишномаи байналхалқӣ оид ба химояи растаниҳо (СБҲР)**

Мақсадҳои асосии созишномаи бисёрҷониба, ки аз тарафи директори Генералии ФАО маҳфуз нигаҳ дошта мешавад, пешгирии паҳншавӣ ва ворид шудани зараррасонҳои растаниҳо ва маҳсулоти растанипарварӣ, инчунин пуштибонии чораҳо ҷиҳати назорати онҳо дар сатҳи байналхалқӣ мебошанд.

**Шӯъбаи байналхалқӣ оид ба эпизоотия (ШБЭ) - Ташкилоти умумиҷахонӣ оид ба хифзи саломатии хайвонот**

ШБЭ оид ба ҳимоя аз воридшавии барангезандаҳои сироят ва касалиҳои ҳайвонот ва инсонҳо ба мамлакат и воридкунанда тариқи фурӯши ҳайвонот, маводҳои генетикӣ ва маҳсулоти пайдоиши ҳайвонотӣ стандарт, дастурамал ва тавсияҳо таҳия месозад.

## 1.19. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛХАЛҚЙ ДАР СОҲАИ СТА НДАРТИЗАТСИЯ

Омили асосии тараккиёти техникй дар ҷаҳон стандартизатсияи байналхалқӣ ҳисоб меёбад, ки он алоқмандӣ ва ба низом даровардани талаботи савдои ҷаҳонӣ ва манфиати истемолкунандагонро таъмин менамояд, комилан истифода бурдани қувваҳои истеҳсолкунандаро мусоидат менамояд.

Барой бомуваффақият амалигардонии ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмию техникии кишварҳои гуногун стандартизатсияи байналхалқӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Фарқияти талаботи стандартҳои мшшӣ ба маҳсулоти ҳамгунаи дар бозори ҷаҳонӣ пешниҳодшазанда дар роҳи рушди савдои байналхалқй монеаи техникй ҳисоб меёбад.

Ҳамкории илмию техникй дар соҳаи стандартизатсия ба хамоҳангсозии низоми ми;ыии стандартизатсия бо стандартизатсияи байналхалқй, минтақавӣ ва низомхои миллии стандартизатсияи кишварҳои мутараққӣ равона карда шудааст.

Ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи стандартизатсия бо воситаи ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ оид ба стандартизатсия, инчунин алоқаҳои дуҷониба ва якчандҷониба дар асоси фармонҳои Президент ва қарордодҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои стандартизатсия амалй гардонида мешавад.

Вазифаҳои асосии ҳамкории байналхалқй дар соҳаи стандартизатсия чунин амалҳоро пешбинӣ менамояд:

- ҳамоҳангсозии НДС бо низомҳои стандартизатсияи байналхалқӣ, мингақавӣ, миллии кишварҳои мутараққии дигар;
- такомули фонда ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсияи ватанӣ дар асоси истифодаи стандартҳои байналхалқӣ, минтақавӣ ва миллии кишварҳои дагар, инчунин

истифодаи ҳадди аксари дастовардҳои тараққиёти илмию техникӣ;

- ҳамоҳангсозии стандартҳои миллӣ бо стандартҳои байналхалқӣ, минтақавӣ;
- баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ;
- таҳияи стандартҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ дар асоси стандартҳои ватанӣ ба намудҳои нави маҳсулот ва технологияҳои рақобатпазир, аз он ҷумла дар натиҷаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бунёдгардида;
- таъмини меъёрии ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмию техники бо кишварҳои дигар ва иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти байналхалқии меҳнат;
- таъмини ҳифзи манфиатҳои кишвар ҳангоми таҳияи стандартҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ;
- таъмини ягонагии андозагирӣ бо кишварҳои дигар.

Ташкил ва гузаронидани корҳо ҷиҳати ҳамкории байналхалқӣ оид ба стандартизатсия бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ, бо назардошти ҳуҷҷатҳои қабулнамудаи Ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартизатсия (ИСО), Комиссияи байналхалқии электротехники (КБЭ), Созишномаи генералӣ оид ба тарифҳо ва тиҷорат (СГТТ), Шӯрои байнидавлатӣ оид ба стандартизатсия метрология ва сертификатсия (ШБД), инчунин ҳуҷҷатҳои дар кишвар амалкунанда ва тартиби гузаронидани корҳо оид ба ҳамкориҳои илмиву техникии дуҷониба бо кишварҳо-ҳарифон амалӣ гардонида мешаванд.

Дар рушди стандартизатсияи байналхалқӣ ҳам давлатҳои иктисодиёташон рушдёфта ва ҳам кишварҳои тараққикардаистодаи бунёди иқтисодиёти миллии худро нав огознамуда манфиатдор мебошанд.

Дар соҳаи стандартизатсияи байналхалқӣ якчанд ташкилотҳо иштирок менамоянд, ки дар байни онҳо нисбатан машҳуртар: ИСО, КБЭ, СГТС, ташкилоти европой оид ба назорати сифат (ТЕНС), ташкилоти байналхалқӣ оид ба метрологияи қонунгузор (ТБМҚ), шӯъбаи байналхалқии чену вазн (ШБЧВ) ва дигарон мебошанд.

Стандартҳои байналхалқӣ ва тавсияи ин ташкилотҳо, расман ҳуҷҷати меъёрии ҳатмӣ набуда, дар амал аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ба ҳадци зарурӣ риоя карда мешаванд.

ИСО аз ташкилотҳои байналхалкии бо стандартизатсия машғулбудаи нисбатан бонуфуз ва машҳур ҳисоб ёфта, ба он қариб 170 кишвар дохил мешаванд. Ин ташкилот стандартҳои байналхалқии намудҳои имконпазирро (ташкиливу методӣ, талаботи техникӣ, усулҳои санҷиш ва дигарон) таҳия месозад.

Стандартҳои ташкилоти байналхалқии мазкур одатан бо чунин тарз гаҳия мешаванд. Мутахассисонк ИСО ба тариқи асос стандарти миллии нисбатан мутараққӣ, замонавӣ ва амалкунандаи яке аз кишварҳоро интихоб менамоянд ва ба сифати таҳрири якуми стандарти ИСО онро ба забонҳои англисй, фаронсавй, олмонӣ ва русӣ тарҷума менамоянд ва барон шиносоӣ ва ҷамъоварии дархостҳо ба ҳамаи аъзоёни кумитаҳои гехникии самти мазкур равона мекунанд. Пас аз ин дар асоси дархостҳо таҳрири дуюм таҳия карда мешавад ва раванд такрор меёбад. Баъд дар ҷаласаи кумитди техникӣ мухолифатҳо муҳокима карда мешаванд ва тахрири хотимавии ҳуҷҷат омода карда мешавад, ки он дар асоси консенсус тасдик карда мешавад.

Ишорати стандартҳои ИСО бо ГОСТ монанд буда, танҳо соли тасдик, бо ду нуқта (на бо тире) ҷудо гардида пурра навишта мешавад (ИСО 9000:2000, ГОСТ 22261-94). Сгандартҳои ИСО хусусияти тавсиявй доранд, гарчанде одатан дар созишномаҳои байналхалқӣ ба сифати ҳатмӣ истифода мешаванд.

Аз ташкилотҳои байналхалқӣ оид ба стандартизатсия, ки сохторашон аз рӯи иринсипи соҳавӣ мебошад, шуҳрат ва нуфузи бештаринро КБЭ дороет. Ин ташкилот тамоми масъалаҳои бо барқ ва техникаи электронӣ алоқамандро назорат мекунад. Сохтори ташкилй ва иринсипи фаъолияти он бо ИСО мушобеҳ буда, одатан муштаракона фаъолият мебаранд ва ҳуҷҷатҳои ягона нашр месозанд. Ишорати стандаргҳои КБЭ бо ГОСТ монанд буда, хангоми нашри стандарти бо ИСО муштарак ИСО/КЬЭ ишорат карда мешавад.

Дар кишварҳои зиёди ҷаҳон корҳо оид ба стандартизатсия аз рӯи тарҳҳои монанд ташкил гардидаанд. Фарқият одатан дар сатҳи марказонии таҳияи стандартҳо ва сатҳи иштироки

ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ дар он хисоб меёбад. Дар ин кишварҳои зиёд талабот на барои маҳсулоти истеҳсолшаванда, балки барои маҳсулоти дар манотиқи кишвари мазкур истеъмолшаванда ба низом дароварда мешавад.

## 1.20. СТАНДАРТ ВА РЕГЛАМЕНТ!! ТЕХНИКӢ

Қонун «Дар бораи стандартизатсия» бо фармони № 668 Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 қабул карда шуда, дар қаламрави ҷумҳурӣ аз 1 январи соли 2011 мавриди амал қарор дорад. Қонуни мазкур салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисгонро дар соҳая стандартизатсия. мақомоти ваколатдорро дар доираи ваколатҳои худ ва салоҳияти мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатиро муайян намуда, барои иҷрои корҳо таъсис додани НДС ва вазифаҳои асосии ишгирокдорони онро дар назар дорад.

Яке аз ҳадафҳои қабули қонун қадри имкон камтар намудани теъдоди талаботи ҳатмии стандартҳо ва талабот нисбати монеаҳои техникии дар Созишномаи СУС дарҷгардида мебошад. Риояи он барои фаъолияти ҷумҳурӣ дар ин ташкилоти байналхалқӣ зарур мебошад.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисгон аз 12 феврали соли 2010 тахти № 54 «Дар бораи тасдиқи стратегияи рушди инфрасохтори миллии сифат дар Ҷумҳурии 'Гоҷикистон барои солҳои 2010-2012 ва Нақшаи чорабиниҳо доир ба ислоҳоти системам танзими техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар марҳилаи якум мақомоти мтшлии стандартизатсия таъсис дода мешавад. Мақомоти мазкур дайлатӣ буда, вазифаҳои асосии он аз ташкил ва ҳамоҳангсозии корҳо дар соҳаи стандартизатсия, таъсиси кумитаҳои техникӣ оид ба таҳияи стандартҳои давлатӣ ва фонда давлатии иттилоотии стандартҳо иборат мебошад.

Минбаъд бехатарии маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ дар асоси регламентҳои техникӣ тибқи Қонун «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» таҳия шуда, назорати давлатӣ оид ба риояи онҳо таъмин карда мешавад. Дигар намуда ҳуҷҷатҳои стандартизатсия, ки вазорату идораҳо, ташкилотҳои истеҳсолӣ

ва шахсони инфиродӣ таҳия месозанд, бо тартиби озод қабул ва истифода карда мешаванд.

Дар маҷмӯъ қонун пурра ба талаботи Созишномаи СУС оид ба монеаҳои техникӣ дар савдо ва принсипҳои байналхалқии эътирофшуда ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон қонуни мазкур ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, ҳамоҳанг карда шудааст.

Қонуни мазкур аз 4 боб ва 20 модда иборат мебошад ва силсилаи қонунҳоро оид ба танзими техникӣ нисбати соддагардонӣ, ки бартараф намудани монеаҳои техникӣ ва ҳамоҳангсозии расмиятҳои савдои берунаро ифода менамояд, давом медиҳад.

Регламента техникӣ ва стандартҳоро ҳамчун баҳои мувофиқ ба мол (бор, маҳсулот) ҷиҳати таъмини бехатарӣ дар савдои ҷаҳонӣ меноманд. Байни регламента техникӣ ва стандарт, пеш аз ҳама, пайвастагию алоқамандии доимӣ ҳукмфармост. Истифодаи стандартҳо ихтиёрӣ мебошад, вале дар муайян намудани сифати маҳсулот регламента техникӣ стандартҳоро ҳамчун асос истифода мебарад.

Бо вуҷуди ин байни регламенти техникӣ ва стандарт ҷиҳатҳои фарқкунанда низ мавдуданд.

Регламенти техникӣ санади меъёрии техникӣ мебошад, ки дар раванди бамеъёрдарории техникӣ таҳия шуда, талаботи техникии риояашон ҳатмиро вобаста бо бехатарии маҳсулот, раванди коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисми бехатарӣ муқаррар менамояд.

Стандарт ҳуҷҷатест, ки қоида, дастур ва ё тавсифҳои ба маҳсулот дахлдошта, аз ҷумла раванду усулҳои истеҳсолотро фарогир аст, ки интихоби онҳо бо мақсади истифода ихтиёрӣ мебошад. Инчунин стандарт метавонад танҳо талабот нисбати истилоҳот, ишора, борҷома, тамгагузорӣ ва бастабандиро ба дараҷае, ки онҳо ба маҳсулот, раванд ва ё усулҳои истеҳсолот истифода мешаванд, дар бар гирад.

Регламенти техникиро Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, стандартро бошад мақомоти ваколатдор оид ба стандартизатсия. Интихоби стандартҳо бо мақсади истифода

ихтиёрӣ буда, регламентҳои техникӣ қисми қонунгузориро ташкил медиҳанд.

Стандартҳоро барои сертификатсияи маҳсулот, истинод дар қонунгузорй ва харидуфурӯш истифода мебаранд.

## 1.21. МАФҲУМҲОИ АСОСИИ БАМЕЪЁРДАРОРИИ ТЕХНИКӢ

Хуҷҷати асосие, ки шарҳу эзоҳи бамеъёрдарории техникиро дар бар мегирад, Қонун «Дар бораи бамеъёрдарории техники» мебошад. Қонуни мазкур танзими муносибатҳоеро, ки ҳангоми тақия ва тасдиқи талаботи техникии иҷрояшон ҳатмӣ нисбат ба маҳсулот, раванди коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди парговҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисми бехатарӣ ба амал меоянд, танзим намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни ин муносибатҳоро муқаррар менамояд.

Дар ин ҳуҷҷаги меъёрӣ номгӯйи истилоҳот ва мафҳумҳои аеосие ворид шудаанд, ки барои амалигардонии соҳаи бамеъёрдарории техникӣ зарурат доранд:

**объектҳои бамеъёрдарории техникӣ** - маҳсулот, раванди коркард, истеҳеол, истифодабарӣ, нигохдорӣ, интиқол, фурӯш, истифодаи партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисмати бехатарй;

**талаботи техникӣ** - меъёр, қоида, хусусият ва (ё) талаботи дигари техникӣ нисбат ба объекти бамеъёрдарории техникӣ;

**бамеъёрдарории техникӣ** - фаъолият оид ба муқаррар намудани талаботи техникии риояашон датмй, ки ба бехатарии маҳсулот, раванди коркард, истеҳсол, истифодабарй, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонй дар қисмати бехатарй алоқамананданд;

**бехатарии маҳсулот, раванди коркард, истехсол, истифодабарй, нигохдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, ичрои кор ва хизматрасонй** - мувофиқати маҳсулот, раванди коркард, истеҳсол, истифодабарй, нигоҳдорй, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонй ба талаботи техкикй, ки вуҷуд надоштани хатари норавои зараровар ба ҳаёту саломатй ва ирсияги инсон, молу мулк ва муҳити зистро пешбинй менамояд;

**регламента техникӣ** - санади меъёрии техникӣ, ки дар раванди бамеъёрдарории техникӣ таҳия шуда, талаботи техникии риояашон ҳатмиро вобаста бо бехатарии маҳсулот, раванди коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисми бехатарӣ мукдррар мекунад;

**ҳуҷҷати ҳамоҳангшуда** - ҳуҷҷати меъёрии техникӣ, ки дорой маҷмӯи талабот буда, иҷрои онҳо мутобиқати маҳсулот, раванди коркард, истеҳсол, истифодабарй, нигоҳдорй, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасониро дар қисми бехатарӣ ба талаботи регламентҳои техникй таъмин менамояд;

**бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии техникӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникй** - аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии масъули ташкили корҳои бамеъёрдарории техникй ба қайд гирифтани санад ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникй дар соҳаи бамеъёрдарории техникй бо мақсади баҳисобгирӣ ва мушобеҳгардонии (идентификатсияи) онҳо;

**системаи бамеъёрдарории техникй** - маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқй, санадҳои меъёрии техникй ва ҳуҷҷатҳо нисбати бамеъёрдарории техникй, субъектҳои бамеъёрдарории техникй, инчунин қоида ва расмиёти фаъолияти система дар маҷмӯъ;

**эҳтимолияти (презу мнении) мутобиқат** - эътирофи расмии дал ели мутобиқат ба талаботи муқарраршуда, то вақте ки номувофиқатии он исбот нашудааст;

**назорати давлатй дойр ба иҷрои талаботи регл аментхои техникй** - назорати доимии мутобиқати маҳсулоти муомилотй нисбат ба регламентҳои техникй;

**тасдиқи мутобиқат** - гувоҳии далелнокӣ дар асоси қарори пас аз санҷиш қабулшуда дар хусуси он, ки иҷрои талаботи додашуда исбот гардидаанд;

**усулҳои ташхис** - тартиботи муайянкунии як ва ё якчанд хусусиягҳои объектҳои бамеъёрдарории техникй;

**нишони мутобиқат ба регламенгҳои техникй** - ишорате, ки барои иттиллои харидорон дар бораи гузариши маҳсулот аз тартиботи тасдиқи мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникй хизмат мекунад;

**гузоштани нишони мутобиқат ба объектҳои бамеъёрдарории техникй** - гузоштани акси нишони мутобиқат ба регламентҳои

техникӣ бевосита ба маҳсулоте, ки тартиботи тасдиқи мутобиқагро гузаштааст ё дар ҳуҷҷатҳои техникии маҳсулоти мазкур;

**фонди миллим санадҳо ва хуччатхои меъёрии техникӣ дар сохаи бамсьёрдарории техники** - маҷмӯи регламентҳои техникӣ, ҳуҷҷатҳои хамоҳангшуда ва дигар ҳуҷҷатҳои соҳаи бамеъёрдарории техникӣ, ки дар шакли санади қоғазӣ ва ё электронӣ нигоҳ дошта мешаванд.

## 1.22. МАҚСАД В А ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ БАМЕЪЁРДАРОРИИ ТЕХНИКИ

Дар моддаи панҷуми Қонун «Дар бораи бамеъёрдарории техники» мақсадҳои зерини амалӣ гардидани бамеъёрдарории техники ифода ёфтаанд:

- муҳофизати ҳаёту саломатӣ ва ирсияти инсон, молу мулк ва ҳифзи муҳити зист;
- ҳифзи ҳаёту инкишофи муътадили хайвоноту наботот;
- пешгирии амалияи назарфиребӣ;
- таъмини андозагирии ягона;
- таъмини амнияти миллӣ;
- истифодаи оқилонаи захираҳо;
- ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ.

Таҳияи регламентҳои техникӣ барои мақсадҳои дигар иҷозат дода намешавад.

Барои иҷрои мақсадҳои мазкур Агентии Тоҷикстандарт фонда стандартҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро омухта, номгӯйи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникии талаботашон ҳатмӣ (регламентхои техникии муваққатӣ)~ро таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Ҳамин тариқ, бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №704 аз 30 декабри соли 2009 1121 адад ҳуҷҷатҳои меъёрии техникии талаботашон ҳатмӣ ҳамчун регламентҳои техникии муваққатӣ тасдиқ карда шуданд. Баъд аз қабули ин ҳуҷҷатҳо дар Агентии Тоҷикстандарт ҳамаи коргузории соҳаи назорати давлатӣ, сертификатсия, ташхиси маҳсулот дар асоси талаботи регламентҳои техникии муваққатӣ ба роҳ монда шудаанд.

Ҷихати иҷрои талаботи қонуни мазкур «Стратегияи рушда инфрасохтори Миллии сифат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

солҳои 2010-2012» ва Нақша чорбиниҳо доир ба ислоҳоги соҳаи танзими техникӣ таҳия гардида, бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистои тахти №34 аз 12 феврали соли 2010 кабул гардидаанд.

Бо мақсади татбиқ намудани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» Агентии Тоҷикстандарт лоиҳаи Қарори Хукумати Ҷумхурии Тоҷикистонро «Дар бораи Барномаи таҳияи регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2014» ва «Дар бораи Барномаи тахияи регламентной техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2016» таҳия намуда барои мувофиқагардонӣ ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод намудааст. Барномаҳои мазкур бо ҳамаи вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа гардонида шудаанд.

Бо Фармоиши Хукумати Ҷумхурии Тоҷикистон соли 2013 «Барномаи таҳияи регламентҳои техникӣ барои солҳои 2013-2014» ва соли 2015 «Барномаи таҳияи регламентҳои техникӣ барои солҳои 2015-2016» тасдик карда шудаанд. Инчунин ба Агентии Точикстандарт дар якчоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шудааст, ки иҷрои онҳоро дар муҳлагҳои муқарраргардида таъмин намоянд. Таҳия ва қабули регламентҳои техникӣ ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои техникӣ дар савдои байналхалқӣ, таъмини бехатарии бозори истеъмолии мамлакат ва рушди истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ замина мегузорад

Барномаи таҳияи регламентной техкикӣ барои соли 2013-2014 таҳия ва тасдиқи 8 регламента техникии зеринро дар навбати аввал пешбинӣ намудааст:

1. Бехатарии мавод ва махсулоти сохтмон
2. Бехатарии бензин, сӯзишвории дизелӣ ва мазут;
3. Тамгагузории маҳсулоти хӯрокворӣ;
4. Бехатарии хӯроки чорво ва иловагинои он;
5. Бехатарии маҳсулота шарбатӣ аз мева ва сабзавот;
6. Бехатарии таҷҳизоти пастшиддат;
7. Бехатарии асбобнои бо сузишвории газмонанд амалкунанда;
8. Бехатарии маҳсулоти таъиноти кӯдакона ва наврасон.

Мувофиқи «Барномаи таҳияи регламентной техникӣ барои солҳои 2015-2016» таҳия ва тасдики 7 регламента техникии зерин пешбинӣ шудааст:

1. Бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ;
2. Бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ;
3. Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ;
4. Бехатарии маҳсулоти мебелӣ;
5. Бехатарии бозичаҳо;
6. Бехатарии маҳсулоти тамоку;
7. Бехатарии борҷома.

Дар барномаҳо номгӯйи регламентҳои техникӣ, мақсади таҳияи регламентной техникӣ, объектҳои бамеъёрдарорӣ, иҷрокунандагони масъул, аъзоёни гуруни корӣ аз хисоби вазорату идораҳои дахлдор ва муҳлати иҷроиши онҳо муқаррар гардидаанд.

Аз тарафи Агентии Тоҷикстандарт Огоҳинома дар бораи огоз ва анҷоми таҳияи лоиҳаҳои регламентной техникӣ тартиб дода шудаанд. Дар огоҳинома номгӯйи регламента техникӣ, мақсади таҳия, объектҳои бамеъёрдарории техникӣ, иҷрокунандагони масъул ва муҳлати таҳия муқаррар гардидааст.

Огоҳинома дар бораи оғоз ва анҷоми таҳияи лоиқаи регламентной техникӣ

| № | Номгӯи регламенти техники | Максади гихия | Объектхои бамеьёрдарорй | Иҷрокунандаи масьул | Аъзоёни гуруҳи кори | Мухлати ичро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| г | Беха-тарии шир ва маҳсуло-ти ширӣ | Муқаррар намудани талаботи бехатарй | Шир ва махсулоти ширй, чараёнхои истехсол, нигохдорй, интиқол ва фурӯши он | Агентии стандартизат-сия, метро-логия, сертификация ва нозироти савдо, Вазо рати кишоварзй | Вазорати рушди иктисод ва савдо Вазорати тандурус-тй ва ҳифзи иҷтимоии ахолй, Вазорати саноат ва техиоло-гияхои нав | Ним-солаи П соли 2015 |
| 2. | Бехата-рии гӯшт ва махсул-оти ГӯШТӢ | Мукар-рар наму-дани талаботи бехатарй | Гӯигг ва махсулоти гуштй, чараёнхои истехсол, нигохдорй, интиқол ва фурӯши он | Агентии стандартизат-сия, метроло-гия, сертифи-кация ва нозироти савдо, Вазорати кишоварзй | Вазорати рушди иктисод ва савдо Вазорати тандурустй ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати саноат ва техноло-гияҳои нав | Ним-солаи 11 соли 2015 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3. | Бехата-рии махсу-лоти хӯрок-ворӣ | Мукаррар намудани талаботи бехатарӣ | Маҳсулоти хӯрокворӣ, ҷараёнҳои истеҳсол, нигохдорӣ, интиқол ва фурӯши он | Агентии стандартизатсия метрология, сертификатсия ва нозироти савдо | Вазорати рушди иқтисод ва савдо Вазорати тандурустӣ з а қифзи ИҶТИМОИИ аҳолӣ Вазорати саноат ва технолотияҳои нав | Нимсолан 11 соли 2015 |
| 4. | Бехата-рии махсулоти мебели | Мукаррар намудани талаботи бехатарӣ | Маҳсулоти мебелӣ | Агентии стандартизатсия метрология, сертификатсия ва нозиоотисавдо | Вазорати рушди иқтисод ва савдо Вазорати саноат ва технолог ияхои нав | Пимсолаи I соли 2016 |
| 5. | Бехата-рии бозичахо | Мукаррар намудани талаботи бехатарӣ | Бозичахо | Агентии стандартизатсия. метрология, сертификатсия ва нозироти савдо | Вазорати рушди иқтисод ва савдо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ИҶТИМОЙИ аҳолӣ Вазорати саноат ва технологияҳои нав | Нимсолаи I соли 2016 |
| 6. | Бехата-рии маҳсул-оти тамоку | Мукар-рар намуд-ани талабот ба махсул-оти тамоку | Маҳсулоти тамоку | Агентии стандартизат-сия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо | Вазорати рушди иқтисод ва савдо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Вазорати саноат ва технологияҳои нав | Нимсолаи 11 соли 2016 |
| 7. | Бехата-рии борҷома | Мукар-рар намуд-ани талаботи бехатарӣ | Борҷома | Агентии стандартизат-сия, метроло-гия, сертифи-катсия ва нозироти савдо | Вазорати рушди иқтисод ва савдо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ИҶТИМОИИ аҳолӣ Вазорати саноат ва технологияҳои нав | Ним-солаи 11 соли 2016 |

Огоҳинома дар бораи оғоз ва анҷоми баррасии лоиҳаи регламентной техникй

| | | |
|---|---|---|
| Номгӯйи регламенти техники | Бехатарии хӯроки чорво ва иловахои он | Бехагарии маҳсулоти шарбатй аз мева ва сабзавот |
| Асос барои таҳияи регламенти техникӣ | Фармоиши Хукумаги Ҷумхурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, №42-ф | Фармоиши Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, №42-ф |
| Объектҳои Бамеьёрдарорй | Хӯроки чорво ва иловагҳои он, равандҳои истехсол, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши он | Махеулоти шарбатӣ аз мсва ва сабзавот, равандҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши он |
| Ичрокукандаи масъул ва игтилооти робитавӣ | Агентам Точикстандарт Нозироти пахта | Агентии Тоҷикстандарт; Раёсати бамеъёрдарории техникӣ |
| Санаи огози таҳияи регламенти техникӣ | 01.03.2014. | 01.03.2014. |
| Санаи анҷоми таҳияи регламенти техникӣ | 01.05.2014. | 01.05.2014. |

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 681 аз 31 октябри соли 2014 «Тартиби таҳия, тасдиқ, санчиш, аз нав дида баромадан, тагйир додан, бекор кардан, истифода, чопи расмии регламентҳои техникӣ, аз ҷумла регламентной техникии марбут ба маҳсулоти мудофиавӣ, огоҳинома ва нашри иттилоъ дар бораи онҳо» ва «Тартиби таъсис ва пешбурди Фонда миллии санадҳо ва хуҷҷатҳои меъёрии техникй дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ, инчунин истифодаи онҳо» қабул карда шуданд.

Бамеъёрдарории техникй ҳамчун намуди фаъолият ба маҷмӯи қоидаҳои асосии ибтидой - принсипҳо асос меёбад. Принсипҳои бамеъёрдарории техникй қонуниятҳои асосии раванди таҳияи регламентной техникиро ифода мекунанд, зарурати онро дар таъмини бехатарии маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ асоснок намуда, шароиги амалигардонии самаранок ва тамоюлоти инкишофи онро муайян менамоянд.

Тибқи ҳамин мод да бамеъёрдарории техникӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- истифодаи ҳатмии регламентҳои техники;
- истифодаи ихтиёрии ҳуҷҷатҳои ҳамохангшуда;
- эътирофи ҳаққонияти истифодаи ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда ҳангоми тасдиқи мутобиқат ба талаботи ҳатмии регламентҳои техники;
- дастрасии регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда, иттилоот дар бораи тартиби таҳия, тасдиқ ва нашри онҳо барои истифодабарандагон ва шахсони дигари манфиатдор;
- афзалияти истифодаи стандартной байналхалқӣ ва миллии бо стандартной байналхалқӣ ҳамоҳангшуда нангоми танияи регламентной техникӣ ва хуҷҷатнои намонангшуда;
- истифодаи дастоварднои илм ва техникаи муосир.

## 1.23. МУНДАРИҶАИ РЕГЛАМЕНТҲОИ ТЕХНИКӢ

Дар сонаи бамеъёрдарории техникй санад ва нуччатхои меъёрй ба намуднои зерин чудо мешаванд:

- регламентной техникӣ - санадхои меъёрии техникие, ки ичрои талаботашон натмй мебошад;
- нуччатнои хамонангшуда - нуччатнои меъёрии техникие, ки истифодаи онно ихтиёрӣ мебошад.

Регламента техникӣ номгӯйи ниноии талабота асосиро нисбати яке аз объектной стандартизатсия дар бар мегирад. Бояд қайд кард, ки на нама нуччати баъзе талаботи натмиро фарогиранда регламента техникӣ нисобида мешавад.

Регламентной техникй талаботи техникии риояашон натмии бехатарии мансулот, равандқои коркард, истенсол, истифодабарй, нигондорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовхои он, иҷрои кор ва хизматрасонй алоқаманданд. Инчунин онно номгӯй ва ё тавсифи объектной бамеъёрдарории техникии алоқамандеро дар бар мегиранд, ки талабота регламентной техникй нисбати онно муқаррар карда мешаванд.

Талаботи техникии риояашон натмй метавонанд нам бевосита дар матни регламентной техникй ва нам бо рони истинод ба нуччатнои дигари меъёрии техникй (ё қисми онно) ифода карда шаванд. Дар баробари ин нуччатнои меъёрии техникие (ё қисми онхо), ки дар регламентхои техникй ба онно

истинод шудааст, ҳатмӣ ҳисоб мешаванд, зеро онҳо вазъи қисми таркибии регламентной техникиро соҳиб мегарданд.

Нисбати таъмини бехатарӣ регламентной техиикӣ талаботи зеринро бояд дар бар гиранд:

- тавсифи муфассали хатари эҳтимолӣ бо зикри тарзу усулхои мушаххаси таъмини сатҳи матлуби бехатарӣ. Тавсифи мазкур барои назорат ва тасдиқи му гобиқат ба истифодаи усулҳои маъмули озмоиш бояд кифоя бошад;

- тавсифи ҷамъбастии хатари эҳтимолӣ бо муайянсозии сатҳи зарурии бехатарӣ бе муқаррар намудани усулҳои мушаххаси ноил шудан ба сатҳи мазкур. Истифодаи ин тавсиф таъсис додани маҷмӯи ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшударо, ки дар онҳо варианте таъмини мутобиқат, усулҳои озмоиш ва назорат пешкаш мешаванд, бояд ба инобат гирад.

Талаботи регламентҳои техники йнчунин х у су снята бехатарии маҳсулот, раванди коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интикол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасониро дар бар мегиранд. Истифодабарии талабот ба сохт ва иҷроиш дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки бидуни онҳо расидан ба мақсадҳои қабул намудани регламентҳои техникӣ гайриимкон бошад.

Ҳамчунин регламентной техникӣ қоидаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- қоида ва шаклҳои тасдиқи мутобиқат (аз он ҷумла нақшаҳои тасдиқи мутобиқат) ба талаботи регламентной техникӣ нисбати ҳар як объекти бамеъёрдарории техникӣ, аз ҷумла қоида ва усулҳои назорат, озмоиш ва андозагирӣ, ки барои тасдиқи мутобиқат заруранд;

- қоидаи тамғагузории объектҳои бамеъёрдарории техникӣ, ки мутобиқати онҳоро ба регламентной техникӣ тасдиқ мекунад;

- қоидаҳои тартибу роҳ додани маҳсулот ба бозор, аз он ҷумла муайян намудани масъулият барои ба фурӯш баровардани маҳсулоти хатарнок.

Иваз намудани талаботи регламентҳои техникӣ танҳо бо роҳи ворид намудани тагйиру иловахо мутобиқи тартиби барои регламентҳои техникӣ муқарраршуда амалӣ гардонида мешавад.

## 1.24. ТАРТИБИ ТАҲИЯ ВА ИСТИФОДАИ РЕГЛАМЕНТҲОИ ТЕХНИКӢ

Тартиби танияи регламентной техникӣ дар моддаи 14 боби 2 Қонун «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» муфассал баррасӣ гардидааст. Пеш аз бунёди лоиҳаи регламента техникй мафҳумҳои зерин бояд муайян ва мухтасар ифода ёбанд:

- объекте, ки нисбати он регламента техникй таҳия мегардад;
- мақсади таҳияи регламент;
- номгӯйи талаботи асосй нисбати объект;
- номгӯйи талабота асосие, ки нисбати объект дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд;
- номгӯйи стандартной байналналқие, ки нисбати объект талабот доранд.

Танияи регламентной техникӣ марналанои зеринро дар бар мегиранд:

**марҳалаи 1:** ҷамъоварии дархостно нисбати танияи регламента тенникӣ. Дар накши дархосткунанда метавонанд макомоти давлатй, ташкилотно, иттинодиянои чамъиятй, ҷамъиятнои илмиву техникӣ, ширкатно ва сонибкорони хусусй баромад намоянд.

**марҳалаи 2:** марналаи ташкилй. Дар ин марнала тамоми корно оид ба ташкили лоина аз ҷониби мақомоти иҷроияи нокимияти давлатӣ амалй гардонида мешавад.

**марналаи 3:** лоинаи регламента техникй дар танрири якум. Лоина бояд ба қонунгузории амалкунанда, қоида ва меъёрнои байналхалқй ва стандартной миллии кишварнои хориҷй мутобиқ гардонида шавад.

**марналаи 4:** интишори огонинома дар бораи танияи регламента тенникй. Лоинаи барномаи танияи регламентной техникй, лоинанои ворид намудани тагйиру илова ба барнома дар нашриянои расмии мақомота ваколатдори давлатй интишор карда мешаванд. Дар лоинаи барнома мунлат ва тартаби пешнинодот оид ба тагйироти он бояд нишон дода шаванд. Мунлати пешкаш кардани пешнинодот аз рӯзи нашри барнома бояд на камтар аз 60 ва на зиёда аз 90 рӯзи тақвимй бошад.

Огонинома дар бораи оғози танияи лоинаи регламентной техникй низ дар нашриянои расмии мақомоти ваколатдори давлатй интишор мешавад. Огонинома итталоотро дар бораи

объекты бамеъёрдарории техникӣ, ки нисбат ба он талаботи техникӣ муқаррар карда мешаванд ва иттилооти робитавиро дар бораи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ масъули таҳияи ин регламентҳои техникӣ, санаи оғоз ва анҷоми таҳияи регламента дахлдорро дар бар мегирад.

Талаботи мазкур ба лоиҳаи регламентҳои техникие, ки маълумоти марбут ба сирри давлатиро фарогир мебошанд, дахл надоранд. Мухлати баррасии лоиҳаи регламентҳои техникӣ аз рӯзи нашри онҳо на зиёда аз 90 рӯзи тақвимӣ муқаррар карда шудааст.

**марқалаи 5:** муҳокимаи оммавии лоиҳа. Дар асоси лоиҳаи регламента техникии дар нашрияҳои расмии мақомоти ваколатдори давлатӣ интишоргардида, субъектҳои манфиатдори соҳаи бамеъёрдарории техникй лоихаро баррасӣ намуда ба матни он тақриз пешниҳод менамоянд.

**марқалаи 6:** дастрас намудани тақризҳо ба лоиҳа.

**марҳалаи 7:** таҳлили тақризҳои дастрасшуда.

**марҳалаи 8:** такмили лоиҳа бо ворид намудани тағйиротҳое, ки тақризҳои хаттии субъектҳои манфиатдорро ба инобат мегиранд.

**мархалаи 9:** амалигардонии муҳокимаи оммавии лоиҳаи регламента техникӣ.

**марҳалаи 10:** қабули лоиҳа дар хониши якум.

**марҳалаи 11:** тартиб додани рӯйхати тақризҳои хаттии дастрасшуда бо гузоришоти хаттии ҳатмии моҳияти тақризҳо ва натиҷаи муҳокимаи онҳо.

**мархалаи 12:** гузаронидани экспертизаи лоиҳаи омодашудаи регламента техникй дар комиссияи экспертҳо доир ба бамеъёрдарории техникӣ.

**марҳалаи 13:** қабули лоиҳаи корк'ард ва омодашуда дар хониши якум.

Огоҳинома дар бораи ба анҷом расидани баррасии лоиҳаи регламента техникй дар нашрияи расмии мақомоти ваколатдори давлатй нашр карда мешавад. Аз рӯзи нашри огоҳинома номгӯй ва мундариҷаи эродҳои хаттии субъектҳои манфиатдори соҳаи бамеъёрдарории техникӣ барои шиносоӣ дастрас мебошанд (ба истаснои лоиҳаи регламентҳои техникие, ки маълумоти марбут ба сирри давлатиро дар бар мегиранд).

Бо назардошти ҳамаи эродҳои воридшуда дар муҳлати на дертар аз 90 рӯз баъди нашри огоҳинома дар бораи ба анҷом расидани баррасии лоиҳа,таҳрири хотимавии лоиҳаи

регламенти техникӣ омода карда мешавад. Баъд аз ин лоиҳаи регламента техникӣ бо маҷмӯи хуҷҷатҳои замимавӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ барон ташхиси мутобиқати он ба талаботи Қонуни мазкур ва пешниҳоди минбаъдаи он ба Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон барон тасдиқ манзур мегардад.

Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои замимавӣ маводҳои зеринро дар бар мегиранд:

- асоснок намудани зарурати қабули регламенти техникӣ бо зикри талаботе, ки аз муқаррароти стандартҳои байналхалқӣ (бо ишора ба онҳо) ё талаботи ҳатмии он, дар лаҳзаи таҳияи лоиҳаи регламенти техникӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда фарқ мекунанд;
- ҳуҷчагҳои тасдиққунандаи нашри огоҳинома дар бораи оғозу анҷоми баррасии лоиҳаи регламенти техникӣ;
- номгӯй ва моҳияти эродҳои хаттии шахсони манфиатдор бо қарори асоснок дар бораи бақайдгирӣ ё рад кардани онҳо.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ доранд дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ танҳо сакадҳои дорои хусусияти тавсиявиро нашр кунанд (ба истисноии ҳолатҳое, ки талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, тартиби таҳия, тасдиқ, тағйир додан, бекор кардан, истифода ва нашри расмӣ нисбат ба маҳсулоти мудофиавие, ки барои эҳтиёҷоти давлатӣ интиқол ёфтааст, аз ҷонкби Ҳукумати Ҷумқурии Тоҷикистон ва ё бо супориши он аз тарафи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Точикистон муқарраргардида, ҳатмӣ ҳисобида мешавад).

Регламентҳои техникӣ, новобаста аз мамлакат ва ё макони тавлиди он як хел ва баробар истифода бурда мешаванд. Иҷрои талаботи регламентҳои техникии тасдиқшуда барои субъекгҳои бамеъёрдарории техникӣ ҳатмӣ мебошад.

Муҳлати татбиқи регламентҳои техникӣ бо назардошти мухдате, ки барои татбиқи чорабиниҳо оид ба таъмини риояи талаботи он зарур аст, муқаррар карда мешавад. Муҳлати мазкур (ба истисноии ҳолатҳое, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани таҳдиди бевосита ба ҳаёт, садоматии инсон, молу мулк ва муҳити зист Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон бе риоя намудани тамоми расмиёти пешбининамудаи Қонуни мазкур метавонад дар бораи татбиқи мувакқатии регламентной техникии дахлдор қарор қабул намояд) аз рӯзи нашри хабари расмӣ дар бораи тасдиқи регламентҳои техникӣ бояд на камтар аз 6 моҳ бошад.

Регламентной техникӣ усулҳои назорат, андозагирӣ, сертификатсия ва озмоиши талаботи дар он (ва ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшудаи дорои эҳтимолияти мутобиқат) 'муқаррар-шударо бояд дар бар гиранд. Дар акси ҳол регламентной техникӣ мавриди амал қарор дода намешаванд.

Ҳангоми истенсоли мансулоти содиротӣ, ки дар шартномаи он нисбат ба талаботи регламента техники талаботи дигар муайян шудааст, ба истисної талаботи регламентной техникӣ дар бобати раванди истенсол, нигохдорӣ ва интиқоли маҳсулот, ки дар **нудуди** Ҷумнурии Тоҷикистон амал мекунанд, шартнои шартнома қабул карда мешаванд.

## 1.25.СОХТОРИ РЕГЛАМЕНТҲОИ ТЕХНИКӢ

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумнурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» стандартной байналхалқӣ бояд пурра ва ё қисман барои танияи регламентной техникӣ намчун асос истифода шаванд (ба истисноі нолатное, ки чунин истифода бо хусусиятнои икдимӣ, ҷуғрофӣ, техникӣ ва технологии Ҷумнурии Тоҷикистон ғайриимкон дониста шудааст ва ё бо дигар асосно ва ё агар Ҷумнурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамуда ба қабули стандартной байналхалқӣ ва ё низомнои алонидаи онно муқобил бошад).

Стандартной байнидавлатӣ (минтақавӣ), давлатӣ ва стандартной миллӣ, инчунин регламентной техникӣ ва стандартной дигар давлатно метавонанд намчун асос барои танияи регламентной техникӣ истифода шаванд (ба истисноі нолатное, ки чунин нуҷҷатно метавонанд барои таъмини мақсаднои регламентной тенникӣ корношоям ё бесамар бошанд).

Созишномаи СУС/МТС пайванднои стандартии сохтори регламентной техникиро (расми 1.5) муқаррар намудааст.

Одатан ҷорӣ намудани регламента техникӣ қарори расмии мақомоти нукуматиро талаб менамояд, ки он бо мақсади таъмини саломатӣ ва бехатарии шанрвандон, ё мавҷуд будани хатар барои мунити зист зарурати дахолат ба бозорро асоснок менамояд. Пас аз он сиёсат ба танияи қонунгузорӣ оварда мерасонад ва воситае нисоб мeёбад, ки нукумат бо ёрии он самараи дахолати банақшагирифташударо бояд нишон динад.




Расми 1.5. Пайвандҳои стандартии сохтори регламентҳои техникӣ

Амалигардонии баҳодиҳии нуфуз барои муайян намудани таъсири регламентҳои техникии баррасишаванда ба савдо бо мақсади муайян кардани тағйирёбии арзиш, манфиат барои тамоми ҷамъият ё гурӯҳи муайян ва имконняти ноил гардидан ба натиҷаи талаботӣ бо истифодаи чораҳои камташвиш амалияи хуб ҳисобида мешавад. Регламентҳои техникии мавҷуда ду қисмати асосӣ доранд, ки онҳо дар Созишномаи СУС/МТС ишора шудаанд: тавсифи маҳсулот ё раванд ва тартиботи маъмурӣ. Созишномаи мазкур талаб менамояд, ки тавсифи маҳсулот ё раванд (ё талаботи техники) бояд ба стандартҳои байналхалқӣ асос ёбанд.

Тартиботи маъмурӣ талаб менамоянд, ки бояд мақоми танзимкунанда таъин карда шавад, яъне оҷонсие, ки он регламентҳои техникиро дар сатҳи миллӣ мавриди амал карор дода, мувофиқи ин регламент нақши мақомоти муҷозотиро иҷро менамояд. Чунин нақшро одатан департамента ҳукумагӣ ё мақомоти танзимкунанда иҷро мекунад, ки он махсус барои иҷрои мақсадҳои мазкур таъсис дода мешавад. Меъёри асосӣ -

мақомот бояд мутобиқан ваколатдор ва аз амалҳои нисбаташ номатлуби ҳуқуқӣ маҳфуз бошад.

Натиҷаи тасдиқи мутобикат ба мақомоти танзимкунанда имкон медиҳад 1шсбати қарорҳои қабулшуда доир ба қобили қабул будани маҳсулот дар бозор маълумот дошта бошад. Амалигардонии тасдиқи мутобиқатро метавонад мақомоти танзимкунанда муқаррар намояд, инчунин пешниҳодкунанда ё провайдери ваколатдори новобастаи чунин хизматрасониҳо иҷро намоянд. Мақомоти танзимкунанда бо тартиби яктарафа метавонад сертификатҳоро қабул намояд, ё ҳатто созишномаи дуҷонибаи ҳукуматӣ баста шавад, бинобар ин имкониятҳои зиёд мавҷуданд.

Хулоса, ҳангоми ба талаботи регламентҳои техникӣ ҷавобгӯй набудани пешниҳодкунанда ё маҳсулот муҷозоте ба таври маъмурӣ (масалан, истиснои маҳсулот аз бозор) ё чораҳои судӣ зарур аст.

## 1.26. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ РЕГЛАМЕНТҲОИ ТЕХНИКӢ

Тибқи муқаррароти Қонун «Дар бораи бамеъёрдарории техникй» қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бамеъёрдарории техникӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Чумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналхалқие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Дар асоси сарсухани қонуни зикршуда асосҳои ҳуқуқии он муносибатхои ҳангоми гаҳия ва гасдиқи талаботи техникии иҷрояшон ҳатмӣ нисбат ба маҳсулот, раванди коркард, истеҳсол, истифодабарй, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонй дар қисми бехатарй ба амалояндаро танзим намуда, ҳуқуқу ухдадориҳои иштирокчиёни ин муносибатҳоро муқаррар менамоянд.

Муқаррароти умумй мафҳумҳои асосии барои бамеъёрдарории дар қонуни мазкур истифодашударо дар бар мегирад. Чуноне ки дар моддаи 3 омадааст, манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ташкилотҳои байналхалқй, ки фаъолияти бамеъёрдарории техникиро амалӣ менамоянд, Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ваколатдори

давлатӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, намояндагӣ мекунанд.

Дар моддаи 4 субъектҳои зерини бамеъёрдарории техникӣ муқаррар карда шудаанд:

- мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ;
- шахсони бе ҳуқуқи шаҳрвандӣ.

Мақсадҳои амалигардонӣ ва принсипҳое, ки ба он бамеъёрдарории техникӣ асос меёбад, дар моддаи 5 ифода ёфтаанд.

Дар боби дуюми қонун танзими давлатӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ тавсиф карда шудаанд. Санадҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ дар боби минбаъда муқаррар карда шудаанд. Моддаҳои ин боби қонун инчунин мақсадҳои таҳия, мундариҷа, тартиби таҳия ва истифодаи регламентҳои техникӣ, талабот ба ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда, талаботи асосӣ барои таҳия, қабул, тағйирот ва бекор кардани ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда, нишонаҳои мутобиқат ба регламентҳои техникӣ ва маълумот дар бораи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ ҳамоҳангшударо дар бар мегиранд.

Муқаррароти хотимавии қонун манбаъҳои маблағгузории корҳои бамеъёрдарории техникӣ ва тартиби давраи гузариши Қонуни мазкурро муқаррар менамояд. Тибқи моддаи 24, пас аз мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур (1 январи соли 2010) дар муддати 7 сол бар ивази ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳатмии (регламентҳои техникии муваққатии) амалкунандаи соҳаи бамеъёрдарории техникӣ бояд регламентҳои техникӣ таҳия ва Қабул карда шаванд. Баъди ба анҷом расидани муҳлати мазкур ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳатмии (регламентҳои техникии муваққатии) амалкунанда ва тағйироти минбаъдаи онҳо беэътибор дониста мешаванд.

Дар асоси муқаррароти қонуни мазкур солҳои наздик низоми истифодаи ҳатмии талаботи техникӣ тамоми марҳалаҳои истеҳсоли мол, аз он ҷумла марҳалаҳои ворид шудан ва муомилоти молро дар бозор фаро гирифта, нисбати онҳо

талаботи меъёрҳои ҳуқуқии байналхалқӣ пешниҳод карда мешаванд.

Ба ин меъёрҳои ҳуқуқӣ дар навбати аввал, Созишномаҳои бисёрҷонибаи тиҷоратии дар доираи фаъолияти СУС қабулшуда мансубанд. Яке аз шаргҳои асосии воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС мутобиқат ба принсипҳои асосии бамеъёрдарории техники ҳисоб меёбад, ки дар ҳуҷҷатҳои зерин тасвия шудааст: «Созишнома оид ба монеаҳои техникӣ дар савдо», «Созишнома оид ба истифодаи чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ», «Кодекси амалияи муносиб».

Кодекси амалияи муносиб ба ҳалли масъалаҳои бартараф намудани монеаҳои техникӣ равона карда шуда, тартиби баҳодиҳии мутобиқат ва стандартҳоро тавсия менамояд. Дар ин ҷо диққати асосӣ ба он лаҳза равона карда мешавад, ки тартиботи мазкур аз ҳад зиёд серхароҷот ва маҳдудкунанда нагардидаанд. Чунин холат барои амалигардонии баҳодиҳии мутобиқати маҳсулот ба талабот ва стандартҳои кишвари содиркунанда зарур мебошад. Бинобар ин, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бамеъёрдарории техникӣ ба бунёди низоми дусатҳаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ равона карда шудаст. Дар навбати аввал ин регламентҳои техникӣ, ки дар онҳо талаботи иҷрояшон ҳатмӣ ишора шудаанд ва дар навбати дуюм, стандартҳои интихобашон ихтиёрӣ мебошанд.

## Саволҳои назоратӣ

1. Аввалин намунаҳои стандартӣ кадомҳоянд?
2. Стандартизатсия кай ба вуҷуд омадааст?
3. Нахустин ташкилотҳои соҳаи . стандартизатсияи ҶТ кадомҳоянд?
4. Тоҷикстандарт кай ташкил шудааст?
5. Мафҳумҳои асосии стандартизатсияро номбар кунед.
6. Мафҳуми стандартро шарҳ диҳед.
7. Муродифҳои тоҷикии мафҳуми «стандарт» кадомҳоянд?
8. Ҷумҳурии Тоҷикистон хай ба узвияти СУС қабул карда шуд?
9. ҶТ аъзои кадом ташкилотҳои минтақавӣ ва байналхалқии сохаи стандартизатсия мебошад?
10. Мақомот ва хадамоти стандартизатсияро номбар кунед.
11. Макомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия кадом ваколатҳсро дорад?

12. Мақомоти минтақавии Тоҷикстандарт кадомҳоянд?
13. Кумитаҳои техникӣ бо кадом мақсад созмон до да мешаванд?
14. Вазифаҳои асосии кумитаҳои техникиро номбар кунед.
15. Кумитаи техникӣ оид ба стандартизатсия кадом ваколатҳоро дорад?
16. Ба ҳайати кумитаҳои техникӣ оид ба стандартизатсия киҳо дохил мешаванд?
17. Дар Тоҷикстандарт кадом кумитаҳои техникӣ ташкил карда шудаанд?
18. Низоми давлатии стандартизатсия бо кадом мақсад ташкил карда мешавад?
19. Низоми давлатии стандартизатсия чиро ифода менамояд?
20. Низоми давлатии стандартониро кадом стандартҳо ташкил медиҳанд?
21. Низоми давлатии стандартизатсия чиҳоро дарбар мегирад?
22. Объектҳои стандартизатсияро номбар кунед.
23. Иштирокчиёни корҳо оид ба стандартизатсия киҳо мебошанд?
24. Мақсади стандартизатсия чист?
25. Созишномаи СУС кадом мақсадҳои стандартизатсияро муқаррар намудааст?
26. Стандартизатсия ба кадом ҷиҳатҳо мусоидат менамояд?
27. Қонуни ҶТ «Дар бораи стандартизатсия» кадом мақсадҳои стандартизатсияро муайян намудааст?
28. Принсипи стандартизатсия чист?
29. Созишнома оид ба МТС кадом принсипҳои стандартизатсияро муайян кардааст?
30. Дар ҶТ стандартизатсия ба кадом принсипҳо асос меёбад?
31. Дар ҶТ кадом ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсия амал мекунанд?
32. Стандартҳои байналхалқӣ ва миллии дигар мамлакатҳо дар кадом асос қабул мешаванд?
33. Тартиби истифодаи стандартҳои байналхалқӣ, минтақавӣ ва стандартҳои миллии дигар кишварҳоро кадом мақомот муайян менамояд?
34. Стандартҳои давлатиро киҳо таҳия намуда метавонанд?
35. Стандарти соҳаро кадом мақомот таҳия ва қабул менамояд?
36. Шартҳои техникиро киҳо истифода мебаранд?
37. Намудҳои стандартро номбар кунед.

38. Стандартҳои бунёдй кадом талаботро муқаррар менамоянд?
39. Ба стандартҳои бунёдӣ чиҳо тааллуқ доранд?
40. Стандарт барои маҳсулот кадом талаботро муқаррар мекунанд?
41. Дар стандарт барои раванд чиҳо муқаррар карда мешаванд?
42. Стандарт барои усулҳои назорат нисбати кадом амалҳо талабот муқаррар менамояд?
43. Кадом сатҳҳои сгандартониро медонед?
44. Дараҷаҳои стандартро номбар кунед.
45. Таснифгари иттилооти техникию иқтисодӣ чӣ гуна ҳуҷҷат аст?
46. Дар ҶТ кадом таснифгарон мавриди истифода қарор доранд?
47. Объектҳои қоидаҳои стандартизатсия кадомҳоянд?
48. Манбаъҳои зарурат дар стандарт кадомҳоянд?
49. Санҷиши стандартҳои давлатӣ бо кадом мақсад гузаронида мешавад?
50. Дар кадом ҳолат стандарт ҳамчун регламента техникй истифода мешавад?
51. Таҳияи стандартҳои бай налхалкй кадом марҳалаҳоро дар бар мегирад?
52. Давраҳои асосии таҳияи стандартной байналхалқй кадомҳоянд?
53. Марҳилаҳои асосии таҳияи стандартной давлатиро номбар кунед.
54. Дархостро оид ба таҳияи стандарт киҳо пешнинод карда метавонанд?
55. Таҳияи стандарт дар кадом асос амалӣ гардонида мешавад?
56. Стандартной давлатй дар кадом асос таҳия ва тасдиқ карда мешаванд?
57. Нашр ва паҳн намудани хуҷҷатҳои стандартизатсияро киҳо амалӣ мегардонанд?
58. Иҷрои талаботи стандарт кадом вақт ҳатмӣ мебошад?
59. Стандарт кадом ҷузъиёти сохториро дар бар мегирад?
60. Талабот ба объектной стандартизатсия дар кадом намуди стандартно муқаррар карда мешаванд?
61. Ишорати стандарта давлатй аз чиҳо иборат аст?
62. Талабот ба ишорати стандарт дар кадом стандарт муқаррар карда шудааст?

63. Усули стандартизатсия чиро ифода менамояд?
64. Дар стандартизатсия кадом усулҳо истифода мешаванд?
65. Мақсадхои асосии соддакунии объектхои стандартизатсия кадомҳоянд?
66. Параметри махсулот чиро ифода мекунад?
67. Моҳияти шаклбандии объектҳои стандартизатсия дар чӣ ифода месбад?
68. Ҳамгунасозии маҳсулот дар кадом самтҳо амалӣ гардонида мешавад?
69. Мақсади агрегатонӣ чист?
70. Мақсадҳои асосии стандартизатсияи маҷмӯӣ кадомҳоянд?
71. Назорати давлатии риояи талаботи стандартҳои давлатӣ бо кадом максад амалӣ гардонида мешавад?
72. Вазифаи асосии назорати давлатии риояи талаботи стандартҳои давлатӣ кадом амалҳо ҳисоб меёбанд?
73. Объектҳок назорати давлатии риояи талаботи стандартҳои давлатӣ кадомҳоянд?
74. Назорати давлатии риояи талаботи стандартҳои давлатӣ дар кадом шаклҳо гузаронида мешавад?
75. Стандарт чист?
76. Стандартизатсия аз кадом соҳахо иборат аст?
77. Зарурат дар стандартҳо чӣ гуна ба амал меоянд?
78. Мақомоти асосии ғайриҳукуматӣ оид ба стандартизатсия кадомхоянд?
79. Ташкилотҳои асосии байниҳукуматӣ оид ба стандартизатсияро номбар кунед.
80. Ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи стандартизатсия чӣ гуна амалӣ мега рдад?
81. Вазифаҳои асосии ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи стандартизатсия кадомҳоянд?
82. Дар соҳаи стандартизатсияи байналхалқӣ кадом ташкилотҳо иштирок менамоянд?
83. Стандартҳои ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартизатсия бо кадом тартиб таҳия мешаванд?
84. Ишорати стандартҳои байналхалқӣ, байнидавлатӣ (минтақавӣ) ва давлатиро бо мисолҳо фахмонед.
85. Қонуни ҶТ «Дар бораи стандартизатсия» кай қабул карда шудааст?
86. Қонуни ҶТ «Дар бораи стандартизатсия» чиҳоро муайян менамояд?

87. Ҳадафи қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи стандартизатсия» аз чӣ иборат аст?
88. Қонуни ҶТ «Дар бораи бамеъёрдарории техники» кай қабул карда шудааст?
89. Қонуни ҶТ «Дар бораи бамеъёрдарории техники» танзими кадом муносибатҳоро дар бар мегирад?
90. Регламента техники чист?
91. Бамеъёрдарории техники бо кадом мақсадҳо амалӣ гардидааст?
92. Бамеъёрдарории техникӣ ба кадом принсипҳо асос меёбад?
93. Танзими давлатӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ чиҳоро дар бар мегирад?
94. Кадом санад ва ҳуҷҷатҳои меъёрии бамеъёрдарории техникиро медонед?
95. Нисбати таъмини бехатарӣ регламентхои техникӣ кадом талаботро зарур медонанд?
96. Регламентҳои техникӣ кадом қоидаҳоро дар бар мегиранд?
97. Субъектҳои бамеъёрдарории техникӣ киҳоянд?
98. Тахияи регламентхои техникӣ кадом марҳалаҳоро фаро мегирад?
99. Ҳуҷҷатҳои замимавии регламентхои техникӣ кадом масъалаҳоро дар бар мегиранд?
100. Дар кадом ҳолатхо стандартҳои байналхалкӣ ҳамчун асос барои таҳияи регламентхои техникӣ истифода намешаванд?
101. Созишномаи СУС/МТС кадом пайвандҳои стандартии сохтори регламентхои техникиро муқаррар намудааст?

# I I. МЕТРОЛОГИЯ

*«Акнун агар муҳандис бошӣ ва массоҳ дар ҳисоб қодир бош, зинҳор, ки як соат бе такрори ҳисоб набошӣ, ки илми ҳисоб илми ваҳшӣ аст. Пас агар замине паймоӣ, ... пагуӣ, ки оиро бар як масоҳат бикунам ва боқӣ ба тахмин, ки ҳисоби масоҳат тафовути бисёр оварад.»*

## 2.1. МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР АЗ ТАЪРИХИ РУШДИ МЕТРОЛОГИЯ

Метрология *{юн. metre чепак, metreo чен мекунам + logos илм*) ҳамчун илм ва соҳаи фаъолияти амалй дар давраҳои қадим ба **вучуд** омадааст. Дар рушди ҷамъияти инсонй асоси муносибат андозагириҳо ҳисоб меёфтанд. Баробари ин нисбати андоза, шакл, хосияти ашё ва ҳодисаҳо, инчунин қоида ва тарзҳои муқоисаи онҳо тасаввуроти муайян пайдо карда мешуданд. Парокандагии сарзаминҳо ва сокинони OIEXO боиси ҷудогонагии ин қоида ва усулҳо гардиданд. Дар натича барои андозагирии худи ҳамон як бузургй воҳидҳои гуногун истифода мешуданд.

Воҳидҳо ва андозаи онхо дар замонҳои қадим одатан мутобиқи имконияти муайян намудани онхо (бе таҷҳизоти махсус, бо он чизе, ки дастрас буд) номгузорй мешуданд. Дар манотиқи Осиёи Миёна низ воҳидҳои чену вазни муайян мавҷуд буданд (замимаи 1). Ба сифати воҳиди дарозй газ, ёз (оринч), вачаб, исбаъ ё асбаъ (ангушт), фарсанг ва гайра истифода шудаанд. Воҳиди газ - олоти чӯбй ё оҳании ченкунӣ қабул гардида буд, ки барои андозагирии масофа, матоъ ва гайра истифода карда мешуд. Дар маҳалҳои гуногуни Осиёи Миёна воҳиди газ як хел набуд: дар асри XIX дар Бухоро 1 газ баробари 106,68 см, Самарканд - 88,9 см, холо бошад дар Эрон 1 газ ба104 см баробар аст.

Дар кишварҳои гуногун (масалан, давлатҳои Осиёи Миёна, Русия, Вавилон, Миср) ба сифати воҳиди андозагирӣ узвҳои инсонй истифода мешуданд. Масалан, воҳиди дарозии оринч ҳамчун масофаи байни қати оринч то нӯги панчаи мобайнии (ё панчаи калонй, ё мушти фишурдашуда) дасти ёзондашуда қабул шуда буд (расми 2.1).

Дар китоби мукаддаси мусалмонон (Қуръони Карим) 14 оёти 8 сура ба масъалахои марбути чену вазн бахшида шудаанд ва ҳатто су рай 55 Мутаффифин (Камкунандагон), яъне дар чену

вазн саҳвкунандагон номида шудааст (замимаи 2). Се оёти азвалаи ин сура чунин баён гардидааст: «1. Вой бар камкунандагон! 2. Ононе, ки чун аз мардум барои худ паймоянд, ба тамом бигиранд; 3 ва чун хоҳанд. ки барои онхо паймуда ё санҷида бидиҳанд, зиён расонанд».

Мутобики оёти 25 сураи 57 Ҳадид (оҳан) ҳамроҳи Китоб тарозу фуруд оварда шудааст, то мардум бо инсоф амал намоянд. Аз ин бармеояд, ки таърихи чену вазни кишвархои мусалмонӣ аз пайдоиши Китоби муқаддас (тақрибан 1400 сол муқаддам) ибтидо мегирад.




Psora?Л Чгнагасизарой ьлкабл*нисnifcaзжтуеяр 1

Назорати риояи қоидаву тартиботи чену вазн дар давлатдории тоҷикон ҳазорсолаҳо пеш низ вуҷуд дошт. Дар китоби оламшумули «Точикон»-и устод Бобоҷон Ғафуров чунин омадааст: «Яке аз девонҳои (вазоратҳои) дастгоҳи давлати Сомониён «Девони мухтасиб» ном дошт. Девони муҳтасиб ба бозор, тарозу, молҳои фурӯш назорат мекард. Вай метавонист фурӯши молҳои қалб ва номаргубро боздорад ва бо нархи гарон фурӯхтани маҳсулотро манъ кунад...».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон охири соли 1926 бо Қарори Хукумати РСС Тоҷикистон нахустин маротиба хадамоти миллии метрологӣ - Палатаи тоҷикистонии андоза ва ченакҳо созмон дода шуд. Ин санаро метавон таърихи ташкили «Тоҷикстандарт» хисобид.

Бо соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, дар қатори дигар мақомот 29 декабри соли 1991 бо қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии Тоҷикстандарт ба таври расмӣ таъсис ёфт.

Дар Ҷаласаи 14-уми Шӯрои назди Президенти КООМЕТ (Созмони ҳамкориҳои Авруосиёгии муассисаҳои давлатии метрологӣ) 17-21 ноябри соли 2009 байни ин ташкилот ва Агентии Тоҷикстандарт қарордод оид ба ҳамкориҳои тарафайн ба имзо расид. Бо қарори Созмони мазкур Агентии Тоҷикстандарт ба узвияти комилҳуқуқи он пазируфта шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки узвият ба Созмони КООМЕТ шароит фарохам месозад, ки дар доираи чорабиниҳои Созмони мазкур Тоҷикстандарт савияи дониши мутахассисон-метрологхои кишварро баланд бардорад ва дар муқоисаҳои байналхалқии байниозмоишгоҳӣ бо иштироки давлатҳои узви ин Созмон - Олмон, Словения, Чехия, Федератсияи Русия, Украина, Белорусия, Гурҷистон, Арманистон, Қазоқистон, Молдова, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва дигарон ширкат варзад. Инчунин узвият дар Созмони мазкур барои эътирофи байналхалқии сертификатҳо, шаҳодатномаи аккредитонии озмоишгоҳҳои санҷишӣ ва сертификатонии маҳсулоти ватанӣ ҳаматарафа мусоидат менамояд.

Дар шароити ҷаҳонишавии савдо, ҳамоҳангшавии талаботи миллӣ нисбати соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ба талаботи байналхалқӣ, таъмини ягонагии андозагирӣ, инчунин ворид шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва ҳалли мушкилоти номбаршуда, ки дар асоси маълумотҳои андозагирӣ пайдо шудаанд, ахамияти хеле муҳим доранд.

## 2.2. ИСТИЛОҲОТ ВА МАФҲУМҲОИ СОҲА

Омили асосии фаҳмиши дурусти фаи ва илми метрология истилоҳот ва мафҳумхои дар он истифодашаванда ҳисоб меёбанд. Бояд қайд кард, ки тасвия ва тафсири дурусти онҳо моҳияти аввалиндарача доранд, чунки дарки ҳар як шахс фардӣ мебошад. Ҳатто истилоҳот, мафҳум ва қоидаҳои мақбули умумгардида ба таври худ, бо истифода аз таҷрибаи ҳаётӣ ва дар пайравии ҳиссиёти шахсӣ, ақидаи ҳаётӣ маънидод карда мешаванд. Барои бартараф кардани чунин ҳолат стандарта махсуси исгилоҳоти соҳа (JCGM 200:2008. Луғати байналхалқӣ оид ба метрология: мафҳумҳои асосӣ ва умумӣ ва истилоҳоти марбута) дар сатхи байналхалқӣ таҳия шудааст. Барои ифодаи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» мафҳумҳои асосии зерин истифода шудаанд:

**ягонагии андозагирӣ** - ҳолати андозагирие, ки ҳангоми амалӣ гардонидани он натичааш дар воҳидҳои эътирофгардидаи бузургӣ ифода ёфта, иштибоҳи андозагирӣ аз ҳудуди меъёрхои муайянгардида берун намеояд;

**воситаи андозагирӣ** - таҷҳизоти техникие, ки барои андозагирӣ пешбинӣ шудааст;

**эталони вохиди бузургӣ** - воситаи андозагирӣ, ки барои таҷдид ва хифзи воҳиди бузургӣ бо мақсади иктиқоли воҳиди мазкур ба дигар воситаҳои андозагирии ҳамин бузурга пешбинӣ шудааст;

**эталон» давлатии вохиди бузургӣ** - эталони воҳиди бузургӣ, ки бо қарори мақомоти салохиятдори давлатӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати воҳиди ибтидоӣ эътироф гардидааст;

**санадхои меъёрин таъмини ягонагии андозагирӣ** - стандартҳои давлатӣ, стандартҳои байналхалқӣ (минтақавӣ), қоида ва низомнома, дастурамал ва тавсияхое, ки бо тартиби муқарраргардида истифода карда мешаванд;

**хадамоти метрологӣ** - маҷмӯи субъектҳои фаъолият ва намуди корҳое, ки барои таъмини ягонагии андозагирӣ пешбинӣ шудаанд;

**назорати метрологӣ** - фаъолияте, ки мақомоти давлатии хадамоти метрологӣ (назорати давлатии метрологӣ) ё хадамоти метрологии шахси ҳуқуқӣ бо мақсади санҷиши риояи коида ва меъёрхои метрологии муқарраргардида анҷом медиҳад;

**мутобиқати воситахои андозагирӣ** - маҷмӯи амалиёте, ки мақомоти давлатии хадамоти метрологӣ (дигар мақомоту ташкилотҳои ваколатдор) бо мақсади муайян ва тасдиқ намудани мутобиқати воситаҳои андозагирӣ ба талаботи техникии муқарраршуда анҷом медиҳанд;

**санчиши воситахои андозатрӣ** - маҷмӯи амалиёте, ки бо мақсади муайян ва тасдиқ кардани аҳамияти воқеии тавсифи метрологӣ ва (ё) қобили истифода бурдани воситаҳои андозагирии таҳти назорати давлатии метрологӣ қарор надошта анҷом дода мешавад;

**тасдиқномаи навьм воситахои андозагирӣ** - ҳуҷҷате, ки онро мақомоти ваколатдори давлатӣ медиҳад ва он тибқи муқаррароти қонунгузории ҷорӣ ба қайд гирифта шудани ҳамин навъи воситаи андозагирӣ ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ будани онро тасдиқ менамояд;

**мансубияти хукуқи санҷиши воситахои андозагирӣ** - аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ расман эътироф гардидани ваколатҳои иҷрои корҳои санҷишӣ;

**хукуқи тайёр кардани (таъмир намудан, фурӯхтан, ба киро додани) воситахои андозагирӣ** - ҳуччате, ки онро мақомоти хадамоти давлатии метрологӣ дода, ҳуқуқи бо фаъолияти зикргардида машгул шудани шахсони ҳуқуқӣ ва вокеиро тасдиқ менамояд;

**тасдиқномаи санҷит** - ҳуҷҷати ба ташкилотҳои санҷишро амалӣ гардонанда додашуда, воқеият ва натиҷаи санҷиши воситаҳои андозагириро тасдиқ менамояд.

Инчунин истилоҳот ва мафхумҳои зеринро зикр кардан мумкин аст:

**эталон (махак)** - воситаи андозагирӣ ё маҷмӯи воситаҳои андозагирӣ, ки барои нигаҳдорӣ, таҷдиди воҳид ва интиқоли андозаи он ба воситаҳои андозагирии аз рӯи нақшаи санҷиши давлатӣ поёнӣ истифода мешавад ва тибки тартиботи муқарраргардида ба сифати эталон тасдик шудааст;

**бузургии физикӣ** - хосияти умумии миқцори зиёди объекта физикӣ нисбати сифат, вале дар ифодаи микдорӣ барои ҳар як объект хусусӣ;

**вохиди бузургии физикӣ** - бузургии физикӣ, ки ба он аз рӯи шарт қимата ададии як (вохид) дода шудааст (кг, сония, метр);

**андозагирии вохиди бузургии физикӣ** - баҳодиҳии микдорӣ ва сифатии вохиди бузургии физикӣ бо истифодаи воситаҳои андозагирӣ;

**ченак** - воситаи андозагирӣ, ки бузургии физикии андозаи додашударо таҷдид мекунад. Масалан, агар асбоб ҳамчун воситаи андозагирӣ тавсия туда бошад, миқёси он 66 ишорати рақамӣ ченак ҳисоб меёбад;

**принсипи (асоси) андозагирӣ** - маҷмӯи қоидаҳои физикӣ, ки дар онҳо андозагирӣ бунёд меёбад;

**тариқи андозагирӣ** - маҷмӯи усул ва асосҳои истифодаи воситаҳои техникии андозагирӣ;

**услуби андозагирӣ** - маҷмӯи усул ва қоидаҳои андозагирӣ, ки ташкилотҳои илмию тадқиқотии метрологӣ таҳия намудаанд ва бо тартиби муқаррараргардида тасдиқ карда хнудаанд;

**дақиқии андозагирӣ** - тавсифи сифати андозагирӣ, ки ба сифр наздик будани саҳви натиҷаи онро зоҳир менамояд.

**ишгибоҳи андозагирӣ** - фарқи ночизи байни қимати ҳақиқӣ ва қимати дар натиҷаи андозагирӣ ҳосилшудаи бузургии физикӣ;

**вохиди асосии андозагирӣ** - воҳиди андозагирӣ, ки эталони расман тасдиқшуда дорад;

**вохиди ҳосилшуда (фарьӣ)** - воҳиди бузургии физикии дар асоси муодилае, ки онро бо воҳидҳои бузургиҳои физикии дигар алоқаманд мекунад, ҳосил шудааст ($м^2$ - воҳиди масоҳат, м/с - воҳиди суръат).

## 2.3. МЕТРОЛ ОГИЯ - АСОСИ ИЛМИИ ТЕХНИКАИ АНДОЗАГИРӢ

Техникаи андозагирӣ қисми назоратии истеҳсолоти моддӣ ба шумор меравад. Бе низоми муфассали андозагирӣ, ки имконияти ташаккулёбӣ ва идоракунии равандҳои технологи, инчунин назорати сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаро фароҳам меоварад, ягон соҳаи истеҳсолот фаъолият дошта наметавонад. Чунин низоми андозагирӣ барои эҳтиёҷоти гуногуни раванди рушди илм ва техника зарур мебошад:

- баҳисобгирии захираҳои маводӣ ва банақшагирӣ;
- савдои дохилӣ ва хориҷӣ;
- санҷиши сифати маҳсулог;
- баланд бардоштани сатҳи ҳифзи меҳнати кормандон.

Новобаста аз гуногунии ҳодисаҳои табиӣ ва маҳсули олами моддӣ, барои андозагирии онҳо шаклҳои гуногуни низоми андозагирӣ вуҷуд доранд, ки ба муқоисаи бузургии дастрасшуда бо бузургии ба сифати воҳид қабулшуда асос ёфтаанд.

Андозагириҳо ҳамчун асоси донишҳои илмӣ хизмат менамоянд. Андозагирии бузургиҳои физикӣ бо истифодаи воситаҳои техникӣ ва усулҳои муқарраршуда **андозагирии техникӣ** номида мешавад. Дар истеҳсолот андозагирии хаттӣ ва кунҷӣ, яъне андозагирии андозаҳои геометрии хаттӣ ва кунҷии маснуот, шахшӯлии рӯяҳо, тамоилии шакл ва байниҳам ҷойгиршавии рӯяҳо бештар маъмул аст.

Талаботи асосие, ки ба андозагириҳои техникӣ пешниҳод мешаванд, дақиқӣ ва ягонагии андозагирӣ ҳисоб меёбанд. **Дақикии андозагирӣ** - сифати андозагирӣ, ки наздикии натиҷаи онро ба қимати ҳақиқии бузургии андозашуда инъикос менамояд. Чӣ қадаре, ки фарқи байни қиматҳои андозашуда ва ҳақиқӣ кам бошад, дақиқии андозагирӣ ҳамон қадар баланд аст. **Ягонагии андозагирӣ** - ҳолати андозагирие, ки натиҷааш дар воҳидҳои зътирофгардидаи бузургӣ ифода ёфта, иштибоҳи андозагирӣ аз ҳудуди меъёрҳои муайянгардида берун намеояд. Имконияти муқоисаи натиҷаи андозагирихои гуногун, ки дар маҳалҳои гуншун, лаҳзаҳои гуногуни вақт, бо истифодаи усул ва воситаҳои андозагирии гуногун амалӣ гардонида шудаанд, зарурати мавҷудияги ягонагии андозагириро пеш овардааст. Ягонагии андозагирӣ таъвизпазирии маҳсулотро таъмин менамояд, масалан, ҷузъиёти аз рӯи нақшаи якхела дар корхонаҳои гуногун истеҳсолшаванда таъЕизчазиранд.

Илм дар бораи андозагириҳо, усул ва воситаҳои таъмини ягонагии онҳо ва тарзҳои дастрас намудани дакиқии талаботӣ **метрология** номида мешавад. Исгилоҳи «метрология» аз истилоҳоти юнонии *metreo* «чен мекунам» ва *logos* «илм» бармеояд. Метрология чунин ҷиҳатҳои андозагириро меомӯзад:

- тарз ва воситаҳои баҳисобгирии маҳсулот аз рӯи нишондиҳандаҳои дарозӣ, масса, ҳаҷм, масраф ва гавоноӣ;
- андозагирии бузургиҳои физикӣ ва параметрҳои техникӣ, инчунин хосият ва таркиби маводҳо;
- андозагирӣ барои назорат ва идоракунии раванди технологӣ.

Самтхои асосии метрология чунинанд:

- назарияи умумии андозагирӣ;
- низоми воҳиди бузургиҳои физикӣ;
- усул ва воситаҳои андозагирӣ;
- усулҳои муайян кардани дақиқии андозагирӣ;
- асосҳои таъмини ягонагии андозагирӣ ва якшаклии воситаҳои андозагирӣ;

- эталон ва воситаҳои андозагирии намунавӣ;
- усулҳои интиқоли воҳиди андозаҳо аз воситаҳои андозагирии намунавӣ ва эталонҳо ба воситаҳои андозагирии корӣ.

Объектҳои зерини метрология муқаррар карда шудаанд:

- воҳиди андозагирии бузургиҳо;
- воситаҳои андозагирӣ;
- услубҳои амалигардонии андозагирӣ ва дигарон.

Метрология қоидаҳои умумӣ, меъёр ва талабот, масъалаҳои ба танзим ва назорати давлатӣ ниёзмандро дар бар мегирад. Ин ҷо дар назар дошта шудаанд:

- бузургиҳои физикӣ, воҳиди онҳо, инчунин андозагирии онҳо;
- принсип ва усулҳои андозагирӣ ва воситаҳои техникии андозагирӣ;
- иштибоҳи воситаҳои андозагирӣ, тарз ва воситаҳои коркарди натиҷаи андозагирӣ бо мақсади ихроҷи иштибоҳ;
- таъмини ягонагии андозагирӣ, эталон ва намунаҳо;
- хадамоти давлатии метрологӣ;
- усул ва тарҳҳои мадраҷкунӣ;
- воситаҳои андозагирии корӣ.

Дар ин асос вазифаҳои асосии метрология инҳоянд:

- рушди назарияи умумии андозагирӣ;
- муқаррар намудани воҳиди бузургиҳои физикӣ;
- таҳияи усул ва воситаҳои авдозагирӣ;
- таҳияи усулҳои муайян намудани дақиқии андозагирӣ;
- таъмини ягонагии андозагирӣ ва ҳамшаклии воситаҳои андозагирӣ;
- муқаррар намудани эталон ва, воситаҳои андозагирии намунавӣ;
- таҳияи усулҳои интиқоли андозаи воҳидҳо аз эталон ва воситаҳои андозагирии намунавӣ ба воситаҳои андозагирии корӣ.

Метрология ба се банда мустақили ҳамдигарро такмилдиҳанда тақсим мешавад:

1. Метрологияи назариявӣ - масъалаҳои умумии назарияи андозагириро дар бар мегирад.
2. Метрологияи амалӣ - истифодаи амалии натиҷаи тадқиқотҳои назариявӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият баррасӣ карда мешавад.

3. Метрологияи қонунгузор - маҷмӯи қоида, талабот ва меъёрҳои алоқа ва вобастагии мутақобила дошта, инчунин масъалаҳои дигаре, ки ҷиҳати батартибандозӣ ва назорати давлатӣ зарурат дошта, барои таъмини ягонаши андозагирй ва якшаклии воситаҳои андозагирӣ равона карда шудаанд, баррасй карда мешавад.

**Матлаби метрология** дастрас кардани маълумоти микдорй доир ба хусусиятҳои объект ва равандхо бо дақиқӣ ва эътимоднокии додашуда ҳисоб меёбад.

**Моҳияти аидозагирй** дар се ҷанба ифода меёбад: фалсафавй, илмӣ ва техникӣ:

- ҷанбаи фалсафавй аз он иборат аст, ки андозагириҳо усули муҳимтаршш дарки ҳодиса ва равандҳои физикӣ ҳисоб меёбанд;
- ҷанбаи илмии андозагирй аз он иборат аст, ки бо ёрии онҳо дар илм алоқаи назария ва амалия амалй гардонида мешавад. Бидуни андозагирй санҷиши фарзияҳои илмӣ ва мувофиқан рушди илм гайриимкон мебошад;
- ҷанбаи техникии андозагирй аз он иборат аст, ки адозагирихо дастрас кардани маълумоти миқдорӣ доир ба объекта идоракунй ё назоратро таъмин менамоянд. Бе чунин маълумот таҷдиди дақиқи шароити додашудаи равакди техникӣ, таъмини сифати баланди маснуот ва сама ранок идора кардани объект гайриимкон мебошад.

## 2.4. ВАЗИФАҲОИ МЕТРОЛОГИЯМ НАЗАРИЯВЙ

Бунёд ва такмили пайвастаи асосҳои назнриявии техникам андозагирй ва пеш аз ҳама назарияи умумии андозагирй вазифаи муҳимтарини метрологиям назариявӣ хисоб меёбад. Назарияи андозагирй, чун назарияи соҳаҳои дигари илм пайваста тагйир ва такмил меёбад. Бо пайдоиши усулҳои нави андозагирй, захираи дастовардҳои нав дар илми физика назарияи андозагирй низ азнав дида баромада шуда, қонуниятҳои нав муқаррар ва истифода карда мешаванд, хулосагузориҳои нав амалй мегарданд. Вазифаи мақомоти метрологй азон иборат аст, ки масъалаҳои умумй ва хусусии назарияи андозагирй тибқи нақша ва мақсаднок такомул ёбанд.

Пеш аз ҳама, бунёд ва такмили асосҳои назариявии низоми воҳидҳои андозагирй, эталон ва воситаҳои андозагирии

намунавиро дар соҳаи метрологияи назариявӣ ба қатори вазифаҳои асосӣ мансуб бояд донист. Раванди андозагирӣ ба мукоисаи бузургии андозашаванда бо баъзе қисматҳои ба сифати воҳид қабулшудаи он асос ёфтааст. Бинобар ин, бунёди системам воҳидҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда ва системам эталокҳо мутобиқи таҷдиди шайъии ин воҳидҳо вазифаи муҳимтарини метрология ҳисоб меёбад.

Чуноне ки маълум аст, фаъолияти дарозмуддат дар ин самт ба таҳияи Низоми байналхалқии воҳидхои истифодаи амалӣ оварда расонид. Бо вучуди ин такмили Низоми байналхалқии воҳидҳо идома дорад, зеро дар он якчанд соҳаҳои илм, ба монанди биология, тиб ва дигарон ба пуррагӣ дар бар гирифта нашудаанд ва барои офаридани низоми воҳидҳои мутаносиби аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ин соҳаҳо амалигардонии корҳои махсус зарур аст.

Бунёди низоми эталонҳои табиӣ. ки ба истифодаи доимиҳои (бузургиҳои собити) физикӣ асос ёфтаанд, иеш аз ҳама таҳияи назариявии ин масъаларо талаб менамояд. Корҳои назариявӣ ва таҷрибавии чандинсола имкон доданд, ки соли 1960 бар ивази эталони сунъии метр ба намуди милаи аз хӯлаи платинаву иридий омода кардашуда (Расми 2.2.), тарзи нави муайян намудани эталони дарозӣ - метр бо истифодаи дарозии мавҷи криптон-86 кабул карда шавад.




Расми 2.2 Эталони дарозӣ - метр

Таҳияи асосҳои назариявии интиқоли воҳидҳои андозагирӣ аз эталон ва асбобҳои намунавӣ ба воситаҳои андозагирии кориро низ ба қатори вазифаҳои асосии метрология мансуб

бояд донист. Таҳлили таносуби дақиқии асбобҳои намунавӣ ва санҷишшаванда, инчунин таҳия ва асоснок намудани услуби худи санҷиш қисми таркибии назарияи умумии тарзҳои мадраҷкунӣ ҳисоб меёбанд.

Вазифаи дигари метрологияи назариявӣ таҳияи мураттаби назарияи иштибоҳҳо, аз он ҷумла назарияи иштибоҳҳои эҳтимолӣ, тарзҳои истисноӣ иштибоҳҳои мураттаб, усулҳои коркарди натиҷаи андозагирӣ, таҳияи масъалаҳои дигаргунсозӣ ва назарияи таҳвили ахборот х,исоб меёбад.

Дар қатори масъалаҳои дақиқии андозагирӣ метрология ба таҳияи назарияи эътимоднокии воситаҳои андозагирӣ, усулҳои ҳисоб ва муайян намудани эътимоднокии онҳо, усулҳои баҳодиҳии ҳисоби иштибоҳҳо машгул мебошад.

Ба вазифаҳои метрология инчунин таҳияи асосҳои назариявии соҳаҳои алоҳидаи андозагирӣ мансуб мебошанд. Чунончи, таҳияи асосҳои назариявии андозагирӣ дар соҳаи афканишоти ба ион табдилдиҳанда тамоми маҷмӯи корҳои таҷрибавӣ, таҳия ва офариниши воситаҳои андозагириро барои ин соҳа пешакӣ муайян менамояд.

Бунёди воситаҳои андозагирӣ ба истифодаи кашфиёт ва дастоварди илмӣ асос меёбад. Истифодаи чунин воситаҳои андозагирӣ дар таҳқиқоти минбаъда ба кашфиёти нави илмӣ оварда мерасонад. Истеҳсолоти муосир бо истифодаи нанотехнология рушд меёбад. Бинобар ин пайдо намудан ва амалӣ гардонидани наноандозагирӣ, бо истифодаи восита ва усулҳои мутобиқи андозагирӣ вазифаи замонавии метрологияи назариявӣ маҳсуб меёбад.

## 2.5. БУЗУРГИҲОИ ФИЗИКӢ ВА АНДОЗАГИРИИ ОНҲО

Андозагириҳо ба муқоисаи хосиятҳои якхелаи объектҳои моддӣ асос ёфтаанд. Барои хосиятҳое, ки ҳангоми муқоисаи микдории онҳо усулҳои физикӣ истифода карда мешаванд, дар метрология мафҳуми умумии ягона бузургии физикӣ муқаррар шудааст.

**Бузургии физикӣ** - хосияти барои объектҳои зиёди физикӣ дар таносуби сифат умумӣ, вале дар таносуби микдор барои ҳар як объект ҷудогона, масалан: дарозӣ, масса, масоҳат, ҳаҷм, гармиғунҷоиш ва барқгузаронии ҷисмҳо, фишори газ дар зарф ва дигарон. Бӯй, мазза ва ранг бузургии физикӣ ҳисоб

намеёбанд, чунки онҳо бо воситаи ҳиссиёти шахсӣ муайян карда мешаванд.

Чунин далел мисоли намунавии ин муқаррарот шуда метавонад, ки ҳамаи ҷисмҳо масса ва ҳарорати хусусӣ доранд, вале қимати ададии ин параметрҳо барои ҳар як ҷисм ҷудогона мебошад. Мутобиқан андозаи бузургии физикӣ нишондиҳандаи микдории он ҳисобида мешавад ва дар навбати худ **қимати бузургии физикӣ** баҳои ададии андозаҳои онро ифода менамояд. Ҳамин тавр, дастрас намудани маълумот дар бораи қимати бузургии физикӣ, ҳамчун воҳиди барои он қабулшуда, вазифаи асосии андозагирӣ ба шумор меравад.

Барои муқоисаи миқдории хосияти объектҳо **воҳиди бузургии физикӣ** - бузургии физикие, ки аз рӯи андоза сабт шудааст ва дар асоси созишнома барои баҳодиҳии микдории бузургии физикӣ ба сифати асос қабул шудааст.

Ба воҳиди бузургиҳои физикӣ ишорати нурра ва рамзӣ - **андозадорӣ** дода шудааст. Масалан: масса - килограмм (кг), вақт - сония (сон), дарозӣ - метр (м), қувва - Нютон (Н).

**Қимати бузургии физикӣ** - баҳо додани бузургии физикии муайян ба намуди ҳосили зарби ададі мавҳум - қимати ададии бузургӣ ба воҳиди барои он қабулшуда. Қимати мазкур ҷудогонагии микдории объектҳоро тавсиф менамояд. Масалан: радиуси кураи замин - 6378 км, суръати рӯшноӣ - $3 \cdot 10^8$ м/сон.

Муайян намудани кдмати бузургии физикӣ тариқи таҷриба бо истифодаи воситаҳои техникии махсус **андозагирӣ** номида мешавад. Масалан: андозагирии диаметри наворд бо штангенсиркул ё микрометр, фишори газ бо фишорсанҷ, ҳарорати моеъ бо ҳарорагсанҷ ва дигарон.

Аз сабаби он ки қимати бузургиҳои физикӣ тариқи озмоиш муайян карда мешаванд, онҳо иштибоҳи андозагирӣ доранд. Бинобар ин қимати бузургиҳои физикии ҳақиқӣ ва воқеиро фарқ мекунанд. **Қимати ҳақиқӣ** - қимати бузургии физикӣ, ки хосияти мутобиқи объектро дар таносуби микдорӣ ва сифатӣ комилан зоҳир менамояд. Ин қимат ҳудуде ҳисоб меёбад, ки бо афзуншавии дақиқии андозагирӣ қимати бузургии физикӣ ба он наздик мешавад.

**Қимати воқеӣ** - қимати бузургии физикӣ, ки тариқи озмоиш ёфта шудааст ва ба қимати ҳақиқӣ чунон наздик аст, ки барои мақсади муайян ба сифати ҳақиқӣ истифода шуданаш мумкин аст. Ин қимат вобаста аз дақиқии талаботии андозагириҳо тағйир меёбад. Ҳангоми андозагириҳои техники қимати

бузургии физикии бо иштибоҳи ҷоиз ёфташуда бар ивази қимати воқеӣ қабул карда мешавад.

## 2.6. НИЗОМИ ВОҲИДҲОИ БУЗУРГИҲОИ ФИЗИКӢ

Бори аввал дар таърих низоми воҳидҳои бузургиҳои физикиро, ки низоми метрии ченакҳоро ифода менамояд, соли 1791 маҷлиси халқии Фаронса қабул карда буд. Ба он дохил мешуданд: воҳиди дарозӣ, масоҳат, ҳаҷм, гунҷоиш ва вазн. Дар асоси онҳо ду воҳиди алҳол маълум: метр ва килограмм гузошта шуда буд. Сипае, соли 1832 аз ҷониби математики олмонӣ К. Гаусс низоми воҳидҳо таҳия ва нашр гардид, ки маҷмӯи воҳидҳои асосӣ ва ҳосилшударо инъикос менамуд.

Гаусс ба асоси услуби худ се бузургиҳои асосии аз ҳамдигар новобаста: масса, дарозӣ ва вақтро қабул кард. Ба сифати воҳиди асосии андозагирии бузургиҳои номбаршуда миллиграмм, миллиметр ва сонияро интихоб намуд, зеро воҳидҳои боқимондаи андозагирии додашударо бо истифодаи минималиҳо ба осонӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Дар марҳалаи муосири рушд низоми воҳиди бузургиҳои физикии зерин қайд шудаанд:

- **низоми** СГС (соли 1881) ё системаи воҳиди бузургиҳои физикии СГС; воҳидҳои асосӣ: сантиметр (см) - воҳиди дарозӣ, грамм (г) - воҳиди масса, сония (сон) - воҳиди вақт.
- **низоми МКГСС** (охири асри **XIX);** дар ибтидо килограммро ба сифати воҳиди масса, минбаъд бошад ба сифати воҳиди қувва истифода мебурд, ки ин ба бунёди низоми воҳидҳои бузургиҳои физикӣ боне гардид. Воҳидҳои асосӣ: метр - вохиди дарозӣ, килограмм-қувва - воҳиди қувва ва сония - воҳиди вақт.
- **низоми** МКСА (соли 1901); асоси онро олими итолиёвӣ Ҷ. Ҷорҷи бунёд намуда, ба сифати воҳиди низом метр, килограмм, сония ва амперро пешниҳод кардааст.

Дар илми ҷаҳонии муосир миқдори зиёди низоми воҳиди бузургиҳои физикӣ, инчунин воҳидҳои гайринизомӣ мавҷуданд. Чунин ҳолат ҳангоми ҳисобҳо ҷиҳати аз як низом ба низоми дигар гузаронидани бузургиҳои физикӣ мушкилоти муайянеро пеш меорад. Вазъияте ба вуҷуд омад, ки дар он зарурати якхела намудани воҳидҳои андозагирӣ ба вуҷуд омад. Бунёд намудани низоми воҳидҳое талаб карда мешуд, ки барои соҳаҳои гуногуни андозагирӣ мувофиқ ояд. Лоиҳаи чунин низом соли

1954 аз чониби комиссиям Низоми байналхалқии воҳидҳо таҳия гардида, соли 1960 Конфронси генералй оид ба челу вазн онро тасдик намудааст.

Низоми байналхалқии воҳидҳо ё мухтасар СИ, ки аз сарҳарфҳои номгӯйи фаронсавии «*System international*» (*«SI»)* бармеояд, ба ҳафт воҳиди соҳаҳои механика, барқ, гармй, оптика, физикам молекулярй, термодинамика ва кимиёро фарогиранда асос ёфтааст:.

- воҳиди дарозӣ (механика) - метр.
- воҳиди масса (механика) - килограмм.
- вохиди вақт (механика) - сония.
- вохиди қувваи ҷараёни баркй (барқ) - ампер.
- воҳиди ҳарорати термодинамики (гармй) - келвин.
- вохиди қувваи рӯшноӣ (оптика) - кандил (кандела).
- вохиди миқцори модда (физикам молекулярй, термодинамика ва кимиё) - мол.

Ҳамин тавр, Низоми байналхалқии воҳидҳо ба тартиб андохта шуд ва воҳиди андозагирии бузургихои физикй дар аксари соҳаҳои илму техника ба як намуд оварда шуданд.

Бо қарорҳои Конфронси генералй оид ба чену вазн чунин таърифи воҳидҳои асосии андозагирии бузургиҳои физикй Кабул карда шудаанд:

Ҷадвали 1. Низоми байналхалқии воҳидҳо ё СИ

| Бузургиҳои физикие, ки эталони расман тасдиқшуда доранд | Вохиди андозагирӣ | Ихтисороти барои ифодаи вохиди андозагирии бузургиҳои физикй кзбулшуда | |
|---|---|---|---|
| | | *Тоҷикӣ* | *Байналхалқӣ* |
| Дарозй | Метр | М | M |
| Масса | Килограмм | кг | Kg |
| Вакт | Сония | с | S |
| Қувваи ҷараёни барқӣ | Ампер | А | A |
| Ҳарорати термодинамики | Келвин | К | K |
| Қувваи рӯшноӣ | Қандил | кд | Cd |
| Миқдори модда | Мол | мол | Mol |

**Метр** - масофае, ки онро нури рӯшной (мавчи ҳамвори электромагнита) дар вакуум муддати 1/299 792 458 ҳиссаи сония мепаймояд.

**Килограмм** - баробари массаи тимсоли килограмм - санги тарозуи шакли устувонаи диаметр ва баландиаш 39 мм (расми 2.3), ки аз хӯлаи платина (90 %) ва иридий (10 %) омода карда шудааст.




Расми 2.3. Эталони килограмм

**Сония** - фосилаи вақте, ки ба 9 192 631 770 даври нурафкании мутобиқ ба гузариши дар байни ду дараҷаи беҳад борики ҳолати асосии атоми тсезий - 133 (Cs 133) баамалоянда баробар аст.

**Ампер** - қувваи ҷараёни доимиест, ки ҳангоми аз ду ноқили ростхаттаи мувозии дарозиаш беохир ва масоҳати буриши кӯндалангиаш ниҳоят майдаи дар вакуум нисбати якдигар дар масофаи 1 м чойгиршуда гузаштан, дар ҳар қитъаи ноқили дарозиаш 1 м қувваи таъсири мутақобилаи баробари $210^{-7}$ Н ба вучуд меорад.

Эталони якумини амперро (ампери байналхалқӣ) соли 1893 дар Чикаго Конгресси байналхалқии барқчиён муқаррар карда буд: як ампери байналхалқӣ ба кувваи ҷараёни тағйирнопазире баробар аст, ки ҳангоми аз маҳлули кислотаи нитрати (HNOi) обии нуқра гузаштан дар электрод сонияе 0,0011180 г нукра чудо мекунад.

Соли 1948, хангоми гузаштан ба низоми мутлаки амалии воҳидҳои барқӣ, ампери байналхалқй иваз карда шуд.

Агар чараёни барқй доимӣ бошад (қонуни Ампер махз барои чараёни доимӣ чой дорад), таъсири унсурҳои алоҳидаи чараёнро чудо кардан имкон надорад, чунки занҷири ҷараёни доимй ҳамеша сарбаста мебошад. Бинобар ин, дар амал таъсири як чараёни сарбастаро ба дигараш ё кувваи таъсири майдоки магнитии як ҷараёнро ба дигараш чен мекунанд. Танҳо дар чунин маврид принсипи баробарии таъсиру акси таъсир чой дорад.

Ба ҳамин мақсад «тарозуи ҷараёнӣ» ном асбобро истифода мебаранд, ки он ба сифати асбоби муқарраркунандай эталони воҳиди қувваи ҷараён қабул шудааст. Сохти он дар расми 2.4 акс ёфтааст.

«Тарозуи ҷараёнӣ» - тарозуи баробаркитфи фашангдорест, ки дар китфи чапаш (6) ғалтаки мутаҳаррик *(7)* овезон буда, дар китфи росташ бори мувозинаткунанда (5) насб шудааст. Ғалтаки мутаҳаррик дар дохили галтаки беҳаракат (8) ҷойгир шудааст. Ҳардуи ғалтак пай дар пай пайваста шудаанд (яъне I = Ii = Ь). Ҳангоми дар ғалтакҳо ҷорӣ шудани ҷараёни доимӣ ғалтаки мутаҳаррик (китфи чапи тарозу) поён меравад. Барои мувозинат кардани тарозу ба китфи роста он бор гузоштан лозим аст. Массаи бори мазкур ба қувваи ҷараёни дар ғалтакҳо ҷорибуда мутаносиб мебошад. Дар ҳақиқат, аз як тараф мувофиқи қонуни Ампер F = klrb = $kl^2$, аз тарафи дигар, мувофиқи қонуни дуюми Нютон F = mg мебошад. Дар асоси формулаҳои зикргардида меёбем:

$$I = \sqrt{\frac{mg}{k}}$$




Расми 2.4. Сохти тарозуи ҷараёнӣ

Формулаи мазкур имкон медиҳад, ки аз рӯи массаи бори иловагӣ - m ва доимии электродинамикии дастгоҳ - к қувваи ҷараён -1 хисоб карда ёфта шавад.

**Келвин** - ҳароратe, ки ба 1/273,16 ҳиссаи ҳарорати термодинамикии нуқтаи сегонаи об (нуқтаи мувозинатии об дар се ҳолат - ях, моеъ, буғ. Чунин нуқта хангоми дар таҷҳизоти махсуси дақикиаш ±0,0001 °С гарм кардани ях то + 0,01 °С ҳосил мешавад.) баробар аст.

**Қандил** - қувваи рӯшноии манбаест, ки нури монохроматии басомадаш 540 $10^{12}$ Гертс меафканад ва ба самти додашуда тавоноии нурафканиаш ба 1/683 Вт/ср (стерадиан) баробар аст.

**Мол** - миқдори моддаи системае, ки дар он микдори унсурҳои сохториаш (атом, молекула, ион, электрон ва заррaҳои дигар) ба микдори атомҳои таркиби Сп - карбони массаш 0,012 кг = 12 г баробар аст.



Расми 2.5. Кунди ҳамвор

Инчунин Низоми байналхалкии воҳидҳо ду воҳиди иловагии асосиро дар бар мегирад, ки барои андозагирии кунҷҳои ҳамвор ва ҷисмӣ зарур мебошанд.

**Кунҷи ҳамвор а** - кунҷи байни ду радиуси *(OA* ва *OB)* дойра, ки дарозии камони байни онҳо *A B* ба дарозии хамин радиус баробар аст. Ин кунд ҳамчун нисбати дарозии камони (/ ~*A B)* дар давра буридашуда бар радиуси давра (г = *O A* = *OB)* муайян карда мешавад *a = I / г* (расми 2.5). Андозадорӣ (*dimensionality)* ва воҳиди кунҷи ҳамвор:

*dim a = dim I / dim r = L/ L = 1.*

*[a] = [l] / [r] - м/м = 1*

Кунҷи ҳамвор хамчун нисбати ду бузургиҳои якҷинсаи бе андоза хисоб меёбад ва дар вохиди бе андоза ифода карда мешавад. Ин воҳиди бе андоза **радиан** номида шудааст. Радиан баробар аст ба кунди байни ду радиуси давра а, ки дарозии камони байни онҳо *A B* ба радиуси давра *г* баробар мебошад. Таносуби он бо градус 1 рад = 5701744,8".


Расми 2.6. Кунди дисмҳо

**Кунди** ҶНСМӢ - қитъаи фазо, ки бо махрути ихтиёрӣ бурида шудааст ва бо воситаи нисбати масоҳати дар сатҳи курашакл

(марказаш дар қуллаи ин махрут ҷойгиршуда) буридашуда бар квадрати радиуси ин сатҳи курашакл муайян карда мешавад $Q = S / r^2$ (расми 2.6). Андозаҷорӣ ва воҳиди кунҷи ҷисмӣ:

$$dim\ Q = dim\ S/dim\ r^2 = L^2 /L^2 - 1.$$

$$[Q]\sim[S] / [r^2] = M^2 /M^2 = 1$$

Аз ин до бармеояд, ки кунҷи ҷисмӣ низ хамчун нисбати ду бузургиҳои якчинса бе андоза ҳисоб меёбад ва дар воҳидҳои бе андоза ифода карда мешавад. Ин воҳид **стерадиан** номида шудааст. Стерадиан баробар аст ба кунҷи чисмии қуллааш дар маркази кура чойгиршуда. ки дар еатҳи кура масохати ҳамчени квадрати (**S** $= a^2$) радиусро $(a = г)$ мебурад. Ба кунҷи чисмии 1 ср кунҷи ҳамвори баробари 65°32' мутобикат менамояд, ба кунҷи *п* ср кунчи ҳамвори 120°, ба кунҷи 2я ср кунчи ҳамвори 180°. Радиан ва стерадиан барон сохтан ва ҳисобҳои назариявӣ истифода мешаванд, зеро қисми зиёди барои амалия зарурии қимати к\ нчҳо дар радиан бо ададҳои душворфаҳм (дақиқа, сония) ифода карда ?аешаванд.

Воҳидҳои гайринизомӣ дар нисбати воҳидҳои асосӣ ва иловагӣ ба чор гурӯх тақсим мешаванд:

1. Дар баробари воҳидҳои асосӣ ва иловагӣ истифода карда мешаванд (мисол, масоҳат - **г** ектар (га). 1 га = $10^2$ аршин = $10^4$ $м^2$ = 10° $км^2$; ҳарорат, кунч - градус; гунҷоиш - литр (л); 1 л = 1 $дм^2$ ва дигарон).
2. Дар соҳаҳои махсус истифода карда мешаванд (мисол, соли рӯшноӣ - воҳиди дарозӣ дар илми ситорашиносӣ /масофае, ки нури рӯншоӣ муддати 1 сол мегузарад/; диоптрия - воҳиди қувваи оптики дар асбобҳои оптикӣ ва дӣгарон).
3. Дар баробари воҳидҳои асосӣ ва иловагӣ муваққатан истифода карда мешаванд (мисол, карат, қирот - воҳиди масса дар заргарӣ, чавоҳирот).
4. Аз истифода хорич карда шудаанд (мисол, миллиметр сутунчаи симобӣ - вохиди фишор; кувваи асп - воҳиди тавоной ва дигарон).

Воҳидҳои бокимонда хосилавӣ ҳисобида мешаванд. Мувофиқи муқаррароти СИ воҳидҳои ҳосилавӣ (Замимаи 3) бо ёрии муодилахои соддатарин тариқи истифодаи бузургихои зариби ададиашон ба як баробаркардашуда (метр = 1 м, килограмм = ! кг, Ампер = 1 А ва дигарон) ҳосил мешаванд. Агар дар баробари зариби ададӣ баробари як бошад, вохиди

ҳосилшуда когерентӣ [дар алоқа қарордошта, мисол, воҳиди қувва *1Н* бо баробарии алоқавии *Ғ = т* ■ *а* ҳосил шудааст, ки дар он *Ғ*- қувва (*1Н*), *т* - масса (*1кг*), *а* - шитоб (*1 м/с²*), яъне *1Н =1 кг* ■ *м/с²*] номида мешавад.

Бартариятҳои асосии Низоми байнахалқии воҳидҳо:

1. Якхела намудани воҳиди бузургиҳои физикӣ дар асоси СИ. Барой ҳар як бузургии физикӣ як вохид ва низоми аз он бавуҷудоии воҳидҳои каратӣ ва ҳиссавоҳидҳо бо ёрии зарбшавандаҳо муқаррар карда мешавад. Зарбшаванда ва пешояндҳо барои бавуҷудории воҳидхои даҳии каратӣ ва ҳиссавоҳидҳо, инчунин ишората пешояндҳо дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

2. Низоми СИ - низоми ҳамаҷониба хисоб меёбад. Он аксари сохаҳои илм, техника ва хоҷагии халқро дар бар мегирад.

Воҳидҳои асосӣ ва қисми зиёди воҳидҳои ҳосилавӣ барои истифодаи амалӣ андозаҳои муносиб доранд. Дар низом воҳиди масса (кг) ва қувва (нютон) аз ҳам ҷудо карда шудаанд.

Дар соҳаҳои гуногуни илму техника навишти муодила ва формулаҳо содда мешаванд. Дар СИ барои ҳама намуди нерӯҳо (механикӣ, гармӣ, барқӣ ва дигарон) як вохиди умумӣ - ҷоул муқаррар карда шудааст.

Ҷадвали 2.

| Зарб шаванда | Пешоянд | Ишораи пешоянд | | Зарб-шаванда | Пешоянд | Ишораи пешоянд | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Тоники | Байнал-халқӣ | | | Тоники | Байнал-халқӣ |
| 101» | Экса | Э | е | 10-1 | детей | д | D |
| 1015 | Пета | П | р | 10-2 | санти | с | С |
| 10'2 | Тера | т | т | 10-3 | милли | м | М |
| 10′ | Гига | г | g | 10-6 | микро | Мк | Р |
| 106 | Мега | м | м | 10-9 | нано | н | N |
| 103 | Кило | к | к | 10-12 | пико | п | Р |
| 102 | Гекто | г | h | 10-15 | фемто | ф | Ғ |
| 101 | Дека | Да | da | 10-1* | атто | А | А |

## 2.7. ТАВСИФҲОИ АСОСИИ АНДОЗАГИРӢ

Тавсифҳои асосии андозагирй чунинанд:

- усули андозагирӣ;
- принсипи андозагирй;
- иштибоҳи андозагирӣ;
- дақиқии андозагирй;
- дурустии (саҳеҳии) андозагирй;
- эътиборникии андозагирй.

Барой баланд бардоштани дақиқии андозагирй якчанд усули андозагирй таҳия карда шудаанд **Усули андозагирй** - тарз ё мачмӯи тарзҳо, ки бо воситаи он андозагирии бузургии додашуда амалй гардонида мешавад. Дар ин ҳол бузургии андозашаванда бо ченаки он тибқи принсипи қабулшудаи андозагирй (маҷмӯи тарзҳои истифодаи принсип за воситаҳои андозагирй) муқоиса карда мешавад. **Принсипи андозагирй** хсдиса ё асари физикие мебошад. ки андозагирй ба он асос меёбад. Мисол, гармшавии симоб дар ҳароратсанҷи симобӣ ё қувваи вазнинӣ хангоми тариқи баркаш кардан андозагирии масса.

Усули андозагирй одатан аз сохтори воситаи андозагирй вобастагй дорад. Усулхои асосии андозагирй: баҳодиҳии бевосита, муқоисаи бузургй бо ченак, тафриқавӣ (дифференсиалӣ). сифрӣ, алоқавй ва беалоқа.

**Усули баходиҳии бевосита** - усули андозагирй, ки дар он кимати бузургй бевосита аз таҷҳизоти ҳисобкунии асбоби андозагирй муайян карда мешавад.- Масалан, андозагирии дарозии ҷисм бо ёрии хаткашак (расми 2.7), қувваи ҷараёни барқ бо амперметр.



|*а сми 2. Т Аязо загнрии д аро зш" Ьятмадавававабохи”""^



расми 2.8 Таројуn фияаягВ 1

**Усули муқоиса бо ченак** - усули андозагирӣ, ки дар он бузургии андозашавандаро бо бузургии ченак муқоиса менамоянд. Масалан: массаи ҷисм дар тарозуҳои фишангӣ (расми 2.8) тариқи баробарвазн кардан бо сангҳои тарозу баркаш карда мешавад.



Расми 2.9. Кӯпруки андозагирӣ

Дар техникаи андозагирӣ якчанд усули муқоиса бо ченак - муқобилгузорӣ, ивазкунӣ, мувофиқатоӣ, сифрӣ истифода карда мешавад.

*Усули муқобилгузорӣ* - усули муқоиса бо ченак, ки дар он бузургии андозашаванда ва бузургии ченак дар як вақт ба асбоби муқоисакунӣ таъсир мерасонанд ва бо ёрии ин асбоб таносуби байни бузургиҳо муайян карда мешавад. Мисол: андозагирии муқовимат аз рӯи тарҳи кӯпрукӣ тариқи дохил намудани асбоби нишондиханда ба диагонал. Дар расми 2.9. таҷхизот (к^пруки андозагирӣ) барои андозагирии муқовимат бо усули муқоисаи бузургии андозашаванда бо бузургии ченаки намунавӣ нишон дода шудааст. Таҷҳизот аз р0и тарҳи занҷири к^прукӣ иҷро карда шудааст ва ба диагонали он асбоб барои муқоиса намудани таносуби байни бузургиҳо - галванометр дохил карда шудааст.

*Усули ивазкунӣ* - усули муқоиса бо ченак, ки дар он бузургии андозашаванда бо бузургии маълуми ченак иваз карда мешавад. Мисол, барои баркашидани масса ба паллаи тарозу маҷмӯи сангҳои тарозуро мегузоранд ва онҳоро бо бори ихтиёрӣ баробарвазн мекунанд. Сипае ба паллаи сангҳои тарозу дошта массаи баркашшавандаро мегузоранд ва барои барқарор намудани баробарвазнӣ қисми сангҳои тарозуро мегиранд. Бузургии массаи сангҳои гирифташуда ба бузургии массаи баркашшаванда мутобиқат менамояд.

*Усули мувофиқатоӣ* - усули муқоиса бо ченак, ки дар он фарқияти байни бузургии андозашаванда ва бузургии ченак бо истифодаи мувофикатоии ишоратҳои микёс ё сигналҳои даврӣ

андозагирӣ мешавад. Мисол: андозагирии андозаҳои хаттӣ бо штангенсиркули нониусдор (расми 2.10) ё андозаҳои кунҷӣ бо кунҷсанҷи ҳамакораи нониусдор ба мувофиқатоии ишоратҳои миқёси асосӣ ва миқёси нониус асос ёфтаанд.




1- лабҳо барон андозагирии дохилӣ, 2- чорчӯбг, 3- рикоба, 4-мила, 5-хаткашаки кдърсанч, 6 - микссии мила, 7-нониус, 8-лабхо барои андозагирии беруна.




$39 + 0{,}1 \cdot 7 =$ 61+0,1-4 =

Расми 2.10. Штангенсиркули нониусдор ва хисоби нишондодҳо аз руи мувофиқатоии ишоратҳои миқёси асосӣ ва миқёси нониус

*Усули сифрӣ* - усули муқоиса бо ченак, ки дар он самараи натиҷавии таъсири бузургӣ ба асбоби муқоисакунӣ то сифр расонда мешавад. Мисол, андозагирии муқовимат бо ёрии кӯпруки андозагирӣ (ниг. расми 2.9).

Дар андозагириҳои хаттӣ ва кунҷӣ одатан **усули тафриқавӣ** - муқоисакунӣ бо ченак истифода карда мешавад. Бо ин усул бузургии андозашаванда бо бузургии маълуми ченаки шабеҳи аз бузургии андозашаванда фарқияти ночиз дошта муқоиса карда шуда, фарқияги байни онҳо андозагирӣ мешавад. Усули мазкур барои амалӣ гардонидани мадраҷкунӣ хеле маъмул гаштааст.

Усулҳои андозагирӣ ба тарзи алокавӣ ё беалоқа амалӣ гардонида мешаванд.

**Усули алокавии андозагирӣ** - усули андозагирӣ. кк дар он ҷузъи ҳассоси асбоб бо маснуоти андозашаванда таъсири мутақобила дорад. Мисол, санҷиши ҳарорати ҷисм бо ҳароратсанҷ.

**Усули беалоқаи андозагирӣ** - усули андозагирӣ, ки дар он ҷузъи ҳассоси асбоб бо маснуоти андозашаванда таъсири мутақобила надоранд. Мисол, санҷиши ҳароратк кӯраи домна гӣ бо пирометр.

**Присипи андозагирӣ** - маҷмӯи ҳодисаҳои физикӣ, ки апдозагирӣ ба онҳо асос ёфтааст. Мисол: андозагирии ҳарорат ба ҳодисаи васеъшавии фулузот (симоб дар ҳароратсанҷ) дар натиҷаи гармшавк асос ёфтааст.

**Иштибоҳи андозагирӣ** - фарқи байни натиҷаи андозагирии бузургӣ ва қимати аслии (воқеии) ин бузургӣ. Иштибоҳ одатан бо сабаби дақиқии кокифояи восита ва усулҳои андозагирӣ ё бо сабаби ғайриимкон будани таъмини шароити мусоид ҳангоми мушоҳидаи якчандкарата ба амал меояд.

**Дакиқии андозагирӣ** - тавсифе, ки дараҷаи мутобиқати натиҷаи андозагириро ба қимати ҳақиқии бузургии андозашаванда ифода менамояд. Чӣ қадаре. ки фарқияти байни қимазҳои андозагиришуда за ҳақиқӣ кам бошад, дақиқӣ ҳамон қадар баланд аст.

Дақиқии андозагирӣ микдоран ба бузургии пштибохи нисбӣ дар дараҷаи минус якуми аз рӯи модул гирифташуда (|о-Ч) борабар аст.

**Дурустии андозагирӣ** - тавсифи сифатии андозагирӣ, ки ҳангоми андозагириҳои якчандкарата ба сифр наздикии иштибохи мураттабрс дар натиҷаи андозагирӣ ифода медамояд. Тавсифи мазкур одатан аз дақиқии асбоби андозагирӣ вобаста аст.

**Эътиборнскии андозагирӣ** - тавсифе, ки дараҷаи боварӣро ба натиҷаҳои андозагирии дастрасшуда муайян менамояд.

Интихоби ин ё он усули андозагирӣ вобаста аз таъиноти натиҷаҳои он ва талабот нисбати цақиқӣ муайян карда мешавад.

## 2.8. НАМУДҲОИ АНДОЗАГИРӢ

Барой андозагирии бузургии физикӣ фароҳам овардани имкониятҳои зерин зарур аст:

- интихоб кардани бузургӣ байни бузургиҳои дигар;
- муайян кардани воҳид барои андозагирии бузургии интихобшуда;
- таҷдид ва ҳифзи воҳиди тариқи истифодаи воситаҳои техникӣ муайяншуда;
- бетағйир нигоҳ доштани андозаи воҳид (дар ҳудуди дақиқии муқарраргардида) ҳадди ақал дар раванди андозагирӣ.

Таснифоти андозагириҳо дар ҷадвали 3 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 3. Таснифоти андозагириҳо

| Аломати тасниф | Намуди андозагирӣ |
|---|---|
| Аз рӯи тавсифи дақиқӣ | баробардақиқ, нобаробардақиқ |
| Аз рӯи миқдори андозагирӣ | яккарата, якчандкарата |
| Аз рӯи нисбати тағйирёбии бузургии андозашаванда | статикӣ, динамикӣ |
| Аз рӯи таъиноти метрологӣ | техники, метрологӣ |
| Аз рӯи ифодаи натиҷаи андозагирӣ | мутлақ, нисбӣ |
| Аз рӯи усули дастрас намудани натиҷаи андозагирӣ | мустақим, гайримустақим, дастаҷамъона, муштарак |

**Андозагирии баробардақиқ** - якчанд андозагирии бузургии мазкур, ки бо истифодаи воситаҳои андозагирии дақиқиашон якхела, дар шароити ибтидоии мутобиқ амалӣ гардонида шудаанд.

**Андозагирии нобаробардақиқ** - якчанд андозагирии бузургии мазкур, ки бо истифодаи воситаҳои андозагирии дақиқиашон гуногун ва ё дар шароити ибтидоии гуногун амалӣ гардонида шудаанд.

**Андозагирии яккарата** - андозагирии як бузургӣ, ки як маротиба амалӣ гардидааст. Андозагирии яккарата дар амалия саҳви зиёд дорад. Бинобар ин барои кам кардани саҳв тавсия дода мешавад, ки чунин андозагирӣ ақалан 3 маротиба иҷро

карда туда, ба сифати натиҷа ҳисоби миёнаи арифметикии онҳо қабул карда шавад.

**Андозагирии якчандкарата** - андозагирии як ё якчанд бузургӣ, ки се маротиба ё зиёда аз он амалӣ гардонида шудааст. Андозагирии якчандкарата якчанд андозагирии яккаратаро фаро мегирад. Натиҷаи андозагирии бисёркарата ҳисоби миёнаи арифметикии андозагиркҳои амалигардида ҳисоб меёбад. Ҳангоми андозагирии якчандкарата саҳви андозагирӣ кам мегардад.



Рами 2.11. Андозагирии нисбӣ

**Андозагирии статикӣ** - андозагирии бузургии физикӣ, ки мутобиқи вазифаи мушаххас дар раванди андозагирӣ доимӣ қабул шудааст. Мисол, андозагирии диаметри навард дар ҳарорати муқаррарӣ.

**Андозагирии динамикӣ** - андозагирии бузургии физикии андозааш тағйирёбанда, ноустувор. Мисол, андозагирии шиддати тағйирёбандаи ҷараёни барқ.

**Андозагирии техникӣ** - андозагирие, ки тариқи воситаи андозагирии корӣ амалӣ гардонида мешавад. Чунин андозагирӣ бо мақсади назорат ва идоракунии раванди технологӣ истифода мешавад. Мисол, андозагирии диаметри навард дар раванди технологӣ.

**Андозагирии метрологӣ** - андозагирие. ки бо мақсади интиқоли андозаи воҳиди бузургиҳои физикӣ ба воситаи андозагирии корӣ тариқи истифодаи эталон ва воситаҳои андозагирии намунавӣ амалӣ гардонида мешаванд.

**Андозагирии мутлақ** - андозагирие, ки ба андозагирии мустақими як ё якчанд бузургии асосӣ ваё истифодаи доимии физикӣ асос ёфтаанд. Мисол, андозагирии қувва Ғ ба андозагирии бузургии асосӣ - масса (т) ва истифодаи доимии физикӣ g (дар нуқтаи андозагирии масса) асос ёфтааст.

**Андозагирии нисбӣ** - андозагирие, ки ҳангоми он таносуби бузургӣ ба бузургии ҳамноми нақши воҳидро иҷрокунанда, ё тағйирёбии бузургӣ дар таносуб ба бузургии ҳамноми ба сифати ибтидоӣ қабулгардида, ҳисоб карда мешавад. Андозагирии нисбӣ ба муқоисаи бузургии агщозашаванда *(x)* бо қимати маълуми ченак *(A)* асос ёфтааст. Бузургии матлуб дар ин ҳолат

тариқи ҷамъкунии алгебра вии андозаи ченак ва нишондоди асбоби андозагирй *(х = А* + Л; қимати Д аз кунҷи гардиши ақрабак а вобаста аст) муайян карда мешавад (расми 2.11).




Расми 2.12. Андозагирии кунҷ бо кунҷсанҷ

**Андозагирии мустақим** - андозагирие, ки бо ёрии ченак амалӣ гардонида мешаванд, яъне бузургии андозашаванда бо ченаки он бевосита муқоиса карда мешавад. Мисол: андозагирии кунҷ (ченак - кунҷсанҷ (расми 2.12.), андозагирии муста қими дарозй бо ёрии ченаки хаттӣ ё ҳарораг бо ҳароратсаяҷ. Андозагирии мустақим асоси андозагириҳои нисбатан мураккаби ғайримустақим, дастаҷамъона ва муштарак ҳисоб меёбад.

**Андозагирии гайримустақим** - андозагирие, ки қимати бузургии андозашаванда (Х) бо истифодаи қиматҳои тариқи андозагирии мустақим дастрасгардида (А ва **В),** баъзе 'вобастагиҳои байни ин қиматҳо ва бузургии андозашаванда (Х = А - **В)** муайян карда мешавад (расми 2.13). Мисол: усу ли тригонометрии андозагирии кунҷ, ки дар ин ҳол кунҷи тези секунҷаи росткунҷаро аз рӯи дарозиҳои андозашудаи катетҳо ва гипотенуза муайян менамоянд, ё андозагирии диамегри миёнаи рахпеч бо усули се симча.




Расми 2.13. Андозагирии гайримустақим

Андозагирии гайримустақим дар аксар ҳолаг имкон медиҳад, ки натиҷаи

нисбат ба андозагирии мустақим дақиқтар дастрас карда шаванд. Мисол: саҳви андозагирии мустақими кунҷ бо кунҷсанҷ нисбат ба саҳви андозагирии ғайримустақими кунҷ бо ёрии хаткашаки синусӣ як сатҳ болотар мебошад.

Ҳангоми андозагирӣ ба хаткашаки синусӣ (расми 2.14) андозаи ченаки *h* бо формулаи $h = L \cdot sina$ муайян карда мешавад. Бо индикатор фарқи мавқеҳои маснуот дар масофаи / муайян карда мешавад. Тамоилии кунд дар қуллаи махрут бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

*да = Sh/l (рад) = 2ltfdh/l (")*

Кунҷи ҳақиқии $a_0$ махрути назоратшаванда

$a_0 = а \pm да \pm A_x$

Иштибоҳи андозагирии хаткашаки синусӣ $A_x$ аз кунҷи а, иштибоҳи ченак $A_ч$ ва иштибоҳи масофаи байни меҳвари ғилдиракчаҳо $A_L$ вобаста мебошад:

$A_L = 210^s\ [\ (A_ч - A_l ■\ sina) / L ■\ cosa\ ].$



Расми 2.14. Хаткашаки синусӣ

**Андозагирии дастаҷамъона** - андозагирие, ки натиҷаи он ҳалли ягон маҷмӯи муодилаҳои дар натиҷаи андозагирии мувофиқати имконпазири бузургиҳои андозашаванда дастрасшуда ҳисоб меёбанд. Мисол, (расми 2.15): Дар расм **Ri; R2; R3** - муқовиматҳое, ки қиматашон бояд ёфта шавад.

Секунҷаро тақсим кардан мумкин нест.

Муқовиматҳои байни нуқтаҳои А, В, С, яъне $R_A$B; RBC; RAC-PO андозагирӣ намуда, маҷмӯи муодилаҳои се номаълумро тартиб медиҳанд ва **Ri; $R_2$; R3-P0** муайян мекунанд.

**Анзодагирии муштарак** - андозагирие, ки дар раванди он бо мақсади муқаррар намудани вобастагии байнашон мавҷуда ҳадди ақал ду бузургиҳои физикии гуногун андозагирӣ мешаванд.

Мисол, дода шудаст:

*R=R,,(1 + ав),*




Расми 2.15. Андозагирии дастаҷамъона

дар ин ҷо: $R$ - муқовимат ҳангоми ҳарорати '0; $R_{„}$ - қимати $R$ ҳангоми $в = 0$, $a$ - зариби ҳароратӣ.

Қиматҳои $R_0$ ва $a$ бояд ҳисоб карда шаванд. Ду қимати $R$-ро андозагирӣ менамоянд: $R = R$, хангоми $0 = в$, ва $R = R_2$ ҳангоми $в = 0$.. Ҳалли маҷмӯи ду муодилаҳо

Г $R, = RoU + ccej$

$[R_2 = R_0(1 + ав + p0_2)$

қимати матлуби Ro ва а-ро муайян менамояд.

Агар

$R^R_0 (1+ав_1+(Ю_2)$,

бошад, барои муайян намудани $R_{,,}$; а ва у? се муодила лозим аст.

Баъзан андозагириҳои дастаҷамъона ва муштаракро ҳолати хусусии андозагирии ғайримустақим меҳисобанд.

## 2.9. ҚОИДАҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ АНДОЗАГИРӢ

Барои дуруст амалӣ гардонидани андозагирӣ ичро кардани тартиботи зерин зарур аст:

1. муайян кардани услуби амалигардонии андозагирӣ;
2. интихоби усули андозагирӣ, воситаи андозагирӣ ва таҷҳизоти ёрирасон;
3. омодагӣ барои андозагирӣ ва санҷиши воситаи андозагирӣ;
4. назорати шароити амалигардонии андозагирӣ;
5. мукаррар кардани микдори мушоҳидаҳо ҳангоми андозагирӣ;
6. муқаррар кардани иштибоҳи мунтазам ва кам кардани микдори он;
7. коркард кардани натиҷаҳои мушоҳидаҳо ва баҳо додани иштибоҳи андозагирӣ;
8. пешниҳод ва шарҳ додани натиҷаҳои андозагирӣ;
9. яклухт ва сабт кардани натиҷаи мушоҳида ва андозагириҳо.

*Услуби иҷро карданы andозагирӣ* - ҳуҷҷати меъёрию техникие, ки дар он маҷмӯи амалиёт ва қоидаҳое муқаррар карда шудаанд, ки иҷрои онҳо дастрас гардидани натиҷаҳои зарурии андозагириро таъмин менамояд. Дар услуби иҷро кардани андозагирӣ маълумоти зерин муқаррар карда мешавад:

- таъиноти услуб, меъёрҳои дақиқӣ ва соҳаи истифодабарӣ;
- усули (усулҳои) андозагирй;
- талабот нисбати восигаҳои андозагирй ва таҷҳизоти ёрирасоне, ки барон амалигардонии андозагирй зарурат доранд;
- талабот нисбати бехатарй, аз он ҷумла бехатарии экологй;
- талабот нисбати тахассуси танзимгарон;
- шароити иҷро кардани андозагирй;
- амалиёти омодагӣ барои иҷро кардани андозагирй;
- амалиётҳои озмоишие, ки ҳангоми андозагирй барои дастрас кардани натиҷаи мушоҳидаҳо зарур мебошанд;
- тарзҳои коркарди натиҷаи мушоҳидаҳо ва баҳодиҳии нишонднҳандаҳои дақиқии андозагирй;
- талабот нисбати мураттабсозии натиҷаҳои андозагирй.

Одатан услуби намунавии андозагирй ба намуди стандарт (ё нишондоди методӣ) дараҷаҳои гуногун (давлатӣ, ташкилотӣ, корхонаи мушаххас) ё бандҳои стандарт таҳия карда мешавад. Инчунин услубҳои мушаххаси андозагирй таҳия карда шуда метавонанд.

Таҳия ё интихоби услуби амалигардонии андозагириро аз таҳлили объект, шароит ва мақсади андозагирй, инчунин муқаррар намудани тамсилаи мутобиқи объекти андозагирй огоз мекунанд. Таҳти тамсилаи объекти андозагирй (ҷанбаҳои физикй, математикй, сохторй, маъной ва дигаронро дар бар мегирад) навиштаҷоти ба расмият даровардашудаи объекти андозагирй, ки ба маҷмӯи донишҳои мавҷуда дойр ба объекти андозагирй асос меёбад, дар назар дошта мешавад. Ба сифати бузургиҳои андозашаванда чунин параметр ё хусусиятҳои тамсилаи объекти андозагириро бояд интихоб намуд, ки онҳо ба мақасади андозагирй мувофиқати наздик доранд. Иштибоҳи тамсиларо ба эътибор нагирифтан мум кин аст, агар онҳо аз иштибоҳи ҷоизи андозагирй на зиёда аз 10 %-ро ташкил диҳанд.

*Интихоби усули андозагирӣ* дар асоси тамсилаи кабулшудаи объекти андозагирӣ ва воситаҳои андозагирии дастрас муайян карда мешавад. Таҳти усули андозагирӣ тариқи тарз ё маҷмӯи тарзҳои мутобиқи принсипи андозагирии қабулшуда муқоиса кардани бузургии андозашаванда бо воҳидаш дар назар дошта мешавад.

Ҳангоми интихоби усули андозагирӣ кӯшиш менамоянд, ки иштибоҳи он ба иштибоҳи андозагирии ҷамъбастӣ таъсири назаррас надошта бошад (яъне аз 30 % зиёд набошад). Иштибоҳи усули андозагирӣ, ки ташкилдиҳандаи иштибоҳи мунтазами андозагирӣ хисоб меёбад, дар натиҷаи номукаммалии тамсила ва усули андозагирии қабулшуда (яъне иштибоҳи назариявӣ) ба амал меояд.

*Интихоби воситаи андозагирӣ ва таҷҳизоти ёрирасон* дар асоси маълумот дойр ба бузургии андозашаванда, услуби андозагирии кабулшуда ва дақиқии талаботии натиҷаи андозагирӣ (меъёрҳои дақиқӣ) амалӣ гардонида мешавад. Андозагириҳо бо истифодаи воситаҳои дақикиашон нокифоя начандон муҳим (хатто беҳуда) мебошанд, чунки метавонанд боиси хулосаҳои нодуруст гарданд. Истифодаи воситаҳои андозагирии беҳад дақиқ аз ҷиҳати иқтисодӣ беманфиат мебошанд. Интихоби воситаи андозагирӣ ва таҷҳизоти ёрирасон инчунин бо назардошти хусусиятҳои истифодавии воситаи андозагирӣ ва арзиши он, худуди тағйироти бузургии андозашаванда ва шароити андозагирӣ амалӣ гардонида мешавад.

Ба иштибоҳи воситахои андозагирӣ диққати махсус дода мешавад. Дар барбари ин ҷиҳати иҷро гардидани шарти зерин кӯшиш менамоянд:

= + + + + <

Av Атамс Аус Ава Ашар Ат — Ач

дар он А, - иштибоҳи ҷоизи ҳудудии натиҷаҳои андозагирӣ; иштибоҳхои ҳудудии: $А_{та}мс$ - тамсилаи андозагирӣ, $А_{ус}$ - услуби андозагирӣ, $А_{ва}$ - воситаи андозагирӣ, $А_{ша}р$ - иштибоҳи иловагие, ки таъсири омилҳои шароити андозагирӣ боис гардидаанд, $А_{т}$ - иштибоҳи танзимгар.

Чунин меъёри интихоби воситаи андозагирӣ ба қадри кофӣ эътимоднок мебошад, вале иштибоҳи умумии андозагирӣ 20-30 % зиёд баҳо дода мешавад. Агар захираи мазкур нисбати дақиқӣ

раво набошад, иштибоҳи умумӣ Aj бояд бо формулаҳо барои иштибоҳҳои тасодуфӣ муайян карда шавад.

*Омодагӣ ба андозагирӣ ва озмудани воситаҳои андозагирӣ.* Ҳангоми омодагӣ ба андозагирӣ танзимгар бояд амалхои зеринро иҷро намояд:

1. Ом ода (мӯсол, тоза) кардани объекта андозагирӣ ва муҳайё намудани шароита зарурии (тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрито техникӣ) андозагирӣ (санҷиш) - ба ҳолати корӣ гузоштан, ба манбаъ пайваст кардан, вақти муайян хунук ё гарм кардан ва монанди ин.

2. Озмудани воситаи андозагирӣ. Амали воситаҳои идоракунӣ, танзим ва тармими воситаи андозагирӣ санҷида мешавад. Агар воситаи андозагирӣ бо воситаҳои худмадраҷкунӣ таъмин карда шуда бошад, амалиётҳои мутобиқ иҷро карда мешаванд.

3. Ду-се мушоҳидаҳои озмуданӣ гузаронида, натиҷахо бо натиҷаҳои пешбинишуда муқоиса карда мешаванд. Ҳангоми ихтилофи ғайричашмдошти натиҷаҳо омилҳои таъсиррасонанда таҳлил карда шуда, кадри имкон барҳам дода мешаванд.

*Назорати шароита амалигардотш андозагириҳо.*

Нигоҳдо штата вии хусусиятҳои метрологии воситаҳои андозагирӣ барои шароита мувофиқи андозагирӣ (чадвали 2.4.) кафолат дода мешавад. Вале амалигардоник вокеии андозагириҳо дар чунин шароит эҳтимолияти начандон зиёд дорад. Бинобар ин, дар ҳуҷҷатҳои истифодавии воситахои андозагирӣ ҳудудҳои соҳаи мутобиқи микдори бузургиҳое, ки ба раванди андозагирӣ таъсир мерасонанд, нишон дода мешавад. Бо сабаби дар раванди андозагирӣ ба вучуд омадани иштибоҳи иловагии воситаҳои андозагирӣ аз ин ҳудудҳо берун баромадан тавсия дода намешавад. Муайян кардани фазой корне тавсия дода мешавад, ки дар дохили он амали бузургихок таъсиррасонандаро қатъи назар кардан мумкин аст.

Ҷадвали 2.4. Қиматҳои муқарраррарии бузургиҳои физикии таъсиррасонанда

| Бузургии таъсиррасонанда | Қимати муқаррарии бузургӣ |
|---|---|
| 1. Ҳарорат барои ҳама намуди андозагирӣ | 293 °К (20 »С) |
| 2. Фишори ҳавои атроф барои: андозагирии нурафкании ионикунанда, ҳароратию физикӣ, ҳароратӣ, магнита, барқӣ, фишор, параметрҳои ҳаракат | 100 кПа (750 мм. сут. сим.) |
| намудҳои дигари андозагирӣ | 101,3 кПа (760 мм. сут. сим.) |
| 3. Намнокии нисбии ҳаво барои: андозагириҳои хаттӣ, кунҷӣ, масса ва спектроскопия | 58% |
| андозагирии муқовимати барқӣ | 55% |
| андозагирии ҳарорат, қувва, сахтӣ, ҷараёни барқии тағйирёбанда, нурафкании ионикунанда, параметрҳои харакат | 65% |
| намудҳои дигари андозагирӣ | 60% |
| 4. Зичии ҳаво | 1,2 кг/м$^3$ |
| 5. Суръатнокии озодафтӣ | 9,8 м/с* |
| 6. Индуксияи магнитӣ (мисол майдони магнитӣ) ва шиддатнокии майдони электростатики барои: андозагирии параметрҳои ҳаракат, бузургиҳои магнитӣ ва барқӣ | |
| намудҳои дигари андозагирӣ | Ба тавсифҳои майдони Замин дар ҳудуди мазкур мувофиқат менамояд |

Мувофиқи ГОСТ 8.050-73 «Шароити мувофиқи иҷро кардани андозагириҳои хаттӣ ва кунҷӣ» ва ГОСТ 8.395-80 «Шароити мувофиқи андозагирӣ хангоми санҷиши давлатӣ» ҳудудҳои соҳаи мувофиқи қимати бузургиҳои таъсиркунанда пешбинӣ

шудаанд, ки вобаста аз ҷоизӣ ва ҳудуди андозахои ченшаванда муқаррар карда мешаванд.

Воситаҳои андозагирии бузургиҳои таъсиррасонандаро тавре интихоб менамоянд, ки иштибоҳи онҳо аз тағйиротҳои ҷоизи бузургиҳои таъсиркунанда аз 30 % зиёд набошад.

*Муқаррар намудани микдори мушоҳидаҳо ҳангоми андозагирӣ.* Мафҳуми «мушохида ҳангоми андозагирӣ» - амалиёти озмоишиеро ифода мекунад, ки дар раванди андозагирӣ иҷро карда шуда, дар натиҷаи он як қимати бузургӣ - натиҷаи мушоҳидаи барои дастрас намудани натичаи андозагирӣ коркардшаванда дастрас карда мешавад. Ин мафҳум набояд бо мафҳуми «андозагирӣ» мушобеҳ хисобида шаванд. Маҷмӯи ик мафҳумҳо барои ифодаи ҳаммаънои тартиботи андозагирӣ зарурат доранд.

Иштибоҳи эҳтимолиро дар муқоиса бо бақияи истисно нагардидаи иштибоҳи мунтазам ночиз меҳисобанд, агар *0 /S (x) >8* бошад.

*дар он 0* - сарҳади бақияи исгисно нагардидаи иштибоҳи мунтазами натиҷаи андозагирӣ;

*S (x)* — гамоилии миёнаи квадратии мушоҳидаҳои алохида.

Барои баланд бардоштани эътимоднокии чунин андозагириҳо (истиснои иштибоҳҳо) баъзан ду ё се мушэҳида гузаронида, ба сифати натиҷаи андозагирӣ қимати миёнаи арифметикии натиҷаи онҳо қабул карда мешаванд,

*Баҳисобгирии иштибоҳҳои мунтазам ва тарзҳои камкунии онҳо.* Иштибоҳҳои мунтазам одатан ҳангоми иҷро карданк мушоҳида ва ҳисобкунии натиҷахои андозагирӣ зоҳир намегарданд, вале қобиланд ин натиҷаҳоро моҳиятан нодуруст маънидод кунанд.

Ҳангоми гаҳияи восита ва услуби иҷро кардани андозагирӣ, яъне то огози андозагирӣ иштибоҳҳои мунтазам каму беш истисно карда мешаванд (мисол, бо роҳи дохил кардани ислоҳоти аддитивӣ ва мултипликативӣ). Бинобар ин хангоми амалигардонии мушоҳидаҳо ва баҳодихии натиҷаҳои андозагирӣ бо бақияи истисно нагардидаи иштибоҳи мунтазам кордор мешаванд.

Барои ошкор кардани бакияи истисно нагардидаи иштибохи мунтазам иҷро кардани чунин амалҳо тавсия дода мешавад:

- андозагирӣ бо усули аз усули истифодашуда моҳиятан фарққунанда гузаронида шуда, натиҷаҳо муқоиса карда шаванд;

• шароити мушоҳидакунӣ тасодуфан тағйир дода шавад (истифода кардани нусхаҳои дигари воситаҳои андозагирӣ, иваз кардани танзимгар, тағйир додани вақти мушоҳида, мисол, ҳагоми аз кор боздоштани таҷҳизоти технологи);

« андозагирии назоратӣ дар лабораторияи ташкилоти дигар ё муассисаи метрологӣ, ки восита ва усулҳои андозагирии нисбатан дақиқ истифода карда мешаванд, гузаронида шавад;

• иҷро кардани баҳодиҳии назариявии (ҳисобии) бакияи истисно нагардидаи иштибоҳи мунтазам бо ҷалби донишҳои дойр ба объекта андозагирӣ, усул ва воситаи андозагирии нисбатан дакик ё тамсилаҳои дигари дар тачриба санҷиданашуда.

Барой кам кардани (истиснои) бақияи истисно нагардидаи иштибохи мунтазам дар раванди иҷро кардани андозагирӣ усулхои зерин истифода карда мешаванд:

1. *У су ли ивазкунӣ. Моҳияти он* - бузургии андозашаванда бо бузургии (ченаки) маълум тавре иваз карда мешавад, ки дар холат ва амали воситаҳои андозагирии истифодашаванда ягон хел тагйирот ба амал наояд.

2. *Усули мукрбилгузорӣ.* Андозагирӣ бо истифодаи ду мушоҳидакунӣ тавре гузаронида мешавад, ки сабаби бақияи истисно нагардидаи иштибоҳи мунтазам ба натачай мушоҳидаҳо аз рӯи қонунияти маълум таъсироти гуногун оасонад.

3. *Усули мувозинати иштибоҳ аз рӯи аломат* амалигардонии андозагириро бо ду мушоҳида тавре пешбинӣ менамояд, ки бакияи истисно нагардидаи иштибохи мунтазам ба натаҷаи ҳар яки онхо бо аломатҳои гуногун дохил шавад.

4. *Усули рандомизонӣ* (интиколи иштибоҳи мунтазам ба эҳтимолӣ) чунин ташкили андозагирӣ мебошад, ки омили бакияи истисно нагардидаи иштибохи мунтазамро бавучудоранда ҳангоми мушоҳидаҳо таъсироти гуногун дорад.

5. *Усули мушоҳидаҳои мутаносиб* барои бартараф кардани иштибохҳои мунтазами тадричан инкишофёбандаи мутаносиби вақт ба таври хаттӣ тагйирёбанда истифода карда мешавад. Хусусиятҳои зерини ду мушоҳидаи ихтаёрии нисбат ба нуқтаи миёнаи ҳудуди мушоҳидахо мутаносиб чойгиршуда истифода карда мешаванд: қимати миёнаи иштибохи хаттӣ афзуншавандаи натачай чуфтхои ихтиёрии мушоҳидаҳои мутаносиб бо иштибоҳи ба нуктаи миёнаи худуд мувофиқаткунанда баробар мебошад. Якчанд мушоҳидахо дар

фосилаи баробари вақт ичро карда шуда, қиматҳои миёнаи арифметикии натиҷаи мушоҳидаҳои мутаносиб ҷойгиршуда (мутаносиб нисбат ба мушоҳидаи аз рӯи вақт миёна) ҳисоб карда мешаванд. Тавре қайд гардида буд, онҳо бояд баробар бошанд. Чунин ҳолат имкон медиҳад дар раванди андозагирӣ риоя гардидани шарти хаттияти афзуншавии иштибохи мунтазам назорат карда шавад.

Усулҳои тавсифшуда бояд ҳангоми таҳияи усулҳои иҷро кардани андозагирӣ ба ҳисоб гирифта шаванд.

*Коркарди напиҷаи мушоҳидаҳо ва баҳо додани иштибоҳи андозагирӣ.* Баҳо додани иштибоҳи натиҷаи андозагирӣ ҳангоми таҳияи услуби амалигардонии андозагирӣ иҷро карда мешавад. Тамсилаи объект, усул ва воситаи андозагирӣ, иштибоҳҳои вобаста аз танзимгар, омилҳои таъсиррасонандаи шароити андозагирӣ, алгоритми коркарди натиҷаи мушоҳидаҳо манбаи иштибоҳ ҳисоб меёбанд. Одатан иштибоҳи натиҷаи андозагирӣ ҳангоми эҳтимолияти эътимодноки P = 0,95 баҳо дода мешавад. Ҳангоми интихоби қимати P дараҷаи аҳамияти (масъулияти) натиҷаи андозагирӣ бояд ба ҳисоб гирифта шавад.

*Пешниҳод ва шарҳ додани натиҷаҳои андозагирӣ.* Натиҷаи андозагирӣ бояд на танҳо қимати дастрасшудаи натиҷаи андозагирӣ, балки тавсифҳои иштибоҳи онро бо нишондоди микдори мушоҳида ва эҳтимолияти эътимоднок ҳатман дар бар гирад. Бар ивази тавсифҳои иштибохи андозагирӣ истинод ба услуби стандартизатсияшудаи амалигардонии андозагириро, ки тибқи он андозагирӣ иҷро карда шудааст, нишон додан мумкин аст.

Ҳамҷоя бо натиҷаҳои андозагирӣ маълумоти иловагӣ ва шароити андозагирӣ, ки барои истифодаи амалии онҳо заруранд, мисол, лаҳзаи вақте, ки натиҷаҳои андозагирӣ ба он мансуб аст, маълумотро дойр ба тамсилаи объекти андозагирӣ нишон додан мумкин аст.

Дараҷаҳои пасттарини қимати натиҷаҳои андозагирӣ бояд ба дараҷаҳои пасттарини қиматҳои тамоилии миёнаи квадратии иштибоҳи мутлақи андозагирӣ ё қимати сарҳадҳое, ки дар онҳо иштибоҳи мутлақи андозагирӣ ё тавсифҳои статикии он мавҷуданд, баробар бошад. Тавсифҳои иштибоҳ бо ададе, ки на зиёда аз ду рақамҳоро дар бар мегирад, ифода карда мешавад, чунки хатогии муайян кардани иштибоҳ на зиёд аз 10 фоизро ташкил медиҳад.

Шаклҳои зерини пешниҳоди натиҷахои андозагирӣ нисбатан маъмултар мебошанд:

- ҳангоми иштибоҳи мутаносиби натиҷаи андозагирӣ - А; ± Д; Р ё А ±Д; Р;

- ҳангоми иштибоҳи номутаносиби натиҷаи андозагирӣ - **А;** Д (Р) аз Д„ то Дб ; Р (Д„„ Дб - қнмати поёнӣ ва болоии сарҳадхои иштибоҳи андозагирӣ).

*Яклухт ва қайд карданы натиҷаҳои мушоҳнда еа андозагириҳо.* Ҳангоми яклухт ва кайд кардани натичаи мушоҳида ва андозагириҳо чунин коидахо бояд риоя карда шаванд:

1. Қимати ададии натиҷаи мушоҳида мувофиқи дараҷаи ададии қимати ифодакунандаи иштибоҳи андозагирӣ яклухт карда мешавад.

Қиматҳои зиёдатӣ дар ададҳои бутун бо сифр иваз карда шуда, дар касрҳои даҳӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд. Агар касри даҳӣ бо сифрхо хотима ёбад, онҳо то дараҷае ба хисоб гирифта намешаванд, ки он ба дараҷаи ишгибоҳ мувофикат мекунад. Мисол: натиҷа 1,077000, иштибоҳ 0, 0001. Натиҷа то 1,0770 яклухт карда мешавад.

Агар рақами якуми (аз тарафи рост) бо сифр иваз кардашаванда ё ба ҳисоб гирифтанашаванда аз 5 хурд бошад, рақамҳои мондашаванда бе тағйир мемонанд. Агар якумини ин рақамҳс баробари 5 бошад ва аз паси он раками дигар набошад, дар ин ҳолат ҳангоми раками охирини адади ихтисоршаванда ҷуфт ё баробари сифр будан, он бе тағйир мемонад, ҳангоми ток будан як рақам зиёд карда мешавад. Мисол: 1234,50 то 1234 ихтисор карда мешавад, 8765,50 - то 8766.

Агар ракями якуми бо сифр ивазшаванда ё ба ҳисоб гирифтанашаванда калон ё баробари 5 бошад, вале баъди он раками ифодакунанда мавчуд бошад, рақами охирини мондашаванда як ракам зиёд карда мешавад. Мисол: 1234,7 то 1235 ихтисор карда мешавад, 87,54601 - то 87,55.

2. Иштибохи дар натичаи ҳисобкуниҳо баамалоянда бояд на зиёда аз 10 фоизи иштибоҳи умумии андозагириро ташкил диҳад. Бинобар ин, агар нисбати натичаи андозагирӣ (мушоҳида) баъзе амалиёгҳои математики лешбинй шуда бошад, ҳангоми яклухт кардани натиҷа мувофики қоидаи 1, аз тарафи рост як дарача зиёд карда мешавад, яъне дар мисоли якум натича 1,077000 бояд на то 1,0770 балки то 1,07700 яклухт карда шавад.

3. Ҳангоми муайян кардани миқдори аломатҳо барои ҳисобкунии иштибоҳи андозагирӣ бояд ба ҳисоб гирифта шавад, ки иштибоҳи муайян кардани қимати иштибоҳ ба қадри кофӣ бузург аст, тақрибан 30 % ҳангоми микдори мушоҳидаҳо $n$ = 10 ва такрибан 15 % ҳангоми $n$ = 20 - 25. Бинобар ин, ҳангоми $n$ < 10 бояд як рақами ифодакунанда монда шавад, агар он аз 3 калон бошад ва ду рақам агар якумини онҳо аз 4 хурд бошад. Мисол: агар ҳангоми /7 = 10, тамоилии миёнаи квадратӣ S' = 0,523 қимати $S$ = 0,5 монда мешавад.

## 2.10. УСЛУБИ АМАЛИГАРДОНИИ АНДОЗАГИРӢ

Андозагириҳо бояд мувофиқи услубҳои бо тартаби муайян муқарраргардида амалӣ гардонида шаванд. Тартаби тахияву тавсияи услуби андозатариро мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Услуби амалигардонии андозагирӣ** - маҷмӯи амамлиёт ва қоидаҳое, ки амалигардонии онҳо дастрас намудани натиҷаи андозагириро бо иштибоҳи (номуайянии) муқарраргардида имкон медиҳад.

Дар таърифота мазкур ду муқаррарот мавҷуд аст: услуби амалигардонии андозагирӣ - тартиби андозагирӣ (маҷмӯи амамлиёт ва қоидаҳо) ва талабот нисбати нишондиҳандаҳои дақиқии андозагирӣ. Чунин ҳисобидан мумкин аст, ки услуби амалигардонии андозагирӣ - тартиби андозагирие, ки дар он нишондиҳандаҳои дақиқии андозагириҳо қайд карда шудаанд. Мувофиқи талаботи стандартҳои ИСО силсилаи 9000 тамоми тартабот бояд ҳуҷҷатнок карда шаванд. Бинобар ин тартибота андозагирӣ низ тариқи ҳуҷҷат ба тартиб андохта мешаванд.

Таҳияи услуби амалигардонии андозагириро дар ҳолати натиҷаи андозагирӣ хисоб ёфтани нишондоди воситаи андозагирие, ки дар мувофиқата комил бо дастурамали истафодаи он бе ягон иловагихо истифода карда мешавад, амалӣ нагардонидан мумкин аст.

Услуби амалигардонии андозагириро дар яке аз ҳолатҳои зерини зарурата ҳалли масъалаи андозагирӣ таҳия ва ҳуҷҷатнок мегардонанд:

- андозагирӣ бо истафодаи воситаи андозагирие амалӣ гардонида мешавад, ки дар дастурамали истафодаи он нишондиҳандаҳои дақиқии андозагирӣ, алгоритми ҳисобкунии

онҳо аз рӯи хусусиятҳои метрологии воситаи андозагирӣ оварда нашудаанд;

- андозагирӣ бо усулҳое амалӣ гардонида мешавад, ки иштибоҳи онҳо на танҳо бо иштибоҳи воситаи андозагирӣ, балки вобаста аз ташкилдиҳандагони дигари иштибоҳ низ муайян карда мешавад;

- алгоритми ҳисобкуние, ки барои онҳо қоидаҳои нави дастрас кардани натиҷаҳои андозагирӣ, алгоритми ҳисобкунии натиҷаҳои андозагирӣ ва нишондиҳандаҳои дақиқии андозагирӣ талаб карда мешаванд;

- андозагирӣ бо усулҳое амалӣ гардонида мешавад, ки дар онҳо қимати матлуби бузургӣ аз рӯи вобастагии муайяни байни ин бузургӣ ва бузургиҳои тахти андозагирии бевосита қароргиранда муайян карда мешавад;

- андозагриҳое, ки ҳангоми таҳлили кимиёвии миқдорӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Мақсади таҳия ва истифодаи услуби амалигардонии андозагирӣ - таъмини амалигардонии андозагириҳо бо иштибоҳе, ки аз меъёрҳои иштибоҳ ё хусуияти иштибоҳи нисбатдодашуда зиёд набошанд. Хусусияти иштибоҳи нисбатдодашудаи андозагирӣ - хусусияти иштибоҳи натиҷаи ихтиёрии маҷмуи андозагирие, ки ҳангоми риояи талаботи услуби мазкур дастрас шудааст.

Таҳияи услуби амалигардонии андозагирӣ дар асоси маълумоти ибтидоие, ки таъиноти услуби мазкур, талабот нисбати дақиқии андозагирӣ, шароити амалигардонии андозагирӣ ва талаботи дигарро нисбати ин услуб дар бар мегирад, иҷро карда мешавад.

Одатан маълумоти ибтидоии асосӣ дар вазифаи техникӣ барои таҳияи услуби амалигардонии андозагирӣ ба шакли муайян дароварда мешаванд. Агар барои таҳияи услуби амалигардонии андозагирӣ маълумоти ибтидоии кофӣ мавҷуд бошад, барои таҳияи услуби амалигардонии андозагирӣ вазифаи техникӣ зарурат надоштанаш мумкин аст.

Барои тахйяи услуби амалигардонии андозагирӣ мавҷудияти маълумоти зерин зарур аст:

- таъиноти услуби амалигардонии андозагирӣ:

- соҳаи истифодабарӣ (объекти андозагириҳо, аз он ҷумла номгӯйи маҳсулот ва параметрҳои андозашаванда, инчунин соҳаи истифодабарӣ - барои як корхона, барои соҳа ва монанди ин);

- номгӯй ва хусусиятҳои бузургии андозашаванда;

- хусусиятҳои объекта андозагирӣ;
- талабот нисбати хусусиятҳои иштибоҳи андозагирӣ ваё хусусияткои иштибоҳи андозагириро ташкилдиҳанда (ташкилдиҳандаҳои мунтазам ва тасодуфӣ) талаботи асосии ибтадоӣ нисбати тахдяи услуби амалигардонии андозагирӣ ҳисоб меёбанд. Чунин талабот дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ: стандартной давлатӣ, ҳуҷҷатҳои соҳавӣ ва дигарон метавонанд мураттаб сохта шаванд.

Талабот нисбати хусусиягҳои иштибоҳи андозагириро вобаста аз талабот нисбати эътиборнокии назорати андозагирӣ (эҳтимолияти хатогиҳои назорати ҷинси якум ва дуюм) ё инггибоҳи натиҷаҳои санҷиш муқаррар кардан мумкин аст.

Дар аксар ҳолатҳои амалия барои муқаррар кардани талабот нисбати хусусиятҳои иштибохӣ авдозагирӣ таносуби иштибоҳи андозагириро нисбати ҷоизӣ барои параметри андозашаванда (чунин ганосуб бояд на зиёда аз 0,3 бошад; дар ҳолатҳои асоснокшуда 0,4 - 0,5) истифода мебаранд.

Таҳияи услуби амалигардонии андозагирӣ одатан марҳалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- тахдили вазифаи андозагирӣ;
- интихоби усул ва воситаҳои андозагирӣ (аз он ҷумла намунаҳои стандарта, омехтаҳои тавсияшуда), воситаҳои техникии ёрирасон ва дигарон;
- муқаррар кардани пайдарҳамӣ ва мундариҷаи амалиётҳо ҳангоми омодагӣ ва иҷро кардани андозагирӣ, коркарди натиҷаҳои фосилавӣ ва ҳисоб кардани натиҷаҳои хотимавии андозагирӣ;
- гашкил ва гузаронидани таҷриба (гадқиқота метрологӣ) ҷиҳати баҳо додани нишондиҳандаҳои дақиқии услуби амалигардонии андозагирӣ бо мақсади муқаррар намудани хусусиятҳои нисбатдодашудаи иштибоҳи (номуайянии) андозагирӣ, хусусиятҳои гашкилдиҳандагони иштибоҳ;
- тариқи таҷриба санҷида гасдиқ кардани алгоритми амалигардонии андозашрии муқарраршуда;
- муқаррар кардани хусусияти нисбатдодашудаи иштибохӣ андозагирӣ, хусусияти ташкилдиҳандагони иштибоҳи андозагирӣ бо назардошти талаботе, ки маълумоти ибтидоӣ барои таҳияи услуби амалигардонии андозагирӣ дар бар мегиранд;
- гаҳияи тартиб ва муқаррар намудани меъёрҳои назорати дақиқии натиҷаҳои андозагирии дастрасшаванда бо назардошти

талаботи ИСО 5725-2002 - «Дақиқии (дурустӣ ва дақиқии комили) усул ва натиҷаҳои андозагирӣ»;

- таҳияи лоиҳаи ҳуҷҷат (фасл, қисми хуҷҷат) барои услуби амалигардонии андозагирӣ;

- экспертизам метрологии лоиҳаи ҳуҷҷат барои услуби амалигардонии андозагирӣ. Экспертизам метрологии услуби амалигардонии андозагирӣ - тахдил ва баҳодиҳии усул ва воситаҳои андозагирӣ, амалиёт ва қоидаҳои амалигардонии андозагирӣ ва коркарди натиҷаи онҳо бо мақсади мукдррар кардани мувофиқати услуби амалигардонии андозагирӣ ба талаботи метрологии пешниҳодшаванда.

- санҷиши тавсшшии услуби амалигардонии андозагирӣ - тартиби муқаррар ва тасдиқ кардани мувофикдти услуби амалигардонии андозагирӣ ба талаботи метрологии пешниҳодшаванда.

- стандартизатсия услуби амалигардонии андозагирӣ. Таҳияи стандартҳоеро, ки дар онҳо услуби амалигардонии андозагирӣ баён карда мешавад, мувофиқи муқаррароти стандартҳои низоми давлатии стандартизатсия (СГҶТ 1.2, СТҶТ 1.5) амалӣ мегардонанд. Санҷиши тавсиявӣ ва стандартонии услуби амалигардонии андозагирӣ метавонанд ҳамчун кори мустақилона иҷро карда шаванд.

- тасдиқ карда™ лоиҳаи ҳуҷҷат барои услуби амалигардонии андозагирӣ.

Услуби амалигардонии андозагирӣ вобаста аз мураккабӣ, таъинот ва соҳаи истифода дар намудҳои зерин ифода карда мешаванд:

- ҳуҷҷати алоҳида (стандарт, дастурамал, тавсиянома ва дигарон);

- фасл ё қисми алоҳидаи ҳуҷҷат (фасли стандарт, шартҳои техшжӣ, ҳуҷҷати тарроҳӣ ё технолога ва дигарон)

Ҳуҷҷатҳое (фасл, қисми ҳуҷҷат), ки услуби амалигардонии андозагириро тартибандозӣ мекунанд, чунин маълумотҳоро дар бар мегаранд:

- таъиноти услуби амалигардонии андозагирӣ;

- шароити андозагирӣ;

- талабот нисбаги иштибоҳи андозагирӣ ваё хусусиятҳои писбатдодашудаи иггибоҳи андозагирӣ;

- усули (усулҳои) андозагирӣ;

**- талабот нисбати воситаҳои андозагирӣ (аз** *он ҷумла mid* **намунаҳои стандарта, омехлаҳои тавсняшуда),** *таҷҳиз* **ёрирасон, мавод, маҳлул ё навъи воситаҳои а***ндожирӣ, хусусw* **онҳо ва ишорати ҳуҷҷатҳое (СТҶТ, ШТҶТ ва** *ҳуҷҷаҷои дига т* **онхо талаботро нисбати воситаҳои** *андозагирӣ дар* **б; мегиранд;**

**Мархалахои тахняи услуби амалигарзонин** *аюозагпрй*




— амалиётҳои омодагӣ барои амалигардонии *андозагирӣ;*

— амалиётҳои амалигардонии андозагирӣ;

— амалиётҳои коркард ва ҳисобкунии *натиҷаҳои* андозагирӣ;

-- меъёрҳо, тартибот ва даврияти назорати иштибоҳи натиҷаҳои андозагирии амалишаваида;

- талабот нисбати мураттабсозии натиҷаҳои андозагирӣ;
- талабот нисбати тахассуси танзимгар;
- талабот нисбати таъмини бехатарии корҳои амалишаванда;
- талабот нисбати таъмини бехатарии экологӣ;
- талаботи дигар нисбати амалиёт (ҳангоми зарурат).

## 2.11. ИНТИХОБИ ВОСИТАИ АНДОЗАГИРӢ

Ҳангоми интихоби воситаи андозагирӣ дар навбати аввал барои андозагирии мазкур қимати ҷоизи иштибоҳи дар ҳуҷҷатҳои меъёрии мувофиқ муқарраршуда ба ҳисоб гирифга мешавад.

Дар ҳолате, ки агар дар ҳуҷҷатҳои меъёрии мувофиқ иштибоҳи ҷоиз пешбинӣ нашуда бошад, дар ҳуҷҷати техникӣ барои маснуот ҳудуди имконпазири иштибоҳи андозагирӣ бояд тартибандозӣ карда шавад.

Иштибоҳи воситаи андозагирӣ фарқияти байни нишондоди воситаи андозагирӣ ва қимати ҳақиқии бузургии андозашаванда. Барои ченак ба сифтаи нишондод қимати ҳақиқӣ ё шиносномавии он қабул карда мешавад. Барои воситаи андозагирӣ ба сифати бузургии ҳақиқии андозашаванда нишондоди воситаи андозагирии намунавӣ қабул карда мешавад, барои воситаи андозагирии намунавӣ бошад қимати бо истифодаи эталон дастрасшуда. Вобаста аз омил ва шароити андозагирӣ иштибоҳи воситаи андозагирӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешавад: вобаста аз тарзи зоҳиршавӣ мунтазам ва тасодуфӣ; вобаста аз тарзи ифодакунӣ мутлақ, нисбӣ ва овардашуда; вобаста аз шароити истифодабарӣ асосӣ ва иловагӣ; вобаста аз тагйирёбии бузургии андозашаванда бо мурури вақт статикӣ ва динамикӣ

Хднгоми интихоби воситаи андозагирӣ инчунин тамоилиҳои ҳудудӣ, услуби амалигардонии андозагирӣ ва тарзҳои назорат ба ҳисоб гирифта мешазанд.

Меъёри асосии интихоби воситаи андозагирӣ мувофиқати воситаи андозагирӣ ба талаботи эътимоднокии андозагирӣ, дастрас кардани киматҳои боэътимоди бузургиҳои

андозашаванда бо дақиқии додашуда дар фосилаи ҳадди ақали вақт ҳисоб меёбад.

Барои интихоби муносиби воситаҳои андозагирӣ маълумотҳои ибтидоии зерин бояд дастрас бошанд:

- қимати номиналии бузургии андозашаванда;
- бузургии фарқи байни қиматҳои максималӣ ва минималии бузургии андозашаванда, ки дар асноди меъёрӣ тартибандозӣ шудааст;
- маълумот доир ба шароити амалигардонии андозагирӣ.

Агар интихоби маҷмӯи андозагирӣ мувофиқи меъёрҳои дақиқӣ зарурат дошта бошад, иштибоҳи он бояд ҳамчун суммаи иштибоҳҳои унсурҳои маҷмӯъ (ченак, асбобҳои андозагирӣ, табдилдиҳандаи андозагирӣ), мувофиқи қонуниятҳои барои ҳар як маҷмӯъ муқарраршуда ҳисоб карда шавад.

Интихоби пешакии воситаҳои андозагирӣ мувофиқи меъёрҳои дақиқӣ амалӣ гардонида мешавад, вале ҳангоми интихоби хотимавии воситаҳои андозагирӣ талаботи зерин бояд ба ҳисоб гирифта шаванд:

- нисбати соҳаи истифодаи қимати бузургиҳо, ки ба раванди андозагирӣ таъсир мерасонанд;
- нисбати андозаҳои ҳудудии воситаҳои андозагирӣ;
- нисбати массаи воситаҳои андозагирӣ;
- нисбати сохтори воситаҳои андозагирӣ.

Ҳангоми интихоби воситаҳои андозагирӣ бояд бартарияти воситаҳои андозагирии стандарта ба ҳисоб гирифта шавад.

## 2.12. ЭТАЛОН ВА ВОСИТАҲОИ НАМУНАВИИ АНДОЗАГИРӢ

**Эталони воҳиди бузургии физикӣ** - воситаи андозагирӣ ё маҷмӯи воситаҳои андозагирӣ, ки барои нигоҳдорӣ, таҷдиди воҳид ва интиқоли андозаи он ба воситаҳои андозагирии аз рӯи нақшаи санҷиши давлатӣ зеристода истифода мешавад ва тибқи тартиботи муқарраргардида ба сифати эталон тасдик шудааст.

Сохтори эталон, хосиятҳои физикӣ ва тарзи таҷдиди он тибқи хусусияти бузургии физикӣ (воҳидаш таҷдидшаванда) ва сатҳи рушди техникаи андозагирии соҳаи мазкур муайян карда мешавад.

Эталон бояд дорой аломатҳои муҳими зерин бошад: тяғйирнопазирӣ, такрорпазирӣ ва муқоисапазирй.

**Тагйирнопазирии эталон** - хосияти эталон ҷиҳати бетағйир нигоҳ доштани андозаи тачдидшавандаи он дар раванди тӯлонии вақт. Вале тағйиротҳои дигаре, ки аз шароити муҳити атроф (ҳарорат, рутубат, фишор ва дигарон) вобастаанд, бояд функсияҳои муайяни бузургиҳои дастраси андозагирии дақиқ бошанд.

**Такрорпазирии эталон** - имконияти таҷдиди (аз нав бавуҷудории) воҳиди бузургии физикӣ бо иштибоҳи камтарин барон сатҳи мазкури рушди техникаи андозагирй.

**Мукоисаназирии эталон** - имконияти таъмини муқоисаи воситаҳои андозагирии дигари аз рӯи накшаи санҷиши давлатй зеристода бо эталон, бо дақиқии баландтарин барои сатҳи мазкури рушди техникаи андозагирй.

Намудҳои зерини эталонҳо мавҷуданд: ибтидоӣ, махеус, давлатй, дуюмдараҷа, эталон гувоҳ, эталон нусха, эталони муқоисавӣ, эталони кори, эталони байналхалқӣ ва дигарон.

**Эталони ибтидой** эталонест, ки таҷдиди воҳидро бо дақиқии дар кишвар баландтарин (дар муқоиса бо эталонҳои дигари ҳамин бузургй) таъмин менамояд. Эталони ибтидой - воситаи андозагирии беҳамто, ки одатан маҷмӯи андозагирии мураккабро ифода менамоянд. Чунин эталонҳо асоси низоми давлатии таъмини ягонагии андозагириро ташкил медиҳанд. Қисми зиёди эталонҳои ибтидой ба сифати эгалонҳои давлатй тасдиқ карда мешаванд.

Ба сифати **эталони махсус** эталоне • истифода мешавад, ки тачдиди воҳидро дар шароити махсус таъмин менамояд ва барои чунин шароит ҳамчун эталони ибтидой хизмат мекунанд.

**Эталони давлатии вохиди бузургй** - эталони воҳиди бузургй, ки бо қарори мақомоти ваколатдори давлатй дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати ибтидой эътироф карда шудааст. Барои таъмини таҷдиди воҳид бо дақиқии имконпазири максималй эталонҳои давлатй пайваста такмил дода мешаванд.

Ба сифати **эталони дуюмдараҷа** эталоне истифода карда мешавад, ки андозаи воҳидро ба тариқи муқоиса бо эталони ибтидоии воҳиди муоинашаванда дастрас менамояд. Эталони дуюмдараҷа нисбат ба эталони ибтидой тобеъ мебошад.

**Эталон-гувох,** - эталони дуюмдарача, ки барои санчиши ҳифозат ва тағйирнопазирии эталони давлатӣ ва барои иваз намудани он дар ҳолати вайрон ё гум шудан истифода карда мешавад.

Таъиноти асосии эталон-гувоҳ - тақвият бахшидани итминон нисбати пойдории эталони асосӣ. Моҳиятан бо ёрии эталон-гувох танҳо пойдорӣ ё тағйирёбии таносуби байни воҳидҳои эталон-гувоҳ ва эталони ибтидой таҷдидкунандаро муайян намудан мумкин аст. Инчунин бо дараҷаи муайяни итминон қайд кардан мумкин аст, ки дар ҳолати устувории ин таносуб андозаи воҳиди эталонҳо тачдидкунанда бетағйир мемонанд.

**Эталон-нусха** - эталони дуюмдараҷа, ки барои интиқоли андозаи воҳид ба эталонҳои корӣ муайян шудааст. Чунин эталон дар ҳолати микдори зиёди корҳои санҷишӣ бо мақсади пешгирии хӯрдашавии бармаҳали эталони ибтидоӣ ё махсус истифода мешавад.

**Эталони муқоисавӣ** - эталони дуюмдараҷа, ки барои муқоисаи эталонҳои бо ин ё он сабаб байни ҳам бевосита муқоисанашаванда истифода карда мешавад.

**Эталони корӣ** - эталони дуюмдараҷа, ки барои интиқоли андозаи воҳид ба воситаҳои андозагирии дақиқиашон баланд ва дар баъзе ҳолатҳо - ба воситаҳои андозагирии кории нисбатан дақиқ истифода карда мешаванд.

**Эталони байналхалқӣ** - эталоне, ки тибки созишномаи байналхалқӣ ба сифати эталони байналхалқии ибтидой қабул шудааст ва барои бо он ҳамоҳангсозии андозаи воҳидҳое, ки эталонҳои миллй таҷдид ва ҳифз мекунанд, истифода карда мешавад.

**Воситаҳои намунавии андозагирӣ** - воситаҳои андозагирие, ки дар шуъбаҳои хадамоти метрологӣ танҳо барои интиқоли табиии андозаи воҳидҳо дар раванди санчиши воситаҳои андозагирии корӣ истифода мешаванд.

## 2.13. ТАСНИФИ ВОСИТАҲОИ АНДОЗАГИРӢ

**Воситаи андозагирӣ** - воситаи техникии (ё маҷмӯи воситаҳои андозагирии) барои андозагирӣ таъиншудаи дорой тавсифҳои метрологии меъёрбандигардида, ки воҳиди бузургии физикии

андозааш дар раванди фосилаи маълуми вақт тағйирнопазир кабулшударо таҷдид ва ё ҳифз менамояд.

Таснифи воситаҳои андозагирӣ аз рӯи аломатҳои асосии зерин амалӣ гардонида мешавад: навъ, намуд ва таъиноти метрологӣ.

**Навъи воситаи андозагирӣ** - маҷмӯи воситаи андозагирӣ, ки тарҳу сохтори якхела доранд ва бо шартҳои техникии якхела сохта мешаванд.

**Намуди воситаи андозагирӣ** - маҷмӯи навъи воситаи андозагирӣ, ки барои андозагирии як бузургии физикӣ таъинот доранд.

Аз рӯи таъиноти метрологӣ воситаи андозагирӣ ба **воситаи андозагирии корӣ** - барои андозагирии бузургиҳои физикӣ таъинотдошта ва **воситаи андозагирии метрологӣ** - барои таъмини ягонагии андозагирӣ таъинотдошта таксим мешаванд.

Аз рӯи сохт воситаи андозагирӣ ба ченак, асбоби андозагирӣ, таҷҳизоти андозагирӣ ва маҷмӯи андозагирӣ тақсим мешавад.

**Ченак** - воситаи андозагарие, ки барои тачдиди бузургии физикии андозаи додашуда таъинот дорад. Мисол: санги тарозу - ченаки масса, резистори андозагирӣ - ченаки муқовимати барқӣ ва дигарон.

**Асбоби андозагирӣ** - воситаи андозагарие, ки барои дар ҳудуди муқарраршуда дастрас намудани қимати бузургии физикии андозашаванда таъинот дорад.

Асбоби андозагирӣ чунин намудхо дорад: нишондиҳанда, шабеҳкунанда, рақамӣ, сабткунанда, худнавис, чопкунанда, чамъкунанда, якҷоякунанда, муқоисавӣ. •

*Асбоби андозагирии нишондиҳанда* танҳо хондани нишондоди бузургии андозашавандаро имкон медиҳад (штангенсиркул, микрометр, волтметр ва дигарон).

Дар *асбоби андозагирии шабеҳкунанда* нишондодҳо функсияи бефосилаи бузургии андозашаванда ҳисоб меёбанд (харoратсанҷи симобӣ).

*Асбоби андозагирии рақамӣ* - асбоби андозагарие, ки нишондоди он ба шакли рақамӣ пешниҳод мешавад (расми 2.16).




Расми 2.16. Штангенсиркул бо таҷҳизоти ҳисобкуни

*Асбоби андозагирии сабткунанда* - асбоби андозагирие, ки дар он сабти нишондодхо пешбинӣ шудааст. Сабт метавонад ба шакпи қиёсӣ ва рақамӣ бошад. Асбобҳои андозагирии сабткунанда ба худнавис ва чопкунанда тақсим мешаванд.

*Асбоби андозагирии худнавис* - асбоби сабткунанда, ки дар он навиштаҷоти нишондодҳо ба шакли таносубхат пешбинӣ шудааст (расми 2.17).




Расми 2.17




Расми 2.18. Ваттметр

*Асбоби андозагирии чопкушшда* - асбобе, ки дар он чопи нишондодҳо ба шакли рақамӣ ё таносубхат пешбинй шудааст.

*Асбоби андозагирии ҷамъкушшда* - асбоби андозагирие, ки мувофиқи таъинот нишондодаш ба суммаи ду ё якчанд бузургиҳои ба он тариқи хатҳои алоқа пайвастшуда баробар мебошад (расми 2.18).

Ақрабаки ваттметр тақсимоти а = 61-ро нитон медиҳад. Барой муайян намудани қимати ҳақиқии нишондод қимати тақсимоти асбобро муайян мекунем. Миқёс 75 тақсимот дорад. Тавоноие, ки ба ҳудуди пурраи асбоб мувофиқат менамояд, ба ҳосили зарби бузургиҳои номиналии ҷараён I = 5 A ва шиддат U = 150 B баробар аст. Бинобар ин, қимати тақсимот с = 5 • 150 / 75 = 10 ва нишондоди асбоб P =а- с = 61 10 = 610 ватт мебошад.

*Асбоби андозагирии якҷоякунанда* - асбоби андозагирие, ки дар он қимати бузургии андозашаванда бо роҳи якҷоякунии он аз рӯи бузургии дигар муайян карда мешавад (ҳисобкунаки нерӯи барқ).

*Асбоби андозагирии муқоисавӣ* - асбоби андозагирие, ки барои муқоисаи бевоситаи бузургии андозашаванда бо бузургии қиматаш маълум таъинот дорад (тарозуи баробаркитф, қуввасанҷ ва дигарон).

**Таҷҳизоти андозагирй** - маҷмӯи ченак, асбоби андозагирй ва воситаҳои техникии дигари тибқи вазифа муттаҳидшуда, ки барои андозагирии як ё якчанд бузургихои физикй таъинот доранд ва дар як дой насб карда шудаанд.

**Маҷмӯи андозагирй** - маҷмӯи ченак, асбоби андозагирй, МЭҲ ва дастгоҳҳои дигари тибқи вазифй муттаҳидшуда, ки бо мақсади андозагирии як ё якчанд бузургихои физикии хоси фазой (объекта) назоратшаванда дар нуқтаҳои гуногуни ин фазо ҷойгир карда шудаанд.

Тамоми воситаи андозагирй ба воситаҳои ҳамакора ва таъиноти махсус тақсим мешаванд.

Воситаи андозагирие, ки дар ҳудудуи муайяни андозаҳои маснуоти шаклашон гуногун барои андозагирии дарозӣ ва кунҷ таъинот дорад, **восигаи андозагирии хамакора** номида мешаванд.

**Воситаи андозагирии махсус** барои андозагирии унсурҳои махсуси чузъиёти шаклашон муайян (масалан, калибр, асбоб барои андозагирии кунҷ, параметрҳои чархи дандонадор ва

дигарон), ё параметрҳои махсуси ҷузъиёт, новобаста аз шаклли геометрии онҳо (асбобҳо барои андозагирии шахшӯлӣ. тамоилии шакл ва дигарон) таъинот доранд.

Воситахои андозагирии дарозӣ ва кунҷҳо вобаста аз принсипҳои физикии ба асоси сохти табдилдиҳандаи андозагирии асбоб гузошташуда ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

- изтрихӣ (миқёси хаттӣ ё кунҷӣ ва нониус доранд - штангенасбобхо, кунҷсанҷҳо);
- микрометрӣ (ба истифодаи ҷуфти рахпечӣ асос ёфтаанд - микрометрҳо);
- фишангӣ-механикӣ (индикаторҳои навъи соатӣ, гирахои фишангӣ ва дигарон);
- фишангӣ-басирӣ (оптиметрҳо);
- бодӣ (ба истифодаи хавои фишурдашуда асос ёфтаанд);
- моеъгӣ;
- барқӣ ва электронӣ;
- омехта (ба истифодаи принсипҳои гуногун асос ёфтаанд) ва дигарон.

**Асбобхои андозагирии таъиноти махсус** ба гурӯхҳои барои андозагирии шакл ва ҷойгиршавии рӯяҳо, параметрхои шахшӯлии рӯяхо, параметрхои рахпеч, параметрхои кунҷ ва махрутҳо, параметрхои чархи дандонадор тақсим мешаванд.

## 2.14. ТАВСИФИ АСОСИИ МЕТРОЛОГИИ ВОСИТАҲОИ АНДОЗАГИРӢ

Воситахои андозагирӣ дорой хусусиятхои умумӣ (метрологӣ, истифодавӣ, маълумотӣ ва дигарон) мебошанд, ки муқоисаи байнихамдигарии онҳоро имконпазир мегардонанд.

Намуд ва навъи алоҳидаи воситахои андозагирӣ хусусиятҳои хоси худро доранд. Муҳимтарин хусусияти воситахои андозагирӣ тавсифи метрологӣ ҳисоб меёбад.

Феҳрасти тавсифҳои меъёрбандишаванда, тарзҳои меъёрбандӣ ва шакли пешниҳоди онҳоро ГОСТ 8.009-84 «Тавсифҳои метрологии меъёрбандишавандаи воситахои андозагирӣ» муқаррар менамояд.

**Тавсифи метрологии воситаи андозагирӣ** - тавсифи хусусияти воситаи андозагирӣ, ки ба натиҷаи андозагирӣ ва иштибохи он

таъсир мерасонанд ва барои баҳодиҳии сатҳи техникӣ ва сифати воситаи андозагирӣ муқаррар шудаанд.

**Тавсифхои метрологии меъёрбандишаванда** - тавсифҳои метрологие, ки хуҷҷатҳои меъёрию техникӣ муқаррар намудаанд.

**Тавсифи метрологии хақикӣ** - тавсифи дар натиҷаи таҷриба дастрасшудаи воситаи андозагирӣ. ГОСТ 8.009-84 феҳрасти зерини тавсифҳои метрологиро пешбинӣ менамояд: барои муайян намудани нагадай андозагирӣ таъинотдошта, игнтибоҳи воситаи андозагирӣ, ҳассосияти воситаи андозагирӣ ба бузургиҳои таъсиркунанда, тавсифҳои динамикии воситаҳои андозагирӣ, тавсифхои хусусӣ, инчунин тавсифхои хусусияти воситаи андозагирӣ. ки бо сабаби таъсири байнихамдигарии воситаҳои андозагирӣ ба иштибоҳ таъсир мерасонанд. Дар стандарта мазкур барои ҳар як тавсиф тарзҳои меъёрбандӣ ва шакли пешниҳод муқаррар карда шуда, тавсияҳо дойр ба интихоби маҷмӯи тавсифи метрологӣ оварда шудаанд.

Тавсифхои асосии метрологӣ (расми 2.19) худуди андозагирӣ (ё нишокдод) ва ташкилдиҳандаи гуногуни иштабоҳи воситаи андозагирӣ ҳисоб меёбанд. Барои ҳар як навъи воситаи андозагирӣ тавсифхои метрологии хусусӣ муқаррар карда мешаванд.

Ҳудуди **нишондод** - худуди киматҳои миқёс, ки бо киматҳои ибтадоӣ ва хотимавӣ, яъне қиматҳои хурдтарин ва калонтарини бузургии андозашаванда маҳдуд карда шудаанд.

**Микёс** - қисми тачҳизот, ки мачмӯи нишон за рақамҳои хисобӣ ё рамзҳои дигари дар баъзеи орхо гузошташудаи ба қатори пайдарҳами қимати бузургӣ мутобиқро ифода менамояд

**Нишони миксе** - аломат (штрих, нуқта ва дигарон) дар миқёс, ки ба ягон кимати алохидаи бузургии андозашаванда мутобиқат менамояд.

Фосилаи байни ду рахчаи ҳамсояи миқёсро **тақсимоти миксе** меноманд.

**Қимати тақсимоти микёс** - фарки қиматҳои бузургӣ, ки ба ду рахчаи ҳамсояи микёс мутобиқат менамояд.

Ҳудуди **андозагирӣ** - худуди қиматҳои бузургии андозашаванда, ки барои он худудхои чоизи иштибохи воситахои андозагирӣ меъёрбандӣ шудаанд.




Расми 2.19. Тарҳи андозагирӣ барои бахри тавсифҳои метрологи

**Сифати асбоби андозагирӣ** - сатҳи мутобиқати асбоб ба таъиноти бевоситаи худ. Бинобар ин сифати асбоби андозагирӣ дар асоси то кадом дарача дастрас гардидани мақсади андозагирӣ ҳангоми истифодаи асбоб муайян карда мешавад.

Барой муайян кардани сифати асбоб, гавсифҳои зерини он бояд баррасӣ карда шаванд:

- доимии асбоб;
- хассосияти асбоб;
- хадди хассосияти асбоб;
- дақиқии асбоб.

**Доимии асбоб** - ягон ададе, ки бо мақсади дастрас кардани қимати матлуби бузургии андозашаванда ба сарҳисоб, яъне нишондоди асбоб зарб зада мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо доимии асбоб ҳамчун қимати тақсимоти микёс, ки қимати бузургии андозашавандаи ба як тақсимот мувофиқат кунандаро ифода мекунад, мукаррар карда мешавад.

**Ҳассосияти асбоби андозагирӣ** - нисбати тағйирёбии сигнал дар баромади асбоби андозагирӣ (А/) ё бузургии чойивазкунии хаттӣ ё кунчии нишондиҳандаи асбоб ба тағйирёбии бузургии андозашаванда (AJC), ки он ба амал меорад.

Мисол, ҳангоми андозагирии диаметри навард бо андозаи мукаррарии *х = 100 мм* тағйирёбии бузургии андозашаванда чойивазкунии ақрабаки таҷҳизоти нишондихандаро ба А/ = *10 мм* ба амал орад, хассосияти мутлақи асбоб *S* = А *1/Ах = 10/0,01=*

*1000,* ҳассосияти нисбии асбоб ба $S_0$ = *A1-(Ax/x) = Ю-(0,01/100) = 10ᵉ³⁼ 0,001* баробар мешавад.

**Ҳадди ҳассосияти асбоби андозагирӣ** - қимати хурдтарини бузургии андозашаванда, ки асбоб қайд карда метавонад.

**Дакиқни асбоби андозагирӣ** - тавсифе, ки дараҷаи мутобиқати натиҷаҳои акдозагириро ба қкмати ҳақиқии бузургии андозашаванда ифода мекунад. Дақиқии асбоби андозагирӣ тариқи мукаррар кардани ҳудудҳои поёнй за болоии иштибоҳи ҳадди аксари имконпазир муайян карда мегаавад.

Ба синфҳои дақиқӣ тақсим кардани асбобҳои андозагирӣ дар асоси бузургии иштибоҳи ҷоиз амалй гардонида мешавад.

**Синфи дақиқии асбоби андозагирӣ** - тавсифи ҷамъбасткунандаи воситаҳои андозагирӣ, ки бо ҳудудҳои иштибоҳи ҷоиз (асосӣ ва иловагӣ), инчунин бо дигар тавсифҳои дақиқиро муайянкунанда муайян карда мешавад. Синфи дақиқии намуди муайяни воситаи андозагирӣ дар асноди меъёрӣ муқаррар карда мешавад. Илова бар ин, барои ҳар як синфи алохидаи дақиқӣ нисбати тавсифҳои метрологӣ талаботи муайян муқаррар карда мешаванд. Муттаҳид кардани тавсифҳои метрологии муқарраршуда дараҷаи дақиқии воситаҳои андозагирии ба синфи дақиқии мазкур мансуббударо муайян мекунад.

Синфи дақиқии воситаҳои андозагирӣ дар раванди таҳияи онҳо муайян карда мешавад. Аз сабаби он, ки дар раванди истифодабарӣ тавсифхои метрологӣ бадтар мешаванд, тибқи натиҷаҳои муроқибат (мадрачкунӣ) синфи дақиқии воситаи андозагириро паст кардан мумкин аст.

**Устувории воситаи андозагирӣ** ҳамчун фарқияти калонтарини байни нишондодхои такрории асбоби андозагирӣ (парокандагии калонтарини нишондодҳо) ҳангоми аидозагирии якчандкаратаи як бузургӣ дар холаги шароити берунаи доимӣ муайян карда мешавад. Ин нишондиҳанда тавсифи сохтории асбоб ҳисоб меёбад ва сифати истеҳсоли асбобро инъикос менамояд.

## 2.15. ИШТИБОҲИ АНДОЗАГИРӢ

Ҳангоми андозагирӣ дақиқии он нишондиҳандаи муҳим ҳисоб меёбад. Дақикии андозагирӣ дараҷаи наздикии натиҷаҳои андозагириро ба ягон бузургии ҳақиқии барои муқоисаи сифатии амалиёти андозагирӣ истифодашаванда ифода менамояд. Ба сифати баҳои микдорӣ одатан иштибоҳи андозагирӣ истифода мешавад. Зимнан, иштибоҳ чӣ қадаре кам бошад, дақиқӣ ҳамон қадар баланд ҳисобида мешавад.

Мувофиқи қонуни назарияи иштибоҳҳо, агар 2 маротиба баланд бардоштани дақиқии натиҷа (ҳангоми истиснои иштибоҳи мунтазам) зарурат дошта бошад, он гох миқцори андозагирӣ бояд 4 маротиба зиёд карда шавад, агар баланд бардоштани дақиқӣ 3 маротиба зарурат дошта бошад, микдори андозагирӣ 9 маротиба зиёд карда мешавад ва монанди ин.

Раванди баҳодиҳии иштибоҳи андозагирӣ яке аз чорабиниҳои муҳими таъмини ягокагии андозагирӣ ҳисобида мешавад. Табиист, ки микдори зиёди омилҳои ба дақиқии андозагирӣ таъсиррасонанда мавҷуданд. Бинобар ин, таснифи ихтиёрии иштибоҳи андозагирӣ ба кадри кофӣ шартӣ мебошад, чунки вобаста аз шароити раванди андозагирӣ иштибоҳ метавонад дар гурӯҳҳои гуногун зоҳир гардад. Дар ин ҳол аз рӯи тарзи ифодаи математики иштибоҳи андозагирӣ метавонад мутлақ, нисбӣ ва овардашуда бошад.

**Иштибохи мутлақ** - қимате, ки ҳамчун фарқи байни қимати дар раванди андозагирӣ дастрасшуда $Q_n$ ва қимати ҳақиқии бузургии мазкур $Q_{,,}$ ҳисоб карда мешавад.

Иштибохи мутлақ бо ифодаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$AQ_n = Q_n \sim Qo$

дар ин ҷо $AQ_n$- иштибоҳи мутлақ;

$Q_{,,}$ - қимати дар раванди андозагирӣ дастрасшудаи бузургӣ;

$Q_0$ - қимати ҳақикӣ (қимати бузургие, ки барои муқоиса қабул карда шудааст).

**Иштибохи нисбӣ** - ададе, ки дараҷаи дақиқии андозагириро ифода менамояд.

Иштибохи нисбӣ бо ифодаи зерин ҳисоб карда мешавад:

а $=100AQ/Q_U$

дар ин ҷо $AQ$- иштибоҳи мутлақ;

$Q_0$ - қимати ҳақиқии бузургии андозашаванда.

**Иштибохи овардашуда** - қимате, ки ҳамчун нисбати қимати иштибоҳи мутлақ ба қимати бамеъёрдароранда ҳисоб карда

мешавад. Иштибоҳи овардашудаи асбоб нисбати. иштибоҳи мутлақ ба қимати бамеъёрдароранда, ки ба сифати он ҳудуди болоии андозагирӣ, дарозии микёс ва ғайра қабул карда мешавад, ҳисоб меёбад. Барой волтметр бо ҳудуди болоии андозагирй *150 В* ва иштибоҳи мутлақи *АХ = 0,6 В* иштибоҳи овардашуда, ки одатан бо фоиз ифода карда мешавад, *(0,6 / 150)·100 % = 0,4%* (дар ҳолати мазкур қимати бамеъёрдароранда ба ҳудуди болой - 150 В баробар аст).

Инчунин, аз рӯи аломатк зоҳиршавӣ, сабабҳои пайдоиш ва имкониятҳои бартарафкунӣ иштибоҳи андозагирй метавонад ташкилдиҳанда бошад. Дар ин ҳол ташкилдиҳандаҳои мунтазам ва тасодуфии иштибоҳро фарқ менамоянд.

**Иштибоҳи мунтазам** - қисми таркибии саҳвҳои натиҷаи андозагирй, ки ҳангоми андозагирии якчандкаратаи як бузургй тагйир намеёбад ё тибқи қонунияти муайян тагйир меёбад. Иштибоҳи мунтазам асосан бо сабаби ташкилдиҳандаҳои метода ва асбоби андозагирй ба амал меояд. Одатан кӯшиш менамоянд, ки иштибоҳи мунтазамро бо усулҳои маълум (мисол, истифодаи усулҳои андозагирие, ки эҳтимолияти пайдоиши онро кам менамоянд) барҳам диҳанд. Агар барҳам додани иштибоҳи мунтазам ғайриимкон бошад, онро то огози андозагирй ҳисоб карда ба натиҷаи андозагирйислоҳоти мутобиқ дохил менамоянд. Дар раванди бамеъёрдарории иштибоҳи мунтазам ҳудудҳои қимати имконпазири он муайян карда мешавад. Иштибоҳи мунтазам дурустии андозагирии (хосияти метрологии) воситаҳои андозагириро муайян менамояд. Ташкилдиҳандаи иштибоҳи мунтазам доимй мемонад ё ҳангоми андозагирии навбауии худи ҳамон параметр мунтазам тагйир меёбад.

**Иштибоҳи тасодуфӣ** - қисми таркибии иштибоҳи натиҷаи андозагирй, ки ҳангоми амалигардонии андозагирии такрории ягон бузургй тасодуфан, бидуни ягон қонуният тагйир меёбад. Пайдоиши иштибоҳи тасодуфиро пешбинй ва пешгуйй кардан гайриимкон аст. Иштибоҳи тасодуфиро пурра истисно намудан гайриимкон буда, он ба натиҷаҳои ниҳоии андозагирй таъсири назаррас дорад.

Иштибоҳи андозагирй ишгибоҳҳои методй, асбобй ва субъективиро (иштибоҳи ҳисобкунӣ) дар бар мегирад.

**Иштибоҳи методй** - иштибоҳе, ки бо чунин сабабҳо ба вуҷуд меояд:

- дақиқии нокифояи бунёди амсилаи раванди физикӣ, ки ба он воситаи андозагирӣ асос ёфтааст;
- истифодаи нодурусти воситаи андозагирӣ.

Ташкилдиҳандаи методии иштибоҳ тибқи номукаммаяии усули андозагирӣ, тариқи нодурусти истифодаи воситаи андозагирӣ, носаҳеҳии муодилаҳои хисобкунӣ ва яклухт намудани натиҷаҳо муайян карда мешавад.

**Иштибоҳи асбобӣ** - иштибоҳе, ки вобаста аз хусусияти воситаи андозагирии истифодашаванда ба амал меояд. Ташкилдиҳандаи асбобии иштибоҳ дар натиҷаи иштибоҳи хусусӣ ва коршоямии воситаи андозагирӣ ба вуҷуд меояд.

**Иштибоҳи субьективӣ** - иштибоҳе, ки вобаста аз дараҷаи пасти тахассусии мутасаддии воситаи андозагирӣ, инчунин аз ноқисии узвҳои биноии инсон ба амал меояд. Бинобар ин, сабаби ба амал омадани иштибоҳи субъективӣ омили инсонӣ ҳисоб меёбад. Иштибоҳи субъективии мунтазам бо хусусиятҳои шахси мутасаддӣ алоқаманд мебошад. Чунин иштибоҳ метавонад вобаста аз хатогӣ дар ҳисоби нишондодҳо ё таҷрибаи нокифояи шахси мутасаддӣ ба амал ояд.

Вобаста аз таьсири мутақобилаи тағйирот бо мурури вақт ва бузургии дохилшаванда иштибоҳи статикӣ ва динамикиро фарқ менамоянд.

**Иштибоҳи статикӣ** - иштибоҳе, ки дар раванди андозагирии бузургии доимӣ (бо мурури вақт тағйирнаёбанда) ба амал меояд.

**Иштибоҳи динамикӣ** - иштибоҳе, ки қимати ададиаш ҳамчун фарқи байни иштибоҳи ҳангоми андозагирии бузургии ноустувор (бо мурури вақт тағйирёбанда) баамалоянда ва иштибоҳи статикӣ ҳисоб карда мешавад.

Аз рӯи хусусияти вобастагӣ аз бузургиҳои таъсиррдсонанда иштибоҳҳо ба асосӣ ва иловагӣ тақсим мешаванд.

**Иштибоҳи асосӣ** - иштибоҳе, ки дар шароити муқаррарии истифодаи воситаи анодазагирӣ (ҳангоми қиматҳои мутобиқи бузургиҳои таъсиррасонанда) ба амал меояд.

**Иштибохи иловагӣ** - иштибоҳе, ки дар шароити номутобиқагии қимати бузургиҳои таъсиррасонанда ба қиматҳои мутобиқ ё дар ҳолати ҳудуди қиматҳои мутобиқро рахна намудани бузургии таъсиррасонанда ба амал меояд.

**Шароити муқаррарӣ** - шароите, ки дар он ҳамаи қиматҳои бузургии таъсиррасонанда муқаррар мебошанд, ё ки аз сарҳади ҳудуди қиматҳои мутобиқ берун намеоянд. Қиматҳои

муқаррарии бузургиҳои асосии таъсиррасонанда барои андозагириҳои хаттӣ ва кунҷӣ: ҳарорат 293 К (20 °С), фишори атмосферӣ 101, 3 кПа (760 мм сут. сим.), рутубатнокии нисбӣ 58 %.

Аз рӯи хусусияти вобастагӣ аз бузургии дохилшаванда иштибоҳҳо ба аддитивӣ ва мултипликативӣ тақсим мешаванд.

**Иштибоҳи аддитивӣ** - иштибоҳе, ки бо сабаби ҷамъкунии киматҳои ададӣ ба амал меояд ва аз қимати мутлаки бузургии андозашаванда вобаста аст.

**Иштибоҳи мултипликагивӣ** - иштибоҳе, ки ҳамҷоя бо тағйирёбии қимати бузургии андозашаванда тағйир меёбад.

Дар раванди андозагирӣ инчунин саҳв ва иштибоҳи дағал ба а мал омада метавонанд.

**Саҳв ва иштибоҳи дағал** - иштибоҳе, ки дар шароити додашудаи андозагирӣ саҳвҳои мунтазам ва эҳтимолии гумоншударо хеле меафзояд. Саҳв ва иштибоҳи дағал метавонанд бо сабаби амалҳои нодурусти шахси мутасадцӣ дар раванди амалигардонии андозагирӣ, носозии техникии воситаи андозагирӣ, тағйироти тасодуфии ҳолати андозагирӣ (тағйирёбии тасодуфии шароити беруна) ба амал оянд. Чунин иштибоҳ одатан дар раванди баррасии натиҷаҳои андозагирӣ бо ёрии меъёрҳои махсус зоҳир мегардад.

## 2.16. ОМИЛҲОИ БА АМАЛ ОМАДАНИ ИШТИБОҲИ АНДОЗАГИРӢ

Як қатор ташкилдиҳандаҳои иштибоҳ мавҷуданд, ки дар иштибоҳи андозагирӣ бартаридошта ҳисоб меёбанд. Ба чуьшн иштибохло инҳо мансубанд:

*Иштибоҳҳое, ки аз воситаҳои андозагирӣ вобастаанд.* Иштибоҳи меъёрбандишавандаи ҷоизи воситаи андозагириро ҳамчун иштибоҳи андозагирӣ ҳангоми истифодаи яке аз вариантҳои имконпазири истифодаи воситаи андозагирии мазкур бояд баррасӣ намуд.

*Иштибоҳҳое, ки аз ченакҳои ҷобаҷокунанда вобастаанд.* Ченакҳои ҷобаҷокунанда метавонанд ҳамакора (ченакҳои хотимавӣ) ва махсус (вобаста аз ҷузъи андозашаванда омодашуда) бошанд. Иштибоҳи андозагирӣ кам мешавад, агар ченаки ҷобаҷокунанда ба ҷузъи андозашаванда ҷиҳати сохтор, масса, мавод, хосиятҳои физикии он, тарзи поягузорӣ ба ҳадди аксар мушобеҳ бошад. Иштибоҳи ченакҳои хотимавии дарозӣ

дар натиҷаи иштибоҳи омодасозӣ ё баҳодиҳӣ, инчунин дар натиҷаи соиши онҳо бо рӯяи ченшаванда ба амал меоянд.

*Иштибоҳҳое, ки из қувваи андозагирӣ вобастаанд.* Ҳангоми баҳодиҳии таъсири қувваи андозагирӣ ҷудо кардани фишурдашавии чандирии гиреҳи ҷобаҷокунанда ва фишурдашавӣ дар минтақаи алоқаи сараки андозагирӣ бо ҷузъ зарур аст.

*Иштибоҳҳое, ки из таъсири фишурдашавии ҳароратӣ ба амал меоянд* (иштибоҳҳои ҳароратӣ). Иштибоҳҳои ҳароратӣ бо сабаби фаркияти ҳарорати объекта андозагирӣ ва воситаи андозагирӣ ба вуҷуд меоянд. Ду манбаи асосии ба вуҷуд омадани иштибоҳ аз таъсири фишурдашавии ҳароратӣ мавҷуданд: тамоилии ҳарорати ҳаво аз 20 °C ва тагйироти кӯтоҳмуддати ҳарорати ҳаво дар раванди андозагирӣ.

Таъсироти максималии тағйироти ҳароратро *Л1,* ба иштибоҳи андозагирӣ бо формулаи зерин ҳисоб кардан мумкин аст:

$$\Delta l_{t1} = l\ \hat{}t,\ i\hat{}a\ \&ч)\ max$$

дар он *At,* - тамоилии ҳарорат аз 20 °C;

$a_a$, $a_ч$ - зариби васеъшавии хаттии асбоби андозагирӣ ва дузъиёти назоратша ванда.

Таъсироти максималии тагйироти кӯтоҳмуддати ҳарорати муҳити атроф ба иштибоҳи андозагирӣ дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки агар тағйироти харорати ҳаво тагйироти ҳарорати воситаи андозагириро ба вуҷуд наорад, ҳарорати объекти андозагирӣ бошад харорати ҳаворо пайгирӣ намояд (ё баръакс):

$$Л1,_2 = l - A t_2 \blacksquare a_{m'x}$$

дар он $At_2$ - тагйироти кӯтоҳмуддати ҳарорати муҳити атроф дар раванди андозагирӣ;

$a_{пшх}$ - қимати калонтарини зариби васеъшавии хагтӣ (маводи асбоб ё ҷузъи андозашаванда).

Фишурдашавии умумӣ аз рӯи дақиқии ташкилдиҳандаҳои эҳтимолӣ *At,* ва *At,* бо формулаи зерин ифода карда мешавад:

$$Л1, = I_Д/\sqrt{[A£!(a_a - <T_4)max]^2\ T\ (Д\hat{}2^a max)^2}$$

Ҳангоми истифода кардани асбобхои худсохт фишурдашавиҳои иловагӣ ба вуҷуд омада метавонанд.

*Иштибоҳҳое, ки аз назораткунанда вобастаанд* (иштибоҳҳои субъективӣ). Намудҳои зерини имконпазири иштибоҳҳои субъективӣ мавҷуданд:

- **иштибохи хисобкунӣ** (махсусан ҳангоми зарурати таъмин кардани иштибохи андозагирии на зиёда аз қимати тақсимоти асбоб муҳим мебошад);
- **ишгибохи иштирок** (ба намуди таъсири гармиафкании назораткунанда ба харорати мухити атроф ва воситаи андозагирӣ зоҳир мегардад);
- **иштибохи таъсир** (ҳангоми танзими асбоб аз ҷониби назораткунанда ворид карда мешавад);
- **иштибоххои касбй** (бо тахассуси назораткунанда ва муносибати он ба раванди андозагирӣ алоқаманд мебошанд).

*Иштибоҳҳо ҳапгоми тстои лӣ аз шакли дурусти геометрӣ.* Б о мақсади ба ҳисоб гирифтани иштибохи шакли имконпазир ҳангоми амалигардонии андозагирии ҷузъиёт иҷро кардани чунин амалҳо тавсия дода мешавад:

- андозагирй дар якчанд нуқта (одатан дар шаш нуқта) иҷро карда шавад;
- дар ҷузъиёти ҷобаҷокунанда пеш аз баҳо додан тамоилй аз шакли геометрй чен карда шавад;
- дар ҷузъи намунавии тамоилии шакл дошта қитъаи ҷудошуда тамғагузорӣ шавад, ин ҷузъ баҳо дода шуда, аз рӯи он асбоби андозагирй омода карда шавад;
- ҳангоми муайян кардани андозаҳои «амалкунандаи» ҷузъиёт бояд кӯшиш карда шавад, ки кулоҳакҳои андозагирии шаклашон ба ҷузъи пайвастшаванда ҳаммоманд истифода карда шаванд (андозаи «амалкунанда» - андозае, ки дар дасттоҳ амал мекунад ва таъиноги хизматиашро иҷро мекунад).

*Иштибоҳҳои иловагӣ ҳангоми андозагирии андозаҳои дохилӣ.* Ба иштибоххои хусусии андозагирии сӯрохиҳо мансубанд:

- иштибоҳҳое, ки ҳангоми ҷойивазкунии хати андозагирй нисбат ба диаметри назоратшаванда хам дар ҳамвориҳои ба меҳвари сӯрохии назоратшаванда амудӣ ва ҳам мувозӣ ба вуҷуд меоянд;
- иштибоҳҳое, ки аз сабаби шахшӯлии рӯяҳои сӯрохӣ ба вуҷуд меоянд, махсусан ҳангоми истифодаи асбобҳои дастй;
- иштибоҳҳое, ки дар зери таъсири динамикаи раванди ҳамҷоякунии хати андозагирй баробар дар ду ҳамворй ба вуҷуд меоянд;
- иштибоҳҳои танзими асбоб ба андозаи назоратшаванда.

## 2.17. СИФАТИ АНДОЗАГИРӢ

Сифати андозагирӣ омили асосии истеҳсолоти ба равандҳои босуръат, автоматӣ, миқдори зиёди бузургиҳои андозашаванда асосёбанда ҳисоб меёбад. Дар аксар ҳолатҳо интихоби нодурусти воситаи андозагирӣ боиси нуқсони маҳсулот мегарданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар тамоми нуқсонро, ки норасоиҳои фаъолияти метрологӣ боне гардидаанд, 100 % ҳисоб кунем, нуқсони маҳсулот бо сабаби интихоби нодурусти воситаи андозагирӣ 48 %, мавҷуд набудани услубҳои андозагирӣ ва сатҳи номутобиқи танзимгарон - 46 %, носозии воситаи андозагирӣ - 6 % ташкил медиҳад.

Байни сифати андозагирӣ ва сифати маҳсулот алоқаи бевосита вучуд дорад. Ҳангоме, ки сифати андозагирӣ ба талаботи раванди технологӣ ҷавобгӯй нест, сифати баланди маҳсулот дастрас карда намешавад. Масъалаи ҳалталаби таъмини сифати баланди маҳсулот - андозагарии параметрҳои сифати мавод ва ҷузъиёти маснуот, нигоҳ доштани реҷаҳои технологии додашуда, яъне андозагирии параметрҳои равандҳои технологӣ, ки натиҷаҳояшон барои танзими раванд истифода карда мешавад.

Сифати андозагирӣ - маҷмӯи хусусияти андозагирӣ, ки дастрас шудани натиҷаҳои андозагириро бо тавсифҳои дақиқии талаботӣ, ба намуди зарурӣ ва дар мухлати муқарраргардида боне мегарданд.

Ба хусусиятҳои асосии ҳолати андозагирӣ дақиқӣ, эътиборнокӣ, дурустӣ, муносибӣ ва тачдидшавии натиҷаҳои андозагирӣ, инчунин ягонагии андозагирӣ ва андозаи иштибоҳҳои чоиз мансубанд.

*Дақиқӣ* - сифати андозагирӣ, ки наздикии натиҷаҳои онро ба қимати ҳақиқии бузургии андозашаванда инъикос менамояд. Дақиқии баланди андозагирӣ ба қимати ками иштибоҳҳои мунтазам ва тасодуфӣ мувофиқат мекунад.

Дақиқӣ бо бузургии мутақобили модули иштибоҳи нисбӣ миқдоран бақо дода мешавад. Мисол, агар иштибоҳи андозагирӣ баробари $10^{-6}$ бошад, дақиқӣ баробар аст ба $10^{6}$.

*Эътиборнокии* андозагирӣ да рада и боварӣро ба натиҷаи андозагирӣ ифода менамояд. Эътиборнокии баҳодиҳии иштибоҳро дар асоси қонуниятҳои назарияи эҳтимолият ва омори математикӣ муайян мекунанд. Чунин ҳолат имкон медиҳад барои ҳар як ҳолати мушаххас восита ва услуби

андозагирие кнтихоб карда шавад, ки дастрас намудани натиҷаи иштибоҳаш аз ҳудудҳои додашуда берун набударо таъмин менамоянд.

*Дурустии* андозагирӣ чунин сифати андозагириро ифода мекунад, ки он дар натиҷаҳои андозагирӣ ба сифр наздик будани иштибоҳҳои мунтазамро инъикос менамояд.

*Муносибӣ* - сифати андозагирӣ, ки бо ҳам наздик будани натиҷаҳои андозагирии як параметри бо истифодаи усул ва воситаҳои андозагирии якхела, дар шароитк якхела ва бо диққати якхела такроран иҷрошударо инъикос менамояд.

*Таҷдидпазирӣ* - чунин сифати андозагирӣ, ки бо ҳам назик будани натиҷаҳои андозагирии дар шароити (вақт, ҷой, усул ва воситаҳо) гуногун иҷрошавандаро инъикос менамояд.

## 2.18. НАЗОРАТ ВА МУРОҚИБАТИ ДАВЛАТИИ МЕТРОЛОГИӢ

Назорат ва муроқибати давлатии метрологиро бо мақсади санҷиши риояи қоидаҳои метрологияи қонунгузор Хадамоти давлатии метрологӣ ама.лӣ мегардонад.

Объектҳои назорат ва муроқибати давлатӣ воситаҳои андозагирӣ, эталонҳо, услуби амалигардонии андозагирӣ, микдори мол, объектҳои дигари тибқи қоидаҳои метрологияи қонунгузор пешбинишуда ҳисоб меёбанд (расми 2.20).

Тибқи моддаи 12. Навъҳои назорати давлатии метрологӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» назорати давлатии метрологӣ чунин ҷиҳатҳоро дар бар мегирад:

- тасдиги навъи воситаҳои андозагирӣ;
- санҷиши воситаҳои андозагирӣ, аз ҷумла эталон.

Корҳои зерин тахти назорати давлатӣ гарор мегиранд:

- сохтан, ҳолат ва истифодаи воситаҳои андозагирӣ, усулҳси тавсияшудаи андозагирӣ, эталони воҳидҳои бузургӣ, риояи гоидаву меъёрҳои метрологӣ;
- мигдори моле, ки хангоми додугирифти тиҷоратӣ мусодира мегардад;
- мигдори моли гуногуннавъи баркаш ва бандубастшуда ҳангоми кушодан ва фурӯхтани он.

Мувофиқи моддаи 13 ҳамин қонун бо магсади санҷиши риояи гоидаву меъёрҳои метрологӣ амалҳои зерин таҳти назорат ва муроқибати давлатии метрологӣ гарор доранд:

- тандурустӣ, бойторӣ, ҳифзи муҳити зист, бехатарии меҳнат;
- додугирифти тиҷоратӣ ва ҳисобу китоби байни харидору фурӯшанда, аз ҷумла амалиёте, ки дар он автоматҳо ва таҷҳизот барои бозӣ истифода мешаванд;




Расми 2.20. Назораг ва мурокибати давлатии метрологи

- амалиёти баҳисобгирии давлатӣ:
- таъмини мудофиаи давлат;
- корҳои геодезӣ ва гидрометеорологи;
- амалиёти бонкӣ, андоз ва почта;
- истеҳсоли маҳсулоте, ки мувофиги гарордод барои эҳтиёҷоти давлат мутобиги гонунгузорӣ расонда мешавад;
- озмоиш ва назорати сифати маҳсулот бо магсади муайян намудани мувофигати он ба талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ;
- сертификатсияи ҳатмии маҳсулот ва хизматрасонӣ;

- андозагирӣ бо супориши магомоти судӣ, прокуратура, суди игтисодӣ, магомоти идораи давлатӣ;

- ба гайд гирифтани рекордҳои варзишӣ.

Мутобиги санадҳои меъёрӣ дигар соҳаҳои фаъолият низ таҳти назорат ва муроқибати давлатии метрологӣ гарор гирифта метавонанд.

Назорати давлатии метрологӣ чунин ҷиҳатҳоро дар бар мегарад:

- озмоишҳои давлатӣ ва тасдиқи навъи воситаҳои андозагирӣ;

- санҷиш ва мадраҷкунии ҳатмии воситаҳои андозагирӣ;

- иҷозатдиҳӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои ҳуқуқи истеҳсол, таъмир, фурӯш ва ба кироя додани воситаҳои андозагирӣ.

Тасдиқи навъи воситаи андозагирӣ барои тамғаҳои (навъҳои) нави воситаҳои андозагарии барои истеҳсол ё аз хорича ворид кардан таъинотдошта зарур аст. Тартиботи мазкур озмоиши ҳатмии воситаи андозагирӣ, кабул кардани карор дойр ба тасдиқи навъ, ба қайди давлатӣ гирифтан ва додани сертификати тасдиқи навъро пешбинӣ менамояд.

Озмоиши воситаи андозагириро марказхои давлатии илмии метрологӣ, ки ба сифати марказҳои санҷиши давлатии воситаи андозагирӣ ваколатдор карда шудаанд, амалӣ мегардонанд. Озмоишҳо тибқи барномаи тасдиқшуда, ки метавонад муайян кардани тавсифхои метрологии намунаҳои мушаххаси воситахои андозагирӣ ва тариқи таҷриба тасдиқ кардани услуби муроқибатро пешбинӣ менамояд, амалӣ гардонида мешавад.

Натиҷаи мусбии санҷиш ҷиҳати қабули қарор дойр ба тасдиқи навъи воситаи андозагирӣ асос ҳисоб ёфта, бо сертификат шаҳодатнок карда мешавад. Ба рӯяи воситаи андозагарии навъаш тасдиқшуда ё тасдиқномаи санҷиш аломати санҷиши (тамга) шакли муқарраршуда гузошта шуда, дар ҳуҷҷати истифодабарӣ кайд карда мешавад. Навъи тасдиқшудаи воситаи андозагирӣ дар дафтари қайди давлатӣ сабт карда мешавад.

Масъулияти бояду шояд насанҷидани воситаҳои андозагирӣ ва риоя накардани талаботи санадҳои дахлдори меъёрӣ ба зиммаи мақомоти дахлдори Хадамоти давлатии метрологӣ ё шахси ҳуқуқие мебошад, ки хадамоти метрологии он воситахои андозагириро санҷидааст.

Дар ҳолатҳои ба охир расидани муҳлати амали тасдивдюмаи санҷиш, дастрас шудани маълумоти истеъмолкунандагон дойр ба паст шудани сифати воситаи андозагирӣ, дохил кардани тагйирот ба сохт ё технологиям тайёр кардан, ки ба тавсифҳои метрологии меъёрбандишуда таъсир мерасонанд озмоиши мутобиқати воситаи андозагирӣ ба навъи тасдиқшуда амалӣ гардонида мешавад.

Маълумот дойр ба гасдиқи навъи воситаи андозагирӣ ва қарор дар бораи беэътибор донистани он дар кашрияҳои расмии магомоти ваколатдори давлатӣ интишор мешавад. Инчунин интишори расмии навъҳои тасдиқшудаи воситахои андозагирӣ амалӣ гардонида мешавад, ки ин амал ба хадамотҳои метрологӣ ҷиҳати дастрасии маълумоти боэътимод ва истифода кардани он ҳангоми амалигардонии муроқибат имконият фароҳам меоварад.

Воситахои андозагирие, ки таҳти назорат ва муроқибати давлатии метрологӣ мебошанд, ҳангоми истеҳсол, таъмир, ворид кардан аз хориҷа ва истифодабарӣ мақомоти назорати давлатии метролгӣ аз санчиши коршоямӣ мегузаронад. Ҳангоми тасдиқи навъ танҳо намунаи воситаи андозагирӣ истифода карда тнуда, санҷиши коршоямӣ нисбати ҳар як нусхаи воситаи андозагирӣ амалӣ гардонида мешавад.

**Санҷиши коршоямии воситаи андозагирӣ.**

Санчиши коршоямии воситаи андозагириро шахси ҳуқуқии мақомоти хадамоти давлатии метрологӣ ҳамчун санчишгар тавсиянамуда амалӣ мегардонад. Натиҷаи санчиши коршоямӣ тасдиқи коршоямии воситаи андозагирӣ ё корношоям эътироф кардани он ҳисоб меёбад. Натичаи мусбии санчиши коршоямии воситаи андозагирӣ бо тамга ё шаҳодатномаи санчиш тасдиқ карда мешавад.

Тамгаи коршоямӣ маълумоти зеринро бояд дар бар гирад:

а) нишони мақомоти давлатии метрологӣ;

б) рамзи шартии мақомоти Хадамоти давлатии метрологӣ;

в) ду раками охирини соли истифодаи тамга;

г) нишони шахсии мутасадии санҷиш (яке аз ҳарфҳои алифбои точикӣ, лотинӣ ё юнонӣ).

Воситаи андозагирӣ таҳти санҷиши ибтидоӣ, даврӣ, гайринавбатӣ, эксперта ва нозиротии коршоямӣ қарор дода мешавад.

Санчиши ибтидоӣ ҳангоми истеҳсол, баъди таъмир ва аз хориҷа ворид кардани воситаҳои андозагирии навъашон

тасдиқшуда амалӣ гардонида мешавад. Ҳангоми да̊р асоси созишномаҳои байналхалқӣ доир ба эътирофи санҷиши коршоямии дар кишварҳои хориҷӣ амалишуда ворид кардан воситаҳои андозагирӣ аз санҷиши ибтидоӣ гузаронида намешаванд.

Дар ҳолати тасдиқи навъи воситаҳои андозагирии истеҳсоли ҷудогона барои ҳар яки онҳо сертификата тасдиқи навъ ба расмият даровардa мешавад. Чунин воситаҳои андозагирӣ таҳти санҷиши давлатаи ибтидой қарор намегиранд.

Санҷиши даврии воситаҳои андозагирӣ ҳангоми истифодабарӣ ё нигохдорӣ баъд аз фосилаи муайяни байни санҷиши коршоямӣ амалӣ гардонида мешавад. Зарурати чунин санҷиш бо сабаби ноқис гардидани нишондиҳандаҳои метрологаи воситаи андозагирӣ дар натиҷаи таъсироти мурури вақт ва дигар омилҳо ба вуҷуд меояд.

Натиҷаҳои санҷиш муддата фосилаи байнисанҷишӣ эътабор доранд. Давраҳои санҷиши коршоямӣ аз ноустувории муваққатии тавсифҳои метрологӣ (эътимоднокии метрологӣ), муддати ками истифодабарӣ ва аҳамияти натаҷаҳои тариқи истафодаи воситаи андозагирӣ дастрасшуда вобастаанд. Фосилаи байнисанҷишии якум ҳангоми тасдиқи навъ муқаррар карда мешавад.

Санҷиши даврӣ дар макони истафодабаранда, мақомоти Хадамоти давлатии метрологӣ ё шахси ҳуқуқии ҷиҳати амалигардонии санҷиши коршоямӣ ваколатдоршуда амалӣ гардонида мешавад. Макони амалигардонии санҷиши коршоямиро вобаста аз омилҳои иқтисодӣ ва имконияти ҳамлу нақли воситаи андозагирӣ истифодабарайда интихоб мекунад.

Санҷиши ғайринавбатӣ дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- ҳангоми зарурати тасдиқи қобили истифода будани воситаи андозагирӣ;

- дар ҳолати ба сифати маҷмӯй истифода шудани воситаи андозагирӣ пас аз нимаи санҷиши давлатӣ;

- дар ҳолата ноқис шудани тамга ё гум шудани шаҳодатномаи санҷиши коршоямӣ;

- ҳангоми пас аз нигаҳдории дарозмуддат (зиёда аз як муҳлати фосилаи байнисанҷишӣ) истифода намудани воситаи андозагирӣ;

- ҳангоми кори гайриқаноатбахши асбоб ё амалигардонии танзими такрорӣ дар қолати таъсири зарба ба асбоби андозагирӣ;

- ҳангоми ба истеъмолкунанда дастрас шудани воситаи андозагарӣ баъди ба итмом расидани нимаи фосилаи байни санҷиши коршоямӣ.

Санҷиши экспертā ҳангоми ба амал омадани ихталофот оид ба масъалаҳои мансуб ба тавсифҳои метрологӣ, коршоямӣ ва қобили истафода будани воситаи андозагарӣ гузаронида мешавад.

Санҷиши нозиротӣ дар доираи назорати давлатӣ ё созмонӣ барои назорати сифати санҷишҳои ибтидоӣ, даврӣ ва муайян намудани коршоямии воситаи андозагирӣ амалӣ гардонида мешавад.

**Иҷозат додани фаъолият ҷиҳати истеҳсол ва таъмир.**

Иҷозат додан - тартиботи ҳатман амалишавандаи додани иҷозатнома ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҷиҳати амалигардонии фаъолияте, ки тибқи қонунгузорӣ манъ карда нашудааст. Барои чунин фаъолият иҷозатномаро макомоти Хадамоти давлатии метрологӣ медиҳад.

Натиҷаҳои мусбии аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор санҷида шудани шароити амалигардонии фаъолияг барои додани иҷозатнома ба шахсони ҳукуқӣ ва воқеъӯ асос ҳисоб меёбанд.

Довталабони иҷозатнома ҷиҳати таъмири воситаи андозагарӣ (тариқи шартномавӣ) дар ташкилотҳои хусусӣ бояд чунин шароити амалигардонии фаъолият дошта бошанд:

- бинои кории мутобиқ ба талабот нисбати ташкили таъмир ва шароити нигоҳдории воситаҳои андозагирӣ;

- таҷҳизота технологии зарурии воситаи андозагирӣ, асноди таъмирӣ, мутахассисони соҳибихтисоси корҳои таъмир ва таксзими восктаҳои андозагириро амалигардонанда, шаҳодатномаи аккредитонӣ чиҳати амалигардонии санҷиши коршоямии воситаҳои андозагарии навъи мазкур ё шартнома дойр ба амалигардонии санҷиши коршоямии воситаҳои андозагирии навъи муайян бо ташкилоте. ки дорои чунин ҳуқук мебошад.

Иҷозагнома ба муҳлати на зиёда аз панҷ сол дода мешавад. Иҷозатномадиҳии такрорӣ тибқи қарори мақомоти салоҳиятдор мувофиқи барномаи мухтасар ё пурра амалӣ гардонида мешавад.

Амалигардонии назорати давлатии метрологӣ дар. хақиқат пешниҳоди хизмаграсонии метрологӣ ҳисоб меёбад, ки тибқи моддаи 23 қонун «Дар бораи таъмини ченаки ягона» дар асоси қарордодҳои алоҳида пардохт карда мешавад.

**Муроқибати давлагии метрологӣ.**

Муроқибати давлатии метрологӣ нисбати истеҳсол, холат ва истифодаи воситаҳои андозагирӣ, услубҳои баҳододашудаи амалигардонии андозагирӣ, эталони вохиди бузургиҳо, риояи коида ва меъёрҳои метрологӣ; микдори моле, ки хангоми додугарифти тиҷоратӣ мусодира мегардад; микдори моли гуногуннавъи баркаш ва бандубастшуда ҳангоми кушодан ва фурӯхтани он амалӣ гардонида мешавад.

Муроқибати давлатии метрологӣ дар корхона, ташкилот ва муассисахо новобаста аз тобеъият ва шакли моликият ба намуди санҷиши риояи қоида ва меъёрҳои метрологӣ мутобиқи конун «Дар бораи таъмини ченаки ягона» ва ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда, алалхусус мутобиқи Қоидаҳо оид ба метрология амалӣ гардонида мешавад.

Фаъолият дойр ба муроқибат ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- новобастагии маъмурӣ ва молиявии мақомоти муроқибати давлатӣ аз субъектҳои фаъолияти хоҷагидории назоратшаванда;
- риояи қонуният хангоми амалигардонии санҷишҳо;
- салохиятнокӣ, бовиҷдонӣ, бегаразӣ ва масъулиятнокии нозирони давлатӣ;
- воқеияти хулоса ва қарорҳои гибки натиҷаи муроқибати давлатӣ қабулшаванда (ногузирии ҷазои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ нисбати вайронкориҳои ошкоршуда);
- ошкоро будани санҷишҳои амалишаванда ва натиҷаи онҳо, инчунин нигохдории сирри гиҷоратӣ ва навовариҳои субъекгҳои сакҷишшаванда;
- интихобӣ будани санҷишҳои амалишаванда.

Санҷишро шахсони соҳибмансаби мақомоти ваколатдори давлатӣ - нозирони давлатӣ оид ба таъмини ягонагии андозагирӣ амалӣ мегардонанд. Тибки моддаи 17 қонуни зикргардида нозирони давлатӣ ҳуқуқ доранд бо нишон додани шаҳодатномаи хизмагӣ бе мамоният ба объектхои фаъолияти метрологии корхонаҳое дароянд, ки ба соҳаи муроқибати давлатӣ мансуб мебошанд.

Чунин намудҳои санҷиш муқаррар карда шудаанд:

- мустақил - мақомоти Хадамоти давлатии метрологӣ амалӣ мегардонад;

- муштарак - бо иштироки мақомоти назоратию муроқибатӣ амалӣ гардонида мешавад;

- нақшавӣ (даврӣ) - на камтар аз як маротиба дар се сол, мутобиқи реҷаи тартибдодаи Хадамоти давлатии метрологӣ амалӣ гардонида мешавад;

- ғайринақшавӣ (ғайринавбатӣ) - тибқи ташаббуси истеъмолкунандагони маҳсулот, мақомоти худидоракунӣ, ҷамъиятҳои хифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, нозироти савдо ва дигарон бо мақсади ошкор ва бартараф намудани оқибатҳои манфии натиҷаҳои носаҳеҳи андозагарӣ амалӣ гардонида мешавад;

- такрорӣ - бо мақсади назораги иҷрои амрномаҳои макомоти назорати давлатӣ, ки дар асоси натиҷаи санҷиши қаблӣ ба корхона дода шудааст, амалӣ гардонида мешавад.

Натиҷаҳои ҳар як санҷиш тарики санад ба расмият даровардa шуда, дар он нозирони иштирокдошта имзо мекунанд. Бо мундариҷаи санад роҳбари корхона шинос карда мешавад ва дар ин бора ба санад имзо мегузорад. Хднгоми ошкор шудани вайрониҳо нозири давлатӣ дойр ба бартараф намудани вайронии ошкоршуда амрнома тартиб медиҳад.

Дар ҳолати ошкор шудани вайрониҳо нозири давлатӣ чунин ҳуқуқҳо дорад:

- истифодаи воситаҳои андозагирии навъашон тасдиқнашуда, ба навъи тасдикшуда номутобик, аз муроқибати давлатӣ нагузаштаро манъ кунад;

- ҳангоми зарурат воситаи андозагириро аз истифода гирад;

- дар ҳолатҳое, ки воситаи андозагирӣ натиҷаи нодурурст нишон медиҳад ё фосилаи байнимуроқибатӣ риоя нагардидааст, тамғаҳои коршоямиро ботил кунад ё шаҳодатномаи муроқибати давлатиро беэътибор гардонад.

Мақомоти хадамоти давлатии санҷишро амалигардонанда корхонаеро, ки дар он амалигардонии санҷиш пешбинӣ шудааст, дойр ба муҳлатҳои таквимии санчиш на дертар аз панч рӯз то огози он огоҳ менамояд.

Нозирони давлатӣ ҳуҷҷатҳои зеринро аз санчиш мегузаронанд:

1) мавчудият ва пуррагии номгӯйи воситаҳои андозагире, ки бояд таҳти назорат ва муроқибати давлатии метрологӣ қарор гиранд;

2) мувофиқати ҳолати воситаҳои андозагирӣ ва шароити истифодабарии онҳо ба талаботи техникии мукарраршуда;

3) мавҷудияти сертификат доир ба тасдиқи навъи воситаи андозагирӣ;

4) мавҷудикти тамғаи эътимодӣ ё шаҳодатнома доир ба санҷиши корпюямӣ, инчунин риоя гардидани фосилаи байнисанҷишӣ;

5) мавчудияти ҳуҷҷатҳое, ки баҳодиҳии усулҳои амалигардонии андозагириҳоро тасдиқ мекунанд;

6) мавҷудияти иҷозатнома барои исгеҳсол ва таъмир кардани воситаҳои андозагирӣ аз ҷониби корхонае, ки бо намудҳои фаъолияти нишондодашуда машгул мебошад;

7) мавҷудияти ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи амалигардонии муроқибати давлатии воситаҳои андозагириро аз ҷониби Хадамоти метрологии шахси ҳуқуқии мазкур тасдиқ менамояд;

8) мавҷудияти ҳуҷҷате, ки мақомоти Хадамоти давлатии метрологӣ баҳо дода шудани шахсони воқеиро ба сифати муроқиб тавсия намудааст;

9) дурустии нигаҳдорӣ ва истифодаи зталонҳое, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ барои муроқибати давлатии воситаҳои андозагирӣ истифода карда мешаванд.

## 2.19. МАДРАҶКУНИИ ВССИТАҲОИ АНДОЗАГИРӢ

**Мадрачкунии воситаи андозагирӣ** - маҷмӯи амалиётҳо, ки бо мақсади муайян ва тасдик кардани қиматҳои ҳақиқии тавсифҳои метрологӣ ваё коршоямии воситаи андозагирии таҳти назорат ва муроқибати метролопш давлатӣ қарор надошта амалӣ гардонида мешавад.

Аз та ърифоти мазкур ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1) мадраҷкунӣ нисбати воситаҳои андозагирие амалӣ гардонида мешавад, ки дар соҳаи назорат ва мурокибати метрологии давлатӣ истифода намегарданд, яъне таҳти муроқибат қарор намегаранд;

2) мадрачкунӣ ду вазифаро иҷро мекунад:

- муайян ва тасдиқ кардани қиматҳои ҳақиқии тавсифҳои метрологии воситаҳои андозагирӣ;

- муайян ва тасдиқ кардани коршоямии воситаҳои андозагирӣ.

Дар ҳолати якум лабораторияе, ки тибқи дархости (шартнома) фармоишгар мадраҷкуниро амалӣ мегардокад,

дойр ба коршоямии воситаи андозгирӣ хулосагузорӣ намекунад. Тавсифҳои метрологии муқарраршаванда метавонанд аз нишондодҳои шаҳодатномаи асбоб фарқият дошта бошанд. Муайян кардани дар кадом шароит ва бо кадом мақсад истифода кардани чунин воситаи андозагирӣ танҳо дар салоҳияти фармоишгар мебошад.

Дар ҳолати дуюм воситаи андозагирӣ коршоям ҳисобида мешавад, агар қиматҳои ҳақиқии тавсифҳои метрологии он ба талаботи техникии дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ё худи фармоишгар мукаррарнамуда мувофиқат намоянд. Хулосагузориро оид ба коршоямии воситаи андозагирӣ дар ин ҳолат лабораторияи мадраҷкунӣ амалӣ мегардонад.

**Коршоямии воситаи андозагирӣ** - хусусияте, ки дар асоси мутобиқати тавсифҳои метрологии воситаи андозагирӣ ба талаботи техникии тасдиқшуда (дар ҳуҷҷатҳои муқаррарӣ ё аз ҷониби фармоишгар) муайян карда мешавад.

Мадраҷкуниро хадамоти метрологии ихтиёрӣ ҳангоми истеҳсол ё таъмир, ҳангоми воридот, истифода, ба киро додан ё фурӯхтан амалӣ гардонида метавонад, ба шарте, ки барои иҷрои ин амал имконияти таъмини шароити мутобикро дошта бошад. Мадраҷкунӣ ба таври ихтиёрӣ амалӣ гардонида мешавад ва онро ҳатто хадамоти метрологии корхона гузаронида метавонад. Вале новобаста аз ин, хадамоти метрологии корхона, уҳдадор аст талаботи муайянро идро намояд. Талаботи асосӣ нисбати хадамоти мегрологӣ - таъмини мутобиқати воситаи андозагирии корӣ ба эталони тобеи эталони давлатии вохиди андозагирӣ, яъне мадраҷкунӣ ба таркиби низоми миллии таъмини ягонагии андозагирӣ дохил мешавад.

Мадраҷкунии воситаи андозагирӣ бо чор усул амалӣ гардонида мешавад:

- муқоисаи бевосита бо эталон;
- муқоиса бо ёрии компаратор;
- андозагирии мустақими бузургиҳо;
- андозагирии ғайримустақими бузургиҳо.

**Усули муқоисаи бевосита** - муқоисаи воситаи андозагирии таҳти мадраҷкунӣ қароргиранда бо эталони мутобиқи дараҷаи муайян. Ин усул барои воситахои андозагирии чунин соҳахо, ба монанди андозагирии баркӣ, андозагирии оҳанрабой (магнитӣ), муайян намудани шиддат, зуддӣ ва қувваи ҷараён истифода мешаванд. Усули мазкур ба амалигардонии андозагирии

яквақтаи худи ҳамон як бузургии физикӣ бо асбобҳои мадраҷшаванда ва эталонӣ асос меёбад. Ипггибоҳи асбоби мадраҷшаванда ҳамчун фарқи байни нишондоди асбобҳои мадраҷшаванда ва намунавӣ (яъне, нишондоди асбоби намунавӣ ба сифати қимати ҳақиқии бузургии физикии андозашаванда) қабул карда мешаванд.

Бартариятҳои усули мазкури мадраҷкунӣ: соддагӣ, возеҳӣ, имконияти мадраҷкунии автоматӣ, имконияти амалигардонии мадраҷкунӣ бо истифодаи миқдори маҳдуди асбобу дастгоҳҳо.

**Усули муқоиса бо ёрии компаратор** - асбоби махсус, ки ба воситаи он муқоиса намудани нишондоди воситаи андозагирии мадраҷшаванда бо эталон амалӣ гардонида мешавад. Бо сабаби ғайриимкон будани муқоисаи бевоситаи нишондоди воситаҳои андозагирие, ки худи ҳамон як бузургии физикиро андозагирӣ менамоянд, зарурати истифодаи компаратор ба вуҷуд меояд. Ба сифати компаратор метавонанд воситаҳои андозагире, ки сигналҳои воситаи андозагирии намунавӣ ва асбоби мадраҷшавандаро баробар қабул менамоянд, истифода шаванд.

Ҳангоми санҷиш бо ин усул қимати талабшавандаро JC муқаррар карда, нишондоди асбоби санҷишшавандаро $x_c$ бо нишондоди асбоби намунавӣ $x_0$ муқоиса намуда, фарқияти онҳоро А = $x_c$ - $x_0$ ҳисоб мекунанд. Фарқият Д ба иштибоҳи мутлақи асбоби санҷишшаванда баробар аст, ки барои дастрас намудани иштибоҳи овардашуда онро ба қимати меъёрбандишуда $x_м$ меоранд $y = 100\ (A/x_м),\ \%$. Бартарияти ин усул дар пайдарҳамии муқоисаи ду бузургиҳо бо мурури вақт мебошад.

**Усули андозагирии мустақими бузургиҳо** дар ҳолатҳое истифода мешавад, ки дар ҳудудҳои муқарраргардидаи андозагирӣ амалигардонии муқоисаи воситаи андозагирии мадраҷшаванда ва намунавӣ имконпазир мебошад. Ин усул ба принсипи усули муқоисаи бевосита ҳаммонанд асос меёбад. Фарқияти байни ин усулҳо дар он аст, ки бо ёрии усули андозагирии мустақим муқоиса дар қайдҳои рақамии ҳар як ҳудуд амалӣ гардонида мешавад.

**Усули андозагирии ғайримустақими бузургиҳо** дар ҳолате истифода карда мешавад, ки қимати ҳақиқии бузургиҳои физикии андозашавандаро бо андозагирии мустақим дастрас намудан имконпазир нест, ё ҳангоме ки дақиқии андозагирии ғайримустақим нисбат ба андозагирии мустақим баландтар мебошад. Ҳангоми истифодаи усули мазкур барои дастрас

намудани қимати матлуби сигнал қимати бузургиҳоеро дарёфт мекунанд, ки ба бузургии матлуб бо вобастагии функсионалии маълум алоқаманд бошанд. Сипае, дар асоси ин вобастагӣ қимаги матлубро тариқи ҳисобкунӣ муайян менамоянд. Усули андозагирии ғайримустақим одатан дар таҷҳизоти мадраҷкунии автомата̄ истифода карда мешавад.

Барой он, ки таҳвили воҳиди андозагнрӣ аз асбобҳои андозагирии намунавӣ ба корӣ бе иштибоҳи зиёд амалӣ гардонида шавад, тархлои санҷишӣ тартиб медиҳанд ва истифода менамоянд.

**Тарҳи санҷишӣ** - ҳуҷҷати меъёрии бо тартиби муқаррааргардида тасдиқшуда, ки зертобеъияти воситаҳои андозагирии дар таҳзили воҳиди авдоза аз эталон ё воситаи андозагирии намунавӣ ба воситаи андозагирии корӣ истифодашавандаро бо нишондоди тарзи таҳвил ва иштибоҳи он муқаррар менамояд.

Таҳия ва амалигардонии тарҳҳои санҷишӣ яке аз вазифаҳои асосии хадамоти метрологӣ, асоси роҳбарии хадамот ва идоракунии фаъолияти он ҳисоб меёбад.

Тарҳҳои санҷиширо ба намуди нақша шаклгирӣ менамоянд, ки он бо қисми матнӣ пурра карда мешавад (расми 2.21). Дар нақша номгӯйи воситаҳои андозагирӣ ва тарзҳои санҷиш, қиматҳои номиналӣ ё ҳудудҳои қимати бузургиҳои физикӣ нишон дода мешаванд.

Дар тарҳи санҷишӣ инчунин яке аз тарзҳои санҷиши воситаи андозагирӣ нишон дода мешавад: муқоисаи бевосита, муқоиса бо компаратор, андозагирии мустақим ё гайримусгақим. Дар ҳолата амалигардонии дараҷабандии воситаи андозагирӣ ҳангоми санҷиш дар матн истинод меоранд.

Тарҳҳои санҷишӣ давлатӣ ва маҳаллӣ мешаванд. Тарҳи санҷишии давлатӣ воситаҳои андозагирии дар кишвар мавҷударо фаро мегирад.

Таҳияи тарҳи санҷишии давлатиро барои воситаҳои андозагирии бузургии физикӣ маркази асосии эталонҳои давлатӣ, ки мухофизи эталони давлатии вохиди ин бузургӣ ҳисоб меёбад, амалӣ мегардонад. Ҳангоми мавчуд набудани эталони давлатӣ маркази дар ин соҳаи андозагирӣ асосӣ ҳисобёбанда таҳияи тарҳро амалӣ мегардонад.

Дар раванди таҳияи тарҳи санҷишии давлатӣ муносиб будани сохтори он (намудҳои эталони дуюмин. миқдори дараҷаи воситаҳои андозагирии намунавӣ ва дигарон) бо

назардошти: таносубҳои муносиби иштибоҳи воситаҳои андозагирии санҷишшаванда ва намунавӣ; эҳтимолияти коршоям ҳисобидани воситаи андозагирии корношоям ва дигарон асоснок карда мешаванд.




Расми 2.21. Тарҳи санҷишӣ: 1 - эталони давлатӣ; 2 - тарзи таҳвили андозаи воҳид; 3 - эталон-нусха; 4 - эталон-гувоҳ; 5 - эталони корӣ; 6, 7, 8 - воситаҳои андозагирии намунавии дараҷаи мутобиқ; 9 - воситаҳои намунавии андозагирии аз тарҳҳои санҷишии дигар иқтибос овардашуда; 10 - воситаҳои андозагирии корӣ.

Тарҳи санҷишии давлатиро ба сифати стандарти давлатӣ таҳия месозанд ва он набояд ба тарҳҳои санҷишии байналхалқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида мухолифат намояд.

Тарҳҳои санҷишии маҳаллӣ ба мақомоти метрологии вазоратҳо таъинот доранд. Онҳо инчунин воситаҳои андозагирии корхонаҳои тобеъро фаро мегиранд.

'Гарҳҳои санҷишии маҳаллиро қисматҳои хадамоти метрологии корхонаҳои санҷишро амалигардонанда таҳия месозанд ва ба воситаҳои андозагирии дар хадамоти метрологии мақомоти давлатӣ ё идории мазкур санҷишшаванда интишор карда мешаванд. Тарҳҳои санҷишии маҳаллӣ набояд ба тарҳҳои санҷишии давлатӣ барои воситаҳои андозагирии худи ҳамон бузургиҳо мухолифат намоянд. Дар тарҳҳои санҷишии маҳаллӣ намуди (миқдори) муайяни воситаҳои андозагириро нишон додан мумкин аст.

## 2.20. ТАЪМИНОТИ МЕТРОЛОГӢ ВА АСОСҲОИ ОН

**Таъминоти метрологӣ** - тасдиқ ва истифодаи асосҳои илмию техникӣ ва ташкилй, асбобҳои техникӣ, меъёр ва стандартҳо бо мақсади таъмини ягонагй ва дақиқии муқарраргардидаи андозагирӣ. Чунин мақсадҳои таъминоти метрологиро қайд кардан мумкин аст:

- поил гардидани сифати баландк маҳсулот;
- таъмини самаранокии низомҳои баҳисобгирӣ;
- таъмини чорабиниҳои пешгирикунанда, ташхис ва таъмир;
- таъмини идоракунии самараноки истеҳсолот;
- таъмини сатҳи баланди самаранокии кор ва таҷрибаҳои клмй:
- таъмини дараҷаи баланди автоматонй дар самти идоракунии корхонаҳо;
- таъмини мавҷудияти самаранокии низоми меьёрбандй, назорати шароити меҳнат ва маишй;
- баланд бардоштани сифати назорати муҳити зист;
- беҳтар намудани сифат ва баланд бардоштани зътимоднокии алоқа;
- таъмини низоми самараноки баҳодиҳии захираҳои табий.

Таъминоги метрологй муқаррар ва истифода намудани асосҳои илмию техники ва ташкилй, инчунин як кдтор воситаҳои техникй, меъёр ва қоидаҳои барои риояи принсипи ягонагй ва таъмини дақиқии андозагирй дар марҳалаҳои

фаъолияги ҳаётии мол (маҳсулот ё хшматрасонй) заруриро дар бар мегирад. Баъзан барон дастрас намудани сифати баланда маҳсулот интихоби парамегрҳои назоратӣ, меъёрҳои дақнқӣ, ҷоизиҳо, воситаҳои андозагирй, назорат ва санҷиш дар марҳалаи коркарди маҳсулот баррасй мегарданд. Дар раванда таҳияи гаъминоти метрологӣ бошад, истифодаи муносибати маҷмӯие раво мебошад, ки дар он таъминоти зикргардида ҳамчун маҷмӯҳои боҳам алоқаманди бо мақсади ягона муттаҳидгардида баррасй мегарданд. Чунин мақсад дастоварда сифати андозагирии дархостшаванда ҳисоб меёбад. Дар адабиётҳок илмй, одатан, якчанд раванди ба ин монандро қайд менамоякд:

- муқаррар намудани номгӯйи параметрҳои андозашаванда, инчунин меъёрҳои дақиқии мувофиқ ҳангоми назорати сифати маҳсулот ва идоракунии равандҳо;
- аз ҷиҳати техникию иқтисодӣ асоснок кардан ва интихоб намудани воситаҳои андозагирй, санҷиш, назорат ва муқаррар намудани номгӯйи сарфакоронаи онҳо;
- стандартизатсия, якшаклкунй ва агрегатонии техникаи назоратию андозагирй;
- таҳия, ҷорй намудан ва баҳодиҳии услуби муосирк амалигардонии андозагирй, санҷиш ва назорат;
- санҷиш, баҳодиҳии метрологӣ ва мадраҷкунии асбобҳои назоративу андозагирй ё назоратӣ-андозагирй, инчунин таҷҳизоти санҷишии корхона;
- иштирок дар раванда бунёд ва ҷорй намудани стандартҳои корхока;
- назорати истеҳсолот, ҳолат, истифодабарй ва таъмири асбобҳои назоративу андозагирй, инчунин пайравии дақиқии метрологй ва меьёрҳо дар корхона;
- татбиқи стандартҳои байналхалқӣ, давлатӣ, соҳавй, инчунин ҳуҷҷатҳои дигари меъёрии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба сгандаргизатсия;
- амалигардонии экспертизаи метрологии лоиҳаҳои тарҳрезӣ, технологӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ;
- амалигардонии таҳлили ҳолати андозагирй, дар асоси он таҳия ва амалигардонии чорабиниҳо доир ба беҳсозии таъминоти метрологй;

- омода намудани кормандони хадамот ва зершуъбаҳои мутобиқи корхона барои иҷрои амалиётҳои назоративу андозагирӣ.

Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои таъминоти метрологӣ ҳуқуқи мустаснои хадамоти метрологӣ ҳисоб меёбад. Асоси таъминоти метрологиро асосҳои илмӣ, ташкилӣ, техникӣ ва меъёрӣ-усулӣ ташкил медиҳанд (расми 2.22).

**Асоси илмии** таъминоти метрологӣ метрология мебошад. Чуноне ки қайд карда шуд, метрология бо назарияи умумии андозагирӣ, воҳиди бузургиҳои физикӣ, усул ва воситаҳои андозагирӣ, тарзҳои таҳвили андозаи воҳиди бузургиҳои физикӣ аз эталон ба воситаҳои андозагирии корӣ ва якшаклии воситаҳои андозагирӣ машғул мебошад.




Расми 2.22. Асосҳои таъминоти метрологӣ

**Асоси ташкилии** таъминоти метрологиро хадамоти дазлатии метрологӣ ва хадамоти метрологии ашхоси ҳуқуқӣ ташкил медиханд. Ба хадамоти давлатии метрологӣ, ки мақомоти ваколатдори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ менамояд, мақомоти давлатии метрологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, ноҳияҳои тобеи марказ ва шаҳри Душанбе дохил мешаванд

Мақомоти идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ташкилоту корхона, муассисаҳо, ки ашхоси ҳуқуқӣ мебошанд, дар ҳолати зарурӣ тибқи тартиби муқарраргардида барои таъмини ягонагӣ ва дақиқии андозагирӣ, инчунин барои назорати метрологӣ метавонанд хадамоти метрологӣ таъсис дкҳанд.

Хуқуқ ва масъулияти хадамоти метрологӣ тибқи Низомномаи тасдиқнамудаи хадамоти давлатии метрологӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Хукумати Ҷумхурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Асоси техникии** таъминоти метрологӣ маҷмӯи воситаҳои техникӣ (зталонҳо, воситаҳои андозагирии намунавӣ ва корӣ, ченакҳо, инчунин намунаҳои стандартии таркиб ва хосиятҳои мавод), қоида, меъёр, оиннома ва талабот нисбати истифода мутобиқи таъинот, инчунин амалигардонии муроқибат ва назоратро қабл аз истифода, баъди таъмир ва ҳангоми истифодабарӣ дар бар мегирад.

**Асоси меъёрӣ-методии** таъминоти метрологиро стандартҳои низоми давлатии таъмини ягонагии андозагирӣ муқаррар менамоянд. Барои таъмини ягонагии андозагирӣ Марказҳои илмии метрологии давлатӣ ташкил медиҳанд, ки аз таркиби корхонаву ташкилоти дар тобеияти хадамоти метрологии давлатӣ қарордошта ё ҷузъиёти сохтории онҳо бунёд карда мешаванд. Чунин марказҳо дойр ба масъалаҳои бунёд, нигоҳдорӣ, беҳсозӣ, истифода ва нигоҳдории эталони воҳиди бузургиҳо амалиёти гуногун иҷро намуда, барои таъмини ягонагии андозагирӣ ҳуҷҷатҳои меъёрӣ тахия месозанд. Объектҳои асосии стандартизатсияи низоми давлатии таъмини ягонагии андозагирӣ инҳо ҳисоб меёбанд:

- воҳиди бузургиҳои физикӣ;
- эталони давлатӣ ва тархлои санҷишӣ;
- усул ва воситаҳои санҷиши асбобҳои андозагирӣ;

- меъёрҳои дақиқии андозагирӣ;
- тарзи ифода ва шакли пешниҳоди натиҷа ва нишондиҳандаҳои дақиқии андозагирӣ;
- услубҳои амалигардонии андозагирӣ;
- услубҳои баҳодиҳии эътиборнокӣ ва шакли пешниҳоди маълумот доир ба хосияти модда ва маводҳо;
- талабот нисбати намунаҳои стандартии таркиб ва хосияти модца ва маводҳо;
- ташкил намудан ва тартиби амалигардонии муроқибат ва баҳодиҳии метрологии андозагирӣ, асноди меъёриву техникӣ, лоиҳавй, тарроҳӣ ва технологā, экспертиза ва баҳодиҳии маълумот доир ба модда ва маводҳо;
- истилоҳот ва мафҳумҳои соҳаи метрология.

Стандартизатсияи объектҳои нишондодашуда имкон медиҳад ягонагаи воситаҳои андозагирӣ аз ҳисоби санҷиши давлатии мутобиқи тарҳҳои санҷиши давлатии ҷамъиятӣ пешбининамуда кафолат дода шавад. Бояд қайд кард, ки чунин стандартизатсия якшаклии усул ва воситаҳои муроқибат, услуби амалигардонӣ ва шакли пешниҳоди натиҷаҳои хотимавиро низ таъмин менамояд.

## 2.21. НИЗОМИ ДАВЛАТИИ ТАЪМИНИ ЯОНАГИИ АНДОЗАГИРӢ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» бо фармони № 435 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 май соли 1997 қабул гардидааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии таъмини ягонагии андозагириро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, муносибати мақомоти идоракунии давлатии кишварро бо шахсиятҳои ҳуқуқию воқей дар мавриди тайёру истеҳсол ва истифодаю таъмир кардан, фурӯхтан, содир намудани таҷҳизоти андозагирӣ танзим менамояд. Инчунин дар ин қонун ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, тартиботи ҳуқуқии муқарраргардида ва иқтисодиёти давлат аз оқибати номатлуби натиҷаҳои андозагирӣ пешбинй шудааст.

Тибқи қонун (Фасли **II,** Моддаи 2) асосҳои ҳуқуқии таъмини ягонагии андозагириро Сарқонун, Қонуни мазкур, дигар санадҳои қонунгузорй, қарорҳои Маҷлиси Олй, фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин

санадҳои ҳуқуқии байналхақӣ доир ба масъалаи зикргардида муайян менамоянд.

Идоракунии давлатии фаъолиятро ҷиҳати таъмини ягонагии андозагирӣ мақомоти ваколатдори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд, ки он дорои салоҳияти зерин мсбошад:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти байнимитақавӣ ва байнисохавии таъмини ягонагии андозагирӣ;
- муқаррар намудани қоидаҳои офаридан, тасдиқу саришта ва истифода кардани эталонҳои воҳиди бузургӣ;
- муайян намудани талаботи умумии метрологӣ нисбат ба восита, усул ва натиҷаҳои андозагирӣ;
- таъмини муроқибати метрологӣ;
- роҳбарӣ ба фаъолияти хадамоти давлатии метрологӣ ва дигар хадамоти метрологии таъмини андозагирии ягона:
- иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ оид ба масъалаи таъмини ягонагии андозагирӣ.

Раёсати давлатии таъмини ягонагии андоагирӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- фаъолиятро доир ба таъмини ягонагии андозагирӣ ҳамоҳанг месозад;
- қоидаҳои нигоҳдорӣ ва истифодабарии эталонхои давлатиро муқаррар менамояд;
- талаботи умумии метрологиро ба восита, усул ва натиҷаҳои андозагирӣ муайян менамояд;
- назорат ва муроқибати метрологии давлатиро амалӣ гардонида, ба фаъолияти хадамоти метрологии давлатӣ ва дигар хадамотҳои метрологӣ дар самати таъмини ягонагии андозагирӣ роҳбарӣ мекунад;
- дар фаъолияти ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, байнидавлатӣ ва байналхалқӣ доир ба масъалаҳои таъмини ягонагии андозагирӣ ширкат меварзад.

Низоми давлатии таъмини ягонагии андозагирӣ вазифаҳои зикргардидаро тариқи бархам додани оқибатҳои номатлуби андозагириҳои нодуруст ва носаҳеҳ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии инсон ва ҷамъият тариқи истифодаи меъёрҳои конститутсионӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.

Принсипҳои асосии ягонагии андозагирӣ чунинанд:

- муайян намудани бузургиҳои физикӣ бо истифодаи ҳатмии эталонҳои давлатӣ;

- истифодаи воситаҳои андозагирие, ки аз назорат ва муроқибати давлатй гузаштаанд;
- истифодаи воҳиди андозагирии бузургиҳои физикии бо тартиби қонунгузорӣ тасдиқшуда;
- таъмини ҳатмии назорати мураттаби тавсифномаи воситаҳои андозагирии истифодашаванда дар фосилаи муайяни вақт;
- таъмини дакиқии зарурии кафолатноки андозагириҳо ҳангоми истифодаи воситаҳои андозагирии мадрачшуда ва услубҳои муқарраршудаи амалгардонии андозагириҳо;
- истифодаи натиҷаҳои андозагирии дастрасшуда ҳангоми шарти ҳатмии баҳодиҳии иштибоҳи натиҷаҳои мазкур бо эҳтимолияти муқарраргардида;
- таъмини назорати воситаҳои андозагирӣ ҷиҳати мутобиқат ба коида ва тавсифномаҳои метрологй.

Низоми давлатии таъмини ягонагии андозагирй зернизомҳои ҳуқуқӣ, техникй ва ташкилиро дар бар мегирад.

**Зернизоми ҳуқуқй** - маҷмӯи санадҳои ба ҳам алоқаманд (тибқи қонунгузорӣ ва зерқонунй тасдиқшуда), ки мақсадҳои ягона доранд ва талаботи нисбати объектҳои низоми таъмини ягонагии андозагирй ба ҳам мувофикшударо дар алоқамандӣ тасдиқ менамоянд.

**Зернизоми техникй** дар бар мегирад:

- эталонҳои байналхалқӣ;
- эталонҳои давлатй;
- эталонҳои воҳиди андозагирии бузургии физикй;
- зталонҳои миқёси андозагирй;
- намунаҳои стандартен таркиб ва хосияти модда ва маводҳо;
- маълумотномаҳои стандартӣ оид ба доимии физикӣ ва хосияти модда ва маводҳо;
- воситаҳои андозагирй ва асбобҳои дигари барои назорати метрологй истифодашаванда;
- бино ва иморатҳои махсуси барои амалигардонии андозагириҳои дақиқиашон баланд таъинотдошта;
- ташхисгоҳҳои илмию тадқикотӣ;
- ташхисгоҳҳои мадраҷкунӣ (санҷишй).

**Зернизоми ташкилӣ** озмоишгоҳҳои хадамоти метрологиро дар бар мегирад.

## Саволҳои назоратӣ

1. Метрология чист?
2. Кадом воҳидҳои чену вазни дар манотиқи Осиёи Миёна истифодашударо медонед?
3. Сабабҳои пайдоиши чену вазн дар чист?
4. Назорати риояи тартиботи чену вазн кадом давра ба вуҷуд омадааст?
5. Дар Қуръони карим оид ба чену вазн чӣ гуна маълумот мавҷуданд?
6. Хадамоти миллии метрологӣ бори нахуст кай ташкил шудааст?
7. Агентии Тоҷикстандарт ба таври расмӣ кай таъсис ёфтааст?
8. ҶТ аъзои кадом созмонҳои байналхалқии метрологӣ мебошад?
9. Кадом мафхумҳои асосии соҳаи чену вазнро медонед?

Ю.Андозагирӣ бо кадом мақсадҳо амалӣ гардонида мешавад?

11 .Андозагирии техникй чист?

12. Дақиқии андозагирй чист?
13. Ягонагии андозагирй чист?
14. Максади таъмини ягонагии андозагирй аз чй иборат аст?
15. Метрология кадом ҷиҳатҳои андозагириро меомӯзад?
16. Самтҳои асосии метрология кадомҳоянд?

17,Объектҳои метрологияро номбар кунед.

18. Метрология чиҳоро дар бар мегирад?
19. Вазифҳои асосии метрология кадомҳоянд?
20. Вазифаҳои метрологиям назариявй кадомҳоянд?
21. Бузургии физикй чист?
22. Вазифаи асосии андозагирй дар чист?
23. Кадом ишоратҳои пурра ва рамзии воҳидҳои бузургиҳои физикиро медонед?
24. Қимати бузургии физикй чиро ифода мекунад?
25. Қимати хақиқии бузургии физикй чист?
26. Кимати воқеии бузургии физикй чист?
27. Системаи воҳидҳои бузургиҳои физикй бори нахуст кай ва дар куҷо кабул шудааст?
28. Бузургӣ ва воҳидҳои системам қабулкардаи Гауссро номбар кунед.
29. Кадом системаҳои воҳидҳои бузургиҳои физикиро медонед?
30. Низоми байналхалқии вохидхоро кай ва кй тасдиқ кардааст?
31. Воҳидҳои асосии низоми байналхалқии воҳидҳо кадомҳоянд?
32. Ҳолати сегонаи об кадом ҳолат мебошад?

33. Кадом воҳидҳои иловагии низоми байналхалкии вс-ҳидҳоро медонед?
34. Воҳиди хосилшуда чист?
35. Ба сифати эталони килограмм чй кабул карда шудааст?
36. Кадом кунҷ кунҷи ҳамвор ҳисоб меёбад?
ЗТ.Воҳиди кунчи ҳамвор ба чӣ баробар аст?
38. Кунҷи ҷисмиро маънидод намоед.
39. Воҳиди кунҷи чисмӣ ба чӣ баробар аст?
40. Воҳидҳои гайринизомӣ кадомҳоянд?
41 .Кадом воҳидҳо ба низоми СИ дохил намешаванд?
42.Низом и байналхалкии воҳидхо чӣ бартарият дорад?
43. Тавсифхои асосии андозагирй кадомҳоянд?
44. Усули андозагирй чист?
45. Кадом усулҳои андозагириро медонед?
46. Усулҳои муқоиса бо ченак кадомҳоянд?
47. Тарзи алокавй ва беалоқаи андозагириро маънидод намоед.
48. Барой андозгирии бузургии физикй кадом имкониятхо заруранд?
49. Намуди андозагирй аз рӯи кадом аломатҳо тасниф карда мешавад?
50. Кадом намуддои андозагирй мукаррар карда шудаанд?
51 .Дурустии андозагирй аз кадом омилҳо вобаста мебошад?
52. Андозагирии метрологи бо кадом максад гузаронида мешавад?
53. Андозагирии нисбиро маънидод намоед?
54. Андозагириҳои мустақим бо ёрии кадом намуди асбобхо амалй гардонида мешавад?
55. Андозагирии гайримустақимро бо мисолҳо маънидод намоед.
56. Андозагирии дастҷамъона чй гуна амалй гардонида мешавад?
57.Эталон чист?
58.Эталон дорой кадом аломатҳо шуданаш зарур аст?
59. Кадом намудҳои эталон мавҷуданд?
60. Воситаҳои намунавии андозагирй чист?
61. Воситахои андозагирй чист?
62. Воситаҳои андозагириро аз рӯи кадом аломатҳо тасниф кардан мумкин аст?
63. Аз рӯи таъиноти метрологй кадом воситаҳои андозагириро медонед?

64. Аз рӯи тарзи иҷрои сохт кадом намудҳои воситаҳои андозагирӣ мавҷуданд?
65. Кадом намудҳои асбобҳои андозагириро медонед?
66. Кадом намудҳои асбобҳои андозагирии сабткунанда мавҷуданд?
67. Воситахои андозагирии ҳамакора кадомхоянд?
68. Иштибоҳи андозагирӣ чист?
69 .Аз рӯи тарзи ифодаи математики кадом иштибоҳҳо мавҷуданд?
70. Иштибоҳҳои ташкилдиҳанда кадомҳоянд?
71. Иштибоҳи андозагирӣ кадом иштибоҳҳоро дар бар мегирад?
72. Шароити мукаррарии андозагирӣ кадомҳоянд?
73. Саҳв ва ишгибоҳҳои дагал чист?
74. Тавсифҳои метрологии воситаҳои андозагириро номбар намоед.
75. Тавсифҳои асосии метрологӣ кадомҳоянд?
76. Ҳассосияти асбоби андозагирӣ чист?
77. Мадраҷкунии воситаҳои андозагирӣ чист?
78. Усулҳои мадраҷкунии воситаҳои андозагирӣ кадомҳоянд?
79. Тарҳи санҷишӣ чист?
80. Кадом намудҳои тарҳи санҷишӣ мавчуданд?
81 .Таъмини метрологӣ чист?
82. Мақсадхои таъминоти метрологӣ кадомҳоянд?
83. Таҳияи таъминоти метрологӣ кадом равандҳоро дар бар мегирад?
84. Асосҳои таъминоти метрологӣ кадомхоянд?
85. Кадом корҳои соҳаи метрология таҳти назорати давлатӣ қарор мегиранд?
86. Кадом амалҳо таҳти назорати давлатии метрологӣ қарор мегиранд?
87. Асосҳои хукукии таъмини ягонагии андозагирӣ кадом санадҳо ҳисоб мeёбанд?
88. Идораи давлатии фаъолиятро чиҳати таъмини ягонагии андозагирӣ кадом мақомот таъмин менамояд?
89. Принашҳои асосии ягонагии андозагирӣ кадомхоянд?
90-Низоми давлатии таъмини ягонагии андозагирӣ кадом зернизомҳоро дар бар мегирад?

## III. СЕРТИФИКАЦИЯ
## 3.1. ИСТИЛОҲОТ ВА МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

Шархи мафҳуми сертификатсия бори нахуст (соли 1982) аз ҷониби Кумитаи махсуси Шӯрои ИСО оид ба масъалаҳои сертификатсия (СЕРТИКО) таҳия гардида, ба Дастурамали № 2 ИСО «Истилоҳоти умумӣ ва шарҳи онҳо дар соҳаи стандартизатсия, сертификатсия ва аккредитации озмоишгоҳҳои санҷишӣ» дохил карда шуда буд. Дар ин Дастурамал чунин омадааст: «Сертификатсияи мутобиқат амалеро ифода менамояд, ки ба воситаи сертификат ё аломати мутобиқат ба стандартҳои муайян ё хуҷҷати дигари меъёриву техники мутобик будани маҳсулот ё хизматрасониро тасдиқ мекунад».

Дар таҳияи нави дастурамал истилоҳи «сертификатсия» шарҳ дода нашуда, танҳо эзоҳот илова карда шудаанд. Сертификатсия истилоҳи умумӣ буда, иштироки ҷониби сеюмро дар тасдиқи мутобиқати махсулот, раванди технологӣ ё хизматрасонӣ ифода менамояд.

Ба тахияи нави дастурамали мазкур як гурӯҳ истилоҳоти мансуб ба «мутобиқати махсулот» ворид карда шудаанд ва дар он «мутобиқат» ҳамчун «талаботи мукарраргардидаро конеъ гардонидани маҳсулот, раванди технологӣ ё хизматрасонӣ» муайян карда шудааст.

Дар замони муосир сертификатсияи мутобиқат амали ҷониби сеюмро ҷиҳати исботи таъмини зарурии эътимод нисбати он, ки махсулот, раванди технологӣ ё хизматрасонии ба тарзи муносиб ҳаммонанд кардашуда ба стандарт ё дигар ҳуҷҷати меъёрии муайян мутобиқат мекунад, ифода менамояд (ИСО/МЭК 2).

Дар муқоиса бо шарҳҳои пештараи «сертификатсия» ташреҳи мазкур се фарқияти асосӣ дорад:

- сертификатсия ба амали ҷониби сеюм (шахе ё мақомоти аз ҷонибҳои дар баррасии масъалаи мазкур иштирокдошта новобаста) эътироф шудааст;
- мавдудияти низоми сертификатсияи ҳатмӣ, ки дорой қоида, тартибот ва идораи муайян мебошад (амалҳо оид ба баходихии мутобикат бо тарзи муносиб иҷро карда мешаванд);

- куллан васъат додани соҳаи амали сертификатами мутобиқат (маҳсулот, раванд ё хизматрасонӣ, низоми сифат, хайати шахсӣ бояд сертификатсиякунонида шаванд).

Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобикат» 2 августа соли 2011 қабул карда шуд, ки дар он мафҳумҳои асосии зерин исгифода шудаанд:

**баходихии мутобиқат** - фаъолият оид ба муайян кардани мутобиқати объектҳои баҳодиҳии мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсия, ки санчиш, назорат, сертификатсия ва аккредитониро дар бар мегирад:

**аккредитонӣ** - расмиёти аз тарафи мақомоти давлатӣ оид ба аккредитонӣ расман эътироф шудани салоҳиятнокии шахсони хуқуқӣ дар амалигардонии корҳо оид ба санчиш ва сертификатсия;

**Низоми давлатии аккредитонии Ҷумхурии Точикистон -** маҷмӯи субъектҳои баҳодихии мутобиқат, санадҳои меъёрии хукуқӣ, регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартазатсия, ки қоида ва расмиёти аккредитонӣ ва дар мачмӯъ фаъолияти низомро муайян менамоянд;

**аломати мутобиқати Низоми давлатии аккредитонии Ҷумҳурии Тоҷикистон** - аломате, ки бо тартиби муқарраргардида дойр ба амалигардонии расмиёти зарурии аккредитонӣ ва му гобиқаги мақомоти аккредитонидашуда оид ба сертификатсия ё озмоишгоҳи (маркази) санҷишии аккредитонидашуда ба талаботи регламент'и техникӣ ва ҳуччати соҳаи стандартизатсия гувоҳӣ медиҳад;

**мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда -** мақомоти давлатӣ ва ташкилоте, ки барои ичрои корҳои сертификатсия дар доираи муайян аккредитонида шудаанд;

**озмоишгохи (маркази) санчишии аккредитонидашуда -** ташкилоте, ки барои амалигардонии санчиши маҳсулот дар доираи муайян аккредитонида шудааст;

**доираи аккредитонӣ** - соҳаи фаъолияте, ки дар он ба мақомоти аккредитонидашуда оид ба сертификатсия ё озмоишгохи (маркази) санчишии аккредитонидашуда ҳуқуқи ичрои корҳои сертификатсия ё амалигардонии санчиши маҳсулот до да мешавад;

**шаходатномаи аккредитонӣ** - ҳуҷҷатест, ки дар бораи салоҳияти шахси ҳуқуқӣ ҷиҳати иҷрои корҳо оид ба сертификация ё амалигардонии санҷиши маҳсулот дар доираи муайяни аккредитонӣ шаҳодат медиҳад;

**макомотн давлатӣ оид ба аккредитонӣ** - мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи аккредитонӣ, ки дорои ҳуқуки амалигардонии аккредитонӣ мебошад;

**мақомоти давлатии марказӣ оид ба сертификации** - мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи санҷиш ва сертификация;

**дархосткунандаи аккредитонӣ** - шахси ҳуқуқӣ, ки барои аккредитонӣ бо дархост муроҷиат менамояд;

**фехрасти Низоми давлатии аккредитонии Ҷумҳурии Тоҷикиетон** - мачмӯи маълумоте, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ оид ба аккредитонӣ дар бораи шаҳодатномаҳои аккредитонии додашуда, ворид намудани тагйиру иловаҳо ба онҳо, боздоштан, таҷдид, бекор, қать ва тамдид намудани муҳлати амали онҳо тарзиб дода мешаванд;

**сертификации** - шакли тасдиқи мутобикат ба талабсти регламента техникӣ ва ҳуҷҷати соҳаи стандартизация, ки мақомоти оид ба сертификация аккредитонидашуда амалӣ мегардонад;

**эълом кардани мутобиқат** - шакли тасдики мутобиқат, ки аз ҷониби истеҳсолкунанда ё фурӯшанда амалӣ мегардад;

**Низоми давлатии сертификатсини Ҷумхурии Тоҷикистон -** маҷмӯи субъектҳои баҳодиҳии мутобиқат, санадҳои меъёрии ҳуқукӣ, регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизация, ки қоида ва расмиёти сертификация ва дар маҷмӯъ амали низомро муайян менамоянд;

**аломати мутобиқати Низоми давлатии сертификатсиии Ҷумҳурии Тоҷикистон** - аломате, ки бо тартиби муқаррар-гардида дойр ба амалигардонии расмиёти зарурии сертифика-ция ва мутобиқ будани объекта баҳодиҳии мутобиқати тамгагузории онҳо ба талаботи регламента техникӣ ва ҳуҷҷати соҳаи стандартизация гувоҳӣ медиҳад;

**истеҳсолкунанда (фурӯшанда)** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахси воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ, ки маҳсулот истеҳсол мекунад ё мефурӯшад;

**сертификати мутобиқат** - ҳуҷҷате, ки ба талаботи регламента техникӣ ва ҳуҷҷати соҳаи етандартизатсия мутобиқ будани объекти баҳодиҳии мутобиқатро тасдиқ мекунад;

**эъломия оид ба мутобиқат** - ҳуҷҷате, ки дар он исгеҳсолкунанда ё фурӯшанда мутобиқати маҳсулоти истеҳсол ё фурӯхташавандаи худро ба талаботи регламента техникӣ ва ҳуҷҷати соҳаи стандартонӣ тасдиқ мекунад;

**сертификати салох.иятнокй** - ҳуҷҷате, ки салоҳияти касбии шахси воқеиро барои иҷрои кор ва хизматрасонии муайян тасдиқ менамояд;

**дархосткунаыдаи сертификатсия** - шахси воқей ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахси воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ, ки бо дархост ҷиҳати сертификатсия муроҷиат менамояд;

**тархи (схемам) сертификатсия** - амалиёти муқарраршудаи пай дар пай, ки натиҷаи онҳо ба сифати исботи мутобиқати объектҳои баҳодиҳии мутобиқат ба талаботи регламента техникӣ ва ҳуҷҷати соҳаи сгандартизатсия баррасӣ карда мешаванд;

**низоми идоракунии снфат** - қисми низоми умумии идоракунй, ки сохтори ташкилӣ, банақшагирй, масъулият, усул, расмиёт, раванд ва захирахоеро дар бар мегирад, ки барои таъмини сифати маҳсулот ва хизматрасонй зарур мебошанд;

**низоми идоракунии муҳити зист** - қисми низоми умумии идоракунй, ки сохтори ташкилй, банақшагирй, масъулият, усулҳо, расмиёт, равандҳо ва захираҳоеро дар бар мегирад, ки иҷрои талаботи ҳифзи табиатро таъмин менамоянд;

**феҳристи Низоми давлатии сергификатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон** - маҷмӯи маълумоте, ки аз тарафи мақомоти давлатии марказй оид ба сертификатсия дойр ба сертификатҳои мутобиқат ва салоҳиятнокии додашуда, эъломияҳо оид ба мутобиқати ба қайд гирифташуда, ворид нам уда ни тағйиру илова ба онҳо, боздоштан, таҷдид, бекор, қатъ, тамдид намудани муҳлати амали онҳо тартиб дода мешаванд;

**мақомоти ваколатдори давлатй дар соҳаи баходиҳии мутобиқат** - мақомоти ваколатдори х,окимияти давлатй, ки танзими давлатиро дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ амалй мегардонад.

## 3.2. БАҲОДИҲИИ МУТОБИҚАТ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ» моҳи декабри соли 1996 қабул шуда буд. Аз санаи қабули қонун то имрӯз дар иқтисодиёти кишвар ва бозори ҷаҳонӣ дигаргуниҳои зиёд ба амал омаданд, талаботи мардум нисбати сифати маҳсулот куллан тағйир ёфт, дар истеҳсолот техникаву технологияҳои нав ҷорӣ карда шуданд. Бинобар ин, шароите ба вуҷуд омад, ки қонунгузорӣ бояд ба он мутобиқ карда шавад.

Бо фармони Президента Ҷумҳурии Тоҷикисгон № 759 аз 2 августа соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодихии мутобиқат» тасдиқ карда шуд. Қонуни мазкур муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқати объектҳо ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсия танзим намуда, низоми ягонаи сиёсати давлатиро барои амалӣ гардонидани баҳодиҳии мутобиқат таъмин менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳодиҳии мутобиқат ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналхалқие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Баҳодиҳии мутобиқат бо мақсадҳои зерин амалӣ гардонида мешавад:

- таъмини ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва амволи инсон, ҳифзи муҳити зист;
- баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот, кор ва хизматрасонй;
- фароҳам сохтани шароити мусоид ҷиҳати таъмини гардиши озоди маҳсулот, кор ва хизматрасонй дар бозорҳои дохилй ва беруна, инчунин ҷиҳати иштирок дар ҳамкориҳои байналхалқии иқтисодӣ, илмию техникй ва савдои байналхалқӣ.

Амалигардонии баҳодиҳии мутобиқат ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- таъмини мутобиқати ҳаммонандии қоида, дастурамал ва тавсияҳо оид ба сертификатсия барои маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва хориҷй. Бо мақсади таъмини эътирофи сертификат ва

аломати Низоми сертификатсия аз ҷониби кишварҳои .хориҷӣ, расмиёти сертификатсия тавре таҳия, тасдиқ ва татбиқ карда мешавад, ки барои савдои байналхалқӣ монеаҳои иловагӣ барпо накунад. Барои ноил гардидан ба мақсади мазкур ҳангоми таҳияи тартиботи сертификатсия дастурамал ва тавсияҳои байналхалқӣ ба эътибор гирифта мешаванд. Дар ҳолати барои талаботи бехатарии миллӣ, пешгирии амалҳои гайриқонунӣ, ҳифзи саломатӣ ва бехатарӣ, ҳаёту саломатии инсон ва ҳайвоноту наботот, ҳифзи муҳити зист, омилҳои назарраси икдимӣ ва ҷуғрофӣ, проблемаҳои муҳими технологӣ ё инфрасохторӣ мувофиқат накардан, чунин дастурамал ва тавсияҳо ба эътибор гирифта намешаванд.

- риояи талаботи махфияти маълумоте, ки ҳангоми иҷрои корҳо оид ба баҳодиҳии мутобиқат дастрас мегардад. Дар низомҳои ваколатдиҳӣ ва сертификатсия махфияти маълумоте риоя карда мешавад, ки сирри тиҷоратиро ташкил менамояд.

- роҳ надодан ба якҷоякунии ваколатҳо оид ба акредитонӣ ва сертификасияй дар як мақом. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат ваколатдор карда шудааст, ки низомҳои аккредитонӣ ва сертификатсияро дар алоҳидагӣ ташкил намуда, фаъолияти онҳоро муайн намояд.

- роҳ надодан ба якҷоякунии вазифаҳои назорати давлатӣ ва сертификатонӣ дар як мақомоти давлатӣ. Назорати давлатии макомоти ваколатдоршуда оид ба сертификатсия ва озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии ваколатдоршударо нисбати иҷрои талаботи қонунгузорӣ дар бораи баҳодиҳии мутобиқат шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат амалӣ мегардонанд. Корҳои сертификатсияро мақомоти оид ба сертификатсия ваколатдоршуда иҷро мекунад.

- мустақилияти мақомоти сертификатсия аз истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон ва харидорон.

Объектҳои баҳодиҳии мутобиқат инҳо мебошанд:

- маҳсулот, раванди коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу накл, фурӯш ва безарар гардонидани партовҳои маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;
- низоми идоракунии сифат;
- низоми идоракунии муҳити зист;

- салоҳиятнокии шахси ҳуқуқӣ оид ба иҷрои корҳои сертификатсия ё амалигардонии санҷиши маҳсулот;
- салоҳиятнокии касбии ҳайати кормандон барои иҷрои корҳои муайян ва хизматрасонӣ;
- объектҳои дигар, ки мувофиқи қонунгузорӣ дар бораи баҳодиҳии мутобиқат нисбати онҳо қарори дахлдор қабул гардидааст.

Субъектҳои баҳодиҳии мутобиқат инҳо мебошанд:
- мақомоти ваколатдори давлатӣ;
- мақомоти оид ба сертификатсия ваколатдоршуда;
- озмоишгоҳ (марказ) - ҳои санҷишии ваколатдоршуда;
- дархосткунандагони аккредитонӣ;
- дархосткунандаг они сертификатсия.

Баҳодиҳии мутобиқат дар намудҳои зерин амалӣ гардонида мешавад:
- назорат;
- аккредитонӣ;
- сертификатсия;
- санҷиш.

Дар ин асос муқаррарот ва моҳияти аккредитацию сертификатсия дар як конун ифода карда шудаанд. Алоқамандии онҳо аз он иборат аст, ки аккредитонӣ ваколати мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотро барои иҷрои корҳо оид ба сертификатсия ё амалигардонии санҷиши маҳсулот тасдиқ менамояд. Сертификатсия бошад, мутобиқати объекта баҳодиҳирс ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатхои соҳаи стандартсия, ки мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда амалӣ гардонидааст, тасдиқ менамояд.

Ба ҳуҷҷатҳои баҳодиҳии мутобиқат инҳо мансубанд:
- шаҳодатномаи аккредитонӣ;
- сертификата мутобикат;
- сертификата салоҳиятнокӣ;
- эъломия оид ба мутобиқат.

Хуҷҷатҳои баҳодиҳии мутобиқат дар тамоми қаламрави Ҷумхурии Тоҷикистон амал мекунанд.

Танзими давлатӣ ва идоракунии соҳаи баҳодиҳии мутобиқатро Хукумати Чумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат ва дигар мақомоги давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ амалӣ менамоянд.

## 3.3. АККРЕДИТОНӢ

Бори нахуст аккредитонӣ аз озмоишгоҳҳо оғоз ёфта буд, чунки онҳо соҳае ҳисоб меёбанд, ки зарурати салоҳияти техникиро равшантар ифода мекунанд. Баъзе аз амалҳо оид ба нозирот ба фаъолияти аккредитонӣ дохил карда шуда буданд. Чунин қабул шуда буд, ки аккредитонӣ танҳо барои манфиатҳои миллӣ зарурат дорад.

Имконияти аккредитонӣ барои савдо танҳо солҳои 70-уми асри XX дар гуфтушуниди Созишномаи генералӣ оид ба тарифҳо ва тиҷорат (СГТТ), ҳангоми баррасии монеаҳои техникӣ дар савдо муайян гардид. Қонуни стандартҳои СГТТ соли 1979 хотима ёфт ва он кишвар аъзоёнро ҷиҳати қабули тасдиқи мутобиқаг даъват намуд. Қонуни мазкур барои кишвар-аъзоён ҳатмӣ набуд ва танҳо сеяки онҳо ин қонунро қабул намуданд. Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС), ки соли 1995 ташкил шуда, дар Женева ҷойгир шудааст, қонуни мазкурро иваз намуд ва СГТТ ҳамчун Шӯро оид ба тиҷорат дар ҳайати СУС амал менамояд.

Хдмкории байналхалқӣ оид ба аккредитонӣ (ILAC) байни низомҳои гуногуни ваколатдиҳии озмоишгоҳҳо соли 1978 ҳамчун конфронси гайрирасмӣ бунёд шудааст. Соли 1996 ин конфронс ба қамкории расмӣ табдил дода шуд. Моҳи январи соли 2003 ILAC ҳамчун ҷамъият дар Голландия ба қайд гирифта шудааст.

Аккредитонӣ ба таъмини эътимод нисбати фаъолияти объектҳои аккредитонӣ дар асоси тасдиқ ва эътирофи расмии салоҳияти онҳо ҷиҳати иҷрои кор дар соҳаи муайян равона гардидааст. Инчунин, аккредитонӣ , барои эътирофи мутақобилаи натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои аккредитонидашуда имконияти мусоид фароҳам месозад.

Тибқи қонун «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» аккредитонӣ бо мақсадҳои зерин амалӣ гардонида мешавад:

- тасдиқ намудани ваколати мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо барои иҷрои корҳо оид ба сертификатсия ё амалигардонии санчиши маҳсулот дар доираи муайяннамудаи аккредитонӣ;
- таъмин намудани боварии истеҳсолкунанда, фурӯшанда ва истеъмолкунандагони маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ ба фаъолияти мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ва озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитонидашуда;

- муҳайё кардани шароит барои эътирофи мутақобилаи натиҷаҳои фаъолияти мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ва озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитонидашуда дар сатҳи байналхалқӣ;

- бартараф намудани монеаҳои техникӣ дар савдо.

Аккредитонӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- ягонагӣ ва пуррагии низоми аккредитонӣ;

- ихтиёрӣ будани аккредитонӣ;

- ошкоро ва дастрас будани қоида ва расмиёти аккредитонӣ;

- таъмин намудани шароити баробар барои дархосткунандагони аккредитонӣ;

- махфияти иттилооте, ки дар раванди аккредитонӣ дастрас мегарданд.

Дар низоми аккредитонӣ талабот нисбати объектҳои аккредитонӣ, мақомоти ваколатдиҳанда, қоида ва тартиботи идоракунӣ ба расмият даровarда мешаванд. Чунин расмият танҳо барои ташкилот ё шахсони манфиатдор дастрас мебошанд.

Бо мақсади таъмини ҳамкориҳои байналхалқӣ қоида ва тартиботи аккредитонӣ дар кишвар ба дастурҳои Ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартонӣ ва Комиссияи байналхалқии электротехники (ИСО, КБЭ), стандартной байналхалқӣ ва аврупой дар соҳаи аккредитонӣ, қарорҳои Конфронси байналхалқӣ оид ба аккредитонии озмоишгоҳҳои санҷишӣ ва дигарон асос меёбанд.

Аккредитонии ташкилотҳоеро, ки дар соҳаи сертификатсияи ҳатмӣ фаъолият мебаранд, мақомоти давлатӣ оид ба аккредитонӣ дар ҳудуди салоҳияти худ амалӣ мегардонад. Барои дар чунин соҳа фаъолият бурдани ташкилот аккредитонии он мутобиқи талаботи низоми аккредитонӣ, мавҷудияти шаҳодатномаи аккредитонӣ ва иҷозатнома барои иҷрои корҳо асос ҳисоб меёбанд.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба аккредитонӣ дорой чунин салоҳият мебошад:

- амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи аккредитонӣ;

- амалӣ гардонидани аккредитонӣ, додани шаҳодатнома ба мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ё озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитонидашуда ва додани ҳуқуқ барои истифодаи аломати Низоми аккредитонӣ;

- пешбурди феҳристи Низоми давлатии аккредитонӣ;

- амалӣ намудани санҷиши назоратии фаъолияти мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ва озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишии аккредитонидашуда;

- муқаррар намудани тартиби аккредитонӣ, шакли шаҳодатномаи аккредитонӣ, замима ба шаҳодатномаи аккредитонӣ ва аломати аккредитонӣ, муҳлати амали ҳуҷҷатҳои аккредитонӣ, тартиби додани онҳо, бақайдгирӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо, боздоштан, таҷдид, бекор, қатъ ва тамдид намудани муҳлати амали онҳо, инчунин тартиби тасдиқ кардани номгӯйи ҳуҷҷатҳо оид ба аккредитонӣ;

- баррасии шикояти субъектҳои аккредитонӣ ва қабул кардани қарор нисбати онҳо;

- ҷалб намудани экспертов ва аудиторҳо оид ба аккредитонӣ, сертификатсия дар соҳаи ягонагии андозагирӣ, экспертони техникӣ ва мутахассисони дигар ҷиҳати иштирок дар кори аккредитонӣ;

- иштирок дар кори ташкилотҳои байналхалқӣ оид ба масъалаи аккредитонӣ;

- таъсис додани шӯро оид ба аккредитонӣ;

- боздоштан ва беэътибор донистани шаҳодатномаҳои аккредитонии мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ва озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишии аккредитонидашуда.

Шӯро оид ба аккредитонӣ дар самтҳои асосии зерини фаъолият масъалаҳоро баррасӣ ва ҳал менамояд:

- принсипҳои амалигардонии сиёсати ягона дар соҳаи аккредитонӣ;

- амалигардонии тадқиқот дар соҳаи аккредитонӣ;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти аккредитонӣ;

- ҷанбаҳои иқтисодии аккредитонӣ;

- ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи аккредитонӣ;

- чамъбаст намудани фаъолият оид ба аккредитонӣ;

- бурдани дафтари қайди умумии объектҳои аккредитонидашуда ва экспертон оид ба аккредитонӣ.

Аккредитонии ташкилот танҳо нисбати намудҳои муайяни маҳсулот амалӣ гардонида мешавад. Дар ҳуҷҷате, ки соҳаи аккредитониро муайян менамояд, номгӯйи маҳсулот, хизматрасонӣ, санҷиш, параметрҳои санҷишшаванда ва усулҳои санҷиш, номгӯйи стандарт ё ҳуҷҷатҳои меъёрии дигар қайд карда мешаванд. Параметрҳои санҷишшаванда, усулҳои санҷиш

ё амалигардонии хорхо дар асоси стандартҳо ё ҳуҷҷати дигари мақомоти салоҳиятдори мутобиқ қабулнамуда муқаррар карда мешавад.

## 3.4. ҲУҚУҚ ВА УХДАДОРИҲОИ ДАРХОСТКУНАНДАГОНИ АККРЕДИТОНИ

Дархосткунанда ба мақомоти аккредитонй дархост ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳоро равона менамояд. Дар маҷмӯи ҳуҷҷатҳо маълумоти зерин қайд ва тасдиқ карда мешаванд:

- соҳаи аккредитонй, сохтор, вазифаҳо, ҳуқуқ ва ухдадориҳои ташкилот ҳамчун объекта аккредитонй, қоидаҳои иҷрои кор, низоми еифат, маълумот дар бораи экспертон ва ҳайати шахсии дигар;
- вокиф будан аз тарзи амали низоми аккредитонй;
- ризоият доир ба иҷрои тартиботи аккредитонй, аз ҷумла, қабул намудани комиссия оид ба аккредитонй, пардохти хароҷоти бо аккредитонй алоқаманд (новобаста аз натиҷаи аккредитонй), ба ухда гирифтани хароҷоти назорати нозиротии минбаъдаи ташкилоти аккредитонидашуда;
- ризоият доир ба иҷро намудани талаботи ҳатмии аккредитонй.

Дархосткунанда ҳамҷоя бо дархост маълумоти зеринро пешниҳод менамояд:

- тавсифи умумии дархосткунанда (номгӯй, суроға, вазъи ҳуқукӣ, ҳайати шахсӣ, таҷҳизоти технихӣ);
- маълумоти умумӣ дар бораи дархосткунанда (сохаи асосии фаъолият, муносибат бо ташкилоти болоӣ, амалҳои мутақобила бо ташкилотҳои дигар);
- сохтори ташкилии дархосткунанда ҳамчун объекти аккредитонидашаванда;
- рӯйхати ному насаби шахсони вазифадор, ки барои саҳеҳии техникии иҷрои корҳо мутасаддй мебошанд;
- навиштаҷоти низоми сифат ҷиҳати таъмини эътимод ба сифати корҳои иҷрошаванда, ки дархосткунанда истифода менамояд;
- намунаи ҳуҷҷатҳое, ки дархосткунанда баъди аккредитонида шуданаш пешниҳод менамояд.

Муносибат ба маълумоти нишондодашуда бояд бо дараҷаи муайяни махфият амалй гардонида шавад.

Дархосгкунандагони аккредитонй ухдадоранд:

- талаботи Низоми аккредитониро иҷро намоянд;

- ба шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ оид ба аккредитонӣ барои ичрои корхои аккредигонӣ шароити зарурӣ фарохам созанд;

- корҳоро дар ҳудудч доираи аккредигонӣ иҷро намоянд;

- номувофиқатиҳои ошкоршударо дар муҳлати муқаррарнамудаи мақомоти давлатӣ оид ба аккредитонӣ бартараф созанд;

- ба шахсоне, ки назорати давлатӣ ва санҷишро амалӣ мегардонанд, ҷиҳати всрид шудан ба бино, дастрасии таҷхизот ва таъминот бо игтилоот мусоидат намоянд;

- дар санҷишҳои муқоисавӣ ва муқоисаи натиҷаҳои андозагирӣ иштирок намоянд;

- дар ҳолати қатъ гардидани амал ё бозхонди шаҳодатномаи аккредитонӣ дар муҳлати мукаррарнамудаи мақомоти давлатӣ оид ба аккредитонӣ шаҳодатномаро баргардонанд за фаъолиятро ҷиҳа ги сергификатсия ё санчишҳо қатъ намоянд.

Амалигардонии корҳо оид ба аккредитонӣ марҳалаҳои зеринро дар бар мегиранд:

1) пешниҳоди дархост барои аккредитонӣ (пешниҳоди дархост барои аккредитонӣ аз дониби дархосткунанда, баррасии пешакии он аз ҷониби мақомоти аккредитонӣ ва кабули карор нисбати дархост);

2) экспертизаи хуҷҷатҳо оид ба аккредитонӣ;

3) аккредитонии дархосткунанда;

4) таҳлили маводҳо ва аз рӯи натиҷаҳои экспертиза ва аккредитонӣ, кабул намудани карор нисбати аккредитонӣ ё инкор кардани аккредитонӣ;

5) ба расмият даровардан, бақайдгирӣ ва додани шаҳодатноми аккредитонӣ;

6) амалигардонии назорати нозиротии минбаъдаи ташкилоти аккредитонидашуда.

Мақомоти аккредитонӣ дархост ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳоро бо мақсади баҳо додани таркиб ва нуррагии онҳо, мутобиқати маълумоти дар онҳо нишондодашуда ба талаботи мукарраргардида, инчунин мақсаднок будани амалигардонии корҳо оид ба аккредитонии дархосткунанда ва қабули қарор оид ба ташкили чунин корҳо баррасӣ менамояд. Дар ҳолати мусбат будани натиҷаҳо, мутобиқи қарори қабулшуда дойр ба амалигардонии корҳо дархост қабул мекунад. Ҳангоми манфӣ будани натиҷаҳои баррасии пешакӣ, дар бори инкор кардани

қабули дархост ба таври хаттӣ дархосткунандаро хабардор мекунад ва маҷмӯи ҳуҷҷа гҳо баргардонида мешаванд.

Барой амалигардоиии экспертизам дархост ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳо мақомоти аккредитонӣ як ё якчанд экспертҳоро таъин менамояд. Онҳо дар асоси натиҷаҳои экспертиза хулосаи экспертӣ тартиб медиҳанд, ки он баҳои мутобиқати дархосткунандаро ба меъёрҳои аккредитонӣ дар бар мегирад. Дар ҳолати мусбат будани натиҷаи экспертиза мақомоти аккредитонӣ ному насаби экспертҳоро ҷиҳати амалигардонии аккредитонӣ ба дархосткунакда хабар медиҳад. Ҳангоми манфӣ будани натиҷаҳо бо сабаби номутобиқатии маҷмуи ҳуҷҷагҳо ба меъёрҳои аккредитонӣ дойр ба инкор намудани аккредитонӣ дархосткунанда огоҳ карда мешавад.

Ҳангоми аккредитонӣ мутобикати ҳолати воқеии дархосткунандаро ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва қобилияти онро оид ба иҷрои вазифаҳои дархостшуда месанҷанд. Баъди амалигардонии аккредитонӣ комиссияи экспертҳо доир ба натаҷаи он санад тартиб дода, ба мақомоги аккредитонӣ равона менамояд.

Мақомоти аккредитонӣ ҳуҷҷатхои зеринро баррасӣ менамояд ва месанҷад:

- дархост барои аккредитонӣ;
- маҷмуи ҳуҷҷатҳои дархосткунанда пешниҳоднамуда;
- маълумота дар раванди экспертиза ва аккредитонӣ дастрасшуда:
- санади комиссияи аккредитонӣ;
- фикру ақидаҳои дархосткунанда нисбати санад.

Аз рӯи натиҷаи баҳодихии ҳуччатҳои номбаршуда мақомоти аккредитонӣ доир ба аккредитонии дархосткунанда карори дахлдор қабул менамояд.

Ҳангоми мусбат будани қарор мақомот оид ба аккредитонӣ чунин амалҳоро иҷро менамояд:

- тасдиқи Оинномаи объекти аккредитонӣ ва тартиби иҷрои корҳо;
- ба расмият даровардан, бақайдгирӣ ва додани шаҳодатномаи аккредитонӣ;
- имзои шартнома (созишномаи шартаомавӣ) бо дархосткунанда, ки ҳукуқу уҳдадориҳо ва масъулияти нисбата ичрои ин уҳдадориҳо ба зиммаи дархосткунанда гузоштташудаpo муайян менамояд.

## 3.5 НИЗОМИ ДАВЛАТИИ АККРЕДИТОНӢ

Рушди фаъолият оид ба сертификатсияи маҳсулот дар иқтисодиёти соҳаи саноати кишвар замина гузошт ва боиси зарурати тахияи мачмӯи қоидаҳо оид ба аккредитонии объектҳои гуногун (мақомот оид ба сертификатсия, озмоишгоҳҳои санҷишӣ ва андозагирӣ ва дигарон) гардид. Бо ин мақсад маҷмӯи талабот нисбати низоми аккредитонии объектҳои баҳодиҳии мутобиқат, ҳамчунин санчиш, андозагирй ва сертификатсия тартиб дода шуд. Низоми давлатии аккредитонӣ маҷмӯи субъектнои баҳодиҳии мутобиқат, санадҳои меъёрии ҳуқукй, регламентнои техникй ва нуҷҷатхои сонаи стандартизатсия мебошад, ки қоида ва расмиёти аккредитонй ва дар маҷмӯъ фаъолияти низомро муайян менамояд.

Аккредитонй (ваколатдиҳӣ) тибқи қарорнои Хукумати Ҷумнурии Тоҷикистон № 249 аз 2 июни соли 1994 «Дар бораи низоми миллии сертификатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва № 615 аз 28 декабри соли 2006 «Дар бораи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Хукумати Ҷумнурии Точикистон» амалй гардонида мешавад. Дар ин самт дар сохтори Тоҷикстандарт шуъбаи махсус фаъолият дорад, ки вазифаҳои асосии он аз инхо иборатанд:

- аккредитонии мақомот оид ба сертификате™ ва озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишй, ба онҳо дода™ иҷозат ҷиҳати амалигардонии намудҳои муайя™ фаъолият, инчунин мукаррар намуда™ тартиби амалигардон™ раванди аккредитонй (ваколатдиҳй) ва амалигардонии корҳои сертификатсия;
- аматшгардонии корҳо оид ба аккредитонии озмоишгоҳҳои корхона ва ташкилотхои метрологӣ оид ба санчиш ва мадрачку™и восигаҳои андозагарй ва ба онҳо дода™ ичозат ҷиҳати иҷрои корҳо мутобиқи доираи аккредитонй:
- амалигардон™ экспертиза ва тасдиқи стандартнои миллй, пахн намуда™ стандартнои байнидавлатй ва байналхалқӣ, қоида ва тавсияҳо оид ба аккредитонй;
- иштирок дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрй оид ба аккредитонй тибқи тартиби муқарраршуда.

Корҳои аккредитонй тибқи ҳуҷҷатҳои роҳнамои зерин, ки дар ҳамоҳангӣ бо стандартнои давлат™ Русия (ГОСТ Р, СБД Р) ва

байналхалқӣ (ИСО/МЭК) таҳия шудаанд, амалӣ гардонида мешаванд:

- СТ ҶТ СБД Р ИСО/МЭК 17025-2011 «Талаботи умумӣ нисбати салоҳиятнокии озмоишгоҳҳои санчишӣ ва мадраҷкунӣ»
- СТ ҶТ СБД Р ИСО/МЭК 62-2005 «Талаботи умумӣ нисбати мақомоте, ки баҳодйхӣ ва сертификатонии низоми сифатро амалй менамоянд»
- СТ ҶТ СБД Р ИСО/МЭК 65-2005 «Талаботи умумӣ нисбати мақомоти сертификатсияи маҳсулот»
- СТ ЧТ СБД Р ИСО/МЭК 17011-2005 «Талаботи умумӣ нисбати мақомоти аккредитонӣ (ваколатдиҳӣ)»
- СТ ҶТ СБД Р ИСО 15189-2009 «Озмоишгоҳҳои тиббӣ. Талаботи хусусӣ оид ба сифат ва салоҳиятнокӣ»
- СТ ҶТ ИСО/МЭК 17021 «Баҳодиҳии мутобиқат. Талабот нисбати мақомоти таъминкунандаи аудит ва сертификатсияи низоми менеҷменти сифат»
- СТ ҶТ 5.7-2005 «Талаботи умумӣ нисбати хадамотҳои метрологӣ ва тартиби ваколатдиҳии онҳо»
- СТ ҶТ 5.2-2008 Низоми миллии серитфикатсияи ҶТ «Талабот нисбати мақомоти сертификатсия ва тартиби ваколатдиҳии онҳо»
- СТ ҶТ 5 4-2008 «Аккредитонии озмоишгоҳҳо (марказҳо)-и санҷишӣ. Муқаррароти умумӣ»

Аккредитонии ташкилотҳоро нисбати иҷрои корҳо оид ба сертификатсия ё амалигардонии санҷиши маҳсулот дар доираи муайяннамудаи ваколат мақомоти давлатӣ оид ба аккредитонӣ ташкил менамояд ва амалӣ мегардонад. Ташки™ корҳо оид ба аккредитонии объектҳо дар расми 3.1 оварда шудааст.

Табиист, ки ташкилотҳои дархосткунанда дар соҳаи муайян аккредитонида мешаванд. Аккредитонии онхо нисбати намудҳои муайяни маҳсулот, кор за хизматрасонӣ амалӣ гардонида мешавад. Дар баробари ин мушаххасоти санҷишшаванда ва усулҳои тадқиқот (назорат, санҷиш), стандарт ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дигари мансуб ба онҳо муқаррар карда мешаванд.




1>зсмм3.1.Татакикорхосил аххрезиглши оОьакгҳо[а]

Кисми зиёди мақомот оид ба сертификатсия ва озмоишгохдои санҷишӣ, ки бо мақсади сертификатсия санчишро амалй метардонанд, аккредитонида мешаванд, яъне нисбати ичрои намудҳои муайяни фаъолият дорой салоҳияти расмй мегарданд. Кумитаи аврупой оид ба стандартизатсия бо максади ба танзим даровардани муносибати байнихдмдигарии

субъектҳои санҷишӣ, сертификатсия ва аккредитонӣ силсилаи стандартҳои бунёдаи EN 45000 тахия намудааст. Чунончи, аккредитонӣ метавонад аз он иборат бошад, ки мақомоти аккредигонӣ мутобиқи стандарти EN 45003 амал намуда, аз ҷониби озмоишгоҳи санҷишӣ ё мақомот оид ба сертификатсия мутобиқан иҷро гардидани талаботи стандартҳои EN 45002 ё EN 45011-ро аз санҷиш гузаронад (расми 3.2).




Расми 3.2. Алоқаи байниҳамдигарии субъектҳои сертификатсия

Одатан мақсадхои аккредитонй ба таври зерин тасвият карда мешаванд:

- баланд бардоштани сифат ва салоҳияти касбии озмоишгоҳҳои санҷишй ва мақомот оид ба сертификатсия;
- эътирофи натиҷаҳои санҷиши сертификатҳо дар бозорҳои дохилӣ ва беруна;
- таъмини рақобатпазирй ва эътирофи маҳсулот дар бозорҳои дохилй ва беруна.

Талаботи умумӣ нисбати озмоишгоҳҳои санҷишӣ дар стандарта EN 45001 муайян карда шудаанд. Стандарта мазкур мутобиқи конунгузории амалкунанда ба вазъи ҳуқукии озмоишгоҳ талабот муайян мекунад, шароити беғаразӣ, мустақилӣ ва дахлнопазирии онро муқаррар менамояд. Дар стандарт талабот нисбати салоҳияти техникӣ тибқи талабот нисбати идоракунии ташкилот, ҳайати кормандон, бино ва тачҳизот, муҳити атроф, тартиби кор, усулхои санҷиши низоми сифат, низоми бақайдгирии натиҷаҳо, муносибат бо намунаҳо, махфият ва бехатарӣ, инчунин талабот нисбати танзими муносибат бо мақомоти ваколатдиҳанда ва фармоишгар, тафриқа шудаанд.

Аккредитонии озмоишгоҳи санҷишӣ эътарофи салоҳията техникии онро ҷиҳати амалигардонии намудхои муайяни сандиш ифода менамояд. Тартиби аккредитонии озмоишгоҳҳои санҷишӣ, аз он ҷумла санҷишӣ ва мадраҷкунанда дар стандарта EN 45002 муайян карда шудааст. Ҳар як марҳалаи минбаъдаи аккредитонӣ ҳангоми натиҷаи мусбати марҳалаи пешина амалӣ гардонида мешавад.

Сгандартхои EN 45001 ва EN 45002 бо тарзи мазкур байни хамдигар алокаманд карда шудаанд: EN 45001 талаботи умумӣ нисбати кори озмоишгоҳҳои санҷишӣ, EN 45002 бошад, нисбати тартиби аккредитонии ин озмоишгоҳҳо талабот муқаррар менамояд.

Вале аксари озмоишгоҳҳои санҷишӣ ва мақомот оид ба сертификатонӣ аз аккредитонӣ даст мекашанд, ки ин беасос нест. Онҳо чунин меҳисобанд, ки бо харочоти кам ноил гардидани эътироф ва эътимод имконпазир буда, моҳияти аккредитонӣ танҳо ҳангоми дар ташкилот мавҷуд будани маблағи изофагӣ пайдо мегардад.

Дар ҳакиқат санадҳои байналхалқӣ, аз он ҷумла сгандартҳои аврупоӣ, барои иҷрои корхо бо мақсади сертификатонӣ амалигардонии аккредитониро талаб намекунанд. Танҳо баъзе аз санадҳои конунгузории дар сатҳи кишварҳои алоҳида қабулшуда ва тартиби амалигардонии сертификатсияро сахтгирикунанда истасно мебошанд.

## 3.6. ТАЪРИХИ РУШДИ СЕРТИФИКАТСИЯ

Мафҳуми «сертификатсия» ҳанӯз дар давраҳои қадим ба вуҷуд омада буд. Хунармандон бо мақсади тасдиқ намудани муаллифӣ бо усулҳои муайян ба маҳсулоташон тамға, нишон ё аломат мегузоштанд. Чунин намуди тасдиқот кафолати сифати маҳсулот, кор ё хизматрасониро ифода менамуд. Ба туфайли ташкил шудани корхонаҳои саноатӣ таъмин ва тасдиқи сифати маҳсулот аз ҷониби роҳбарияти ин корхонаҳо амалӣ гардонида мешуд.

Дар давраи иқтисоди бозоргонӣ шароите ба вуҷуд омад, ки ба ҳар як корхонаву ташкилот ҳуқуқи мустақилона баромадан ба бозори ҷаҳонӣ иҷозат дода шуд ва онхо бо мушкилоти баҳодиҳии сифат ва эътимоднокии маҳсулот дучор омаданд. Барой ба муомилот ворид намудани маҳсулот тасдиқи расмии мутобиқати он ба талаботи қонунгузорӣ талаб карда мешавад. Яке аз чунин шакли тасдиқи мутобиқат сертификатсия *(фар. certificate аз лот. certum дуруст, facere иҷро кардан)* мебошад, ки ҷониби сеюми (якум - истехсолкунанда, дуюм - истеъмолкунанда) новобаста амалӣ мегардонад.

Ҳангоми дар раванди сертификатсия дастрас шудани натиҷаи мусбат ҳуҷҷат («Сертификата мутобиқат») дода мешавад, ки он мутобиқати маҳсулотро ба талаботи ҳуҷҷатхои меъёрӣ таедиқ менамояд. Ҳуҷҷати мазкур иҷозатнома барои ворид шудан ба бозор ҳисоб меёбад.

Тачрибаи байналхалқӣ гувоҳӣ медиҳад, ки воситаи асосии кафолати мутобиқати сифати маҳсулот ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ сертификатсия ҳисоб меёбад. Сертификатсияи маҳсулот аз соли 1850 оғоз гардида, стандартҳо барои ин низом танхо охири солҳои 40-уми асри гузашта ҷорӣ карда шудаанд. Сертификатсия аз рӯи стандартҳои мазкур солҳои 1980 огоз гардид.

Олмон яке аз кишварҳои аввалин мебошад, ки аломати мутобиқатро таъсис додааст. Маҳз дар хамин кишвар соли 1920 Института стандартҳо аломати мутобиқатро ба стандартҳои DIN (ташкилота миллӣ оид ба стандартсия) таъсис дод, ки дар асоси Қонун «Дар бораи ҳимояи аломатҳои таҷоратӣ» ба қайд гирифта шудааст. Дар ҳамин давра рушд ва амалигардонии низоми сертификатсияи VDE (иттиҳодияи элетротехникии олмонӣ) огоз мегардад.

Сертификатсия бо сабаби зарурати ҳимояи бозори дохилӣ аз маҳсулоти барон истифода номатлуб ба вуҷуд . омад. Масъалаҳои бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва муҳити атроф ҳукумати қонунгузорро маҷбур месозанд, ки аз як тараф, масъулияти пешниҳодкунанда (истеҳсолкунанда, фурӯшанда ва дигарон) ҷиҳати ба муомилот ворид намудани маҳсулоти номатлуб ва аз тарафи дигар, талаботи иҷрояш ҳатмӣ нисбати тавсифҳои маҳсулоти ба муомилот воридшаванда муқаррар карда шавад. Барой ҳалли масъалаи якум санадҳои қонунгузорӣ мансубанд, масалан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуки истеъмолкунандагон» ё «Қонун дар бораи масъулият нисбати сифати маҳсулот»-и дар кишварҳои иттиҳоди Аврупо қабулшуда. Талаботе, ки қонунҳо нисбати тавсифҳои маҳсулот муқаррар менамоянд, метавонанд ба гурӯҳи маҳсулот ё хусусияти алоҳидаи он мансуб бошанд.

Аз давраи мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ», моҳи январи соли 1997 сертификатсия ба таври расмӣ ҷорӣ карда шуд. Худи ҳамин сол қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» тасдиқ карда шуд, ки он муносибагхои байни истеъмолкунанда ва истеҳсолкунанда, иҷрокунанда, фурӯшандаро ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба танзим медарорад. Инчунин қонуни мазкур ҳуқуқи истеъмолкунандаро ҷиҳати харидани моли (иҷрои кори, хизматрасонии) дорой сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатӣ бехатар, гирифтани маълумот дойр ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандаи (иҷрокунандаи, фурӯшандаи) он, ҳимояи давлатӣ ва чамъиятии манфиати онҳоро муқаррар ва тарзи татбиқи ин ҳуқуқҳоро муайян менамояд. .

Тибқи қонунҳои мазкур пояи қонунгузорӣ ва меъёрии сертификатсия бунёд ёфтааст ва рушд меёбад. Барои амалигардонии сертификатсияи низоми сифат, маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ сохторҳои муайян таъсис дода шудаанд.

Фаъолияти сертификатсия бо санадҳои қонунгузорӣ танзим ва таъмин карда мешаванд - Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техники», «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқаг», «Дар бораи стандартизатсия», «Дар бораи таъмини ченаки ягона», дигар санадҳои қонунгузорӣ, қарорҳои Мачлиси Олӣ, фармонҳои Президент ва қарорҳои Хукумати Ҷумхурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ доир ба сертификатсия.

Амалӣ гардонидани муқаррароти мансуб ба сертификатсияи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии номбаршуда барои бунёди заминаи муносиби гузариши корҳо оид ба сертификатсияӣ ба сатҳи нави тараққиёт такони нав ҳисоб меёбад.

Бо мақсади таъмини эътирофи сертификатҳои ватанӣ, бартараф намудани монеаҳои техникӣ дар савдои байналхалқӣ, афзун гардониданн рақобатнокии маҳсулоти кишвар дар бозорҳои ҷаҳонӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сертификатонӣ якчанд созишномаҳои ҳамкорӣ баста шудаанд, Тоҷикистон узви Шӯрои байнидавлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология ва сертификатсия (аз соли 1992) ва Иттиҳоди байниминтақавӣ оид ба стандартизатсия метрология ва сертификатсия (соли 1992) мебошад.

Солҳои охир бо сабаби ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар ва фароҳам сохтани шароити мусоид ҷиҳати таъмини гардиши озоди маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ дар бозорҳои дохилӣ ва беруна, инчунин барои иштирок дар ҳамкориҳои байналхалқии иқтисодӣ, илмиву техникӣ ва савдои байналхалқӣ як қатор қонунҳои бо санадҳои меъёрии байналхалқӣ ҳамоҳангшуда қабул гардиданд: «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» (соли 2009), «Дар бораи стандартонӣ» (соли 2011), «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» (соли 2012).

Сертификатсия омили муҳимест барои таъмини эътимод ҳангоми пешниҳоди маҳсулот, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ба монанди кафолати бехатарии маҳсулоти истеҳсолшаванда (истеъмолшаванда), ҳифзи саломатӣ ва амволи шаҳрвандон, ҳифзи муҳити зист. Рушди сертификатсия дар фазой умумииқтисодии кишварҳои гуногун эътирофи мутақобилаи натиҷаҳои сертификатсияи маҳсулотро ифода менамояд. Чунин эътироф метавонад дар натиҷаи ҳамоҳангсозии пояи қонунгузорӣ, истифодаи стандартҳои ягона ва тартиботи ҳамохангшудаи муқаррар намудани мутобиқат амалӣ гардад.

## 3.7. МАҚСАД ВА ПРИНСИПҲОИ СЕРТИФИКАТСИЯ

Сертификатсия воситаи самараноки рушди алоқаҳои тиҷоративу иқтисодии кишвар, пешбурди воридшавии маҳсулоти корхонаҳо ба бозори дохилӣ ва беруна, инчунин таъмини рақобатпазирии маҳсулот ҳисоб меёбад. Маҳз чунин омилҳо вусъати васеи сертификатониро муайян намуданд. Сертификатсияи маҳсулот маҷмӯи чорабиниҳоест (амалҳоест),

ки бо мақсади тасдиқи мутобиқати маҳсулот ба регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатхои соҳаи стандартонӣ тариқи сертификата мутобиқат ва аломати Низоми сертификатсия амалӣ гардонида мешавад.

Сертификатсия шакли тасдиқи мутобиқат ба талаботи регламентной техникй ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ мебошад, ки мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда амалй мегардонад.

Сертификатсия бо мақсадҳои зерин амалй гардонида мешавад:

- тасдиқ намудани мутобиқати объектхои баҳодиҳии мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникй ва ҳуҷҷатҳои сохди стандартсия;
- мусоидат намудан ба истеъмолкунанда ҷиҳати интихоби дурусти маҳсулот ва хизматрасонӣ.

Амалигардонии сертификатонӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- ошкоро ва дастрас будани қоида ва расмиёти сертификатонӣ. Ҳама расмиёти қабулшудаи сертификатонй бояд саривақт нашр карда шаванд ё барои шиносоӣ ба тарафҳои манфиатдор бо тарзи дигар дастрас карда шаванд. Мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда бо назардошти натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳо оид ба мухдати амалигардонии тартиботи сертификатсия ва қарори қабулшуда дархосткунандаро огоҳ менамоянд.
- мустакил будани мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ва озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишии аккредитонидашуда аз дархосткунандагони сертификатсия;
- ҳифзи манфиатҳои амволии дархосткунандаи сертификатсия, аз ҷумла тариқи риояи махфияти маълумоте, ки дар раванди тартиботи сертификатсия дастрас мегардад. Дар низомҳои сертификатсия махфияти маълумотҳое, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳанд, риоя карда мешавад.

## 3.8. СЕРТИФИКАТСИЯИ ҲАТМЙ ВА ИХТИЁРЙ

Сертификатсияи ҳатмӣ - тасдиқи мутобиқати маҳсулот ба талаботи тибқи қонунгузорӣ муқарраршуда, ки мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда амалй мегардонад.

Сертификатсияи хдтмй шакли назорати давлатии бехатарии маҳсулот, кор ва хизматрасонй ҳисоб меёбад. Мақсади асосии

чуннн тарзи баҳодиҳии мутобиқат ҳифзи истеъмолкунандагон аз дастрас намудани (истифодаи) маҳсулог, кор ва хизматрасоние, ки барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда, инчунин муҳиги атроф хатарнок мебошанд.

Сертификатсияи ҳатмӣ нисбати объектҳои баҳодиҳии мутобиқат, ки ба номгӯйи маҳсулот, кор ва хизматрасонии ҳатман сертификатсияшаванда ворид карда шудаанд, амалӣ гардонида мешавад. Корҳои сертификатонии ҳатмиро мақомоти давлатии аккредитонидашуда, ки тибқи гартиби муқаррарнамудаи қонунгузорй ваколати ташкил ва амалигардонии сертификатсияи ҳатмиро ба зимма доранд, анҷом медиҳанд.

Номгӯйи маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, инчунин дигар объектҳои баҳодиҳии мутобиқатро, ки дар асоси санадҳои қонунгузории кишвар сертификатсияи ҳатмии онҳо пешбинй шудааст, Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд. Дар а соси номгӯйи мазкур мақомоти давлатии марказй оид ба сертификатсияй «Феҳрасти маҳсулот, кор ва хизматрасоние, ки ҳатман бояд сертификатсиякунонида шаванд» таҳия намуда, дар амал ҷорӣ менамояд.

Мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» дар номгӯйи маҳсулот, кор ва хизматрасонй фаъолияти ҳайати кормандон ва объектҳои дигари баҳодиҳии мутобиқат, ки дар кишвар хатман сертификатонида мешаванд, муқаррар карда мешаванд:

- намудҳои маҳсулот, кор ва хизматрасонй. фаъолияти ҳайати кормандон ва объектҳои дигари баҳодихии мутобиқат, ки ҳатман сертификатсиякунонида мешаванд;
- регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи сгандартизатсия, ки дар хусуси мутобиқат ба онҳо сертификатсияи ҳатмӣ амалй гардонида мешавад.

Ҳангоми тартиб додани номгӯйи маҳсулот, кор ва хизматрасонй, фаъолияти ҳайати кормандон ва объектҳои дигари баҳодиҳии мутобиқат, ки дар кишвар ҳатман сертификатсиякунонида мешаванд, чунин меъёрҳо муқаррар карда мешаванд:

- хатарнокик имконпазири маҳсулот, кор ва хизматрасонй, фаъолияти ҳайати кормандон ва объектҳои дигари баҳодиҳии мутобиқат ба ҳаёт, саломатй ва амволи шаҳрвандон ва муҳити зист;

- номувофиқатии воситаҳои техникии истеҳсоли ватанӣ ва хориҷӣ.

Ҳангоми сертификатсияи ҳатмӣ амали сертификата мутобиқат ва аломати Низоми сертификатсия тамоми қаламрави кишварро фаро мегирад. Тарзи мазкури баҳодиҳии мутобиқат дар асоси дархост ё шартнома бо дархосткунанда ҷиҳати сертификатсия амалӣ гардонида мешавад. Фурӯш ва рекламаи маҳсулот, кор ва Хизматрасонй, фаъолияти ҳайати кормандон ва объектҳои дигари баҳодиҳии мутобиқат, ки ҳатман сертификатсияшуда мешаванд, бе мавҷуд будани ҳуҷҷат дар бораи баҳодиҳии мутобиқат манъ аст.

Мақсади асосии сертификатсияи ихтиёрӣ таъмини рақобатнокии маҳсулот, кор ва хизматрасонй ҳисоб меёбад. Мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилоте, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ оид ба ваколатдиҳй бо тартиби муқарраргардида ваколатдор шудаанд, ҳуқуқ доранд сертификатсияи ихтиёриро амалӣ намоянд. Чунин намуди сертификатсия дар асоси ташаббуси дархосткунандаи сертификатсия тибқи шартнома ё дархост амалӣ гардонида мешавад.

Ҳангоми сертификатсияи ихтиёрй регламентҳои технккӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсияро, ки мувофиқи онҳо сертификатсияи ихтиёрй амалӣ гардонида мешавад, дархосткунанда мустақилона интихоб намуда, номгӯйи нишондиҳандаҳои назоратшаванадаро муайян мекунад. Агар дар регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсия барои чунин объекта баҳодиҳии мутобиқати нишондиҳандаҳои бехатарй муқаррар гардида бошанд, онҳо ба номгӯйи мазкур ҳатман ворид карда мешаванд.

Ба объектхои сертификатсияи ихтиёрй маҳсулот, раванд ва хизматҳое дохил мешаванд, ки ба «Феҳрасти маҳсулот, кор ва хизматрасоние, ки ҳатман бояд сертификатсиякунонида шаванд» ворид карда нашудаанд ва аз ҷониби дархосткунанда (ё дар муносибатҳои шартномавй) муайян карда мешаванд.

Маълумот дар бораи хусусиятҳои асосии сертификатсияи ҳатмӣ ва ихтиёрй дар ҷадвали 3.1 оварда шудаанд.

Тартиби иҷрои корҳои сертификатсияи ҳатмиро дар Низоми сертификатсия мақомоти ваколатдори давлатй дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат муқаррар менамояд. Бояд қайд кард, ки ҳамчун дар низомҳои сертификатсияи ихтиёрй тартиботи мазкур ба тавсияҳои ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавй асос меёбанд.

Дар кишвари мо низоми сертификатсияи ҳатмӣ афзалиятнок ҳисобида мешавад, дар хориҷаи дури мутараққӣ бошад - низоми сертификатсияи ихтиёрӣ. Бо болоравии рақобатнокӣ дар бозори ҷаҳонӣ талабот ба сертификатсияи ихтиёрӣ афзун мегардад.

Ҷадвали 3.1. Хусусиятҳои асосии
сертификатсияи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ

| Мувдариҷа | Сертификатсия | |
|---|---|---|
| | Ҳатмӣ | Ихтиёрӣ |
| Мақсади асосӣ | Таъмини ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунанда аз дастрас намудани (истифодаи) маҳсулот, кор ва хизматрасоние, ки барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда, инчунин муҳити атроф хатарнок мебошанд. | Таъмини ракобатнокии махсулот, кор ва хизматрасонӣ. |
| Объектҳои сертификатсия | Фехрасти маҳсулот, кор ва хизматрасоние, ки ҳатман бояд сертификатсияшуда шаванд. | Махсулот, раванд ва хизматҳое, ки ба Фехраст ворид нашудаанд, вале дархосткунанда ё муносибатхои шартномавӣ муайян менамоянд. |
| Асос барои амалигардонӣ | Санадхои қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон | Ташаббуси дархосткунанда дар асоси шартномаи дуҷониба бо макомоти оид ба сертификатсия ваколатдоршуда |
| Пояи меъёрӣ | Қонун “Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат”, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадхои хукукии байналхалқие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст. | Асноди меъёрии дархосткунанда, стандартҳои дараҷаҳои гуногун. |
| Мохияти баходиҳии мутобикат | Баходихии мутобикат ба талаботи регламентҳои техники ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсия. | Баходихии мутобиқат ба талаботи дархосткунанда. |

## 3.9. ЭЪЛОМ КАРДАНИ МУТОБИҚАТ

Эълом кардани мутобиқат аз тарафи дархосткунанда бо чунин тарзхо амалй мегардад:

- бо роҳи кабули эъломия оид ба мутобикдт дар асоси далелхои бо протоколҳои санҷишӣ тасдиқшуда;
- бо роҳи қабули эъломия оид ба мутобиқат дар асоси далелҳои бо протоколҳои санҷишӣ тасдиқшуда ва сертификату протоколҳои санҷишии мақомоти оид ба сертификатонӣ аккредитонидашуда ва ё озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишии аккредитонидашуда.

Мутобиқи қонунгузорӣ ҳангоми эълом кардани мутобиқат шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии кишвар (истеҳсолкунанда, фурӯшанда ё соҳибкори инфиродӣ) ба сифати дархосткунанда қабул шуда метавонанд.

Эъломия оид ба мутобиқат дар мақомоти оид ба сертификатонӣ аккредитонидашуда дар асоси талаботи Низоми сертификатонӣ ба қайд гирифта мешавад. Корҳои бақайдгирии эъломия оид ба мутобиқат аз тарафи мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда дар асоси дархост ё шартнома дойр ба тасдиқи мутобиқат бо дархосткунанда иҷро карда мешаванд. Тартиби бақайдгирии эъломия оид ба мутобиқат ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои барои бакайдгирии эъломия пешниҳодшавандаро мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии му тобиқат муайян мекунад.

Эъломия оид ба мутобиқат бо забони давлатӣ ба расмият даровaрда шуда, маълумотҳои зеринро дар бар мегирад:

- номгӯй ва манзили ҷойгиршавии дархосткунанда;
- номгӯй ва манзили ҷойгиршавии истеҳсолкунанда;
- маълумот дар бораи объекти тасдиқи мутобиқат, ки ҳаммонанд кардани объекти мазкурро имкон медиҳад;
- номгӯйи регламента техники ё қуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсия, ки мутобиқати маҳсулот ба талаботи онҳо тасдиқ карда мешавад;
- нишондод ба тарҳи эълом кардани мутобиқат;
- аризаи дархосткунанда оид ба бехатарии маҳсулот ҳангоми истифодаи он мутобиқи таъиноти мақсаднок ва чораҳои ҷиҳати таъмини мутобиқати маҳсулот ба талаботи регламентҳои техникӣ ё ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ андешидаи дархосткунанда;

- маълумот дар бораи санҷиш ва андозагириҳои амалишуда, сертификати низоми сифат, инчунин ҳуҷҷатҳое, ки барон тасдиқи мутобиқати маҳсулот ба талаботи регламентҳои техникӣ ё ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсия ба сифати асос истифода шудаанд;
- мухлати амали эъломия оид ба мутобиқат;
- маълумоти дигаре, ки мутобиқи регламентҳои техникии мувофиқ пешбинӣ шудаанд.

Муҳлати амали эъломия оид ба мутобиқат дар асоси регламента техникӣ муайян карда мешавад. Эъломия оид ба мутобиқат ва ҳуҷҷатҳои маводи исботкунанда ташкил-диҳандаро дархосткунанда ба муддати се сол, аз санаи ба охир расидани муҳлати амали эъломия, нигоқ медорад. Нусхаи дуюми эъломия оид ба мутобиқаг дар мақомоти давлатии марказӣ оид ба сертификатсия, ки эъломияи мазкурро ба қайд гирифтааст, нигоҳ дошта мешавад.

Эъломияи қабулкардаи истеҳсолкунанда (фурӯшанда, иҷрокунанда) дар мақомоти давлатии марказӣ оид ба сергификатсия ба қайд гирифта мешавад.

## 3.10. ТАРҲҲОИ СЕРТИФИКАТСИЯ

Дар асоси муқаррароти Қонун “Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат” тарҳи сертификатсия- амалиёти муқарраргардидаи пай дар пай, ки натиҷаи онҳо ба сифати исботи мутобиқати объектҳои бақодиҳии мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсия баррасӣ карда мешаванд.

Мутобиқи тарҳи намунавии сертификатсия санҷиши намунаҳои маҳсулотро озмоишгоҳҳои санҷишии аккредитонидашуда амалӣ мегардонанд. Натиҷаҳои санҷиш ба намуди протокол ба расмият даровarда шуда, бо тарзи муайян ба мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ирсол карда мешаванд. Озмоишг оҳ ҳуқуқ надорад маълумоти дастрасшударо фош кунад ё шарҳ диҳад. Мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда натиҷаҳои санҷишро бо талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсия муқоиса менамояд. Дар ҳолати мутобиқати маҳсулот ба талаботи муқарраршуда ба дархосткунанда сертификати мутобиқат дода мешавад.

Вобаста аз тархи интихобшуда муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои сертификатсия метавонанд дар марҳалаи супоридани сертификати мутобиқат ба анҷом нарасанд. Макомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда метавонад назорати нозиротии истеҳсолот ва тавсифҳои маҳсулоти дархосткунандаро амалӣ гардонад. Ҳангоми натиҷаҳои манфӣ мақомоти мазкур метавонад истеҳсоли маҳсулотро боздорад ва сертификати мутобиқати додашударо аз эътибор соқит намояд.

Тарҳҳои сертификатонӣ, ки ҳангоми сертификатсияи ҳатмии намудҳои муайяни маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, фаъолияти ҳайаги кормандон ва объектҳои дигари баҳодиҳии мутобикат истифода мегарданд, мувофиқи регламента техникӣ муқаррар карда мешаванд. Дар ҳолате, ки агар тарҳи сертификатсия дар он муқаррар нашуда бошад ё регламента техникӣ мавҷуд набошад, мувофиқи ҳуҷҷатҳои соҳаи бамеъёрдарории техникӣ ва стандартсия муқаррар карда мешаванд.

Агар бо тарҳи сертификатсия зарурати амалигардонии санҷиши маҳсулот муқаррар гардида бошад, онро дар асоси дархост ё шартнома бо дархосткунанда озмоишгоҳи (маркази) санҷишии аккредитонидашуда мегузаронад.

Ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартизатсия ҳашт тарҳи сертификатсия аз чониби сеюмро муайян кардааст (Ҷадвали 3.2), ки дар амалияи хориҷӣ ва байналхалқӣ мақбули умум мебошанд. Тарҳҳои 9-10 ба истифодаи эъломияи пешниҳодкунанда дар бораи мутобиқати маҳсулот асос ёфтаанд.

Ҷадвали 3.2. Тарҳҳои сертификатсияи маҳрулот (тавсияи ИСО/МЭК)

| Рақами тартибии тарх | Санҷиш дар озмоишгоххои аккредитонидашуда ва тарзхои дигари исботи мутобикат | Санҷиши нстехсолот (низоми сифат) | Назорати нозиротии маҳсулоти сертификатонидашуда (низоми сифат, истеҳсолот) |
|---|---|---|---|
| I | Санҷиши намуд | - | - |
| 1а | Санҷиши намуд | Тахлили холати истехсолот | - |
| 2 | Санҷиши намуд | – | Санҷиши намунаҳои аз фурӯшанда гирифташуда |
| 2а | Санҷиши намуд | Тахлили ҳолати истеҳсолот | Санҷиши намунаҳои аз фурӯшанда гирифташуда. Таҳлили холати истехсолот |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3 | Санчиши намуд | – | Санчиши намунахои аз истехсолкунанда гириф гашуда |
| 3а | Санҷиши намуд | Тахлили ҳолати истехсолот | Санҷиши намунахои аз фурӯшанда гирифташуда. Тахлили холати истехсолот |
| 4 | Санчиши намуд | – | Санҷиши намунахои аз фурӯшанда ва истехсолкунанда гирифташуда |
| 4а | Санҷиши намуд | Таҳлили холати истехсолот | Санчиши намунахои аз фурӯшанда ва истехсолкунанда гирифташуда |
| 5 | Санҷиши намуд | Сертификасияи истехсолот ё низоми сифат | Назорати низоми сифати (истеҳсолоти) сертификате нидашуда. Санчиши намунахои аз фурӯшанда ва (ё) истехсолкунанда гирифташуда |
| 6 | Баррасии эъломия оид ба мутобикат (бо ҳуҷҷатҳои замимашуда) | Сертификатсияи низоми сифат | Назорати низоми сифати (истеҳсолоти) сертификатонидашуда. |
| 7 | Санҷиши микдори муайяни маҳсулот | - | - |
| 8 | Санҷиши ҳар як намуна | - | - |
| 9 | Баррасии эъломия оид ба мутобикат (б о хуччатхои замимашуда) | - | - |
| 9а | Баррасии эъломия оид ба мутобикат (бо хуччатхои замимашуда) | Таҳлили холати истехсолот | - |
| 10 | Баррасии эъломия оид ба мутобикат (бо хуччатхои замимашуда) | - | Санчиши намунахои аз фурӯшанда ва истехсолкунанда гирифташуда |
| 10а | Баррасии эъломия оид ба мутобикат (бо хуччатхои замимашуда) | Таҳлили холати истехсолот | Санчиши намунахои аз фурӯшанда ва истехсолкунанда гирифташуда. Тахлили холати истехсолот |

Аз ҷадвал дида мешавад, ки ба сифати тарзҳеи исбот санҷиши намуд, санҷиши истехсолот, назорати нозиротӣ ва баррасии эъломия оид ба мутобиқат (бо ҳуҷҷатҳои замимашуда)

истифода мешаванд. Як ё маҷмӯи якчанд тарзҳои исбот мундариҷаи тарҳро муайян менамоянд.

*Санҷиши намуд* - санҷиши як ё якчанд намунахо, ки намояндаи намудии он ҳисоб меёбанд. Дар тарҳи 7 санҷиши миқдори муайяни (партиям) маҳсулоти бо усули назорати оморӣ дастчиншуда санҷида мешавад, дар тархи 8 бошад, ҳар як воҳиди маҳсулот таҳти санҷиш қарор мегирад, яъне хангоми гузариш аз тарҳи 1 то тархи 8 назорати санҷишӣ дақиқтар мегардад.

*Санҷиши истеҳсолот* вақте истифода карда мешавад, ки барои беғаразона баҳо додани сифати маҳсулот санҷиш кифоя нест, балки барои баҳо додани таъмини доимии сифати маҳсулот таҳлили раванди технологӣ зарур мебошад. Чунин тарзи санҷиш ҷиҳати бахо додани истеҳсоли маҳсулоти тезвайроншаванда асосӣ ҳисоб меёбад, чунки вақти зарурӣ барои ташкил за амалигардонии санҷиш дар озмоишгоҳи аккредитонидашуда аз муҳлати кобили истифодаи маҳсулот зиёдтар мебошад.

*Назорати нозиротӣ* дар аксари тарҳҳо пегабинӣ шудааст. Чунин назорат пас аз додани сертификат ба шакли санҷиши намунаҳо (тарҳҳои 2, 2а, 3, 3а, 4, 4а) ё назорати низоми сифати (истеҳсолоти) сертификатсиятонишуда амалӣ гардонида мешавад.

*Баррасии эъломия* - тарзи исбот, ки ҷониби якум - истеҳсолкунанда пешниҳод менамояд. Эълом кардани мутобиқат аз амалияи сертификатсияи Иттиҳоди Аврупо иқтибос ва ворид карда шудааст. Тарзи мазкур аз он иборат аст, ки роҳбари корхонаи истеҳсолкунанда ба мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда эъломия (бо ҳуҷҷатҳои замимашуда) пешниҳод менамояд. Чунин тарз хангоми сертификатсияи маҳсулоти истеҳсолкунандагони хориҷии дар бозори ҷаҳонӣ шуҳратдошта, инчунин ҳангоми сертификатсияи маҳсулоти корхонаҳои хурд истифода карда мешавад.

Соҳаи истифода ва мундариҷаи тарҳҳои сертификатсиякунонишударо ба таври зерин маънидод кардан мумкин аст.

*Тарҳи 1* - бо санҷиши намуд, яъне намунаи аз микдори муайяни маҳсулот гирифташуда, дар озмоишгоҳи аккредитонидашуда маҳдуд мегардад. Барои маҳсулоти сохтораш мураккаб истифода карда мешавад.

*Тарҳи 1а-* илова ба тарҳи 1 таҳлили (баҳодиҳии) ҳолати истеҳсолотро низ дар бар мегирад.

*Тарҳи 2* - мураккабтар мебошад, чунки гайр аз санҷиши намуна, ки баъди он дархосткунанда сертификати мутобиқат мегирад, назорати нозиротии маҳсулоти сертификатенидашуда пешбинӣ шудааст. Барои иҷрои ин амал намунаҳои маҳсулот аз ташкилотҳои тиҷоратӣ дастчин шуда, дар озмоишгоҳи аккредитонидашуда санҷида мешаванд.

*Тарҳи 2и* - илова ба тарҳи 2 пеш аз додани сертификат таҳлили (баҳодиҳии) холати истеҳсолотро дар бар мегирад

*Тарҳи 3* - санҷиши намунаро пешбинӣ менамояд ва пас аз додани сертификат - назорати нозиротӣ бо роҳи санҷиши намунаи аз анбори маҳсулоти тайёри истеҳсолкунанда пеш аз ба истеъмолкунанда дастрас намудан, дастчиншуда. Намуна дар озмоишгоҳи аккредитонидашуда аз санҷиш гузаронида мешавад.

*Тарҳи 3а* - санҷиши намуна ва таҳлили (баҳодихии) ҳолати истеҳсолот то додани сертификат, инчунин аз рӯи тарҳи 3 назорати нозиротиро пешбинӣ менамояд.

*Тарҳи 4* - чун тарҳҳои пештара санҷиши намуд, вале назорати нозиротии мураккабтарро дар бар мегирад: намунаҳо барои санҷиши назоратӣ аз анбори истеҳсолкунанда ва аз фурӯшанда гирифта мешаванд.

*Тарҳи 4а* илова ба тархи 4 то додани сертификати мутобиқат тахлили холати истеҳсолотро дар бар мегирад.

*Тарҳи 5* - тархи мураккабтарин. Санҷиши намуна, саиҷиши итеҳсолот бо рохи сертификатонии низоми таъмини сифат, ё ки сертификатонии худи истехсолот, назорати нозиротии нисбатан сахтгирона. Назорати нозиротӣ дар ду шакл гузаронида мешавад: санҷиши намунаи маҳсулоти сертификатонидашудаи аз фурӯшанда ва истехсолкунанда гирифташуда. илова бар ин - санҷиши бардавомии шароити истеҳсолот ва низоми идоракунии сифати амалкунандаро дар бар мегирад.

*Тарҳи 6* - манфиатнокии сертификати низоми сифа гро барои корхона тасдиқ менамояд. Тарҳи мазкур аз ҷониби мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда бахо додани низоми сифати дар корхона амалкунандаро дар бар мегирад. Агар корхона соҳиби сертификати низоми сифат бошад, пешниҳоди эъломия кифоя мебошад. Эъломия дар мақомоти оид ба

сертификатсия аккредитонидашуда ба қайд гирифта мешавад ва барои гкрифтани иҷозатномаи истифодаи аломати мутобиқат асос ҳисоб меёбад.

*Тархи 7* - санҷиши микдори муайяни маҳсулотро дар бар мегирад. Яъне, мутобиқи қоидаҳои муқарраргардида аз микдори муайяни маҳсулоти дар корхона истеҳсолшуда намунаи миёна дастчин (ҷудо) карда мешавад ва ин намунаҳоро аз санҷихп мегузаронанд. Дар асоси натиҷаҳои санҷиш сертификата мутобиқат дода мешавад.

*Тарҳи 8* - санҷиши ҳар як маҳсулота корхона исгеҳсолкарда дар озмоишгоҳи аккредитонида шуда ва карори минбаъдаи мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда дар бораи додани сертификата мутобиқат.

*Тарҳҳои 9-10а* - ба эъломияи истеҳсолкунанда бо назората нозиротаи минбаъдаи маҳсулоти сертификатонидашуда асос меёбанд. Чунин принсипи сертификатсия ба корхонаҳои начандон калон ва маҳсулоти бо микдори кам истеҳсолшаванда мансуб мебошад. Дар ҳолатҳои алоҳида санҷиши холати истеҳсолот пешбинй карда мешавад. Эъломияро роҳбари корхона имзо карда, ба он протоколи санҷиши маҳсулот ва маълумот дар бораи эътимоднокии низоми назорати сифати корхона замима карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳоро мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда баррасй намуда, нисбати имконияти эътарофи эъломия ва додани сертификата мутобиқат қарори дахлдор Кабул менамояд.

## 3.11. ТАРТИБИ АМАЛИГРАДОНИИ СЕРТИФИКАТСИЯ

Сертификатсия дар доираи низоми муайян ва аз рӯи тарҳи интахобшуда амалй гардонида мешавад. Тартиби амалигардонии он аз рӯи қоидаҳои низоми муайян мукаррар карда мешавад, вале новобаста аз намуд ва объекта сертификатсия марҳалаҳои асосии раванди сертификатсия тагйирнопазиранд. Тарҳи ҷамъбастии раванди сертификатсия аз рӯи тарҳҳои бештар истифодашаванда дар расми 3.3 оварда шудааст.




Расми 3.3. Марҳалаҳои асосии раванди сертификатсия

Сертификатсияи маҳсулот мувофиқи марҳалаҳои асосии зерин гузаронида мешавад:

*Пешниҳоди дархост барои сертификатсия.*

Барой амалигардонии сертификатсия дархосткунанда ба мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда дархост пешниҳод менамояд. Ҳангоми мавҷуд будани якчанд мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда, дархосткунанда

метавонад вобаста аз обрӯву нуфуз дар бозор, соҳаи аккредитонӣ, арзиши хизматҳо ва дигарон мақомоти мувофиқро интихоб намояд. Дархосткунанда шахси ихтиёрии қуқуқӣ ё соҳибкоре мебошад, ки ҷиҳати сертификатонӣ маҳсулот пешниход намудааст, қоидаҳои низоми сертификатсияро эътироф намуда, барон амалигардонии сертификатсия маблағи заруририро пардохт кардааст.

Ҳангоми сертификатсияи ҳатмӣ аз рӯи тарҳҳо бо истифодаи эъломия оид ба мутобиқат (тарҳҳои 9-10), дархосткунанда ба мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ҳамҷоя бо дархост эъломияро низ пешниҳод менамояд.

*Баррасии дархост ва қабули қарор нисбати он.*

Мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда дархостро баррасӣ намуда, дар мухлати на зиёда аз 15 рӯз дархосткунандаро нисбати қарори кабулшуда хабардор менамояд. Қарор шароити сертификатсия, аз ҷумла: тарҳи сертификатсия, номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, озмоишгоҳҳои санҷишии аккредитонидашуда, мақомоти оид ба сертификатсияи истеҳсолот ё низоми сифат аккредитонидашударо дар бар мегирад. Озмоишгоҳи санҷишӣ ва макомот оид ба сертификатсияи низоми сифатро дархосткунанда интихоб менамояд.

*Дастчин, ҳаммонандкунӣ ва санҷиши намунаҳо.*

Дастчини намунаҳоро барои санчиш мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда амалӣ мегардонад. Санчиш нисбати намунаҳое амалӣ гардонида мешавад, ки сохтор, таркиб ва технологияи истеҳсолашон бо махсулоти ба истеъмолкунанда пешниҳодшаванда ҳаммонанд мебошанд.

Миқдори намунаҳо, тартиби дастчин ва нигоҳдории онҳо мутобиқи хуччатҳои меъёрӣ ё ҳуҷҷатҳои услубӣ оид ба сертификатсия муқаррар карда мешавад.

Ҳаммонандкунии дар марҳалаи мазкур амалишаванда ҳақиқӣ будани маҳсулот, мутобиқати он ба номгӯй ва рақами тартибии миқдори муайяни махсулоти дар тамға нишондодашударо тасдиқ менамояд.

Санчиш дар озмоишгоҳе гузаронида мешавад, ки барои амалигардонии санҷишҳои дар ҳуҷҷати меъёрии барои сертификатсияи махсулоти мазкур пешбинишуда, аккредитонида шудааст. Протоколи санҷиш ба мақомоти оид ба сергификатсия аккредитонидашуда ва дархосткунанда пешниҳод карда мешавад.

*Санҷиши истеҳсолот.*

Дар ҳолати бо тарҳи сертификатсия пешбинӣ шудан амалӣ гардонида мешанад. Вобаста аз тарҳи сертификатсия таҳлили ҳолати истеҳсолот, сертификагсияи истеҳсолот ва низоми сифат амалӣ гардонида мешавад.

*Таҳлили натиҷаҳои дастрасшуда, қабули қарор оид ба имконияти доданы сертификат.*

Баъди таҳлили протоколи санҷиш ва санҷиши истеҳсолот мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда баҳодиҳии мутобиқати махсулотро ба талаботи муқарраршуда амалӣ мегардонад. Дар ҳолати дастрас шудани натиҷаҳои мусбат сертификата мутобиқатро ба расмият даровaрда, онро ба қайд мегирад. Танҳо ҳангоми мавҷуд будани рақами бақайдгирӣ сертификат қобили амал мебошад.

Муҳлати амали сертификата мутобиқатро мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонида шуда муқаррар менамояд. вале на зиёда аз 3 сол. Амали сертификата мутобиқат барои миқдори муайяни маҳсулоте, ки муҳлати муайяни истифода (коршоямӣ) дорад, бо ин муҳлат махдуд карда мешавад.

*Додани сертификат ва иҷозатнома барои истифодаи аломати мутобиқат.*

Маҳсулоте, ки ба он сертификата мутобиқат дода шудааст, бо аломати Низоми сертафикатонӣ тамғагузорӣ карда мешавад.

Тамғагузории маҳсулотро бо аломати мутобиқат истеҳсолкунанда (фурӯшанда) амалӣ мегардонад. Ба истехсолкунанда (фурӯшанда) инчунин ҳуқук тибқи иҷозатнома барои истафодаи аломати мутобиқат, ки аз ҷониби мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда дода шудааст, дастрас мешавад. Дар иҷозатнома уҳдадориҳои истехсолкунанда (фурӯшанда) ҷиҳати таъмини мутобиқати маҳсулоти бо аломати Низоми сертификатсия тамғагузорӣ шуда ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ муқаррар карда мешаванд.

*Назорати нозиротии маҳсулоти сертификатсиякунонидашуда мутобиқ тарҳи сертификатсия.*

Назорати нозиротии маҳсулоти сертификатонидашуда (агар бо тарҳи сертафикатонӣ пешбинӣ шуда бошад) дар раванди муҳлати амали сертификат ва иҷозатнома на камтар аз як маротаба дар як сол гузаронида мешавад. Назорати мазкур тариқи санҷишҳои даврӣ ва берун аз нақша амалӣ гардонида шуда, санҷиши намунаи маҳсулот, тахдили ҳолата истеҳсолот

ва дигаронро дар бар мегирад. Мақсади назорати- нозиротӣ тасдиқи мутобиқати маҳсулоти ба фурӯш баровардашуда ба талаботи муқарраршуда ҳисоб меёбад.

Ҳангоми ворид шудани маълумот дар бораи норизой аз сифати маҳсулот, ки истеъмолкунандагон, ташкилотҳои тиҷоратӣ, инчунин мақомоти назоратӣ пешниҳод намудаанд, санҷишҳои берун аз нақша амалӣ гардонида мешавад.

Натиҷаҳои назорати нозиротӣ тариқи санад ба расмият даровар да мешаванд. Аз рӯи натиҷаҳои назорат дар ҳолати мутобиқат накардани маҳсулот ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда метавонад амали сертификатро беэътибор намояд ё боздорад, инчунин иҷозатномаи ҳуқуқи истифодаи аломати Низоми сертификатсияро аз эътибор соқит намояд. Назорати нозиротӣ одатан аз ҷониби мақомоти оид ба сертификатсия ваколатдоршуда, ки сертификатсияи маҳсулоти мазкурро гузаронидааст, амалӣ гардонида мешавад.

## 3.12 ИШТИРОКЧИЁНИ СЕРТИФИКАТСИЯ

Дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» иштирокчиёни сертификатсия мақомоти давлатии марказӣ оид ба сертификатсия, мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда, озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишии аккредитонидашуда ва дархосткунандагони сертификатсия ҳисоб меёбанд.

Истеҳсолкунандаи (фурӯшандаи) маҳсулот ва иҷрокунандаи хизматрасонӣ ҷониби якум, харидорон ва фармоишгарон - ҷониби дуюм, мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ва озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишии аккредитонидашуда ҷониби сеюмро ифода менамоянд.

*Истеҳсолкунандаи (фурӯшандаи, ичрокунандаи) маҳсулоте*, ки дар манотиқи кишвар ба фурӯш бароварда мешавад, уҳдадор аст:

- маҳсулоти мазкурро танҳо дар ҳолати мавҷуд будани сертификате, ки мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда додааст ё эътироф намудааст, ба фурӯш барорад;
- мутобиқати маҳсулотро ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки нисбати мутобиқати онҳо маҳсулоти мазкур сертификатонида шудааст, таъмин кунад ва бо тартиби

муқарраршуда бо аломати Низоми сертификатсия тамғагузорӣ намояд;

- дар ҳуҷҷатҳои замимашуда маълумотро оид ба сертификатсия ва ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки ба талаботи онҳо маҳсулот бояд мутобиқат намояд, нишон диҳад;
- нисбат ба амалҳои ғайриқонунии мақомоти оид ба сертификатсия ва озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санчишии аккредитокида шуда тибқи тартиб ва муҳлати дар Низоми сертификатсия муқарраргардида ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат муроҷиат намояд. Дар ҳолати розӣ набудан бо қарори он метавонад ба суд муроҷиат кунад. Дастрас намудани маълумоти мазкурро ба истеъмолкунанда (харидор, фармоишгар) таъмин намояд;
- агар махсулот ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки ҷиҳати мутобиқат ба онҳо сертификатонида шудааст ҷавобгӯй набошад. муҳлати амали сертификат ба охир расида бошад ё дар холате, ки бо қарори мақомоти оид ба сертификатонӣ ваколатдоршуда амали сертификат боздошт ё беэътибор ҳисобида шуда бошад, фурӯши маҳсулотро боздорад ё қатъ намояд;
- ба шахсони вазифадори мақомоте, ки сертификатсияи маҳсулот ва назорати нозиротии маҳсулоти сертификатсиятонидашударо амалй мегардонанд, бе мамониат иҷро намудани салоҳияташонро таъмин намояд;
- оид ба тағйиротҳое, ки ба ҳуҷҷагҳои техникӣ ё раванди технологии истеҳсоли маҳсулоти сертификатсиятонидашуда дохил карда шудаанд, мутобиқи тартиботи муқарраргардида мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашударо хабардор намояд.

*Мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда* - мақомоти давлатӣ ва ташкилоте, ки барои иҷрои корҳои сертификатсия дар доираи муайян аккредитонида шудаанд. Мақомоти мазкур ҳуқуқ доранд:

- ба дархосткунандаи сертификатсия сертификата мутобиқат ва сертификати салоҳиятнокӣ диҳанд;
- амали сертификати мутобиқат ва сертификати салоҳиятнокиро, ки худи онҳо додаанд, дар ҳолати ошкор шудани номувофиқатии объекта баҳодиҳии мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникй ва ҳуҷҷагҳои соҳаи стандартизатсия боздоранд ва ё бекор намоянд;
- аломати Низоми аккредитониро истифода баранд;

- эъломия оид ба мутобиқатро тибқи доираи аккредитонӣ ба қайд гиранд.

Мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ухдадоранд:

- ичроиши талаботи муқаррарнамудаи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартсияро нисбат ба мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда таъмин намоянд;

- талаботи Низоми сертификатсияро иҷро намоянд;

- ба дархосткунандаи сертификатсия дойр ба қоида ва расмиёти сертификатосия маълумот пешниҳод намоянд;

- бақайдгирии сертификати мутобиқат ва сергификати еалоҳиятнокии додашударо ба роҳ монанд;

- дар бораи сертификати мутобиқат ва сертификати салоҳиятнокии ба объекта баҳодиҳии мутобиқат додашуда, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо, боздоштан, таҷдид, бекор, қатъ ва тамдид намудани муҳлати амали онҳо ба мақомоти давлатии марказӣ оид ба сертификатсия мунтазам маълумот пешниҳод намоянд;

- сертификатсияро танҳо дар доираи муайяни аккредитонӣ амалӣ гардонанд;

- дар ҳолати аз ҷониби мақомоти давлатӣ оид ба аккредитонӣ боздоштан ё бекор кардани шаҳодагномаи аккредитонӣ фаъолиятро оид ба сертификатсия боздоранд ё қатъ намоянд;

- тибқи имконият амалигардонии корҳои сертификатсияро таъмин намоянд.

*Озмоишгоҳи (марказӣ) санҷишии аккредитонидашуда* - ташкилоте, ки барои амалигардонии санҷиши маҳсулот дар доираи муайян аккредитонида шудааст. Чунин озмоишгоҳҳо ҳуқуқ доранд санҷиши мутобиқати маҳсулотро ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсия дар доираи аккредитонӣ амалӣ гардонанд.

Озмоишгох (марказ)-ҳои санҷишии аккредитонидашуда уададоранд:

- иҷрои талаботи нисбати озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишии аккредитонидашуда муқаррарнамудаи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартизатсияро таъмин намоянд;

- қоида ва тартиботи муқарраршудаи санҷиши маҳсулотро риоя намоянд;

- лротоколи санҷиши маҳсулотро ба мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ё дархосткунандаи сертификатсия дастрас намоянд;

- эътимоднокии натиҷаҳои санҷиши маҳсулотро таъмин намсянд;

- санҷишро танҳо дар доираи аккредитонӣ амалӣ гардонанд;

- дар ҳолати аз тарафи мақомоти давлатӣ оид ба аккредитонӣ боздоштан ё бекор кардани шаҳодатномаи аккредитонӣ фаъолиятро оид ба санҷиш боздоранд ё қатъ намоянд.

*Мақомоти давлатии марказӣ оид ба сертификатсия* - мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи санҷиш ва сертификатсия. Мақомоти мазкур чунин ваколатҳо дорад:

- амалӣ гардонидани сертификатсия, додани сертификата мутобиқат ва ҳуқуқи истифодаи аломати Низоми сертификатсия;

- муқаррар намудани тартиби сертификатсия, шаклҳои сертификата мутобиқат, замимаи онҳо ва аломати Низоми сертификатсия, мазмун ва муҳлати амали сертификатҳои мутобиқат, тартиби додани онҳо, бақайдгирӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо, боздоштан, тачдид, бекор, қатъ ва тамдид намудани мухлати амали онҳо, инчунин тартиби тасдиқ кардани номгӯйи ҳуҷҷатҳо барои гирифтани сертификати мутобиқат;

- бақайдгирии эъломия оид ба мутобиқат тибқи доираи аккредитонӣ;

- пешбурди феҳрасти Низоми давлатии сертификатсия;

- ба роҳ мондани санҷиши назоратии сифат ва бехатарии маҳсулот, кор ва хизматрасонии сертификатонидашуда;

- ба дархосткунандаи сертификатсия додани ҳуқуқ ҷиҳати тамғагузории объектҳои баҳодиҳии мутобиқат бо аломати Низоми сертификатсия;

- баррасии арзу шикояти дархосткунандагони сертификатсия ва қабул намудани қарори мутобиқ йисбати онх.о;

- ба корҳои сертификатсия ҷалб намудани экспертону аудиторҳо оид ба сертификатсия ва дигар мутахассисон;

- таъсис додани шӯро оид ба сертификатсия;

- боздоштан ва беэътабор донистани сертификати мутобиқат.

*Эксперт оид ба сертификатсия* - шахси дорой сертификати салоҳиятнокӣ оид ба ҳуқуқи амалигардонии як ё якчанд намуди

корҳо дар соҳаи сертификатсия. Эксперт иштирокчии муҳими таргиботи сертификатсия ҳисоб меёбад. Асоснокӣ ва эътиборнокии қарорҳои ҷиҳати додани сертификата мутобиқат қабулшуда аз дониш, таҷриба, салоҳиятнокӣ ва бовичдонии эксперт вобаста мебошанд.

### 3.13 СЕРТИФИКАЦИЯМ НИЗОМИ СИФАТ

**Низоми сифат** - тарзи ташкили фаъолият дар корхона, ки имконияти ба истеъмолкунанда иешниҳод намудани маҳсулоти ба талабот ҷавобгӯйиро таъмин менамояд. Истилоҳи «низоми сифат» маҷмӯи сохтори ташкилӣ, услуб, раванд ва захираҳои барои амалигардонии роҳбарии умумӣ ҷиҳаги сифати маҳсулотро дар тамоми марҳалаҳои ташаккулёбии он ифода менамояд (ИСО 8402).

Стандартҳо нисбати низоми идоракунии сифат бори нахуст дар Британиёи кабир солҳои 70-уми асри XX таҳия шудаанд ва миёнаи солҳои 80-ум Ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартизатсия таҳияи стандартҳои байналхалқиро дар ин самт оғоз намуд, ки ҳамчун стандартҳои силсилаи ИСО 9000 маълум мебошанд.

Бо мақсади дар корхонаҳо бунёд намудани низомҳои самараноки сифат стандарти ИСО 9004 ва зиёда аз 10 стандарти дигар таҳия шудаанд, ки ҷиҳати таҳияи низоми сифат нақши дастурро иҷро менамоянд. Се стандарти муҳимтарини силсила: ИСО 9001, ИСО 9002, ИСО 9003 - хусусияти меъёрӣ доранд ва барои мақсадҳои баҳодиҳии берунаи низоми сифат аз ҷониби истеъмолкунанда ё ҷониби сеюм хизмат менамоянд.

Таҳияи Стандартҳои байналхалқии ИСО силсилаи 9000 пояи ягонаи меъёриро барои сертификатсияи низоми сифат бунёд намуд.

Фаъолият чиҳати идоракунӣ ва таъмини сифат, инчунин сифати худи маҳсулот объектҳои санҷиш ва баҳодиҳии низоми сифат ҳисоб меёбанд. Чунин фаъолияти дархосткунандаро ҷиҳати мутобиқат ба талаботи стандартной байналхалқии номбаршуда тибқи амсилаи дархостшуда (чадвали 3.3) месанҷанд ва баҳо медиҳанд.

**Ҷадвали 3.3**

| № | Объекти санҷиш (ҷузъҳои сифат) | Мавҷудият (+) ё набудани (-) талабот хангоми санҷиш | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ссртификатонии низоми сифат | | | | |
| | | **ИСО 9001** | **ИСО 9002** | **ИСО 9003** | **Сертификатами и истехсолоч** | **Таҳлили шароити корхона (тархи 2а, 4а, 9а, 10а)** |
| **1** | Масъулияти роҳбарият | + | + | **0** | – | – |
| 2 | Низоми сифат | + | + | **0** | - | – |
| 3 | Тахдили қарордод | + | + | + | – | – |
| 4 | Идоракунии лоихдкашӣ | + | – | – | – | – |
| 5 | Идоракунии аснод ва маълумотҳо | + | + | + | – | – |
| 6 | Харидорӣ | + | + | – | – | – |
| 7 | Идоракунии маҳсулоти ба истеъ-молкунанда пешниҳодшаванда | + | + | + | — | — |
| 8 | Хдммонандкунии маҳсулот ва мушоҳидакорӣ | + | + | **0** | + | — |
| **9** | Идоракунии равандҳо | **+** | + | – | + | |
| **10** | Назорат ва а.малигардонии санҷиш | + | + | **0** | + | – |
| **11** | Идоракунии таҷҳизо ги назоратӣ, андозагирӣ ва санҷишӣ | + | + | + | + | — |
| **12** | Вазъия т и назорати санҷишҳо | + | + | + | + | – |
| **13** | Идоракунии маҳсулоти номутобик | + | + | **0** | + | – |
| 14 | Амалҳои ислоҳотӣ ва пешгирикунанда | + | + | **0** | + | — |
| 15 | Корҳои ҳдмлу накл, нигохдорӣ, бандубаст ва пешниход | + | + | + | + | — |
| 16 | Идоракунии бақайдгирии маълумотҳо дойр ба сифат | + | + | **0** | + | — |
| 17 | Санҷишҳои дохилии сифат | + | + | – | – | – |
| 18 | Омодасозии ҳайати шахсӣ | + | + | **0** | – | – |
| **19** | Хизматрасонии техники | + | + | – | – | – |
| **20** | Усулҳои оморӣ | + | + | **0** | | – |

**Вобаста аз намуди маҳсулот ва хоҳиши дархосткунанда нисбати санҷиш ва баҳодилии низоми сифат дархостҳои иловагии хусусӣ пешниҳод шуда метавонанд. Дар ин ҳолат роҳбарияти мақомоти оид ба сертификатсия**

аккредитонидашуда комиссияро тавре ташкил медиҳад, ки эксиертон ва мушовирон ниебати намуди маҳсулот, .талаботи меъёрӣ ва технологиям истеҳсоли он донишҳои мукаммал дошта бошанд.

Сифати маҳсулотро аввал дар асоси маводҳои маълумотӣ оид ба сифат, ки аз исгеъмолкунандагон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои назоратӣ дастрас шудаанд, баҳо медиҳанд. Сипае тариқи таҳлили маълумотӣ пешниҳоднамудаи шуъбаи назоратӣ техникии корхона, таъмини сифати маҳсулот дар раванди истеҳсоли ҳар як қитъаи алоҳидаи корхона баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳангоми сертификатсияи низоми сифат субъектҳои зерин иштирокчиёни санҷиш ҳисоб меёбанд: ташкилоти санҷишшаванда (дархосткунанда), экспертони мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ва мушовирон. ки ба сифати комиссия муттаҳид шудаанд.

Дархосткунанда вазифадор аст:

- мақсади сертификатсияро изҳор намояд ва соҳаи сертификатсия, стандарт ё ҳуҷҷати низоми сифатро (ИСО 9001, ИСО 9002 ё ИСО 9003), ки мутобиқат ба он бояд санҷида шавад, муайян намояд;
- дархост ҷиҳати амалигардонии сертификатсияи низоми сифатро ба расмият даровардa ба мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда пешниҳод намояд;
- барномаи амалигардонии санҷишро бо мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда ҳамоҳанг созад;
- намояндаи худро, ки барои ҳалли масъалаҳо оид ба ташкил ва амалигардонии санҷиш салоҳиятдор мебошад, муайян намояд;
- бо хоҳиши экспертон иҷозати даромадани онҳоро ба объектҳои санҷиш таъмин намояд;
- дар асоси санад ва ҳисобот оид ба санҷиш амалҳои ислоҳотиро иҷро намояд;
- хароҷоти амалигардонии санҷиш ва сертификатсияро, новобаста аз натиҷаи онҳо, пардохт намояд.

Вобаста аз миқёси ташкилоти санҷишшаванда ё шароити дигар, комиссиям санҷиши низоми сифат метавонад аз як ё якчанд экспертҳо иборат бошад. Комиссияро эксперта асосӣ (раиси комисия) роҳбарӣ менамояд. Ба ҳайати комиссия намояндагони корхонаи санҷишшаванда ва ташкилотҳои аз натиҷаи сертификатсия манфиатдор дохил шуда наметавонанд.

Комиссия вазифадор аст:

- дар ҳудуди таъиноти санҷиш корҳоро иҷро карда, эспертизаро бегаразона амалӣ гардонад;
- далелҳоеро, ки ба санҷиш муносибати бевосита доранд ва барои хулосагузорӣ нисбати ҳолати низоми сифат ё ҷузъиёти он кифоя мебошанд, ҷамъоварӣ ва таҳлил намояд;
- натиҷаҳои санҷишро возеҳ ва эътимоднок ифода намояд;
- санадҳо ва ҳисоботро дойр ба санҷиш саривақт пешниҳод намояд.

Сертификатсияи низоми сифат дар се марҳала амалӣ гардонида мешавад:

- баҳодиҳии пешакии низоми сифат;
- санҷиши ниҳоӣ ва баҳодиҳии низоми сифат;
- назорати нозиротии низоми сифати сертификатсиякунонидашуда дар муддати муҳлати амалӣ сертификат.

Ғайр аз ин марҳалаи пеш аз сертификатсия - ба расмият даровардани корҳои пешистода оид ба сертификатонӣ ва ташкили онҳо вуҷуд дорад.

*Марҳапаи пешаз сертификатсия* амалҳои зеринро дар бар мегирад:

- омода намудани дархост барои сертификатсия ба маҳомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда;
- аз ҷониби дархосткунанда омода намудани ҳуҷҷатҳои ибтидой тибқи намунаҳои мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда;
- гаҳлили ҳуҷҷатҳои ибтидой дар мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда;
- қарор дар бораи қабули дархост барои сертификатсия;
- ба расмият даровардани шартномаи байни дархосткунанда ва мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда дойр ба баҳодиҳии пешакии низоми сифат;
- ташкил кардани комиссия оид ба сертификатонӣ.

*Баҳодиҳии пешакии низоми сифат* барои он зарур аст, ки иқтидори имконпазири сертификатсия ва мувофиқи мақсад будани дар корхона амалигардонии корҳои минбаъдаро эксперт муайян карда тавонад.

Марҳалаи мазкур амалҳои зеринро дар бар мег ирад:

- таҳлили низоми сифат тибқи ҳуҷҷатҳои ибтидой;
- тартиб додани хулосанома;

- қабули қарор нисбати давом додани корҳои сертификатсия;

- ба расмият даровардани шартнома доир ба баҳодиҳии низоми сифат дар корхона-дархосткунанда.

*Санҷиши ниҳоӣ ва баҳодиҳии пизоми сифати корхона.*

Мархала чунин амалҳоро дар бар мегирад:

- таҳияи барномаи санҷиш;
- амалигардонии санҷиш;
- тартиб додани санади санҷиш;
- машварати ниҳоӣ оид ба натиҷаҳои санҷиш;
- қабули қарор доир ба тавсияи низоми сифат чиҳати сертификатсия;
- қарори ниҳоӣ доир ба сертификатсия дар маркази техникии бақайдгирӣ;
- додани сертификата мутобиқат ва иҷозатнома барои истафодаи аломати мутобиқат ё рад кардани амалҳои мазкур;
- бастани шартнома доир ба амалигардонии назората нозиротӣ.

*Назорати нозиротии низоми сифати сертификатсиякунонидашуда.*

Марҳалаи мазкури ниҳой чунин амалхоро дар бар мегирад:

- амалигардонии назорати нозиротии ҳамасолаи низоми сифати сергификатсиякунонидашуда;
- тартаб додани санад тибқи натиҷаҳои назорат;
- қабули қарор доир ба тасдиқ, боздошт ё аз эътибор соқит кардани сертификата мутобиқат ва иҷозатномаи аломата мутобиқат.

Натиҷаҳои санҷиш, хулоса ва тавсияҳои "комиссия ба намуди санад доир ба натаҷаҳои санҷиш ва баҳодиҳии низоми сифат ба расмият дароварда шуда, дар машварата ниҳоӣ маълумот дода мешавад. Ҳангоми натичаҳои мусбӣ мақомоти оид ба сертификатсия аккредитонидашуда лоиҳаҳои сертификата мутобиқати низоми сифат ва иҷозатнома барои истифодаи аломати мутобиқатро ба расмият медарорад.

## 3.14 МАФҲУМИ СИФАТ

Сифат - дарачаи фалсафӣ мебошад. Чунин ҳисобида мешавад, ки он бори нахуст ҳанӯз дар асри III то милод аз ҷониби Арасту таҳлшт карда шудааст. Шархи фалсафавии сифат

мавҷуд аст, ки асри XIX аз ҷониби Гегел баён шуда буд: «Сифат дар навбати аввал дорои шабоҳати мушаххасӣ бо мавҷудият мебошад. Бинобар ин мавчудот сифаташро гум кунад, мавҷудияти худро қагь менамояд». Бсяд кайд кард, ки дараҷаи сифат ҷиҳати муҳими хакиқати вокеии объект - мушаххасиро ифода менамояд. Сифати объект ба хусусиятхои алоҳидаи он мансуб набуда, бо объект ҳамчун чизи том алоқаманд, яъне онро яурра фарогир ва аз он ҷудонашаванда мебошад. Бинобар ин мафҳуми сифат бо мавҷудияти объект алоқаманд карда мешавад.

Дар ҳаёти инсонӣ бо сабаби гуногуншаклии ходиса ва объектҳои мухити атроф мафҳумхои рӯзмарраи сифат нопурра. гуногуншакл ва носаҳеҳанд. Вале, дар ҳар як ҳолати алоҳида онҳо ба талабоги муайяни муносибат чавобгӯ мебошанд.

Дар ҷадвали 3.4 гуногуншаклии тасвияи мафҳуми сифат нишон дода шудааст.

Ҷадвали 3.4. Раванди инкишофи мафҳуми сифат (дар мисолҳо)

| Муаллиф | Тасвияи шарҳи сифат |
|---|---|
| Арасту (асри Ш то милод) | Фарқият байни чисмҳо;<br>Тафрика аз рӯи аломати «хуб - бад». |
| Гегел (асри ХТХ) | Сифат дар навбати аввал шабоҳати мушаххасй бо мавҷудият мебошад, бинобар ин, вақте чисм сифаташро гум мекунад, мавҷудияти худро катъ менамояд. |
| Тафсири хитой | Иероглифе, ки сифатро ифода менамояд, аз ду чузъ иборат аст - «мувозинат» ва «пул» (сифат = мувозинат + пул). Пас, сифат бо мафх.уми «баландцарача», «гаронбаҳо» мушобеҳ аст. |
| Шуҳарт (соли 1931) | Сифат ду ҷанба дорад:<br>1. Тавсифҳои физикии воқеъй.<br>2. Ҷиҳати хусусй: то чи андоза ашё «зебост». |
| Исикава К. (соли 1950) | Сифат - хосияте, ки истеъмолкунандагонро дар хақиқат каноатманд менамояд. |
| Ҷуран Ҷ. М. (соли 1979) | Лоик будан барои истифода (мутобиқат ба таъинот).<br>Ҷиҳати хусусй: сифат - дараҷаи қаноатмандии истеъмолкунанда (барои амалигардонии сифат истеҳсолкунанда бояд талаботи |

| | |
|---|---|
| I | истеъмолкунандаро азхуд намояд ва махсулоти худро тавре омода намояд, ки ин талаботро қонеъ гардонад). |
| ГОСТ 15467-79 | Сифати маҳсулот - маҷмӯи хусусиятҳои махсулот, ки лоиқ будани онро барои қонеъ гардонидани талаботи ба таъиноташ мутобиқ муайян менамоянд. |
| Стандарта байналхалқӣ ИСО 840:86 | Сифат - маҷмӯи хосият ва тавсифхои маҳсулот ё хизматрасонӣ, ки ба онҳо қобилияти конеъ гардонидани талаботи вобасташуда ва тахминшавандаро мебахшанд. |
| Стандарта байналхалқӣ ИСО 9000:2000 | Дараҷае, ки бо он маҷмӯи тавсифҳои хусусӣ талаботро ичро менамоянд. |

Дар боби 3 «Истилоҳот ва муқаррарот» Стандарта байнлхалқии ИСО 9000:2000 «Низоми менечменти сифат. Муқаррароти асосӣ ва лугат» истилоҳоти мансуб ба сифат, менеҷмент, ташкилот, равандҳо ва маҳсулот, тавсифҳо, мутобиқат, ҳуҷҷатгузорӣ, баҳодиҳӣ, санҷиш (аудит), таъмини сифати раванди андозагирӣ маънидод карда шудаанд. Зербанди 3.1. «Истилоҳоти мансуб ба сифат» чунин истилоҳотро шарҳу эзоҳ додааст:

**3.1.1 сифат:** дараҷаи мутобиқатк хусусиятҳои хос ба талабот.

Эзоҳот:

1. Истилохи «сифат» бо чунин тавсифҳо, мисли хуб, бад ё аъло метавонад истифода шавад: сифати хуб, сифати аъло.

2. Истилоҳи «хос» бар хилофи истилоҳи «тасарруфшуда» хусусияти дар ягон чиз мавҷударо ифода'менамояд. Пеш аз ҳама ин ба тчвсифҳои доимӣ (дарозӣ, вазн, сахгӣ ва дигарон) мансуб аст.

**3.1.2 талаб:** ниёз ё чашмдошт, ки муқаррар шудааст, одатан дар назар дошта мешавад ё ҳатмӣ мебошад.

Эзоҳот:

1. Дар ҳолате, ки талабот ё чашмдоштҳои муоинашаванда дар назар дошта мешаванд, «Одатан дар назар дошта мешавад» тачрибаи мақбули умум гардидаи ташкилот, истеъмол-кунандагони он ва ҷонибҳои дигари манфиатдорро ифода менамояд.

2. Барой ифодаи намуди талабот калимаҳои муайянкунанда истифода намудан мумкин аст, масалан, талабот нисбати

маҳсулот, талабот нисбати низоми сифат, талаботи истеъмолкунанда.

3. Чунин талабот муқарраршуда мебошад. масалан, гариқи ҳуҷҷат муайян карда туда бошад.

4. Талаботро метавонанд ҷонибҳои гуногуни манфиатдор пешниҳод намоянд.

**3.1.3 дараҷабандӣ:** дараҷа, еинф, навъ ё категория, ки ба талаботи гуногун нисбати сифати маҳсулот, раванд ё низомҳои вазифаи истифодавиашон ҳаммонанд тасарруф шудааст.

Мисол: синфи чиптаи ҳавопаймо ё категорияи меҳмонхона.

Эзох - дарачабандй одатан ҳангоми муайян намудани талабог нисбати сифат муқаррар карда мешавад.

**3.1.4 қаноатмандии истеъмолкунандагон:** дарачаи ичрои талаботи худро дарк карда тавонистани истеъмолкунандагон.

Эзоҳот:

1. Шикоятхои истеъмолкунандагон нишондиҳандаи пасти каноатмандии онҳо мебошад, вале мавчуд набудани шикоятҳо дараҷаи баланди қаноатмандии истеъмолкунакдагонро ифода наменамояд.

2. Ҳатто агар талаботи истеъмолкунандагон бо онҳо мувофиқа карда туда ичро гардида бошад ҳам, дараҷаи баланди қаноатмандии истеъмолкунандагонро таъмин намуданаш ҳатмӣ нест.

**3.1.5 имкониятхо:** қобилияти ташкилот, низом ё раванд ҷиҳати истеҳсол намудани маҳсулоте, ки ба талабот мувофиқат мекунад.

Аз сабаби он ки сифат бо қонеъ гардидани талаботи истеъмолкунанда алоқаманд аст, маҳсулот комилан сифатнок ҳисоб намеёбад, чунки талабот вобаста аз хусусиятҳои истеъмолкунанда гуногун аст. Мисол, дар интихоби автомобили сабукрав яке масрафи сӯзишвориро нишондиҳандаи асосии сифат ҳисоб намояд, дигаре мучаҳҳазиро, сеюмӣ суръати ҳаракатро ва гайра.

Тасаввурот нисбати сифати маҳсулот дар аксар ҳолагҳо пеш аз микдор ба вучуд меояд. Вале нақши сифат ва миқдор на танҳо дар имконияти сарфаи микдор аз ҳисоби сифат, балки дар моҳиятнокии мафҳуми сифат вобаста аз таъминоти микдории бозор алоқаи наздик доранд. Бозор ҳамон вақт бозори харидор ҳисобида мешавад, ки агар камчинии маҳсулот барҳам дода шавад ва бо воситаи қонунгузорӣ рақобат муқаррар карда шавад.

## 3.15 УСУЛҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ СИФАТИ МАҲСУЛОТ

Соҳаи фаъолияти амалй ва илмй, ки бо таҳияи асосҳои назариявии сифат ва усулҳои баҳодиҳии миқдорик сифати маҳсулот машғул мебошад, **квалиметрия** меноманд. Вазифахок асосии квалиметрия чунинанд:

- муайян намудани феҳрасти нишондиҳандаҳои зарурии сифати маснуот ва бузургиҳои мансуби онҳо;
- таҳияи усулҳои баҳодиҳии миқдории сифат, коркарди маълумот ва муайян намудани талаботе, ки дақиқии ҳисобкуниро таъмин менамоянд;
- бунёди феҳрасти усулҳои муайян намудани қиматҳои муносиби нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот;
- асоснок намудани феҳрасти интихобнамудаи нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот ҳангоми тахияи тарзҳои баланд бардоштани сифат ва стандартонии ба нақша гирифташуда;
- муайян намудани усулҳои ягонаи баҳодиҳии сатҳи сифати маҳсулот ҷиҳати имкония ги муқоисаи натиҷаҳо;
- муайян намудани усулҳои ягонаи баҳодиҳии хосиятхои алоҳидаи маҳсулот;
- бунёди услуби баҳисобгирии тағйирёбии сифат бо мурури вақт ва дигарон.

**Сифати маҳсулот** - иомгӯйи муайяни нишондиҳандахои хосияти маҳсулот, ки ба туфайли онҳо ӯ қобилияти қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагонро ҳангоми истифодабарӣ, барҳамдихй ва истифодаи такрории онҳо соҳиб мешаванд.

Барой муайян намудани сифати маҳсулот се мафҳуми аз ҳамдигар новобастаро истифода менамоянд:

**Сифати махсулот** - хосияти маҳсулот, ки қобилияти қонеъ гардонидани талаботи ба вазифааш алоқамандро муайян менамояд.

**Сифати асосии (ягонаи) махсулот** - хосияти ягонаи аввалиндараҷаи маҳсулот ва арзишк истеъмолии онро муайян мекунад.

**Сифати куллии маҳсулот** - маҷмӯи хосиятҳои маҳсулотро (иқтисодӣ, эҳсо^отй ва вазифавй) муайян менамояд.

Тавсифи микдории як ё якчанд хосияти маҳсулот, ки сифати онро муайян менамоянд ва дар шароити муқарраршудаи омодасозӣ ва истифодабарӣ дастрас гардидаанд, **нишондиқандаҳои сифати маҳсулот** номида мешавад.

Меъёри тақсими усулҳои муайян намудани қиматҳои нишондиҳандаи сифати маҳсулот, тарз ва манбаҳои маълумоти дастрасшуда оид ба сифати ҳамин махсулот ба шумор мераванд.

Тибқи меъёр усулҳои муайян намудани нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот чунин тақсим мешаванд:

**Усули андозагирӣ** - қимати нишондиҳандаҳои сифат, маълумот дойр ба маҳсулот тариқи андозагириҳои бевосита бо истифодаи воситаҳои техникии андозагирӣ дастрас карда мешавад. Бо ин усул параметрҳои физикӣ (суръат, масса, андозаҳо ва дигарон) муайян карда мешаванд.

**Усули хисобӣ** - ба коркарди маълумоти тариқи вобастагиҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ гирифташуда асос карда шудааст. Барой муайян намудани тавоной, масса, маҳсулнокӣ ва дигарон истифода карда мешаванд.

Усули мазкур ҳангоми таҳияи маҳсулоте истифода мешавад, ки барои он амалигардонии санҷиш ва тадқиқотҳои таҷрибавӣ ғайриимкон мебошанд.

**Усули ҳиссиётӣ (органолептики)** - ба зухуроти узвҳои ҳиссиётии инсон (биной, шунавой, ломиса, шомма) асос карда шуда, кимати нишондиҳандаҳо бо холҳои тариқи таҳлили натиҷаҳои тибқи таҷриба дастрасшуда ифода меёбанд. Бо ёрии усули мазкур нишондиҳандаҳои сифати маҳсулоте муайян карда мешавад, ки ба истеъмолкунанда таъсири эхеосотӣ мерасонад (маҳсулоти қаннодӣ, тамоку, атриёт ва дигарон).

**Усули анъанавӣ** - муайян кардани кимати нишондиҳандаҳои сифат аз ҷониби шахсони соҳибмансаби ваколатдори қисматҳои таҷрибавӣ (озмоишгоҳ, коргоҳи санҷишӣ, лавҳа ва дигарон) ва шуъбаҳои ҳисобии (шуъбаи таррохӣ, маркази ҳисоббарорӣ, хадамоти эътимоднокӣ ва дигарон) корхона ва ташкилотҳо амалӣ гардонида мешавад.

**Усули экспертӣ** - муайян намудани кимати нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот аз ҷониби мутахассисон ва экспертон (зебосозон, молшиносон, чошнигирон ва дигарон) амалӣ гардонида мешавад. Усули мазкур барои муайян намудани чунин нишондиҳандаҳои сифат, ки онҳоро бо усулҳои дигари

ннсбатан самаранок муайян кардан имконпазир нест, истифода карда мешавад.

**Усули ҷомеашиносӣ** - қимати нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот аз ҷониби исгеъмолкунандагони бевосита ё эҳтимолии маҳсулоти мазкур муайян карда мешавад. Ҷамьоварии маълумоти барон усули мазкур зарурӣ тариқи паҳн намудани пурсишномаҳои (анкетаҳои) махсус, раъйпурсии ҷомеавӣ ва ташкили чошнигирй, намоишгоҳ, конфронс ва дигарон амалй гардонида мешавад.

Бо мақсади ноил шудан ба самаранокии бештарин истифодаи яквақтаи якчанд усулҳои муайян намудани қимати нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот имконпазир мебошад.

## 3.16 НИШОНДИҲАНДАҲОИ СИФАТИ МАҲСУЛОТ

Тавсифи микдории як ё якчанд хусусиятҳои сифати маҳсулотро ташкилдиҳанда, ки мувофики шароити муайяни бунёд ва истифодабарии истеъмоли он баррасй мегардад, **нишондиҳандаи сифати махсулот** номида мешавад.

**Ниıнондихандахои таъинотй** - хусусиятхои муайянкунандаи вазифаҳои таъинотии маҳсулотро тавсиф менамоянд.

Ҳангоми муайян намудани нишондиҳандаҳои таъинотй масъалаҳои зеринро ба ҳисоб мегиранд:

- мақсади баходиҳии иҷрошудаистода;
- шароити истифодаи маҳсулот;
- таъиноти маҳсулот.

Ба гурӯҳи нишондиҳандаҳои таъинотй зергурӯҳҳои зерин дохил мешаванд:

- *нишопдиҳандаҳои сохтор ва таркиб* - таркиби ккмиёвй, сохтор, маснуоти маҷмӯӣ;
- *нишондиҳандаҳои таснифотӣ* - аз хусусияти махсулот вобаста мебошанд;
- *нишондиҳандаҳои камолоти техникӣ* - муҳимияти қарори техникии хангоми офаридани маҳсулот қабулшударо инъикос менамоянд.

**Нишондиханд-аҳои эътимоднокй** - хусусияти нигоҳдории параметрхои сифати додашудаи маснуотро дар раванди истифодабарй, таъмир, интиқол ва дигарон муайян менамоянд. Вобаста аз таъинот ва шароити истифодабарии маснуот

эътимоднокӣ бо раднопазирӣ, таъмирпазирӣ, ҳифзпазирӣ, инчунин пойдории қисмҳои он тавсиф карда мешавад:

- *раднопазирӣ* - хусусияти маснуот ҷиҳати нигоҳ доштани қобилияти корӣ дар муддати муайяни вақт ё ҳаҷми кор бе танаффуси маҷбурӣ;
- *таъмирпазирӣ* - хусусияти маснуот, ки мутобиқати онро ба зоҳиркунӣ, огоҳонӣ ва барҳамдиҳии корношоямӣ ва носозӣ тариқи амалигардонии хизматрасонии техникӣ ва таъмир ифода менамояд;
- *ҳифзпазирӣ* - хусусияти маснуот ҷихати маҳфуз доштани нишондиҳандаҳои истифодавии муқарраршуда ва баъди муҳлати маҳфуздорӣ ва интиқолдиҳӣ, ки дар ҳуччатҳои техникӣ пешбинӣ шудаанд;
- *пойдорӣ* - хусусияти маснуот чиҳати нигоҳ доштани коршоямӣ то ҳолати ҳудудӣ бо танаффусҳои зарурӣ барои хизматрасонии техникӣ ва таъмир. Ҳолати ҳудудӣ ҳангоми ғайриимкон будани истифодаи минбаъдаи маснуот аз сабаби паст шудани самаранокӣ ё талаботи бехатарӣ муайян карда шуда, дар ҳуҷҷатҳои техникӣ эзоҳ дода мешавад.

**Нишондиҳандахои технологиябобӣ** - моҳиятнокии қарорҳои тарҳрезиву технологии ҳангоми истеҳсол ва истифодабарии маҳсулот қабулшударо тавсиф менамоянд.

*Нишондиҳандаҳои асосии технологиябобӣ* - арзиши аслӣ, меҳнатталабӣ, маводғунчоиш.

*Нишондиҳандаи нисбии технологиябобӣ* - зариби истифодаи мавод.

**Нишондиҳандаҳои стандартизатсия ва ҳамгунасозӣ** аз сатҳи истифодаи қисмҳои таркибӣ ва гиреҳҳои стандартӣ дар махсулот, инчунин дарачаи ҳамгуна сохтани онҳо вобастаанд.

Нишондиҳандаҳои стандартизатсия ва ҳамгунасозӣ бо *зарибҳои қобили истифода, қобили такрорёбӣ, ҳамгунасозӣ* ифода меёбанд.

**Нишондиҳандахои қобили ҳамлу нақл** - хосияти нигаҳдории нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот ҳангоми тағйири макон, ки бо истифодабарӣ алоқаманд нест.

*Нишондиҳандаҳои бевоситаи қобили ҳамлу нақл* - хароҷот барои омодасозӣ ба ҳамлу накл, ҳамлу нақл ва омодасозӣ барои истифодабарӣ баъди ҳамлу нақл.

**Нишондиҳандақои меқнатшиносӣ** дараҷаи муносибати мутақобилаи инсонро бо маҳсулот тавсиф менамоянд.

Нишондиҳандаҳои меҳнатшиносӣ мафҳумҳои зеринро дар бар мегиранд:

- *инсоншиносӣ* - мувофиқат ба андозаҳои ҷисми инсок;
- *беҳдоштӣ* - дараҷаи садо, равшаннокӣ, заҳрнокй;
- *физиологӣ* - мувофиқат ба имкониятҳои ҷисмонии инсон;
- *психофизиолога* - имконияти узвҳои ҳиссиётии инсон;
-*равоншиносӣ* - хусусиятҳои низоми асаби инсон.

**Нишондиҳандаҳои зебосозӣ** -- тарҳрезй, шакл ва сарфакории маҳсулот.

**Нишондиҳандаҳои патентиву ҳуқуқй** - ҳифзи патентии технологияҳои навро тавсиф медиҳанд.

Ба нишондиҳандаҳои патентиву ҳуқуқй мансубанд;

- *нишондиҳандаҳои ҳифзи патента* дар маснуоти ватанӣ истифода шудани ихтироотҳои зътирофшударо дарак медиҳанд;
- *нишопдиҳандаҳои покизагии патента* аз имконияти фурӯши маснуот дар дохил ва хориҷи кишвар дарак медиҳанд.

**Нишондиҳандахои ҳаммонандй** ҳангоми истеҳсоли силсилавӣ тағйирнопазирии параметрҳои маҳсулотро тавсиф менамоянд.

**Нишондиҳандаҳои пойдорӣ** - қобилияти нигахдории хосиятҳои маҳсулот дар раванди истифодабарӣ ҳангоми таъсири мутақобила бо муҳити зарарнок.

**Нишондиҳандахои муҳитшиносӣ** - сатҳи таъсири зарарнокии ҳангоми истифодабарии маҳсулот баамалоянда ба муҳити атроф ва инсон.

**Нишондиқандақои бехатариро** барои ҳайати кормандони хизматрасонӣ дар раванди истифодабарӣ муайян менамоянд.

**Нишондиҳандақои иқтисодй** - хароҷоти таҳия, истеҳсол ва истифодаи маҳсулот.

## 3.17 ҶИҲАТҲОИ ИНСОНИИ СИФАТ

Натиҷаи таҳлили доираи ноил гардидан ба сифат (расми 3.4) водор месозад, ки иҷрои босифат ва самараноки он аз пешсафии роҳбарияти корхона вобастагӣ дорад. То давраи ҳозира аксарият гумон мекарданд, ки сифати маҳсулот натиҷаи бевоситаи амалиётҳои муайян дар раванди истеҳсоли он ҳисоб меёбад. Вале қисми зиёди сохибкорон дарк менамоянд, ки марҳалаҳои бунёди маҳсулот: лоиҳакашӣ, омодасозӣ ва истифода/истеъмол, ба сифат таъсир мерасонанд. Агар сифатро ҳамчун дараҷаи мутобиқати хусусиятҳои маҳсулот ба талаботи истеъмолкунанда баррасӣ намоем, дар ин ҳол маҳсулот дар марҳалаҳое бунёд мегардад, ки дар онҳо ҳоҷати истеъмолкунанда ба эътибор гирифта мешавад, хусусиятҳои маҳсулот муайян ва таъмин карда мешаванд, инчунин то дастрас намудани он ба истеъмолкунанда чораҳои мувофиқ андешида мешаванд.




Расми 3.2. Давраи дастоварди сифат

Фаъолияти корхона дар самти тадқиқоти маркетинга тавсифҳои барои истеъмолкунанда дилхоҳи маҳсулотро муайян менамояд. Лоиҳакашӣ ва таҳияи маҳсулот имкон медиҳад шакли умумии маҳсулоти ба ин тавсифҳо ҷавобгӯ эҷод карда шавад. Амалҳои иҷрошуда ҷиҳати интихоби равандҳо ва таҷҳизоти барои истеҳсол ва андозагирии тавсифҳо зарурӣ замина мегузоранд. Дар асоси раванди интихобшудаи истеҳсолот таҷҳизот ва ашёи хом харидорӣ карда мешавад. Барои истеҳсоли маҳсулот лоиҳакашӣ ва тарҳрезии истеҳсолот амалӣ гардонида мешавад. Бо мақсади риояи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ маҳсулот таҳти назорат ва санҷиш қарор мегирад. Маҳсулоти истеҳсолшуда банду бает карда шуда, ба нуқтаҳои фурӯш ҳамлу нақл мегардад. Фурӯшандагон бояд бо хусусиятҳои хоси маҳсулот шинос бошанд ва харидоронро ҷалб намуда тавонанд.

Агар ба мекеҷменти сифат ҳамчун ба санъати идоракунӣ назар андозем, менеҷменти сифат дар соҳаи қабули қарорҳои ҳам роҳбарият ва ҳам кормандон воқеъ мебошад. Тибқи қоидаи ҷопониҳо масъалаҳои ҳалталаби сифат ба лоиҳакашии пастсифати масолеҳ (40 %), хатогиҳои дар раванди истеҳсолот роҳдодашуда (30 %), инчунин маводҳои номутобиқи аз пешниҳодкунанда харидашуда (30 %) мансуб дониста мешавад. Умуман, масъалаҳои лоиҳакашӣ ва харидории маводҳо метавонанд танҳо ҳангоми мусоидати роҳбарият ҳалли худро ёбанд. Баъзеҳо метавонанд эътироз намоянд, ки масъалаи ҳалталаби сифат ҳангоми истеҳсоли маҳсулот метавонад бо айби роҳбарият (мисол, сатҳи пасти донишу малакаи кормандон) ва бо айби кормандон (мисол, *ганзими номувофиқи дастгоҳ) ба амал ояд.

Гурӯҳе аз мутахассисон ба чунин хулоса омадаанд, ки 85 % нуқсонхо бо айби роҳбарият ва танҳо 15 % бо айби кормандон ба амал меоянд. Чунки, масъалаҳои ҳалталаби низомро, ба монанди хизматрасонии техникии номувофиқи таҷҳизот ё ашёи хоми бесифат, танҳо роҳбарият ҳал карда метавонад.

Яке аз принсипҳои менеҷменти сифат, ки стандарта байналхалкзш ИСО 9000:2000 ба он асос меёбад, пешеафии роҳбарият мебошад. Пешсафӣ бояд ба бунёди муҳити дохилие равона карда шавад, ки дар он кормандон пурра ба менеҷменти сифат ҷалб карда шудаанд.

Дар Созишномаи СУС/МТС тахти ҷиҳатҳои инсонии сифат якчанд маслиҳатҳои муфид барои роҳбарони ташкилот пешниҳод шудааст:

**Ба корманлон одилона ва поквиҷдснона муносибат намоед:** Шумо бояд ба ҳоҷати кормандон дар ҷои корӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоед ва онҳо дарк намоянд, ки нисбаташон гамхорй менамоед. Ғамхорӣ нисбати кормандон ба маҳсулнокй таъсири мусбат дорад, ки онро Элтон Майо дар самараи Хаутрон намоиш дода буд. Ин самара нишон дод, ки рушди маҳсулнокӣ на аз ҳисоби тағйир додани шароити кор, балки дар натиҷаи таваҷҷуҳ ба кормандон дастрас мегардад.

**Ба қобилияти кормандони худ бовар кунед:** Ҷ. Мелон «... Вақте, ки шумо инсонро эътироф менамоед ва ӯро меписандед, метавонед аз ӯ кори нисбатан пурмаҳсул ва сифатнокро умедвор бошед». Шумо инчунин аз таъсири Пигмалион, бо мафҳуми «шумнафасй карда бало овардан», бояд худро ҳифз намоед: агар Шумо боварй дошта бошед, ки когаронатон микдори зиёди маҳсулоти нуқсондор истеҳсол мекунанд, барои амалй гардонидани ақидаи шумо онҳо ин амалро иҷро менамоянд.

**Қарорҳои асоснок қабул намоед:** барои муайян кардани сабаби истеҳсоли маҳсулоти нуқсондор усулҳои омориро истифода намоед. Усулҳои мазкур имкон медиҳанд муайян карда шавад, ки нуқсон дар ҳудуди назорати танзимгар ҷой дорад ё дар ҳудуди назорати роҳбар. Агар танзимгарон барои иҷрои кор ба таври мувофик омӯзонида шуда набошанд, бо услуб, восита, мавод ва дастурамалҳои зарурӣ таъмин нашуда бошанд, гунаҳкор ҳисобидани онҳо мантиқ надорад. Шумо метавонед дар ҷои кор муҳити боэътимодиву ҳамкориро ба вуҷуд оред ва тарсро аз кормандон дур намоед. Кормандон ҳавасманд гардида, далелҳои ҳақро баён мекунанд ва барои чунин амал аз гуна\кор шудан таре надоранд.

**Махфили сифат созмон диҳед:** маҳфили сифат - ин ıурӯҳи начандсн зиёди кормандон, ки барои ҳалли масъалаҳо оид ба такмили сифат ва маҳсулнокӣ, инчунин кам кардани хароҷот дар вақтҳои муайян ҷамъ мешаванд. Кормандон роҳҳои оддии ҳалли масъала за усулҳои омориро омӯхтаанд. Иштирок дар маҳфилҳои сифат ба онҳо имкон медиҳад натиҷаи фаъолияти худро баҳо дода, хулосаҳои зарурй бароранд. Инчунин

маҳфилҳои сифат фаъолияти меҳнатии кормандонро маънидор ва шавқовар мегардонанд.

**Кормандона гонро ваколатдор намоед:** Шумо бояд ба 'зердастони худ ҷиҳати қабули қарорҳои амалӣ имконият дода, диққати худро ба қарорҳои муҳим ҷалб намоед. Чунин ҳолат ҳисси ифтихори онҳоро нисбати кори худ ва кӯшиши фарс гирифтани равандҳо бармеангезад.

**Ҳар як кормандро Парой амалигардонии назарияи нақши сегона** (*истеъмолкунанда, истеҳсолкунанда, пеишиҳодкунанда)* **ҷалб намоед:** Шумо метавонед ҷиҳати дастоварди сифат дар ҳамаи сатхдои ташкилот бо роҳи рушди назарияи нақши сегона кормандони худро ҳавасманд гардонед. Ҳар як корманд ба сифати истеъмолкунанда маводи ибтидоиро дастрас менамояд, ҳамчун истеҳсолкунанда амалиёти худро иҷро менамояд ва маҳсули ҳосилшударо ба истеъмолкунандагони худ пешниҳод менамояд. «Нақши сегона» байки истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда алоқаи бевоситаро амалй мегардонад. Истифодаи назарияи мазкур «сифат»-ро барои ҳар як иштирокчӣ мафҳуми ҳақиқй мегардонад.

## 3.18 ИДОРАКУНИИ СИФАТИ МАҲСУЛОТ

Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ бо мақсади таъмини сифати талаботӣ ва пешгирии нуқсон идоракунии омории равандҳои технологӣ ва саҳех кардани параметрҳои он истифода мешуд. Чунин амал бо роҳи назорати интихобии огоҳкунандаи маҳсулоти истеҳсолшаванда амалй гардонида мешуд. Бо усули оморӣ идоракунии сифати мошинҳо, 1<исмҳои таркибӣ ва ҷузъиёти онҳо дар раванди истеҳсол имконпазир мебошад. Баробари ин кортҳои назоратӣ истифода мешуданд, ки онҳо имкон медиҳанд дар лаҳзаи ихтиёрии вақт ҳолати раванди технологии муайянкунандаи ин ё он параметри сифати маҳсулот баҳо дода шавад. Идоракунии омории сифат бо истифодаи коргҳои назоратй имкон дорад бо микдори маҳдуди мушоҳидаҳо ба амал омадани нуқсонро сари вақт муқаррар намояд ва нисбати таъмини сифати талаботии маҳсулот чораҳои фаврй андешад. Чунин усули идоракунии сифат танҳо дар истеҳсолоти силсилавй ва оммавии раванди технологиашон коршоям ва устувор самарабахш мебошад. Ҳангоми аз ҳудуди

меъёр баромадани параметра сифат танзими ин раванд амалй гардонида мешавад.

Бартарияти асосии идоракунии омории сифат нисбати назорати пурра дар он аст, ки усулҳои оморӣ имкон медиҳанд нуксонҳои маснуот ҳангоми дар раванди истеҳсол қарор доштани онҳо ва мавчуд будани имконияти танзими ин раванд ошкор карда шаванд. Усулҳои омории идоракунй имконияти васеи автоматониро, бо истифода аз воситаҳои техникии ҳисоббарор, соҳиб мебошанд.

Бо сабаби зарурати баланд бардоштани сифати маҳсулот, зуд тағйир ёфтани объектҳои истеҳсолот, солҳои 1975-1978 дар корхонаҳои саноатии Иттиҳоди Шӯравй бунёд ва ҷорй намудани Низоми маҷмӯии идоракунии сифати маҳсулот (НМ ИСМ) оғоз гардид. Мақсади асосии ИСМ - таъмини мунтазами ҳамаҷонибаи имкониятҳои илмиву техникй, истеҳсолй ва иҷтимоиву иқтисодӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифати тамоми намуди маҳсулот ба манфиати самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, таъмин намудани талаботи мардум, хоҷагии халқ, мудофиаи кишвар ва афзун намудани содироти маҳсулот буд.

Госстандарта ИҶШС тавсияҳо оид ба принсипҳои асосии бунёд гузоштани НМ ИСМ, инчунин оид ба бунёди ин низом маводҳои услубӣ таҳия намудааст:

1. Принсипи ибтидоии бунёд гузоштан ва амал намудани НМ ИСМ ба таври куллӣ алоқаи бевоситаи он бо низоми идоракунии хоҷагии халқ ҳисоб меёбад.

2. Идоракунии сифати маҳсулот дар тамоми сатхдои идоракунй - байнисоҳавй, соҳавӣ, иттиҳодияҳо ва корхонаҳо амалй гардонида мешавад.

3. Вазифаҳои дар асоси муносибати маҷмӯӣ муайянкардашудаи НМ ИСМ: ҷамъоварии иттилоот доир ба ҳолати объекта идоракунй; пешгӯӣ ва банақшагирии талаботи умедбахши сатҳи сифати махсулот; қабули қарор доир ба беҳтар намудани сифати маҳсулот, таҳияи стандартҳо; ташкили амалигардонии қарори қабулшуда; таҳия ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулот, ташкили омодасозии технологии исгеҳсолот, таъмини маводӣ-техникıш истеҳсоли маҳсулоти баландсифат, таъмини метрологй ва назорати сифати маҳсулот; интихоб, ҷобаҷогузорӣ, тарбия ва таълими кормандон; хавасмандгардонии баланд бардоштани сифати маҳсулот.

4. Идоракуняи сифати маҳсулот дар тамоми марҳалаҳои ҳаётии он амалй гардонида мешавад - тадкиқот ва лоиҳакашӣ, истеҳсол, муомилот, фуруш ва истифодаи минбаъда.

5. Идоракуняи сифати маҳсулот дар асоси таҳия за ҷорй намудани чорабиниҳои байниҳам вобастаи техникй, ташкилй, иқтисодӣ ва ичтимоӣ дойр ба беҳтар намудани сифати маҳсулот амалй гардонида мешавад.

6. Низоми идоракунии сифат баҳодиҳии беғаразонаи ҳамарӯзаи маҳсулнокӣ, самаранокӣ ва сифати кор ва маҳсулогро дар ҷойҳои кории алоҳида ва тамоми ҷомеа дар бар мегирад. Ҳангоми муайян намудани андозаи музди меҳнат ва мукофотпулиҳои ҳайати кормандони корхона нишондиҳандаҳои рушди маҳсулнокӣ, сифати хор ва маҳсулот омяли ҳалкунанда мегарданд.

7. НМ ИСМ усулҳои идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятиро ҳамҷоя менамояд. Ин низом ба фаъолнокии истеҳсолӣ ва ҷамъиятии меҳнаткашон, мусобиқаҳои меҳнатй ҷиҳати беҳтар кардани сифати маҳсулот такя мекунад.

Дар натиҷаи ҷорй намудани низоми мазкур дар истеҳсолот микдори маҳсулоти дорой «Нишони сифат» то 60-70 % расида, даромаднокии зиёда аз нақшаи корхонаҳо афзоиш ёфт.

Садсолаи охир бо мақсади таъмини кафолати қаноатмандии истеъмолкунанда аз назорат то ба менеҷменти сифат такомули назаррас ба амал омад (расми 3.5).




**?аош 3.5 Такоыузн менечменти сафат**

*Нагорит (назорати мутобиқат).*

Мақсад: Мутобиқати маҳсулот тариқи ҷудо намудани маҳсулоти ба талабот мутобиқ ва номутобиқ.

Фаъолият: Назорат/андозагирии биноӣ; сипас санҷиш ва тартиб додани ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиш.

Қобшш амал: асосан фаъолияти бо истеҳсоли маҳсулот алоқаманд, аз он ҷумла назорати воридотии маводҳо, назорат дар раванди истеҳсол ё маҳсулоти тайёр, қабл аз пешниҳод ва дигарон.

Хусусият: Ошкор намудан баъди ба вуҷуд омадани тамоилиҳо.

*Идоракунии сифат.*

Мақсад: мутобиқати маҳсулот бо роҳи бартараф кардани сабаби бавуҷудоии маҳсулоти номутобиқ.

Фаъолият: назорат баъди баҳодиҳии натиҷаҳо ва алоқаи мутақобила бо раванди назоратшаванда.

Қобили амал: фаъолияти бо истеҳсоли маҳсулот алоқаманд.

Хусусият: Ошкор намудан ва танзими фаврӣ ё ихтиёрӣ.

*Таъмини сифат.*

Мақсад: бунёди эътимод нисбати сифати маҳсулот.

Фаъолият: тамоми амалҳои идоракунии сифат, инчунин низомҳои ҳуҷҷатнок кардашудаи сифат ва аудитҳои сифат.

Қобили истифода: тамоми вазифаҳои корхона аз лоиҳакашӣ то хизматрасонӣ баъди фурӯш.

Хусусият: Огоҳонӣ.

*Менеҷменти сифат.*

Мақсад: беҳсозии доимии сифати маҳсулот.

Фаъолият: беҳсозии доимии равандҳо щгова ба тамоми чорабиниҳо оид ба таъмини сифат.

Қобили истифода: аз лоиҳакашии маҳсулот то хизматрасонӣ баъди фурӯш.

Хусусият: огоҳонӣ ва беҳсозӣ.

## 3.19 СТАНДАРТҲОИ НИЗОМИ МЕНЕҶМЕНТИ СИФАТ

Масъалаи сифати маҳсулот махсусан солҳои 80-уми асри XX тезутунд гардид. Дар тамоми ҷаҳон истеҳсоли маҳсулоти гуногун ба дараҷае расид, ки ҷиҳати интихоби он истеъмолкунанда ба мушкилоти зиёд дучор омад. Маҳз дар

ҳамин давра Ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартонӣ (ИСО) як қатор стандартҳоро таҳия намуд, ки дар онҳо талабот нисбати корхона-истеҳсолкунандаи маҳсулот мухтасар ифода карда шудаанд. Ин талабот аз он бармеояд, ки тамоми маҳсулоти ҳар як корхонаро комилан назорат намудан имконпазир нест. Бо вуҷуди ин, бо мақсади боварии комил доштан нисбати он ки корхона метавонад муддати тӯлонӣ тибқи хусусиятҳои додашуда босубот маҳсулот истеҳсол менамояд. баъзе талаботро ба менеҷменти сифати корхона мухтасар ифода кардан мумкин аст. Маҳз чунин талабот мундариҷаи стандартҳои силсилаи ИСО 9000 ҳисоб меёбанд.

***Стандартҳои байналхалқии силсилаи ИСО 9000:2000*** нисбати низоми менеҷменти сифат (НМС) талабот муқаррар менамоянд. Ин талаботро ташкилотҳо бо мақсади кафолатнок намудани қобилияти худ ҷиҳати пешниҳоди доимии маҳсулоти ба талаботи истеъмолкунанда ва талаботи ҳатмии мутобиқ (ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ) ҷавобгӯ истифода мебаранд.

***ХАСПТ1 (The Hazard Analysis Critical Control Point)*** - таҳлили хатарҳо ва нуқтаҳои назоратии ҳассос - низоме, ки барои муайян намудаки хатарҳои имконпазир ҷиҳати бехатарии маҳсулоти хӯрока дар раванди истеҳсол ва худи корхона, инчунин иқдоми амалҳои огоҳонии пешакӣ доир ба идоракунии онҳо кӯмак мерасонад.

***Стандартҳои силсилаи ИСО 14000*** - силсилаи стандартҳои байналхалқии ихтиёрӣ доир ба идоракунии ҳифзи муҳити зист (муносибати нави ба огоҳонӣ асосёфта нисбати ҳифзи муҳити зист).

Сандартҳои силсилаи ИСО 9000 аз чор стандартҳои асосии ба якчанд ҳуҷҷатҳои дигар асосёфта иборат аст:

ИСО 9000 НМС. Муқарраротй умумӣ ва луғат.

ИСО 9001 НМС. Талабот.

ИСО 9004 НМС. Тавсияҳо оид ба беҳсозии фаъолият.

ИСО 19011 Дастур оид ба менеҷменти сифат ва ё ҳифзи муҳити зист.

ИСО 9000 мукарраротй асосии низоми менеҷменти сифатро тавсиф менамояд ва барои ин низом истилоҳот муқаррар менамояд. Стандарта мазкур барои дарк намудани стандартҳои НМС нуқтаи ибтадой ҳисоб меёбад, чунки истилоҳоти асосии дар силсилаи ИСО 9000 ё маҷмӯи стандартҳо оид ба менедменти

сифат истифодашавандаро муайян менамояд. ИСО 9001 талаботро ба низоми менеҷменти сифат барои намоиши қобилияти истеҳсолкунанда чиҳати таъмини маҳсулоти ба талаботи истеъмолкунанда ва қонунгузории мутобиқ ҷавобгӯ муайян менамояд. Инчунин стандарта мазкур ба афзун намудани қаноатмандии истеъмолкунанда равона карда шудааст. ИСО 9004 ба мизоҷон дастур дойр ба беҳсозии доимии низоми менеҷменти сифатро бо тартибе пешниҳод менамояд, ки ниёз ва чашмдошти ҷонибҳои манфиатдор иҷро карда шаванд. ИСО 19011 - стандарта муштарак дойр ба амалигардонии аудитҳои (санҷишҳои) низоми менечменти сифат ва хифзи муҳити зист.

НМС тибқи ИСО 9000 хусусияти умумӣ дошта, хам барои соҳаҳои гуногуни истехсолот, ҳам барои хизматрасонӣ, инчунин ба корхонаҳои иктидорашон гуногун ва сохибкорони хусусӣ қобили истифода мебошад.

ИСО 9000 ба 8 принсипҳои менеҷменти сифат асос меёбад, ки роҳбарон бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти ташкилот ба он пайравӣ менамоянд:

*1. Таваҷҷуҳ ба истеъмолкунанда,* ки ба ичро намудани талаботи истеъмолкунанда ва кӯшиши пеш гузаштан аз ин талабот равона карда шудааст.

Одатан фаъолияти ташкилот аз истеъмолкунандагон вобаста аст. Бинобар ин ҳоҷатхои мавчуда ва минбаъдаи онҳоро ташкилот бояд дарк намояд, талаботашонро қонеъ гардонад ва кӯшиш намояд, ки нисбата чашмдошти онҳо афзалият дошта бошад. Донистани ҳоҷати мизоҷон имкон медиҳад, ки захирахои мавчуда танҳо барои истеҳсоли маҳсулоти кобили ниёзи мардум истифода гарданд. Чунин холат дар баробари таъмини қаноатмандии истеъмолкунанда истифодаи самараноки захирахоро мусоидат менамояд. Дар натида байни ташкилот ва истеъмолкунанда муносибати дарозмуддат барқарор карда мешавад.

Барои амалигардонии принсипи мазкур бояд:

- ҳодат ва чашмдошти истеъмолкунандагон омӯхта шаванд;
- мутобиқати мақсадҳои муқарраргардидаи ташкилот ба ҳоҷат ва чашмдошти истеъмолкунандагон таъмин карда шавад;
- кормандони ташкилот ҳочат ва чашмдошти истеъмолкунандагонро бояд донанд ва дарк карда тавонанд;

- дараҷаи қаноатмандии истеъмолкунандагон баҳо дода шуда, барои баланд бардоштани он чораҳои зарурӣ андешида шавад;

- менеҷменти муносибат бо истеъмолкунандагон мунтазам амалӣ гардонида шавад;

- тавозуни муносибат ҷихати таъмини қаноагмандии истеьмолкунанда ва шахсони дигари манфиатдори раванд (соҳиби корхона, ҳайати кормандон, пешниҳодкунандаи ашёи хом, сармоягузор, ҳукумати маҳаллӣ ва ҷомеа) риоя карда шаванд.

*2. Нуфузи роҳбарӣ* ба бунёд намудани муҳити дохилие, ки дар он кормандон ба менҷменти сифат пурра ҷалб карда мешаванд, равона карда шудааст.

Роҳбарон ягонагии мақсад ва самти фаъолияти ташкилотро муайян менамоянд. Онҳо бояд муҳити дохилиро тавре бунёд ва дастгирӣ намоянд, ки дар он самти фаъолияти кормандон барои ноил шудан ба мақсадҳои ташкилот равонашуда бошад. Чунин ҳолат имкон медиҳад:

- дарк намудани мақсадҳои ташкилот аз ҷониби кормандон ва хавасмандй чихати ноил шудан ба ин мақсадҳо;

-ба таври умумй баҳодиҳй, ҳамоҳангсозй ва амалигардонии фаъолият;

-таъмини мубодилаи иттилоот байни сатҳҳои гуногуни ташкилот дастрас гарданд.

Дар натича тамоми намуди фаъолияти ташкилот муҳокима ва муқоиса карда шуда, дар мувофиқа бо раванди технологии умумй амалй гардонида мешаванд.

Принсипи мазкурро риоя намуда, роҳбари корхона бояд:

- ҳоҷати тамоми ҷонибҳои манфиатдорро (истеъмолкунанда, корманд, пешниҳодкунанда, сармоягузор, ҳукумати маҳаллй, ҷомеа) донад ва ба эътибор гирад;

- дурнамои корхонаро возеҳ тасаввур карда тавонад;

- мақсад ва вазифаҳои ҷиддӣ гузошта тавонад;

- дар ташкилот арзишҳс ва амсилаи муносибати дар тавозун ва ахлок асосёфтаро бунёд ва дастгирй намояд;

- фазой эътимод ва мавҷуд набудани зӯровариро муқаррар намояд;

- ҳайати шахсиро бо маводҳои зарурӣ таъмин намуда, ба онҳо имконияги соҳиби маълумоти мутобиқ гардиданро муҳайё намояд;

- имконияти фаъолияти озод ва масуълиятноки кормандонро фароҳам орад;

- саҳми ҳар яки кормандро ба кори умумӣ хавасманд гардонад, кадр ва эътироф намояд.

3. *Ҷалб намудани ҳайати кормандон,* ки асоси корхонаро ташкил медиҳанд. Ҷалби кормандон ба идоракунӣ имкон медиҳад қобилияти онхо барои манфиати корхона самаранок истифода гардад.

Дар натиҷаи амалигардогога принсипи мазкур ташкилот дорои чунин бартариятхо мегардад:

- хайати кормандони боғайрат, самимӣ ва ба кори умумӣ ҷалбшуда;

-муносибати навоварона ва эҷодкорона ҷиҳати дастоварди мақсадхои ташкилот;

-масъулияти кормандон нисбати фаъолияти шахсӣ ва умумӣ;

- омодагии кормандон ҷиҳати иштирок ва саҳмгузорӣ дар такмили сифати маҳсулот.

Ба туфайли амалигардонии принсипи мазкур ҳайати кормандони корхона соҳиби қобилият ва хусусиятҳои зерин мегарданд:

- дарк карда тавонистани аҳамияти саҳм ва накши худ дар ташкилот;

- муайян карда тавонистани омилҳое, ки боиси садди дастовардҳо мегарданд;

- ба уҳда гирифта тавонистани масъулият ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҳалталаб;

- баҳо дода тавонистани дастовардхои худ дар муқоиса бо мақсад ва вазифахои шахсӣ;

- фаъолона ҷустуҷӯ намудани .имконияти афзун намудани салоҳият, дониш ва таҷриба;

- мубодилаи озоди дониш ва тачриба;

- ошкорона муҳокима намудани масъалаҳои ҳалталаби мавҷуда ва минбаъда.

4. *Муносибати равандӣ,* ки ба самаранок дастрас намудани натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонад.

Агар фаъолият ва захираҳои истифодашаванда ҳамчун раванд идора карда шаванд, натиҷаи ба нақша гирифташуда самаранок ноил мегардад.

Ҳангоми амалигардонии муносибати равандӣ зарур аст:

- мунтазам муайян намудани иқдомҳое, ки барои ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳ заруранд;

- муқаррар намудани масъулияти амик барои менечменти намудҳои асосии фаъолият;

- андозагирӣ ва таҳлили имконияти намудҳои асосии фаъолият;

- муайян кардани алоқамандик байнихамдигарии намудхои асосии фаъолият дар ҳудуди зсрсохторҳо ва байни сохторҳои ташкилот;

- таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба омилҳое (захира, усул ва маводҳо), ки намудхои асосии фаъолияти ташкилотро беҳтар мекамоянд;

- баҳо додани таҳдид, таъсир ва натиҷаи фаъолият нисбати истеъмолкунанда, пешниходкунанда ва ҷонибҳои дигари манфиатдор.

Истифодаи нринсипи мазкур чунин бартариятҳои асосӣ дорад:

- кам шудани хароҷот ва ихтисор шудани давомнокии давраи истехсолотӣ аз хисоби истифодаи натичабахши захираҳо;

- натичаҳои нисбатан дакиқ, мувофиқ ва пешбинишуда;

- таваччухи асосӣ ба имкониятҳои беҳсозии сифат ва чобачо гузоштани онҳо аз рӯи афзалият.

Ҳамчоя ва тавозун кардани равандҳо бартарияти амалӣ гардонидани принсипи мазкур хисоб меёбанд. Амали мазкур самаранок гардидани онҳоро ҳангоми иҷрои равандҳо дар алоҳидагӣ ва алоқамандӣ имкон медиҳад. Чунин ҳолат барои чудо намудани равандҳои асосӣ ва такмил додани онҳо имконият фароҳам меорад. Дар натиҷа нисбати алоқамандӣ, натиҷабахшӣ ва самаранокии намудхои асосии фаъолияти ташкилот боварии қатъй ба вучуд меояд.

5. *Низоми идоракунӣ* - ошкор, дарк ва идора намудани равандҳои бо ҳам алоқаманд ҳамчун низом самаранокӣ ва натиҷабахшии дастоварди ташкилотро нисбати максадҳои гузошташуда мусоидат менамояд. Чунин муносибат дар асосӣ

таҳлили талаботи истеъмолкунанда муайян кардани раванди иетеҳсоли маҳсулотро водор месозад.

Барои амалигардонии принсипи мазкур амалҳои зерин заруранд:

- ба сохторҳо ҷудо намудани ташкилот барои бо усулҳои самаранок ва натиҷабахш ноил шудан ба мақсад;

- дарк намудани вобастагии байниҳамдигарии равандҳо дар низом;

- таъмини дарки накш ва масъулият ҷиҳати ноил шудан ба мақсади асосӣ;

- дарк намудани имкониятҳои ташкилот ва муқаррар намудани захираҳои зарурӣ то оғози фаъолияти истеҳсолй;

- нишон додан ва муайян кардани намудҳои махсуси фаъолият дар низом;

- беҳсозии доимии низом тариқи андозагирӣ ва баҳодиҳии фаъолият.

Принсипи мазкур чунин бартариятҳои асосй дорад:

- ҳамгирой ва мутобиқсозии равандҳое, ки дастоварди натиҷаи дилхоҳро ба андозаи зиёдтарин мусоидат менамояд;

- таваҷҷуҳ ба равандҳои муҳим;

- таъмини боварии ҷонибҳои манфиатдор ба ҳамоҳангй, натиҷабахшй ва самаранокии фаъолията ташкилот.

***6. Беҳсозии доимӣ,*** ки мақсади доимии ташкилот мегардад.

Мақсади доимии ташкилот бояд беҳсозии мунтазами дастовардҳои назарраси он бошад. Ба туфайли чунин сиёсат ташкилот соҳиби бартарияти муҳими рақобатпазирй мегардад, ки дар он мавчуд будани сохтори ташкилии худтакмилшавандаро гувоҳй медиҳад. Дар натиҷа чобукй ва зуддии эътино ба имкониятҳои нави бозор ба амал меояд. Тамоми намуди фаъолият оид ба беҳсозии дастовардҳои ташкилот дар ҳамаи сатҳҳои он бояд бо мақсадҳои умумии рӯзмаррааш алоқаманд бошанд.

Принсипи идоракунии мазкур ба туфайли амалҳои зерин ҷорӣ карда мешаванд:

- истифодаи муносибати алоқавӣ дар тамоми ташкилот ва қисматҳои алоҳидаи он бо мақсади беҳсозии доимии нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона;

- таъмини сохибмаълумотии хайати шахсй дойр ба усул ва воситаҳои беҳсозии доимӣ ва андозагирӣ бо мақсади мушоҳида намудани номутобиқатихо;

- эътирофи ҳолати воқеии амалхо ва муайян намудани самти фаъолияти минбаъда.

Бартариятҳои асосии принсипи мазкур чунинанд:

- афзун гардонидани самаранокӣ тариқи такмили имкониятҳои ташкилот;

- алоқаманд намудани чорабиниҳо дойр ба такмил дар ҳамаи сал^ҳҳо бо вазифаҳои рӯзмарраи ташкилот;

- ба зуддй дарк ва истифода намудани имкониятҳои мусоид.

*7. Қабули қарор дар асоси далелҳо,* ба таҳлили маълумот ва иттилоот асос ёфтаанд.

Натиҷаи чунин муносибат қабули қарор дар асоси маълумоти вокеӣ ҳисоб меёбад, ки ғаразнокӣ ва хатогиҳоро истисно менамояд. Дар шахсоне, ки қарор қабул менамоянд, кобилияти мушоҳида намудани омилҳои ҳақиқии воқеияг вусъат меёбад ва онҳо аз тағйир додани ақидаҳои далелноки худ наметарсанд.

Барои бомуваффақият истифода намудани принсипи мазкур иҷрои чунин амалхо заруранд:

- таъмини кафолати эътиборнокй ва зътимоднокии маълумотҳо ва иттилоот;

- дастрасии маълумот ва иттилоот ба кормандоне, ки ба он ниёз доранд;

- таҳлили маълумот ва иттилоот бо истифодаи усулхои озмудашуда;

- қабули карорҳо ва икдоми амалхо дар асоси таҳлили воқей, ки бо назардошти таҷриба ва идрок тавозун шудаанд.

Истифодаи принсипи мазкур чунин бартариятҳо дорад:

- қабули карорҳо дар асоси иттилоот;

- баланд шудани қобилияти тасдиқ намудани натиҷабахшии қарорҳои қабулшуда бо роҳи ишора ба маълумотҳои воқеан ба қайд гирифташуда;

- афзудани қобилият ҷиҳати таҳлил, изҳори шакку шубҳа ва тағйир додани ақида ва карорҳо.

***8. Муносибати манфиати мутақобила дошта бо пешпиҳодкунандагоп,*** аз дарк намудани алоқамандии онҳо сарчашма мегирад.

Ташкилот ва пешниҳодкунанда бо ҳам алоқамананд ва муносибати манфиати дуҷонибадоштаи онҳо имконияташонро дар самти бунёди сарват афзун мегардонад.

Барой самаранок ҷорӣ намудани приксипи мазкур дар идоракунии ташкилот амалҳои зерин бояд идро шаванд:

- мукаррар кардани муносибатҳои дуҷонибае. ки бурдҳоро дар муддати кӯтоҳ ва эҳтироми тарафайнро ба давраи дарозмуддат тавозун менамоянд;
- муайян ва интихоб намудани пешниходкунандаи асосӣ;
- муносибати кушод ва ошкоро бо ҳарифон;
- ҳамоҳангсозии иттилоот ва нақшаҳо барои оянда;
- рӯҳбаланд, ҳавасманд ва эътироф кардани беҳбудӣ ва дастовардҳои пешниҳодкунандагон.

Бартариятҳои асосии принсипи мазкур чунинанд:

- афзудани қобилияти ташкилот ва пешниҳодкунанда ҷиҳати бунёди сарват;
- чобукӣ ва зуддии эътинои муштарак нисбати тағйироти бозор ё талабот ва чашмдошти истеъмолкунандагон;
- муносиб кардани сарфи хароҷот ва захираҳо.

Принсипҳои пешниҳодшуда ҷиҳати идоракунии сифат дар доираи ташкилоти мушаххас бо тарзҳои гуногун, вобаста аз хусусиятҳои хос ва мақсадҳои назди онҳо гузошташуда, метавонанд истифода шаванд.

## 3.20 ҲИФЗИ ҲУКУҚИ ИС ТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

**Ҳукуки истеъмолкунандагон ҷиҳати харидани моли дорои сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатӣ бехатар тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» (бори нахуст соли 1997 ва соли 2004 дар таҳрири пав кабул шудааст) кафолат дода мешавад.** Қонуни мазкур муносибатҳои байни истеъмолкунанда ва истеҳсолкунанда, иҷрокунанда, фурӯшандаро ҳангоми фурӯши маҳсулот (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба танзим даровnapда, ҳуқуқи истеъмолкунандаро барои харидани маҳсулоти (кори, хизматрасонии) дорои сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатӣ бехатар, гирифтани маълумот доир ба маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандаи (иҷрокунандаи, фурӯшандаи) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати

онҳоро муқаррар ва тарзи татбиқи ин ҳуқуқҳоро муайян менамояд. Вале қонун дар он вақт амалӣ туда метавонад, ки агар истеъмолкунанда қуқуқҳои худро ҳимоя карда тавонад.

*Истеъмолкунанда* шаҳрванде мебошад, ки барои эҳтиёҷоти шахсии худ маҳсулот (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) харидорӣ менамояд (фармоиш медиҳад) ва ё нияти харидани (фармоиш додани) онро дорад. Саволе ба миён меояд, ки чаро мо фақат шаҳрвандро истеъмолкунанда меномем, вале ташкилотро (корхона, муассисаро) не. Дар ҳақиқат ташкилот низ барои эҳтиёҷоти худ маҳсулоти муайян харидорӣ мекунад ва аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳамчун истеъмолкунанда ҳисоб меёбад. Фарқияти асосӣ дар он аст, ки манфиати ташкилотро хама вақт ҳуқуқшинос ва иқтисодчиёни таҷрибадор ҳимоя менамоянд. Шаҳрванд бошад, ҳимоятгари касбӣ надорад ва ҳуқуқҳои худро бояд мустақилона ҳифз намояд. Дар ин асос минбаъд истеъмолкунандаро ҳамчун шаҳрванд баррасӣ менамоем.

Дар моддаи 3 ҳуқуқи истеъмолкунанда чунин муайян шудааст:

- маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда;
- маълумот дойр ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандаи (иҷрокунандаи, фурӯшандаи) он;
- бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ);
- интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ);
- сифати муносиби мол (кор, хизматрасонӣ);
- чуброни пурраи зараре (зиёне), ки бинобар нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст;
- ҳимояи ҳуқуқҳои худ;
- таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон;
- пешниход кардани таклифу дархост ба истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ҷиҳати беҳтар кардани сифати мол (кор, хизматрасонӣ).

**Барои қимояи ҳуқуқҳои мазкур қонун чунин амалҳоро манъ кардааст:**

- **истеҳсол, нигохдошт, фурӯши моли қалбакӣ, ки истифодаи он ба ҳаёт, саломагӣ, бехатарӣ ва амволи истеъмолкунанда зиён расонида метавонад;**

**- истеҳсол, нигохдошт, фурӯши моле, ки сертнфикатснякунонида нашудааст ва ё дорои ҳуҷҷатҳои зарурӣ нест, инчунин нигоҳ доштану ба фурӯш баровардани моле, ки мухдати истифодааш гузаштааст ва ё ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ нест.**

Хуқуқ доштани истеъмолкунанда ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо роҳи ба барномаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дохил намудани асосҳои дониши истеъмолӣ (матлуботӣ) ва ҳамчунин ташкили низоми огоҳонии истеъмолкунанда дар бораи ҳуқуқҳояш ва амалҳои зарурии ҳимояи ин ҳуқуқҳо таъмин карда мешавад.

**Гавассути моддаи 14 ҳар як истеъмолкунанда бояд донад, ки дар ҳолати харидорӣ намудани моли нуқсондор «зарари дар натиҷаи нуксони сохт, истеҳсолӣ, дастурӣ ва дигари мол ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи истеъмолкунанда расониндашуда пурра ҷуброн карда мешавад».**

Моли калонҳаҷм ва моли вазнаш зиёда аз панҷ килограмм барои таъмир, паст кардани нарх, иваз намудан ва баргардонидан ба истеъмолкунанда бо қувва ва аз ҳисоби фурӯшанда (истеҳсолкунанда) интиқол дода мешавад. Агар ин вазифа иҷро нагардад, инчунин ҳангоми набудани фурӯшанда (истеҳсолкунанда) худи истеҳсолкунанда метавонад молро ба маҳалли зисти истеъмолкунанда расонад ва аз он до баргардонад. Ҳамзамон фурӯшанда (истеҳсолкунанда) вазифадор аст хароҷоти истеъмолкунандаро ҷиҳати интиқол ва баргардонидани моли мазкур дуброн намояд.

Дар моддаи 21 чунин омадааст: дар ҳолаги нуқсони маҳсулотро ошкор кардани истеъмолкунанда ва пешниҳод намудани галабот оид ба ивази он, фурӯшанда (истеҳсолкунанда) вазифадор аст ин маҳсулотро фавран иваз намояд. Дар сурати зарурати тафтиши иловагии сифати чунин маҳсулот аз тарафи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ивази он аз санаи пешниҳод кардани талаботи зикргардида дар давоми 14 рӯзи таквимӣ амалӣ гардонида мешавад. Агар фурӯшанда (истеҳсолкунанда) дар рӯзи пешниҳод намудани талаботи мазкур моли ивазшаванда надошта бошад, чунин молро бояд дар давоми як моҳи баъди пешниҳод намудани талабот иваз намояд.

Талаботи истеъмолкунанда нисбати мутаносибан кам кардани нархи хариди моли дорой сифати номатлуб, ҷуброни хароҷот аз тарафи истеъмолкунанда ё шахси сеюм барои рафъи нуқсони мол, инчунин ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи бекор кардани шартномаи хариду фурӯш (ба истеҳсолкунанда баргардонидани моли дорой сифати номатлуб) ба истеъмолкунанда расидааст, аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда) бонд қонеъ гардонида шавад. Муҳлати ниҳоии қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда аз рӯзи пешниҳод намудани талаботи дахлдор аз ҳафт рӯз ва ҳангоми зарурати амалигардонии экспертиза аз чаҳордаҳ рӯзи тақвимӣ зиёд буда наметавонад (моддаи 22).

Фурӯшанда метавонад талаботи истеъмолкунандаро танҳо дар ҳолате рад намояд, ки гуноҳи истеъмолкунанда аз ҷониби экспертизаи техникии дар соҳаи мазкур қонунан амалкунанда собит карда шавад. Ҳангоми амалигардонии экспертизаи мазкур истеъмолкунанда метавонад бевосита ' ё ба воситаи шахси бовариноки худ иштирок намояд.

Аз имкониятҳои дар боло зикршуда истеъмолкунанда метавонад дар давоми муҳлати кафолатӣ ё мухдати коршоямии мол, ки истеҳсолкунанда муайян намудааст, истифода намояд.

Истеъмолкунандае, ки ба ӯ моли дорой сифати номатлуб фурӯхтаанд ва ӯро фурӯшанда пешакӣ аз он огоҳ накардааст, бояд тарзи дурусти муроҷиатро риоя намояд. Дар навбати аввал шикояти худро ба фурӯшанда ё истеҳсолкунанда (дар шакли хаттӣ, дар хусуси бартараф кардани нуқсон, ба таври ройгон иваз кардан ва ё пардохтани маблаге, ки бароиислоҳи он аз ҷониби истеъмолкунанда харҷ шудааст) пешниҳод намояд. Хуҷҷати тасдиққунандаи харидории молро надоштани истеъмолкунанда барои қонеъ нагардонидани талаботи ӯ асос туда наметавонад (Моддаи 18) .

Дар баробари шикоят истеъмолкунанда бояд нусхаи чеки хазина ё ягон ҳуҷҷати дигареро, ки аз ҳамин нуқта харидорӣ шудани молро собит месозад, пешниҳод намояд.

Дар қолати аз ҷониби фурӯшанда қонеъ нагардонидани талаботи истеъмолкунанда ва ё ба таври хаттӣ дар давоми 14 рӯз ҷавоб нагирифтан, тибқи қонунҳои ҷорӣ ӯ ҳуқуқ дорад ба мақомоти махсуси ҳимоякунандаи ҳуқуқи истеъмолкунанда ва ё ба додгоҳ муроҷиат намояд.

Риояи қонунгузориро дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ыазорат мекунад. Мақомоти мазкур ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои ошкор гардидани вайронкуниҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои хифзи ҳуқуқи онҳо ба суд мурочиат намояд, аз ҷумла оид ба қатъи фаъолияти истеҳсолкунанда (ичрокунанда, фурӯшанда) ё фаъолияти сохибкори инфиродй барои вайронкунии бисёркарата ва дагалонаи ҳуқуқҳои бо қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқй муқарраршудаи истеъмолкунандагон, инчунин ба соҳибкорони инфиродй оид ба мачбурӣ ситонидани ҷарима барои саркашй аз ичрои амрияҳо ё барои сари вақт ичро накардани онҳо ба суд даъво пешниҳод кунад.

Бо мақсади таъмини бехатарии махсулот (кор, хизматрасонй) макомоти стандартизатсия метрология сертификация ва нозироти савдо, мақомоти назорати санитарию эпидемиологй, макомоти экспертиза ва сертификатсияонии маҳсулоти фармасевтӣ ва молҳои таъиноти тиббй, мақомоти ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табий ва дигар мақомоти идоракунии давлатй дар доираи салохияти худ назорати сифат ва бехатарии махсулот (кор, хизматрасонй)-ро амалй мегардонанд.

Барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар назди мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияги давлатй сохторҳои дахлдор ташкил карда мешаванд. Инчунин шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон ихтиёран муттахид гарданд.

Моҳи июли соли 2002 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи ҷамъиятӣ, ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ - Иттифоқи истеъмолкунандагон таъсис ёфтааст. Мақсади таъсиси ин муассиса - кӯмаки хамаҷонибаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати истеъмолкунандагон ва ташаккули бозори софдилона ва рақобагпазири маҳсулот ва хизматрасонй дар кишвар мебошад. Афзалияти фаъолияти Иттифоқи истеъмолкунандагон ба он асос меёбад, ки ба таракдиёти муносибатҳои софдилонаи демократии бозоргонӣ, мустаҳкам намудан ва рушди соҳаи соҳибкорӣ ва рақобати озод мусоидат намояд.

Саволҳои назоратӣ

1. Мафҳуми сертификатсияро кай ва кадом ташкилот таҳия намудааст?
2. Мафҳуми сертификатсияро шарҳ диҳед.
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» кай қабул гардидааст?
4. Кадом мафҳумҳои асосии баҳодиҳии мутобиқатро медонед?
5. Баҳодиҳии мутобиқат бо кадом мақсадҳо амалӣ гардонида мешавад?
6. Амалигардонии баҳодиҳии мутобиқат ба кадом принсипҳо асос ёфтааст?
7. Объектҳои баҳодиҳии мутобикат кадомхоянд?
8. Субъектҳои баҳодиҳии мутобиқат киҳо мебошанд?
9. Баходихии мутобиқат дар кадом намудҳо амалй гардонида мешавад?
10. Ҳуҷҷатҳок баҳодиҳии мутобиқатро номбар кунед.
11. Мафҳуми аккредитониро шарҳ диҳед.
12. Аккредитонӣ кай муайян карда шудааст?
13. Ҳамкории бйкалхалқӣ оид ба аккредитонӣ кай бунёд шудааст?
14. Аккредитонй ба чӣ равона карда шудааст?
15. Аккредитонӣ бо кадом мақсадҳо амалй гардокида мешавад?
16. Аккредитонӣ ба кадом принсипҳо асос меёбад?
17. Аккредитонии ташкилотҳоро кадом мақомот амалй мегардонад?
18. Шӯро оид ба аккредитонй кадом масъалаҳоро баррасӣ ва ҳал менамояд?
19. Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои дархосткунанда кадом маълумотҳоро дар бар мегирад?
20. Дархосткунанда ба мақомоти аккредитонй кадом маълумотҳо пешниҳод менамояд?
21. Ӯҳдадориҳои дархосткунандагони аккредитонй кадомҳоянд?
22. Аккредитонй кадом марҳалаҳоро дар бар мегирад?
23. Дархост ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳои дархосткунанда бо кадом мақсад баррасй мегарданд?
24. Ҳангоми мусбат будани қарор мақомот оид ба аккредитонй кадом амалҳоро иҷро менамояд?

25. Низоми давлатии аккредитонӣ чиҳоро дар бар мегирад?
26. Талабот нисбати салоҳияти техникии озмоишгоҳ чӣ гуна тафриқа шудаанд?
27. Стандартҳои силсилаи EN 45000 кадом талаботро муқаррар менамояд?
28. Аккредитации озмоишгоҳи санҷишӣ бо кадом мақсад амалӣ гардонида мешавад?
29. Мақсадҳои сертификатсия чӣ гуна тасвият карда мешаванд?
30. Мафҳуми сертификатсия кай ва бо кадом сабаб ба амал омадааст?
31. Кадом ҳуҷҷатҳои сертификатсия муқаррар шудаанд?
32. Стандартҳои низоми сертификатсия кай ҷорӣ карда шудаанд?
33. Сабаби ба вуҷуд омадани сертификатсия дар чист?
34. Дар ҶТ сертификатсия ба таври расмӣ кай ҷорӣ карда шуд?
35. Фаъолияти сертификатсия дар ҶТ бо кадом санадҳои қонунгузорӣ танзим ва таъмин карда мешаванд?
36. ҶТ аъзои кадом ташкилотҳои байналхалқӣ ва байнидавлатӣ (минтакдвӣ) мебошад?
37. Дар ҶТ кадом қонунхои ба санадҳои байналхалқӣ мутобиқ кардашуда қабул гардидаанд?
38. Сертификатсия бо кадом мақсадҳо амалӣ гардонида мешавад?
39. Амалигардонии сертификатсия ба кадом принсипҳо асос меёбад?
40. Сергификатсияи ҳатмиро шарҳ диҳед.
41. Мақсади асосии сертификатсияи ҳатмӣ дар чист?
42. Сертификатсияи ҳатмӣ нисбат ба кадом объектҳои баҳодиҳии мутобиқат амалӣ гардонида мешавад?
43. Корҳои сертификатсияи ҳатмиро кадом мақомот анҷом медиҳад?
44. Нисбати объектҳои баҳодиҳии мутобиқат, ки ҳатман сертификатонида мешаванд, кадом меъёрҳо муқаррар карда мешаванд?
45. Дар номгӯйи объектҳои баҳодиҳии мутобиқат, ки ҳатман сертификатонида мешаванд, чиҳо муқаррар карда мешаванд?
46. Сертификатсияи ихтиёрӣ бо кадом максад амалӣ гардонида мешавад?

47. Сертификатсияи ихтиёриро кадом субъектҳо амалӣ менамоянд?
48. Дархосткунандаи сертификатсияи ихтиёрӣ кадом амалҳоро ичро менамояд?
49. Объектҳои сертификатсияи ихтиёрӣ кадомҳоянд?
50. Пояҳои меъёрии сертификатсияро номбар кунед.
5 і. Моҳияги баҳодиҳии мутобиқат дар чист?
52. Барой амалигардонии сертификатсия чиҳо асос меёбакд?
53. Хусусиятҳои асосии сертификатсия кадомҳоянд?
54. Эълом кардани мутобиқат аз тарафи дархосткунанда бо кадом тарзҳо амалӣ мегардад?
55. Эъломия оид ба мутобиқат кадом маълумотҳоро дар бар мегирад?
56. Тарҳи сертификатсияро шарҳ диҳед.
57. Тарҳҳои сертификатсия дар кадом асос муқаррар карда мешаванд?
58. Моҳияти тарҳи сертификатсия дар чист?
59. ИСО чанд тарҳи сертификатсияро муайян намудааст?
60. Ба сифати тарзҳои исбот кадом амалҳо истифода мешаванд?
61. Санҷиши намудро бо мисолҳо шарҳ диҳед.
62. Санҷиши истеҳсолот кадом вақт истифода мешавад?
63. Назорати нозиротӣ бо кадом мақсад амалӣ гардонида мешавад?
64. Назорати нозиротӣ дар кадом тарҳҳо пешбинӣ шудааст?
65. Назорати нозиротӣ бо кадом тартиб амалӣ гардонида мешавад?
66. Назорати нозиротии берун аз нақша дар кадом ҳолатҳо амалӣ гардонида мешавад?
67. Кадом тарҳҳои сертификатсия ба истифодаи эъломияи пешниҳодкунанда асос ёфтаанд?
68. Кадом тарҳҳо ба сертификатсияи низоми сифат мансубанд?
69. Дархосткунанда кист?
70. Сертификатсияи махсулот кадом марҳалаҳоро дар бар мегирад?
71. Қарори мақомоти оид ба сертификатсия ваколатдоршуда кадом шароити сертификатониро дар бар мегирад?
72. Дастчини намунаҳоро барои санҷиш кӣ амалӣ мегардонад?
73. Ҳаммонандкунӣ бо кадом мақсад гузаронида мешавад?

74. Намунаҳо барои санҷиш дар кадом озмоишгоҳҳо санҷида мешаванд?
75 . Санҷиши истеҳсолот кадом вақт амалӣ гардонида мешавад?
76. Шаклҳои тасдиқи мутобиқат кадомҳоянд?
77. Иштирокдорони сертификатсия киҳо ҳисоб меёбанд?
78. Истеҳсолкунандагон (фурӯшандагон, иҷрокунандагон) кадом ӯҳдадориҳо доранд?
79. Мақомот оид ба сертификатсия дорой кадом ҳуқуқҳо мебошад?
80. Эксперт оид ба сертификатсия чӣ масъулият дорад?
81. Низоми сифат чист?
82. Стандартҳо нисбати идоракунии низоми сифат бори нахуст кай таҳия шудаанд?
83. Стандартҳои сертификатсияи низоми сифатро номбар кунед?
84. Объектҳои баҳодиҳии низоми сифат кадомҳоянд?
85. Субъехтҳои сертификтсияи низоми сифат киҳо ҳисоб меёбанд?
86. Вазифаҳои дархосткунандаи сертификатсияи низоми сифат кадомҳоянд?
87. Комиссияи санҷиши низоми сифат чӣ вазифаҳо дорад?
88. Марҳалаҳои сертификатсияи низоми сифатро номбар кунед.
89. Марҳалаи пешазсертификатсия кадом корҳоро дар бар мегарад?
90. Баҳодиҳии пешакии низоми сифат кадом амалҳоро дар бар мегарад?
91. Ҳангоми санҷиши ниҳоӣ ва баҳодиҳии низоми сифат кадом амалҳо иҷро мешаванд?
92. Назорати нозиротии низоми сифати сертификатсиякунонидашуда бо кадом мақсад амалй гардонида мешавад?
93. Квалиметрия чист?
94. Вазифаҳои асосии квалиметрия кадомҳоянд?
95. Сифати маҳсулот чист?
96. Кадом тасвияҳои мафҳуми сифатро медонед?
97. Кадом усулҳои муайян намудани сифати маҳсулогро медонед?
98. Нишондиҳандаи сифати маҳсулот чист?

99. Кадом нишондиҳандаҳои сифати махсулотро медонед?
100. Хосиятҳои эътимоднокӣ кадомҳоянд?
101. Нишондиҳандаҳои меҳнатшиносӣ кадом сифатҳоро дар бар мегиранд?
102. Доираи дастоварди сифат кадом марҳалаҳоро дар бар мегирад?
103. «Ҷанбаҳои инсонии сифат» чиро ифода менамояд?
104. Принсипи пешоҳангии роҳбар ба чӣ равона карда шудааст?
105. Усули омории идоракунии сифатро шарҳ диҳед.
106. Низоми маҷмӯии идоракунии сифати маҳсулот чист?
107. Мақсади асосии идоракунии сифати маҳсулот аз чӣ иборат аст?
108. Такомули менеҷменти сифат чист?
109. Кадом стандартхои низоми менеҷменти сифатро медонед?
110. Принсипҳои асосии менеҷмеиги сифатро номбар кунед.

# АДАБИЁТ

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- > Дар бораи бамеъёрдарории техники.
- > Дар бораи стандартизасия.
- > Дар бораи баҳодиҳии мутобикат.
- > Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ.
- > Дар бораи таъмини ченаки ягона.
- > Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.
- > Маҷаллаи «Стандарт ва сифат»


1. Баскаков М.И. Сертификация продукции и услуг с основами стандартизации и метрологии: Учеб.пособие. - Ростов-на-Дону: Издательский центр «МарТ», 2000. - 256 с.
2. Белкин И.М. Средства линейно-угловых измерений: Справочник. - М.: Машиностроение, 1987. - 368 с.
3. Билолов И. Б., «ТОҶИКСТАНДАРТ» мақсад ва ҳадафҳо. Нашрияи «Рӯшноӣ», Душанбе, 2002.
4. Бирюков Г.С., Серко А.Л. Измерение геометрических величин и их метрологическое обеспечение. - М.: Изд-во стандартов, 1991. -368 с.
5. Болдин Л.А. Основы взаимозаменяемости и стандартизации в машиностроении. - М.: Машиностроение, 1984. - 272 с.
6. Брянский Л. Н., Дойников А.С. Краткий справочник метролога.: Изд-во стандартов, 1991. - 79 с.
7. Бурдун Г.Д., Маркин Б.Н. Основы метрологии. - М.: Изд-во стандартов, 1972.-312с.
8. Бурдун Г.Д. Справочник по Международной системе единиц. Изд. 2-е, доп. - М.: Изд-во стандартов, 1977. - 232 с.
9. Взаимозаменяемость, стандартизация и управление качеством продукции. / Радкевич Я.М., Сычев Л.С., Тимофеев В.Б., Черни А.В. - М.: МГГУ, 1991. - 88 с.
10. Восканян Г. А., Русско - персидский словарь. М.: Русский язык, 1986.
11. Государственная низом стандартизации: Сб. стандартов. - м.: Госстандарт России, 1994. - 134 с.

12. Дунин-Барковский И.В. Взаимозаменяемость, стандартизация и технические измерения. — М.: Машиностроение, 1975. - 352 с.
13. Иванов А.Г. Измерительные приборы в машиностроении. - М.: Изд-во стандартов, 1981. - 496 с.
14. Коротков В.П., Тайц Б.А. Основы метрологии и теории точности измерительных устройств. - М.: Изд-во стандартов, 1978. - 352 с.
15. Крылова Г.Д. Основы стандартизации, сертификации, метрологии: Учебник для вузов. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 1999 -711 с.
16. Круглов М.Г., Шишков Г.М. Управление качеством TQM: Учеб.пособие. - М.: МГТУ «Станкин», 1999. - 234 с.
17. Крысин Л. П. Толковый словарь иноязычных слов. М.: Руский язык. 2003.
18. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикй). - Душанбе: Ирфон, 2007. - 616 с.
19. Лактионов Б.И., Радкевич Я.М. Метрология и взаимозаменяемость: Учеб.пособие. - М.: Изд-во МГГУ, 1995.-216 с.
20. Лифиц М.И. Основы стандартизации, метрологии и сертификации: Учебник. - 2-е изд., испр. И доп. - М.: Юрайт-М, 2001.-268 с.
21. Лугати русӣ - тоҷикӣ. М.: Русский язык, 1985.
22. Медведев А.М. Международная стандартизация: Учеб. Пособие. - М.: Изд-во стандартов, 1988. - 288 с.
23. Международные и региональные организации по стандартизации и качеству продукции. - М.: Изд-во стандартов, 1990.-216 с.
24. Мирзабекян Ж.М., Фарҳанги политехникии русй ба форсй. М.: Русский язык, 1983.
25. Мирзомидинов И. М., Ғаниев И. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти соҳаи метрология, стандартизатсия ва серткфикатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ. Душанбе: Ирфон, 2011.
26. Назарзода С. Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорй (англисӣ - русй - тоҷикӣ - форсй). Душанбе, ҶС «Матлубот» - и Вазорати фарҳанги ҶТ, 2005.

27. Никифоров А.Д. Взаимозаменяемость, стандартизация и технические измерения: Учеб, пособие для машиностроит. спец. Вузов. - М.: Высшая школа, 2000. - 510 с.
28. Новицкий Н.И., Олесюк В.Н. Управление качеством продукции: Учеб, пособие. - Минск: Новое знание, 2001. -- 238 с.
29. Основы стандартизации / Под ред. В.В. Ткаченко. - М.: Изд-во стандартов, 1986. - 327 с.
30. Политехнический словарь. М.: Советская энциклопедия. 1989.
31. Ряполов Ф.А. Сертификация. Методология и практика. - М.: Изд-во стандартов, 1987. -232 с.
32. Сергеев А.Г, Крохин В.В. Метрология: Учеб, пособие для вузов. - М.: Логос, 2001. - 408 с.
33. Сергеев А.Г, Латышев М.В. Сертификация: Учеб, пособие для студентов высших и средних учебных заведений. - М.: Логос 2001. - 216 с.
34. Низом сертификации ГОСТ Р: Сборник документов. - М.: Изд-во стандартов, 1993. - 84 с.
35. Солод Г.И. Основы квалиметрии: Учеб, пособие. - М.: МГГУ, 1991.-84 с.
36. Таныгин В.А. Основы стандартизации и управления качеством продукции: Учеб, пособие. - М.: Изд-во стандартов, 1989. 208 с.
37. Тищенко О. Ф., Валединский А. С. Взаимозаменяемость, стандартизация и технические измерения. - М.: Машиностроение, 1977. - 357 с.
38. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Зери таҳрири С. Назарзода, А Сангинов, С. Каримов, М-Қ. Султон. Иборат аз 2 ҷилд. Пажухишгоҳи забои ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, 2008.
39. Ҷӯраев Т.Қ, Лугати касбу хунар оид ба металлкоркунӣ. Душанбе: Ирфон, 1992.
40. Якушев А.И. Взаимозаменяемость, стандартизация и технические измерения. - М.: Машиностроение, 1979. - 343 с.
41. Январ Шукурии Самарканда Бузургихои физикӣ ва низоми байналхалқии воҳидҳо: (СИ): Васоити таълим. - Душанбе: Маориф, 1991.

## ЗАМИМАИ 1
### Ташкилотҳои миллӣ оид ба стандартизатсия

| Кишвар | Соли таъсис | Мавзеъи чийгнршавй | Вазъи хукукй | Микдори стандартхо | Вазъи стандартхо |
|---|---|---|---|---|---|
| Олмон (DIN) | 1917 | Берлин | Хусусй | 20 000 | Ихтиёрй |
| Канада (CCS) | 1970 | Оттава | Давлатй | 870 | Ихтиёрй |
| Хктой (SCBS) | 1957 | Бейҷинг | Давлатй | 11 000 | Ҳатмй |
| Испания (AENOR) | 1952 | Мадрид | Хусусй | 7 800 | Ихтиёрй |
| Фаронса (AFNOR) | 1926 | Париж | Хусусй | 15 000 | Ихтиерй |
| Итолиё (UNI) | 1921 | Милан | Хусусй | 7 580 | Ихтиёрй |
| Япония (JISC) | 1949 | Токио | Давлатй | 8 200 | Ихтиёрй |
| Британиёи кабир (BSI) | 1901 | Лондон | Давлатй | 10420 | Ихтиёрй |
| СССР (Ростехрегулирование) | 1926 | Москва | Давлатй | 22750 | Ихтиёрй |
| ИМА (ANSI) | 1918 | Ню-Йорк | Хусусй | 8 500 | Ихтиёрй |
| (DoD) | 1915 | Вашингтон | Давлатй | 60 000 | Ҳатмӣ |

## ЗАМИМАИ 2
### Оятҳо аз сураҳои қуръони карим оид ба чену вазн

***6. Су рай Анъом (Чаҳорпоён)***

***152. ...ва паймонаву тарозуро ба инсоф гЛамом кунед!***

***7. Су рай Аъроф (Баландаҳо)***

***85. ...паймонаву тарозуро томом диҳед ва ба мардум ашёи онҳоро ноқис. мадиҳед; ва дар замин - баъди ислоҳи он ~ фасод макунед!***

***17. Сураи Перо (Бурдан ба шаб)***

***35. Ва чун паймона кунед, паймонаро томом кунед ва бо тарозуи рост бисанҷед, ин беҳтар ва ба окибат некӯтар аст.***

*26. Сураи Шуаро (Шоирон)*

***181. Паймонаро томом паймоед ва аз зиёндщандагон мабошед. 182. Ва бо тарозуи рост бисанцед! 183. Ва ба мардум чизҳояшонро носара мадщед ва дар замин бебок фасодкунон магардед!***

*34. Сураи Сабаъ (Сабо)*

***11. (гуфтем) ки: «зиреҳҳои фарохдоман бисоз ва дар бофтани ҳалқаҳо андоза нигаҳ дор ва (эй аҳли байты Довуд) кирдорҳои шоиста ба амал оред. ҳамоно ман ба он чи мекунед, Биноам"***

*55. Сураи Раҳмон (Бахшоянда)*

*7.* ***Ва осмонро барафрошт ва тарозуро бигузошт; 8. то он ки дар тарозу аз ҳад таҷовуз макунед. 9. Ва (вазнро) ба инсоф рост санҷед ва дар тарозу нуқсон макунед.***

*57. Сураи Ҳадид (Оҳан)*

***25. Ба дурустӣ ки мо пайгамбарони Худро бо нишонаҳои равшан фиристодем ва ҳамро.ҳи онҳо Китоб ва тарозуро фуруд овардем, то мардум ба инсоф амал кунанд; ва оҳанро фуруд овардем, ки дар он нерӯи сахт ва манфиатҳои дигар ба мардум ҳаст, то Худо касеро бидонад, ки Худо ва Пайгамбарони ӯро гоибона нусрат медиҳад.***

*83. Сураи Мутаффифин (Камкунандагон)*

***1. Вой бар камкунандагон! 2. Ононе, ки чун аз мардум барои худ паймоянд, ба тамом бигиранд; 3. ва чун хоҳанд, ки барои онҳо найму да ё санҷида бидиҳанд, зиён расонанд.***

## ЗАМИМАИ 3

Воҳидҳои чену вазни дар манотиқи осиёи миёна исгифодашуда

*Ангушт* - ченаки майдаи дарозӣ, баробар ба бари буғуми миёнаи панҷаи қат кардашуда (бо баробарии гафсии умумии 6 донаи ҷави паҳлӯи ҳам гузошташуда, ғайр аз ин ғафсии ҳар як дона ба бари 6 мӯй аз ёли аспи кори баробар аст, ифода карда мешуд) - 2,078 *см.*

*Араб* номгӯи адад (микдор); 1 ариб = $10^9$ = 1000 000 000.

*Ваҷаб (пибр)* - воҳиди дарозӣ баробари масофаи байни нӯгҳои нарангушт ва ангушти хурди панҷаи кушодашуда, тақрибан 20-25 см.

*Газ* - олоти чӯбӣ ё оҳании ченкунии масофа, матоъ ва ғайра. Инчунин ҳамчун масофа аз охири панҷаҳои дасти ёзондашуда то китфи ин даст, то миёнаи қафаси сина (ё то нӯги бинӣ), то китфи дуюм истифода карда мешуд. Дар маҳалҳои гуногуни Осиёи Миёна воҳиди газ як хел набуд. Дар асри XIX дар Хоразм ! гази андозагирии масоҳати замин баробари 106,68 см ва андозагарии матоъ - 61,04 см, Бухоро 101,6 см буд. Х,оло 1 газ ба 104 см (дар Эрон) баробар аст. Бо забони арабӣ газро заръ гӯянд.

*Ғарибак* - воҳиди вазн баробари 250 г.

*Дарза* - воҳиди масоҳати замин тахминан 0,05 га.

***Дирам(юнонӣ)*** - 1) воҳиди вазн, баробари 3,12 г (ҳоло ҳам дар Миср ва Судон кор фармуда мешавад). 2) танга, сиккаи нукрагин, ки дар аморати Бухоро ҳам кор фармуда мешуд. Шакли дигари истилоҳ - дирхам.

*Донг* - воҳиди вазн. Дар асрҳои мухталиф ва маҳалҳои гуногук вазн ва баҳои он гуногун буд ва ҳоло баробари шашяки дирам аст (як дирам ду қирот ва ҳар қирот баробари 0,19 г аст).

*Ёз* - воҳиди ченкунии дарозй аз сарашуштони даст то оринч.

*Исбаъ ё асбаъ(арабӣ)* - ангушт, воҳиди дарозии баробари 3,125 см.

***Истор(арабӣ - юнонӣ)*** - воҳиди вазн, ки такрибан ба 21,6 г баробар аст.

*Курур* -номгӯи адад (миқдор); 1 курур = $10^7$= 10 000 000.

***Қадоқ(туркӣ)*** - 1) чснаки вазн, ки тахминан ба 400 г (409,5 г) баробар аст. 2) пайванди қисмҳои шикаста ё кафидаи зарфҳои чинӣ бо чангча (мехча) қадоқ кардашуда.

***Қинтор(арабӣ)*** - воҳиди вазн, ки баробари 100 ратл, ё қариб 4,5 кг аст. Дар баъзе манбаъҳо қинтор ба 100 кг баробар аст.

***Қирот(арабӣ - юнонӣ),*** карат ***(русӣ)*** - воҳиди вазн, ки тахминан ба 200 мг баробар аст ва асосан дар санҷиши ҷавоҳирот кор фармуда мешавад.

*Лак* -номгӯи адад (микдор); 1 лак = $10^5$= 100 000.

*Ман* - миқёси вазн, ки дар ҷойҳои гуногун мухталиф буд, масалан дар Самарканд - 8 пуд (128 кг), Табрез - қариб 3 кг.

Ҳоло дар мамлакатҳои араб як ман тахминан баробари 900 г аст.

*Мил* - ченаки дарозӣ, ки ба сеяки фарсанг (4 000 кадам = 2,5 км) баробар аст.

*Мисқол(арабӣ)* - 1) миқёси баркашӣ, ки дар даврахои гуногун вазни мухталиф дошт. Дар Осиёи Миёна, аз ҷумла Бухоро, дар асрҳои XVI - XIX як мисқол ба 4,8 г рост меомад. Мисқол бештар дар заргарӣ, атторӣ ва олкорӣ ба кор бурда мешуд. 2) санги тарозу.

*Нимча* - воҳиди вазн. Ба ҳисоби миёна ба 512 г баробар аст.

*Олчин* - воҳиди дарозӣ, ки ба аршини русӣ (71,12 см) монанд аст, вале хеле қабл аз истилои русҳо истифода карда мешуд. Дар мавзеи дарёи Хингоб ин воҳид баробар буд ба дарозӣ аз оринд то охири панчаи ишорат (шоҳид) - 45 - 50 см.

*Паймона* - 1) зарфи андозагирии ҷисмҳои моеъ ва ғалла. 2) воҳиди вазни ҷисмҳои пошхуранда, такрибан 24 кг.

*Пайса* - 1) вохиди вазн, дар Хуҷанду Намангон ба 25,6 г, дар Косой ба 31,85 г баробар буд. Ҳоло ин воқид кор фармуда намешавад. 2) пули майдаи чақа дар аморати Бухоро.

*Панҷсер* - вохиди вазн баробари 32 кг.

*Пуд* - вохиди вазн, тахминан ба 16 кг (16,38 кг) баробар аст.

*Ратл* (арабӣ) - 1) вохиди вазн, баробари 144 дирхам ё 449,28 г. 2) паймона, ҷом, қадаҳ, куб.

*Санг* - маънои санги тарозуро низ ифода мекунад, вале ба сифати вохиди вазн низ истифода шудааст - баробари 125 г.

*Ситер* - вохиди вазни баробари чиляки ман, ки дар маҳалҳои гуногун тафовут доштааст. Х,оло ин воҳид истифода намешавад.

*Таноб* - воҳиди масоҳати замин, тахминан баробари 2500 м² = 0,25 га, дар аморати Бухоро баробари 2700 м² = 0,27 га.

*Фарсанг (санг)* - фарсах, масофаи муайянест, ки тақрибан ба 6 км (дар баъзе маҳалҳо 7-8 км) баробар аст.

*Чакрим* - воҳиди дарозӣ баробари 1,067 км.

*Чоряк (чойрак)* - воҳиди вазни дар Осиёи миёна бештар истифодашуда. Чоряки калон баробари 4,1088 кг ва чоряки хурд -2,0544 кг.

*Ясирак* - воҳиди вазн баробари 256 г.

*Ятимак* - воҳиди вазн баробари 512 г.

## ЗАМИМАИ 4
## Низоми байналхалқии воҳидҳо (СИ, SI)

-------------------------------–-------

| Бузургӣ | Воҳдц | | |
|---|---|---|---|
| | Номгӯй | Аломат | |
| | | Тоҷикӣ | Байнал-халкӣ |
| ***Воҳидҳои асосӣ*** | | | |
| Дарозӣ | Метр | ***м*** | ***m*** |
| Масса | килограмм | ***кг*** | ***kg*** |
| Вақт | сония | ***с*** | ***s*** |
| Қувваи раванди барқӣ | Ампер | ***А*** | ***A*** |
| Ҳарорати термодинамики | Келвин | ***К*** | ***K*** |
| Қувваи рӯшной | кандела | ***кд*** | ***cd*** |
| Микдори мода | мол | ***мол*** | ***mol*** |
| ***Воҳидҳои иловагӣ*** | | | |
| Кунҷи мустаҳ (ҳамвор) | радиан | ***рад*** | ***rad*** |
| Кунҷи муҷассамӣ (ҷисмӣ) | стерадиан | ***ср*** | ***sr*** |
| ***Воҳидҳои ҳосилшуда*** | | | |
| Масохат | метри мураббаъ | ***м²*** | ***m²*** |
| Ҳаҷм, ғунҷоиш | метри мукааб | ***м³*** | ***m³*** |
| Зичӣ | килограмм бар метри мукааб | ***кг/м³*** | ***kg/m³*** |
| Суръат | метр дар як сония | ***м/с*** | ***m/s*** |
| Суръати кунҷӣ | радиан дар як сония | ***рад/с*** | ***rad/s*** |
| Қувва; кувваи вазнинӣ (вазн) | Нютон | ***Н*** | ***N*** |
| Фишор; шиддати механикӣ | Паскал | ***Па*** | ***Pa*** |
| Кор; энергия; микдори гармӣ | Ҷоул | ***Ҷ*** | ***J*** |
| Иқтидор; сели гармӣ | Ватт | ***Вт*** | ***W*** |
| Микдорл электрик, заряди электрикӣ | Кулон | ***Кл*** | ***C*** |
| Шиддати электрикӣ; потенсиали электрикӣ; фарқи потенсиалҳои электрикӣ; қувваи электромоторӣ | Волт | ***В*** | ***V*** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Муқовимати электрики | Ом | ***Ом*** | ***'Q*** |
| Қобилияти ҳидояти электрикӣ | Сименс | ***См*** | ***S*** |
| Ғунҷоиши электрикӣ | Фарада | ***Ф*** | ***Ғ*** |
| Сели магнитӣ | Вебер | ***Вб*** | ***Wb*** |
| Индуктивият, индуктивияти мутақобила | Генри | ***Г*** | ***Н*** |
| Гармиғунҷоиши хос | Ҷоул бар килограмм-келзин | ***Ҷ/(кг К)*** | ***J/(kgK)*** |
| Гармигузаронӣ | Ватт бар метр-Келвин | ***Зт/(мК)*** | ***W/(m К)*** |
| Сели рӯшной | люмен | ***лм*** | ***1т*** |
| Дурахшонӣ | кандела бар метри мураббаъ | ***кд/м²*** | ***cd/m²*** |
| Шиддати рушноӣ (Мунавварӣ) | люкс | *лк* | ***lx*** |

## ЗАМИМАИ 5

### Воҳидҳои ҳосилшудаи андозагирӣ, ки номгӯйи хоси худро доранд

| Бузургӣ | Воҳид | | | Ифода бо воситаи воҳидҳои асосӣ ва иловагӣ |
|---|---|---|---|---|
| | Номгуй | Ишора | | |
| | | Байнал халкӣ | Тоҷики | |
| Басомад | Г ертс | ***Hz*** | ***Гтс*** | ***с¹*** |
| Қувва | Нютон | ***N*** | ***Н*** | ***мкг-с²*** |
| Фишор | Паскал | ***Pa*** | ***Па*** | ***м-1-кгс'²*** |
| Неру (энергия) | Ҷоул | ***J*** | ***Ҷ*** | ***лг кг с²*** |
| Тавоной | Ватт | ***W*** | ***Вт*** | ***х?кгс³*** |
| Мивдори электрики | Кулон | ***C*** | ***Кл*** | ***сА*** |
| Шиддати электрикӣ | Волт | ***V*** | ***В*** | ***м ²кг с⁻³А⁻¹*** |
| Гунҷоиши электрикӣ | Фарада | ***F*** | ***Ф*** | ***м~²кг'‘с⁴А²*** |
| Муковимати электрикӣ | Ом | ■ ***Q*** | ***Ом*** | ***м²кгс'³А'²*** |
| Хидояти электрикӣ | Сименс | ***S*** | ***См*** | ***м'²-кг'¹с⁵А'²*** |
| Сели индуксияи магнитӣ | Вебер | ***IVh*** | ***Вб*** | ***\Ркгс²А ~¹*** |
| Индуксияи магнитӣ | Тесла | ***T*** | ***Тл*** | ***кгс²А''*** |
| Индуктивият | Генри | ***H*** | ***Гн*** | ***м²кгс²А'²*** |
| Сели рӯшной | Люмен | lm | *лм* | ***кдср*** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Мунавварӣ | Люкс | *1x* | *лк* | *м²кдср* |
| Фаъолии радионуклид | Беккерел | *Bq* | *Бк* | *с'* |
| Микдори эквквалентии асЬканишот | Зиверт | *Sy* | *Зв* | *Х7кг* |
| Микдори фурӯбурдашудаи афканишоти иондоркардашуда | Грей | *Gy* | *Гр* | *jJc²* |

# ЗАМИМАИ 6
# РӮЙХАТИ
## мақомот оид баи сертификатсияи маҳсулот (хизма трасонӣ), ки аз тарафи мақомоти миллим сертификатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар феҳрасти давлатӣ то 30Л2.20П ба қайд гирифта шудаанд

| № | Номгӯйи мақомоти сертификатами | Рақами дар феҳрасз қайдшуда | Санаи аккреди-Iонӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Агентии стандартизатсия метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. | TJ762.37100.02.0030 | 20.11.2009 |
| 2 | Маркази ташхиси минтақавии шаҳри Истаравшан. | TJ762.37100.02.0035 | 25.06.2010 |
| 3 | Маркази ташхиси минтақавии шаҳри Панҷакент | TJ762.37100.02.0037 | 29.07.2010 |
| 4 | ҶСП «Тоҷикистон ВИС» | TJ762.37100.02.0002 | 20.04.2011 |
| 5 | Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. | TJ762.37100 02.0003 | 21.04.2011 |
| 6 | Мақомоти сертификатсияи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтй | TJ762.37100.02.0004 | 29.04.2011 |
| 7 | Мақомоти сертификатсияи Маркази стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои зилояти Хатлон. | TJ762.37100.02.0005 | 08.06.2011 |
| 8 | Мақомоти таъминкунандаи аудит ва сертификатсияи низоми менеҷменти сифат | TJ762.37100.02.0006 | 13.06.2011 |
| 9 | Маркази назорати давлатии маводҳои байторй. | TJ762.37100.02.0007 | 16.06.2011 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10 | Мақомоти сертификатсияи Маркази стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои вилояти Суғд. | TJ762.37100.02.0008 | 30.06.2011 |
| 11 | Мақомоти сертификатонии Раёсати стандартизасия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои шаҳри Кӯлоб. | TJ762.37100.02.0009 | 14.10.2011 |
| 12 | Макомоти сертификатсияи Раёсати стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои вилояти Мухтори кӯҳистони Бадахшон. | TJ762.37100.02.0010 | 08.11.2011 |
| 13 | Маркази санҷиши минтақавин шаҳри Исфара. | TJ762.37100.02.0011 | 12.12.2011 |
| 14 | МД «Маркази миллии ташхиси байторӣ» | TJ762.37100.02.0012 | 16.12.2011 |
| 15 | Корхонаи фаръии «Лабораторияи технологӣ»-и КВД «Хӯрокворӣ». | TJ762.37100.02.0013 | 23.12.2011 |

***P. S.: Рӯӣхати Озмоишгоҳҳои санҷишии аккредитонидашуда то ҳолати 30.12.2011 дар сомонаи Тоҷикстандарт www.standard, tj ҷой дода шудааст.***

ЗАМИМЛИ 7

Сохтори дастгоҳи марказии Агентии Тоҷикстандарт

**I. Роҳбаринт**

Директор

Муовинони директор (2 нафар)

**II. Раёсати санчиш ва назорати давлатӣ оил ба риояи талабоги стандартно ва сифати маҳсулот**

1. Шӯъбаи санҷиш ва назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи стандартҳо дар саноати вазнин ва мошинсозӣ

а) Бахши санҷиш ва назорати давлатӣ доир ба ҳамкорӣ бо корхонаи КВД "Ширкати алюминии тоҷик"

2. Шӯъбаи санҷиш ва назорати давлатии стандарт ва сифати маҳсулот дар молҳои ниёзи мардум

3. Шӯъбаи санҷиш ва назорати давлатии стандарт ва сифати маҳсулот дар маҷмааи агросаноатӣ

4. Шӯъбаи стандартизатсия ва бақайдгирии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ

**III. Раёсати таъмииоти метрологии воситаҳои ченак ва ваколатдиҳӣ**

1. Шӯъбаи назорати давлатии воситаҳои ченак
2. Шӯъбаи санҷиш ва калибровкаи воситаҳои ченак
а) Бахши санҷиши воситаҳои ченаки радиоэлектромагнитӣ
б) Бахши санҷиши воситахои ченаки гармидиҳӣ-техникӣ
в) Бахши санҷиши воситаҳои ченаки механики
г) Бахши санҷиши воситаҳои ченаки геометрӣ
3. Ш ӯъбаи ваколатдиҳии озмоишгоҳҳо

**IV. Озмоишгоҳи маҳсулоти нафт**

**V. Маркази ташхиси маҳсулоти хӯрокворӣ ва хоҷагии қишлок**

а) Ташхисгоҳи аналитикӣ
б) Ташхисгоҳи физикию химиявӣ
в) Ташхисгоҳи маҳсулоти донагӣ
г) Ташхисгоҳи элементҳои токсикӣ
д) Ташхисгоҳи спектрометрӣ
е) Ташхисгоҳи микробиолога

**VI. Раёсати корҳо ва ҳуқуқ**

1. Шӯъбаи муҳосибот ва баҳисобгирӣ
2. Хадамоти кадр
3. Шӯъбаи умумӣ
4. Маркази матбуот
5. Шӯъбаи иқгисод ва банақшагирӣ
6. Шӯъбаи робитаҳои байналхалқӣ
7. Шӯъбаи ҳукуқ
8. Шӯъбаи технологияҳои штилоотӣ
9. Шӯъбаи техникӣ

**VII. Раёсати сер гифика тсини маҳсулог**

1. Шӯъбаи сертификатсия
2. Шӯъбаи менеҷменти сифат

**VIII. Раёсати сертификатсия ва шаходатномадиҳии кору хизматрасонӣ**

**IX. Нозироти савдо**

**X. Нозиро г оид ба ташхис, сертификатсия ва иазораз и маҳсулоти пахта ва пилла**

1. Маркази ташхиси маҳсулоти нахта ва пилла
2. Бахши ташхис ва назорати маҳсулоти нахта ва пилла
3. Бахши банақшагирӣ ва технологии маҳсулоти пахта ва пилла
4. Зершӯъбаи нозирот оид ба ташхис, сертификатсия ва назорати маҳсулоти пахта ва пилла дар вилояти Сугд

ЗАМИМАИ 8

Кишварҳо - узви Созмони умумиҷаҳоии савдо
(СУС баъди барҳам хӯрдани Созишномаи генералӣ оид ба тарифҳо ва тиҷорат 1 январи соли 1995 ташкил шудааст)

1. Австралия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 1 январи соли 1948)
2. Белгия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 1 январи соли 1948)
3. Иёлоти Муттахидаи Амрико 1 январи соли 1995 (СГТТ: 1 январи соли 1948)
4. Куба 20 апрели соли 1995 (СГТТ: 1 январи соли 1948)
5. Канада 1 январи соли 1995 (СГТТ: 1 январи соли 1948)
6. Люксембург 1 январи соли 1995 (СГТТ: 1 январи соли 1948)
7. Нидерланд 1 январи соли 1995 (СГТТ: 1 январи соли 1948)
8. Фаронса 1 январи соли 1995 (СГТТ: 1 январи соли 1948)
9. Шохигарии муттахида 1 январи соли 1995 (СГТТ: 1 январи соли 1948)
10. Африкой Чанубӣ 1 январи соли 1995 (СГТТ: 13 июни соли 1948)
11. Хиндустон 1 январи соли 1995 (СГТТ: 8 июли соли 1948)
12. Норвегия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 10 июли соли 1948)
13. Зимбабве 5 марта соли 1995 (СГТТ: 11 июли соли 1948)
14. Мянма 1 январи соли 1995 (СГТТ: 29 июли соли 1948)
15. Шри-Ланка 1 январи соли 1995 (СГТТ: 29 июли соли 1948)
16. Бразилия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 30 июли соли 1948)
17. Замини Нав 1 январи соли 1995 (СГТТ: 30 июли соли 1948)
18. Покистон 1 январи соли 1995 (СГТТ: 30 июли соли 1948)
19. Чили 1 январи соли 1995 (СГТТ: 16 марта соли 1949)
20. Гаити 30 январи соли1996 (СГТТ: 1 январи соли 1950)
21. Индонезия 1 январи соли1995 (СГТТ: 24 феврали соли 1950)
22. Гретсия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 1 марти соли 1950)
23. Шветсия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 30 апрели соли 1950)
24. ЧУМХУРИИ Доминикан 9 марти соли1995 (СГТТ: 19 майи соли 1950)
25. Финляндия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 25 майи соли 1950)
26. Дания 1 январи соли 1995 (СГТТ: 28 майи соли 1950)
27. Никарагуа 3 сентябри соли 1995 (СГТТ: 28 майи соли 1950)
28. Италия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 30 майи соли 1950)
29. Олмон 1 январи соли 1995 (СГТТ: 1 октябри соли 1951)

30. Перу 1 январи соли 1995 (СГТТ: 7 октябри соли 1951)
31. Туркия 26 марти соли 1995 (СГТТ: 17 октябри соли .1951)
32. Австрия I январи соли 1995 (СГТТ: 19 октябри соли 1951)
33. Уругвай 1 январи соли 1995 (СГТТ: 6 декабри соли 1953)
34. Чопон 1 январи соли 1995 (СГТТ: 10 сентябри соли 1955)
35. Гана 1 январи соли 1995 (СГТТ: 17 октябри соли 1957)
36. Малайзия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 24 октябри соли 1957)
37. Нигерия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 18 ноябри соли 1960)
38. Серра-Леоне 23 июли соли 1995 (СГТТ: 19 майи соли 1961)
39. Танзания 1 январи соли 1995 (СГТТ: 9 декабри соли 1961)
40. Исроил 21 апрели соли 1995 (СГТТ: 5 июли соли 1962)
41. Португалия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 6 майи соли 1962)
42. Тринидад ва Тобаго 1 марти соли 1995 (СГТТ: 23 октябри соли 1962)
43. Уганда 1 январи соли 1995 (СГТТ: 23 октябри соли 1962)
44. Буркина-Фасо 3 июни соли 1995 (СГТТ: 3 майи соли 1963)
45. Камерун 13 декабри соли 1995 (СГТТ: 3 майи соли 1963)
46. Конго 27 марти соли 1997 (СГТТ: 3 майи соли 1963)
47. Ҷумҳурии Африкой МарказйЗ! майи соли 1995 (СГТТ: 3 майи соли 1963)
48. Габон 1 январи соли 1995 (СГТТ: 3 майи соли 1963)
49. Қувайт. давлат 1 январи соли 1995 (СГТТ: 3 майи соли 1963)
50. Чад 19 октябри соли 1996 (СГТТ: 12 июли соли 1963)
51. Кипр 30 июли соли 1995 (С1ТТ: 15 июли соли 1963)
52. Испания 1 январи соли 1995 (СГТТ: 29 августа соли 1963)
53. Бенин 22 феврали соли 1996 (СГТТ: 12 сентябри соли 1963)
54. Сенегал 1 январи соли 1995 (СГТТ: 27 сентябри соли 1963)
55. Мавритания 31 майи соли 1995 (СГТТ: 30 сентябри соли 1963)
56. Мадагаскар 17 ноябри соли 1995 (СГТТ: 30 сентябри соли 1963)
57. Нигер 13 декабри соли 1996 (СГТТ: 31 декабри соли 1963)
58. Кот-д'Ивуар 1 январи соли 1995 (СГТТ: 31 декабри соли 1963)
59. Ямайка 9 марти соли 1995 (СГТТ: 31 декабри соли 1963)
60. Кения 1 январи соли 1995 (СГТТ: 5 феврали соли 1964)

61. Того 31 майи соли 1995 (СГТТ: 20 марти соли 1964)
62. Малави 31 майи соли 1995 (СГТТ: 28 августа соли 1964)
63. Мал га 1 январи соли 1995 (СГТТ: 17 ноябри соли 1964)
64. Гамбия 23 октябри соли 1996 (СГТТ: 22 феврали соли 1965)
65. Бурунди 23 июля 1995 года (СГТТ: 13 марта 1965)
66. Руанда 22 майи соли 1996 (С1ТТ: 1 январи соли 1966)
67. Гайана 1 январи соли 1995 (СГТТ: 5 июли соли 1966)
68. Швей гсария 1 июли соли 1995 (СГТТ: 1 августа соли 1966)
69. **Барбадос 1 январи соли 1995 (СГТТ: 15 феврали соли 1967)**
70. Ҷумҳурии Корея 1 январи соли 1995 (СГТТ: 14 апрели соли 1967)
71. Аргентина 1 январи соли 1995 (СГТТ: 11 октябри соли 1967)
72. Полша 1 июли соли 1995 (СГТТ: 18 октябри соли 1967)
73. Ирландия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 22 декабри соли 1967)
74. Исландия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 21 апрели соли 1968)
75. Египет 30 июни соли 1995 (СГТТ: 9 майи соли 1970)
76. Маврикий 1 январи соли 1995 (СГТТ: 2 сентябри соли 1970)
77. Руминия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 14 ноябри соли 1971)
78. Бангладеш 1 январи соли 1995 (СГТТ: 16 декабри соли 1972)
79. Сингапур 1 январи соли1995 (СГТГ: 20 августа соли 1973)
80. Венгрия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 9 сентябри соли 1973)
81. Суринам 1 январи соли 1995 (СГТТ: 22 марта соли 1978)
82. Филиппин 1 январи соли 1995 (СГТТ: 27 декабри соли 1979)
83. Колумбия 30 апрели соли 1995 (СГТТ: 3 октябри соли 1981)
84. Замбия 1 январи соли 1995 (СГГТ: 10 феврали соли 1982)
85. Таиланд 1 январи соли 1995 (СГТТ: 20 ноябри соли 1982)
86. Мал див 31 майи соли 1995 (СГТТ: 19 апрели соли 1983)
87. Белиз 1 январи соли 1995 (СГТТ: 7 октябри соли 1983)
88. Гонконг. Чин 1 январи соли 1995 (СГТТ: 23 апрели соли 1986)
89. Мексика 1 январи соли 1995 (СГТТ: 24 августа соли 1986)
90. Антигуа ва Барбуда 1 январи соли 1995 (СГТТ: 30 марти соли 1987)
91. Марокко 1 январи соли 1995 (СГТТ: 17 июни соли 1987)
92. Ботсвана 31 майи соли 1995 (СГТТ: 28 августа соли 1987)
93. Лесото 31 майи соли 1995 (СГТТ: 8 январи соли 1988)
94. Тунис 29 марти соли 1995 (СГТТ: 29 августа соли 1990)

95. Венесуэла. Чумхурии Боливар 1 январи соли 1995 (СГТТ: 31 августа соли 1990)
96. Боливия 12 сентябри соли 1995 (СГТТ: 8 сентябри соли 1990)
97. Коста-Рика 1 январи соли 1995 (СГТТ: 24 ноябри соли 1990)
98. Макао. Чин 1 январи соли 1995 (СГГГ: 11 январи соли 1991)
99. Салвадор 7 майи соли 1995 (СГТТ: 22 майи соли 1991)
100. Гватемала 21 июли соли 1995 (СГТТ: 10 октябри соли 1991)
101. Намибия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 15 сентябри соли 1992)
102. Мозамбик 26 августа соли 1995 (С1ТТ: 27 июли соли 1992)
103. Мали 31 майи соли 1995 (СГТТ: 11 январи соли 1993)
104. Свазиленд 1 январи соли 1995 (СГТТ: 8 феврали соли 1993)
105. Сент-Люсия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 13 апрели соли 1993)
106. Чумхурии Чехия 1 январи соли 1995 (СГТТ: 15 апрели соли 1993)
**107. Чумхурии** Словакия **1** январи **соли 1995** (СГТТ: **15** апрели соли **1993)**
108. Доминикан 1 январи соли 1995 (СГТТ: 20 апрели соли 1993)
109. Сент-Винсент ва Гренадин 1 январи соли 1995 (СГТТ: 18 майи соли 1993)
110. Фили 14 январи соли 1996 (СГТТ: 16 ноябри соли 1993)
111. Бахрайн, шохигарй 1 январи соли 1995 (СГТТ: 13 декабри соли 1993)
112. Бруней-Доруссалом 1 январи соли 1995 (СГТТ: 9 декабри соли 1993)
113. Парагвай 1 январи соли 1995 (СГТТ: 6 январи соли 1994)
114. Гренада 22 феврали соли 1996 (СГТТ: 9 феврали соли 1994)
115. Аморатхои Муттахидаи Араб 10 апрели соли 1996 (СГТТ: 8 марта соли 1994)
116. Сент-Китс ва Невис 21 феврали соли 1996 (СГТТ: 24 марта соли 1994)
117. Катар 13 январи соли 1996 (СГТТ: 7 апрели соли 1994)
118. Гвинея-Бисау 31 майи соли 1995 (СГТТ: 17 марта соли 1994)

119. Лихтенштейн 1 сентябри соли 1995 (СГТТ: 29 марти соли 1994)
120. Ангола 23 ноябри соли 1996 (СГТТ: 8 апрели соли 1994)
121. Гондурас 1 январи соли 1995 (СГТТ: 10 апрели соли 1994)
122. Словения 30 июли соли 1995 (СГТТ: 30 октябри соли 1994)
123. Гвинея 25 октябри соли 1995 (СГТТ: 8 декабри соли 1994)
124. Чибути 31 майи соли 1995 (СГТТ: 16 декабри соли 1994)
125. Папуа- Гвинеяи Нав 9 июни соли 1996 (СГТТ: 16 декабри соли 1994)
126. Чазирахои Саломон 26 июли соли 1996 (СГТТ: 28 декабри соли 1994)
127 Иттиходи аврупо (каблан-чомеи аврупо) 1 январи соли 1995
128. Эквадор 21 январи соли 1996
129. Булгория 1 декабри соли 1996
**130. ЧУМХУРИИ** демократии Конго **1** январи соли **1997**
131. Мугулистон 29 январи соли 1997
132. Панама 6 сентябри соли 1997
133. **ЧУМХУРИИ КИРГИЗИСТОН** 20 декабри соли 1998
134. Латвия 10 феврали соли 1999
135. Эстония 13 ноябри соли 1999
136. Иордания 11 апрели соли 2000
137. Гурчистон 14 июни соли 2000
138. Албания 8 сентябри соли 2000
139. Оман 9 ноябри соли 2000
140. Хорватия 30 ноябри соли 2000
141. Литва 31 майи соли 2001
142. **ЧУМХУРИИ** Молдавия 26 июли соли 2001
143. Хитой 11 декабри соли 2001
144. Тайбэй. Чин 1 январи соли 2002
145. Арманистон 5 феврали соли 2003
146. Македония, чумхурии каблии Югославия 4 апрели соли 2003
147. Непал 23 апрели соли 2004
148. Камбоча 13 октябри соли 2004
149. Арабистони Сауди. Шохигарӣ 11 декабри соли 2005
150. Веткам 11 январи соли 2007

151. Тонга 27 июли соли 2007
152. Украина 16 майи соли 2008
153. Кабо-Верде 23 июли соли 2008
154. Самоа 10 майи соли 2012
155. Федератсияи Руссия 22 августи соли 2012
156. Вануату 24 августа соли 2012
157. Черногория 29 апрели соли 2012
158. Ҷумҳурии халқӣ-демократии Лаос 2 феврали соли 2013
159. Точикистон 2 марти соли 2013
160. Яман 26 июни соли 2014

**ИДИЕВ МАҲМАДРИЗВОН ТЕШАЕВИЧ,**
**МИРЗОМИДИНОВ ИЛҲОМ МИРЗОЕВИЧ,**
**БОБОЕВ ДАВРОН МАНОНОВИЧ**

# СТАНДАРТИЗАТСИЯ МЕТРОЛОГИЯ ВА СЕРТИФИКАТСИЯ

**Китоби дарсӣ**

Муҳаррир: Муҳаммадиев Ш.
Муҳаррири ороиш: Очилов У.
Муҳаррири техникӣ: Очилов У.

Ба матбаа 1.02.2016 супорида шуд. Ба чоп 07 07.2016 имзо шуд
Андозаи 60x84.1/16. Қогази офсет. Ҳуруфи Times New Roman Tj
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 17,5
Адади нашр 200
Нархаш шартномава.